ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ



ДУШАНБЕ - 2024

Ҳайати таҳририя:
н.и.и., дотсент Давлатов Х.М.
н.и.и., дотсент Муминзода А.
н.и.т., дотсент Мираков Қ.М.
муаллими калон Давлатов Ф.С.
Ҳамроев М.И.
Худойбердиев Ҷ.М.

Редколлегия:
к.э.н., доцент Давлатов Х.М.
к.э.н., доцент Муминзода А.
к.т.н., доцент Мираков К.М.
ст. препод. Давлатов Ф.С.
Хамроев М.И.
Худойбердиев Дж.М.

Маҷмӯаи маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ» маърӯзаҳои илмии иштирокчиёни онро фаро мегирад. Мақолаҳо умдатан ба баррасии асосҳои консептуалии таъмини амнияти иқтисодӣ дар заминаи рушди фаъолияти гумрукӣ, масоили мубрами рақамикунонӣ ва таъминоти кадрии фаъолияти гумрукӣ дар пасманзари таъмини амнияти иқтисодӣ, нақши низоми гумрукӣ дар амалисозии ҳадафҳои рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамои тақвияти нақши низоми гумрукӣ дар таъмини амнияти иқтисод, ҷанбаҳои институтсионалӣ, ташкилию иқтисодӣ, техникӣ ва байналмилалӣ, таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи низоми гумрукӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ, ва амсоли он бахшида шудаанд.

Масъулияти муҳтавои илмӣ, далелҳо, иқтибосҳо ба зиммаи худи муаллифони мақолаҳо аст.

==========

Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему «Таможенный орган и его роль в обеспечении экономической безопасности» включает научные доклады участников конференции. Представленные научные статьи в основном посвящены исследованию концептуальные основы обеспечения экономической безопасности на основе развития таможенной деятельности,актуальные вопросы цифровизации и кадрового обеспечения таможенной деятельности в контексте обеспечения экономической безопасности,таможенная служба в системе институтов обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан,роль таможенной системы в реализации национальных приоритетов развития Республики Таджикистан,перспективы повышения роли таможенной системы в обеспечении экономической безопасности: институциональные, организационно-экономические, технические и международные аспекты, мировой опыт применения таможенной системы в обеспечении экономической безопасностии т.п.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат несут авторы опубликованных материалов.

Масъулони чоп: *Давлатов Х.М., Муминзода А., Абдуҷабборзода С., Абдуллоев М.М.*

Ответственные за выпуск: *Давлатов Х.М., Муминзода А., Абдуҷабборзода С., Абдуллоев М.М.*

© Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ. /Маҷмӯаи маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 30-юми ноябри соли 2024). – Душанбе: ДДМИТ, 2024. –505 саҳ.

©Таможенные органы и их роль в обеспечении экономической безопасности. /Сборник материалов международной научно-практической конференции. (г. Душанбе, 30 ноябрь 2024 года). – Душанбе: ТГФЭУ, 2024. – 505 с.

Сухани ифтитоҳӣ

Меҳмонони гиромиқадр, ҳозирини арҷманд, иштирокчиёни конференсияи байналмилалии илмию амалӣ!

Иҷозат фармоед кори конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиро дар мавзуи “Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ” кушода гуфта эълон намоям. Ҳамаи меҳмонони гиромиро ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон хайра мақдам гуфта, ба ҳар кадоми шумо тандурустии комил, саодати рӯзгор ва дар кори конференсияи имрӯза барору комёбиҳо таманно дорам.

Мехостам ба меҳмонони гиромӣ, алалхусус ба иштирокчиёни конференсия аз хориҷи кишвар арзи сипос ва эҳтироми самимонаи худро иброз намоям. Ҳамчунин бо арзи эҳтироми хоса роҳбарияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро, барои ҳамкориҳои мутақобилаи судманд ва ҷихати иштирок дар кори конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ хайра мақдам мегӯям.

Дар кори конфронс олимони варзидаи соҳаи иқтисод аз Федератсияи Россия, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии филиали дар шаҳри Ростов будаи Академияи гумруки Россия, доктори илмҳои иқтисодӣ Кочергина Татьяна Евгеньевна иштирок мекунанд, ки оид ба мавзуи «Таъсири трендҳои иқтисоди ҷаҳонӣ дар ташаккулёбии низомҳои гумрукӣ» маърӯза доранд. Инчунин, мудири кафедраи назарияи иқтисод ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии филиали дар шаҳри Ростов будаи Академияи гумруки Россия, номзади илмҳои филология, дотсент, Евграфовна Ольга Владимировна оид ба мавзуи «Хусусиятҳои хоси ташаккули қобилиятҳои кадрии мақомоти гумрук дар замони муосир» маърӯза хоҳанд кард. Дар кори конфронс мудири кафедраи молияи донишгоҳи давлатии Тирмизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гадоев Суҳроб Ҷумъақулович иштирок доранд, ки дар мавзуи «Нақши гумрук дар фаъолияти иқтисодии давлат» баромад мекунанд.

Ҳамчунин дар кори конфронс, намояндаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники хадамоти гумрук Маҳмадҷонов Манучеҳр Додарҷонович оид ба мавзуи «Танзими гумрукӣ - тарифии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҳамчун омили таъмини амнияти иқтисодӣ» иштирок ва баромад доранд.

Бори дигар тамоми иштирокчиёни конференсияро шодбош мегӯям ва ёдовар мешавам, ки баромадҳо дар ҷаласаи ифтитоҳӣ ба тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ ва бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда мешавад. Баъд аз нисфирӯзи кори конференсия дар бахшҳо идома меёбад.

Ҳозирини гиромӣ, қабл аз ҳама, мехоҳам ёдовар шавам, ки маҳз бо шарофати ба даст овардани Истиқлолият, ки нишони барҷастаи симо ва ташаккули таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳуввият, шарти бақои миллат ва пойдориии давлат мебошад, имкони гузаронидани чунин чорабиниҳоро пайдо намудаем.

Иқдомҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди зуҳур ва таърихи ташаккули истиқлоли миллати тоҷик ва бунёди давлати соҳиистиқлоли пешрафта, сулҳдӯст ва мутамаддин, Ҷумҳурии Тоҷикистон, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, асолати таърихию фарҳангӣ, маънавиёти ғанӣ ва ҳувияти миллиро бедор намуда, ба онҳо неруву тавони тоза эҳё намуд.

Мавзуи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ ба яке аз самтҳои афзалиятнок ва бахши муҳими ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар бахшида шудааст. Ин ҷо бамаврид аст, ки аз

суханронии Президенти мамлакат, Ҷаноби олӣ, Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шавем, ки фармудаанд: «Дар ҳақиқат гумрук дар ҳаёти ҳар як давлати соҳиистиқлол аҳамияти фавқулодда дорад ва гузашта аз ин дарвозаи давлат аст, зеро аз кори мақомоти гумрук на танҳо таъмини молиявии соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат, балки бехатарии иқтисодӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва экологии он вобастагии бевосита дорад».

Эътирофи нақши мақомоти гумрук дар сатҳи роҳбарияти олии давлат моро водор менамояд, ки ба таърихи эҳёи гумруки кишвар назар афканем ва раванди ташаккулёбии онро то ба сатҳи як пояи неруманди давлат пайгирӣ кунем. Баъди пошхӯрии давлати абарқудрати Шуравӣ танҳо як нуқтаи гумрукии Панҷи Поён мерос монда ва беш аз дуюнимҳазор километр марзҳои маъмурӣ, ки бо собиқ ҷумҳуриҳои Шуравӣ доштем, табдил ба сарҳади давлатӣ гардид. Барои то ба сатҳи имрӯза расидани мақомоти гумрук пеш аз ҳама дастгирии бевоситаи Сарвари давлат ва фаъолияти бенуқсони кормандони тамоми зинаҳои гумрук лозим буд. Хушбахтона, мақомоти гумрук аз оғози солҳои истиқлол то имрӯз аз як бахши нисбатан маҳдуд ба институти муқтадири таъминкунандаи амнияти иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ мубаддал гаштааст.

Таҷрибаи ҷаҳонии даҳсолаҳои охир нишон медиҳад, ки таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ аз сатҳи баланди ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ вобаста аст. Аз ин лиҳоз, имрӯзҳо ҳадаф, вазифаҳо ва самтҳои асосии рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таъсироти танзими гумрукӣ ҳамчун васоити танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ ба раванди ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ дар фазои иқтисодиёти байналмилалӣ муайян карда мешавад.

Ҳозирини гиромӣ, боиси ифтихор аст, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон олимон ва собиқадорони мақомоти гумрук аз солҳои нахустини фаъолияти Донишгоҳ инҷониб, дар соҳаҳои мухталифи тахассусӣ фаъолияти илмию омӯзгорӣ доранд. Олимон ва устодони ботаҷриба, ба мисли шодравон Ҳасанов К.Ҳ., Насриддинов Ф.Б., Мираков Қ.М., Абдулоев М.М., Шомуддинов О.Д дар самти тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва мутахассисони соҳаи мақомоти гумрукӣ саҳми арзанда доранд. Илова бар ин, дар тайёр ва таҳияи санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ, аз ҷумла бобҳои алоҳидаи Тафсири Кодекси гумрук иштирок намуда, аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медалҳои «Барои таҳкими ҳамкориҳои мутақобила» ва дигар мукофотҳои хотиравӣ, сарфароз гардонида шудаанд.

Натиҷаи самаранокии ҳамкориҳои судманд, ин фаъолияти самарабахши шогирдон ва дастпарварони Донишгоҳ дар ҷузъу сохторҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар хотимаи сухан, ба иштирокчиёни конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар баррасӣ ва муҳокимаи масоили мубрами соҳа ва пешниҳодҳои самарабахши назариявии аз лиҳози илмӣ асоснок, ҷиҳати тақвияти самтҳои афзалиятноки мақомоти гумрук, комёбӣ ва барор орзумандам.

Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.

МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Абдуалимзода Ҳ.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. Телефон: 2310201. E-mail: hakim-s-1980@bk.ru

Мақола ба омӯзиши баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити муосир бахшида шудааст. Аз ҷумла, унсурҳои сохтории таъмини амнияти иқтисодӣ муайян ва асоснок карда шуда, як қатор самтҳои стратегии таъмини амнияти иқтисодӣ дар Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардиданд. Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда имкони истифодаи равишҳои нави таъмини амнияти иқтисодӣ, аз ҷумла дар заминаи таъмини амнияти молиявӣ, сармоягузорӣ, саноатӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ асоснок карда шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисод, амнияти иқтисодӣ, рақобатпазирӣ, амнияти сармоягузорӣ, мониторинг, рушди устувори иқтисодӣ, самаранокӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Абдуалимзода Х.А. – к.э.н., доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 2310201. E-mail: hakim-s-1980@bk.ru

Статья посвящена исследованию некоторых теоретических и практических вопросов обеспечения экономической безопасности в современных условиях. В частности, выявлены и обоснованы структурообразующие элементы обеспечения экономической безопасности, а также рассмотрены ряд стратегических направлений обеспечения экономической безопасности в Европейском Союзе. На основе проведенного исследования обосновывается целесообразность применение новых подходов к обеспечению экономической безопасности, в частности на основе обеспечения финансовой, инвестиционной, производственной, продовольственной и энергетической безопасности.

Ключевые слова: экономика, экономическая безопасность, конкурентоспособность, инвестиционная безопасность, мониторинг, устойчивое развитие экономики, эффективность.

THEORETICAL ISSUES OF ENSURING ECONOMIC SECURITY IN MODERN CONDITIONS

Abdualimzoda Kh.A. – c.e.s., Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14. Phone: 2310201. E-mail: hakim-s-1980@bk.ru

The article is devoted to the study of some theoretical and practical issues of ensuring economic security in modern conditions. In particular, the structure-forming elements of ensuring economic security have been identified and justified, and a number of strategic directions for ensuring economic security in the European Union have been considered. Based on the conducted research, the feasibility of using new approaches to ensuring economic security is substantiated, in particular on the basis of ensuring financial, investment, industrial, food and energy security.

Key words: economics, economic security, competitiveness, investment security, monitoring, sustainable economic development, efficiency.

Дар шароити муосир амнияти иқтисодӣ ҷузъи таркибии амнияти миллии кишвар буда, таъмини он вазифаи муҳимтарини давлат, ҷомеа, субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ ва шахсони алоҳида ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти иқтисодӣ аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад. Амнияти иқтисодӣ ҷузъи таркибии сиёсати иқтисодии кишвар буда, он дар низоми танзими давлатии иқтисодиёт мавқеи марказӣ дорад. Ҳадафи асосии таъмини амнияти иқтисодӣ ин ҳифзи истиқлолияти иқтисодии кишвар, таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди мутаносиби ҷомеа ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки амнияти иқтисодӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти босамари механизми бозорӣ, пешбурди сиёсати мувофиқи сохторӣ, дастрасӣ ба иттилоот барои субъектҳои бозор, диверсификатсияи ҳаҷми сармоягузорӣ ва сандуқи сармоягузорӣ, фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ, нигоҳдорӣ ва рушди иқтидори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнӣ нақши муҳим дорад. Амнияти иқтисодӣ яке аз навъҳои муҳими амният аст, ки дар таъмини дигар самтҳои амнияти миллӣ, аз қабили ҷанбаҳои сиёсӣ, низомӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ саҳми муҳим дорад.

Бе таъмини амнияти иқтисодӣ рушди иҷтимоии мамлакатро таъмин кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, он афзалиятҳои иқтисодии кишварро муайян намуда, дар сатҳи микро, макро, мезо ва мега баррасӣ карда мешавад. Амнияти иқтисодӣ бештар ба амнияти мудофиавӣ, экологӣ, иттилоотӣ, илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ, озуқаворӣ, демографӣ, идеологӣ, сармоягузорӣ ва ғайра таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, самти стратегии таъмини амнияти иқтисодӣ ин ташкил ва ҳифзи рақобати бозорӣ мебошад, ки барои он ба таҳияи қонунгузории чандир ва татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ, тақсимоти бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, дастгирии давлатӣ, таъмини устувории пули миллӣ ва ҳифзи моликият равона карда шудааст.

Амнияти иқтисодии кишвар чунин сатҳи рушди иқтисодии онро дар назар дорад, ки татбиқи манфиатҳои миллиӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои ҳастии фард ва ҷомеаро таъмин намуда, ба таҳдидҳое, ки ба рушди устувори иқтисодӣ ва бехатарии давлатҳо халал мерасонад, муқовимат намояд. Омилҳои дохилӣ ва берунии амнияти иқтисодиро ҷудо мекунанд, ки ба омилҳои дохилии амнияти иқтисодӣ таъмини энергетикии кишвар, сохтори институтсионалӣ, такмили заминаи ҳуқуқӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, сатҳи таъмин будани кишвар бо захираҳои табиӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат, вазъи низоми бонкӣ ва бозорҳои дахлдор, шартҳои гирифтани қарз, интизом дар соҳаи пардохтҳои ғайринақдӣ, захираҳои меҳнатӣ, сохтори истифодаи қувваи корӣ, сатҳи бекорӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, истифода ва таҳияи дастовардҳои навтарини илму техника, татбиқи сиёсати инноватсионӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Новобаста аз он, ки амнияти иқтисодӣ ба сифати объекти таҳқиқоти гуногун баромад кардааст, вале таърифи ягонаи он вуҷуд надорад. Дар таҳқиқоти мавҷуда амнияти иқтисодиро дар сатҳи инфиродӣ, ширкату корхонаҳо, фаъолиятҳои алоҳида, соҳа, минтақа ва давлатӣ баррасӣ намуда, барои мисол дар баъзе таҳқиқот амнияти иқтисодӣ маънои раҳоӣ аз камбизоатиро дар бар мегирад. Дар сатҳи давлатӣ бошад ҳамчун ҳолати доштани захираҳои кофии иқтисодӣ баррасӣ гардида, дар шароити муосир ҳамчун бехатарии таъминот ва дастрасӣ ба захираҳои бехатар, энергия ва ашёи хом муайян карда мешавад.

Ба ақидаи Красношек А.А. шарти асосии таъмини амнияти иқтисодӣ ин таъмини татбиқ ва риояи манфиатҳои ҳаётан муҳим, хислат ва сарчашмаи таҳдидҳо ва имконияти рафъи онҳо ба ҳисоб меравад [4]. Дар таҳқиқоти олим қайд шудааст, ки унсурҳои зерин

сатҳи таъмини амнияти иқтисодиро тавсиф дода, ба онҳо истиқлолияти иқтисодӣ, муътадилӣ ва устувории иқтисоди миллӣ ва қобилияти таъмини рушду тараққиёт шомил мебошанд. Ҳамчунин муҳаққиқ таъкид менамояд, ки барои таъмини амнияти иқтисодии давлат бояд сараввал амният дар сатҳи шахсият, субъектҳои микроиқтисодӣ, соҳа ва минтақа таъмин карда шавад.

Айни замон дар илм якчанд назарияҳо вуҷуд доранд, ки робитаи амнияти иқтисодиро бо ниёзҳои асосии инсон баррасӣ мекунанд. Барои мисол, назарияи ниёзҳои асосӣ, ки аз ҷониби Маслоу пешниҳод шудааст, нишон медиҳад, ки ниёзҳои асосии инсон дар шакли пирамида, аз поин ба боло қонеъ карда шуда, он аз ниёзҳои табиӣ оғоз мешавад. Дар идома ниёзҳои амниятӣ, эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, баъдан эҳтиёҷоти равонӣ ва дар ниҳоят худшиносӣ ҷойгир аст. Тибқи назарияи Маслоу, қонеъ кардани ниёзҳои амнияти инсон аз ҷиҳати аҳамият дар ҷои дуюм меистад, ки аз бартарият доштани таъмини амнияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад [2].

Таҳлили сарчашмаҳои нишон медиҳад, ки дар илми муосир консепсияҳои гуногуни таъмини амнияти иқтисодӣ вуҷуд дорад. Барои мисол, Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх мафҳуми амнияти иқтисодиро ҳамчун қобилияти одамон, ҷомеаҳо ва оилаҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои асосии худ тавассути устуворӣ ва нигоҳ доштани шаъну шарафи худ муайян кардааст. Мувофиқи консепсияи мазкур амнияти иқтисодӣ фарогирӣ манзил, ғизо, либос, гигиенаи умумӣ ва шахсӣ ба ғайр аз тамоми молу мулк ва хароҷоти марбут ба раванди таълим ва тандурустӣ мебошад.

Саидмуродзода Л.Х. ва Махкамов И.Ш. заминаҳои меъёрию ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба хулоса омаданд, ки шарти асосии таъмини амнияти иқтисодӣ аз нигоҳи институтсионалӣ ин таҳияи низоми ягонаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамчунин ба ақидаи муаллифон бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ бояд санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа бояд мунтазам мониторинг карда шуда, саривақт ба онҳо тағйиротҳои зарурӣ ворид карда шаванд. Ба андешаи мо, пешниҳоди муаллифон аҳамияти муҳими амалӣ дошта, такмили таъминоти институтсионалӣ ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй будани онҳо шарти заминавии таъмини амнияти иқтисодӣ мебошад [6].

Бояд қайд намуд, ки дар шароити тавсеаи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва истифодаи модели дарҳои кушод таъмини амнияти иқтисодӣ аз ҷумлаи масъалаҳои стартегӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин аҳамияти ин масъала аз он ҷиҳат муҳим аст, ки барои густариш ва рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мутобиқати манфиатҳои миллӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ зарур буда, дар самти таъмини амнияти иқтисодӣ бояд сиёсати мақсаднок, пайгирона ва мунтазам амалӣ карда шавад.

Муҳаққиқи ватанӣ Ашуров М. мафҳум ва муҳтавои амнияти иқтисодиро таҳқиқ намуда, онро дар сатҳи гуногун баррасӣ карда, омилҳои асосиеро муайян кардааст, ки ба сатҳи амнияти иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Ба ақидаи муҳаққиқ мавқеи ҷуғрофӣ, иқтидори иқтисодӣ, низоми институтсионалӣ, афзалиятҳои сиёсати иқтисодӣ, сохтори минтақавӣ ва соҳавии иқтисодиёт, мавҷудияти захираҳо, сатҳи коррупсия ва сатҳи рушди низоми сиёсӣ аз ҷумлаи омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба сатҳи амнияти иқтисодӣ таъсир мерасонанд [1]. Ба андешаи мо, дар ин ҷо бояд омилҳои дигар ба монанди сифати нерӯи инсонӣ, низоми миллии инноватсионӣ, вазъи бозор ва инфрасохтори молиявӣ ва дигар механизмҳои муосир, аз қабили татбиқи принсипҳои “иқтисодиёти сабз” ва рақамикунонии иқтисодиёт бояд баррасӣ карда шавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим ва калидии таъмини амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини амнияти иқтисодӣ аз нигоҳи муносибатҳои андозӣ мебошад. Дар ин

самт солҳои охир як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда, ислоҳоти соҳа ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси такмили низоми маъмурикунонии андоз гардиданд. Новобаста аз ин ҳанӯз ҳам дар ин самт мушкилоти муайян мавҷуд буда, гаронии андоз аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравад.

Самти дигар ин таъмини амнияти иқтисодӣ дар бахши молиявии кишвар, аз он ҷумла низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамон тавре ки ниҳодҳои молиявию қарзӣ яке аз иштирокичёни фаъоли муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, онҳо дар фаъолиятҳои гуногуни иқтисодӣ, бахусус дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ нақши хеле муассир мебозад.

Яке аз масъалаҳои душвор дар роҳи таъмини амнияти иқтисодӣ ин пешгирии падидаи қочоқи ҳама гуна молу маҳсулот мебошад. Қочоқи ҳама гуна молҳои истеҳсоли хориҷӣ аз манбаъҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ба миқдори калон дар аксари мавридҳо дар баробари сабабҳои дигар, аз ҷумла, набудани дастгирӣ аз истеҳсолоти ватанӣ, ҳавасмандии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ноамниро дар ин самт коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, саъю кӯшиши ҳамаҷониба ва муборизаи ҷиддӣ дар баробари мубориза бар зидди қочоқ амниятро ба вуҷуд оварда, боиси рушди истеҳсолоти ватанӣ ва натиҷаҳои пурсамар дар таъсиси ҷойҳои корӣ нав мегардад.

Ҳамин тавр, таъмини амнияти иқтисодӣ вазифаи муҳимтарини давлат ва ҷомеа буда, дар ин самт бояд мониторинги пайваста амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин бояд масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ бо афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ, таъмини амнияти стратегӣ, ташаккули иқтисодиёти ба дониш асосёфта, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, тавассути коҳиш додани хатарҳо дар тиҷорат, таъмини амният дар бахшҳои алоҳида ва махсусан ба масъалаи маҳалликунонии истеҳсолот таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад.

Дар ин замина мониторинг ва арзёбии нишондиҳандаҳои иқтисодии таъмини амнияти иқтисодӣ ба баланд бардоштани иқтидори умумии ташкилии низоми амният ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ мусоидат мекунад. Дар асоси натиҷаҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои бехатарии иқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, барои баланд бардоштани муваффақияти инфиродӣ ва ташкилӣ тадбирҳо ва чорабиниҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд.

Бо таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии тамоюлҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонем хатарҳо ва таҳдидҳои муайянеро барои нигоҳ доштани низоми иқтисодӣ ва сиёсии кишвар муайян намоем. Дар ин ҷо, як қатор самт ва соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти муайян ва тадбирҳои ҳавасмандкунанда ниёз дорад. Тадбирҳои муайяни иқтисодӣ, ки сатҳи суботи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ин васила сатҳи амнияти иқтисодии онро баланд мебардоранд ба афзоиши пасандозҳо ва сармоягузориҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилоту муассисаҳо, кам кардани қарзи давлатӣ, сиёсати самараноки шуғли аҳолӣ, татбиқи самараноки сиёсати маориф ва илм, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани заминаи технологии истеҳсолот бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рақобатпазирӣ дар саноат ва кишоварзӣ, таъмини сиёсати устувори зиддиинҳисорӣ ва сиёсати самараноку ҳамоҳангшудаи фискалӣ ва пулию қарзӣ вобаста мебошад.

Ба андешаи мо таъсири манфии такконҳо ва омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамоянд, ки дар кишвари мо ҳам аз нигоҳи институтсионалӣ ва ҳам аз нигоҳи ташкилию иқтисодӣ бояд механизмеро таҳия ва татбиқ намояд, ки фарогири роҳҳои алтернативӣ ва абзорҳои муосир бошад. Дар ин самт бояд, пеш аз ҳама, ба объект, ҳолати воқеии иқтисодиёти миллӣ, низоми идоракунии он ва хавфу таҳдидҳо аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Вобаста ба ин бояд масъалаҳои меҳварии истиқлолияти иқтисодӣ, рушди

устувори иқтисодиёти миллӣ ва танзими механизмҳои аксуламал ба таҳдидҳои беруна таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Адабиёт

1. Ашуров, М. Назаре ба мафҳум ва муҳтавои амнияти иқтисодӣ / М. Ашуров // Осиё ва Аврупо. – 2021. – No. 4(8). – P. 170-178.

2. Глазов, М. М. Исследование проблем защиты окружающей среды и энергетической безопасности как элемент теории потребностей А.Маслоу / М. М. Глазов, И. П. Фирова // Труды кафедры Экономики и менеджмента РГГМУ / под редакцией И.П. Фировой. Том выпуск 3. – Санкт-Петербург: Издательство Россий-кого государственного гидрометеорологического университета, 2006. – С. 5-13.

3. Кодирзода, Д. Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику / Д. Б. Кодирзода, К. Х. Хушвахтзода, Б. М. Джумъаев // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 1(1). – С. 130-140.

4. Краснощек, А. А. Концепции экономической безопасности: теоретические аспекты / А. А. Краснощек // Сибирская финансовая школа. – 2010. – № 3(80). – С. 42-46.

5. Раупов, К. С. Баҳодиҳии қиёсӣ ба таҳдидҳои муосир дар таъмини амтинияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон / К. С. Раупов, И. Ҳ. Юнусов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2018. – No. 2(7). – P. 94-105.

6. Саидмуродзода, Л. Ҳ. Заминаҳои меъёрию ҳуқиқии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Л. Ҳ. Саидмуродзода, И. Ш. Махкамов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 1(40). – P. 374-383.

7. Султонов, З. С. Хусусиятҳои самтҳои стратегии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З. С. Султонов, М. А. Махмудов, Ҷ. Р. Хасанов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 1(30). – P. 202-209.

ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ КАДРОВОГО ПОТЕНЦИАЛА ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Евграфова О.В.–к.ф.н., доцент, заведующий кафедрой экономической теории и международных экономических отношений Ростовского филиала государственного казенного образовательного учреждения высшего бразования «Российская таможенная академия»

Происходящие в современном мире системные и быстрые изменения в общественно-экономических отношениях, динамичное перераспределение ресурсов, ускорение процессов цифровизации для удовлетворения меняющихся индивидуальных и организационных потребностей акцентируют необходимость создания более динамичной и таргетированной модели работы с кадровым потенциалом таможенных органов. Система, ориентированная на результат и долгосрочное развитие, может осуществлять кадровую политику на основе трех факторов: организационная культура, цифровизация и гибкость профессиональной роли сотрудника.

Ключевые слова: таможенные органы, кадровый потенциал, экономическая безопасность, организационная культура, профессиональная культура таможенников, эффективность, управленческая модель

FEATURES OF FORMATION OF HUMAN RESOURCES POTENTIAL OF CUSTOMS AUTHORITIES IN MODERN CONDITIONS

Evgrafova O.V. – PhD, Associate Professor, Head of the Department of Economic Theory and International Economic Relations of the Rostov branch of the State Budgetary Educational Institution of Higher Education "Russian Customs Academy"

The systemic and rapid changes in socio-economic relations, the dynamic reallocation of resources, and the acceleration of digitalization processes to meet changing individual and organizational needs in today's world emphasize the need for a more dynamic and targeted model of working with Customs human resources. A system that is results-oriented and long-term development-oriented can implement HR policies based on three factors: corporate culture, digitalization and professional role flexibility.

Keywords: customs authorities, personnel potential, economic security, organizational culture, professional culture of customs officers, efficiency, management model

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ НЕРӮИ КАДРИИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Евграфова О.В. – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисод ва равобити байналмилалии иқтисодии Филиали Муассисаи давлатии хазинадории таҳсилоти олии Русия «Академияи гумруки Русия»

Тағйироти системавӣ ва босуръати муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тақсимоти босуръати захираҳо, суръатбахшии равандҳои рақамисозӣ барои қонеъ кардани ниезҳои тағйиребандаи инфиродӣ ва ташкилӣ зарурати эҷоди модели динамикӣ ва мақсадноки кор бо иқтидори кадрҳои мақомоти гумрукро таъкид мекунанд. Системаи ба натиҷа нигаронидашуда ва рушди дарозмуддат метавонад сиесати кадрҳоро дар асоси се омил амалӣ кунад: фарҳанги ташкилӣ, рақамисозӣ ва чандирии нақши касбии корманд.

Калимаҳои калидӣ: мақомоти гумрук, иқтидори кадрӣ, амнияти иқтисодӣ, фарҳанги ташкилӣ, фарҳанги касбии гумрук, самаранокӣ, модели идоракунӣ

Федеральная таможенная служба России успешно справилась с вызовами текущего кризисного момента. Но по мере того, как мир переходит к представлению о новом мировом устройстве, система подготовки кадров для таможенных органов, основанная на традиционных методах, перестает быть эффективной. На смену должна прийти более гибкая и оперативная модель, построенная на трех взаимосвязанных принципах: профессиональная культура, цифровизация и трансформация требований к профессиональной роли.

Чтобы повысить эффективность деятельности таможенных органов, кадровым службам следует переосмыслить основные принципы формирования кадрового потенциала в контексте изменений: труд рассматривается как «талант»; основой для развития сотрудников является корпоративная цель, а классическая иерархия превращается в сеть команд [3].

Цель данной статьи – рассмотреть новые возможности развития кадрового потенциала таможенных органов в условиях системной трансформации российской и мировой экономик.

Неопределенность факторов внешней среды стимулируют изменения в области системы формирования кадрового потенциала таможенных органов. Как это происходит? На наш взгляд, прежде всего, за счет переосмысления организационных процессов в трех фундаментальных областях: профессиональная культура (которую в данном контексте мы

отождествляем с организационной культурой), цифровизация и трансформация требований к профессиональной роли. По результатам исследования образа будущего сотрудника таможенных органов те подразделения, которые готовы к предстоящим изменениям, обладают тремя характеристиками: четко определяют свою миссию и ценности; работают, ориентируясь на эффективность, и растут за счет расширения своих возможностей в области обучения и инноваций [4], что способствует позитивным изменениям в девяти императивах (рисунок 1).




Рис. 1. Императивы эффективной организации

Рассмотрим эти характеристики более подробно. Во-первых, в рамках профессиональной культуры кадровый потенциал таможенных органов должен формироваться на основе четкого понимания сотрудниками миссии и ценностей таможенной службы, что будет способствовать росту вовлеченности и сокращению количества коррупционных проявлений. Главный принцип, на котором строится организационная культура таможенной системы, – это принцип законности. В современных условиях такое видение – это не выбор, а необходимость [2].

Руководители кадровых служб могут сыграть ключевую роль в том, чтобы сотрудники осуществляли свою деятельность в соответствии с ценностями и целями таможенной службы: смоделировать желаемый образ мышления и поведения сотрудников, определить «ценностные моменты», реализовать набор норм и моделей поведения, изменить подходы к найму и формированию кадровых ресурсов.

Формирование кадрового потенциала сегодня невозможно без мониторинга факторов внешней среды, анализа и прогноза влияния этих изменений на ситуацию в таможенной службе [5]. На основании этих прогнозов кадровым службам необ-ходимо формировать перечень компетенций и подходов к развитию сотрудников для обеспечения ее эффективности во времена непрекращающихся перемен. Это напрямую связано с эффективностью управления талантами: в современном мире уже недостаточно руководствоваться принципом «иерархичной взаимозаменяемости талантов», перевод

компетентных специалистов на ведущие должности способствует росту вовлеченности сотрудников в их профессиональную деятельность.

Наращивание кадрового потенциала для проведения изменений должно основываться на понимании того, что организационная культура – это фундамент, на котором строится вся деятельность таможенной службы, и ее формирование в современных реалиях должно быть системным и последовательным.

Во-вторых, цифровизация всех сфер жизни общества очевидно влияет на эффективность деятельности таможенных органов, что диктует необходимость совершенствования процессов управления кадровым потенциалом, построения карьерных траекторий сотрудников, ротацию кадров «под конкретные задачи» [2].

Поскольку многие профессиональные роли изменчивы и требуют постоянного совершенствования, эффективность сотрудника все чаще будет связана с имеющимися у него цифровыми навыками, поэтому чтобы достичь своих стратегических целей таможенным органам потребуется переквалифицировать или повысить квалификацию значительной части своих сотрудников. Внедрение IT-технологий требует от сотрудников дополнительных знаний в области Big Data и искусственного интеллекта. В этом отношении HR департаменты должны быть стратегическим партнером руководителей, обеспечивая наличие необходимых кадров для достижения основных целей: это может быть достигнуто планированием, мониторингом, анализом мотивационных и профессиональных тенденций персонала для оценки возможных пробелов в квалификации. Фокус на цифровых навыках может способствовать разделению сотрудников на тех, кто может выполнять специфические и универсальные функции.

И наконец современный мир требует трансформация требований к профессиональной роли сотрудника таможенных органов. В этом императиве необходимо акцентировать внимание на то, что в условиях быстрых и постоянно меняющихся факторов внешней среды система формирования кадрового потенциала таможенных органов как фактора экономической безопасности должна быть трансформационной, а не ситуационной, фрагментарной, что потребует от сотрудников гибкого восприятия не только традиционных, но и современных методов обучения.

Опыт прошлых экономических кризисов показывает, что организации должны действовать быстро, чтобы создать критически важные кадровые возможности. Кадровым службам следует подумать о том, чтобы профессиональные роли соответствовали личности соискателя и его жизни в целом [1]. В каждой организации работают сотрудники, которые не обязательно стремятся к вертикальному карьерному росту, а пробуют себя в разных ролях в разное время в рамках организации. Если специалисты кадровых служб будут больше ориентироваться на профессиональные навыки, то смогут найти талантливых сотрудников в тех подразделениях, которые по формальным признакам не могут соответствовать искомой профессиональной роли (рисунок 2) [6].



Рис. 2. Трансформация принципов формирования кадрового потенциала таможенных органов

Таким образом, реалии акцентируют необходимость трансформации управления кадровым потенциалом таможенных органов. На первый план выходит ориентация на вовлеченность, гибкость и мотивированность, корреляцию ценностей сотрудников с миссией таможенной службы, приоритет стратегического планирования в управлении талантами, развитие экосистемы кадровых ресурсов [7, 8]. Кадровым службам необходимо сотрудничать с технологическими решениями в области управления персоналом на всех этапах жизненного цикла сотрудников - от обучения, привлечения талантов и управления эффективностью до повышения производительности труда.

Современные процессы, происходящие в мире, безусловно, являются испытанием, но они могут стать триггерами кардинальных и эффективных изменений, перехода к новым управленческим моделям в сфере кадрового потенциала таможенных органов, что позволит создать устойчивую и гибкую систему, уверенно функционирующую в кризисных условиях.

Литература

1. Евграфова О.В. Трансформация принципов найма специалистов в современных условиях // Особенности государственного регулирования внешнеэкономической деятельности в современных условиях. Материалы XI Международной научно-практической конференции. Ростов-на-Дону, 2024.

2. Евграфова О.В. Цифровые компетенции специалистов: рескиллинговые программы и рост эффективности // Академический вестник Ростовского филиала Российской таможенной академии. 2020. № 3 (40). С. 39-44.

3. Евграфова О.В. Человеческий капитал в контексте «поведенческой экономики» // Особенности государственного регулирования внешнеэкономической деятельности в современных условиях. Материалы IX Международной научно-практической конференции. Ростов-на-Дону, 2022. С. 299-307.

4. Измайлова М.А. Значимость корпоративной культуры для устойчивости компаний в условиях кризисных явлений // МИР (Модернизация. Инновации. Развитие). Т. 13. №1. 2022. С. 8-26.

5. Митрофанова Е.А., Митрофанова А.Е. Экосистемный подход для трансформации управления человеческими ресурсами // Лидерство и менеджмент. – 2022. – Том 9. – № 1. – С. 201-218.

6. Новые возможности: как HR может помочь построить организацию будущего [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://profdialogblog.ru/novye-vozmozhnosti-kak-hr-mozhet-pomoch-postroit-organizacziyu-budushhego

7. The Future of Jobs Report 2023 / WEF [Электронный ресурс]. URL: https://www.weforum.org/publications/the-future-of-jobs-report-2023/.

8. Future proof: solving the «adaptability paradox» for the long term [Электронный ресурс]. URL: https:// www.mckinsey.com/business-functions/organization/our-insights/future-proof-solving-the-adaptability-paradox-for-the-long-term.

ТРАНСФОРМАЦИЯ ТАМОЖЕННОЙ СИСТЕМЫ РОССИИ ПОД ВЛИЯНИЕМ ТРЕНДОВ МИРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Кочергина Т.Е. - д.э.н., профессор Ростовский филиал Российской таможенной академии (г. Ростов-на-Дону, Россия)

На примере таможенной системы РФ показано, что тренды мировой экономики обусловливают необходимость адаптации традиционных таможенных институтов к требованиям оперативного и стратегического характера, а также стратегической трансформации уже функционирующих систем. Трансформация таможенной системы определена как процесс структурной, элементной и функциональной адаптации к изменениям международных торговых отношений под влиянием трендов мировой экономики.

Ключевые слова: трансформация таможенной системы, тренды мировой экономики, цифровизация, интернет-торговля, искусственный интеллект.

TRANSFORMATION OF THE RUSSIAN CUSTOMS SYSTEM UNDER THE INFLUENCE OF GLOBAL ECONOMIC TRENDS

Kochergina T.E. - Doctor of Economics, Professor, Rostov Branch of the Russian Customs Academy (Rostov-on-Don, Russia)

Using the example of the customs system of the Russian Federation, it is shown that global economic trends necessitate the adaptation of traditional customs institutions to operational and strategic requirements, as well as the strategic transformation of already functioning systems. Transformation of the customs system is defined as a process of structural, elemental and functional adaptation to changes in international trade relations under the influence of global economic trends.

Keywords: customs system transformation, global economic trends, digitalization, online trade, artificial intelligence.

ТАЪДИЛИ СИСТЕМАИ ГУМРУКИИ РУСИЯ ДАР ЗЕРИ ТАЪСИРИ ТАМОИЛХОИ ИКТИСОДИИ ЧАХОН

Кочергина Т.Е. - доктори илмҳои иқтисод, профессори филиали Ростови Академияи гумруки Русия (Ростови лаби Дон, Россия)

Бо истифода аз мисоли системаи гумрукии Федератсияи Русия нишон дода шудааст, ки тамоюлҳои иқтисодии ҷаҳонӣ мутобиқ кардани муассисаҳои анъанавии гумрукиро ба талаботи дорои хусусияти амалиётӣ ва стратегӣ, инчунин тағироти стратегии системаҳои аллакай амалкунанда тақозо мекунанд. Тағйироти низоми гумрукӣ ҳамчун раванди мутобиқшавии сохторӣ, элементӣ ва функсионалӣ ба тағйироти муносибатҳои тиҷорати байналмилалӣ таҳти таъсири тамоюлҳои иқтисодии ҷаҳонӣ муайян карда мешавад.

Калидвожаҳо: трансформатсияи низоми гумрукӣ, тамоюлҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, рақамисозӣ, тиҷорати онлайн, зеҳни сунъӣ.

Актуальность исследования обусловлена необходимостью решения ряда теоретических и практических проблем адаптации таможенной системы России к основным изменениям мировой экономики.

Тренды современной мировой экономики имеют политическую, экономическую, институциональную, технологическую природу. К наиболее явным, обусловливающим качественные и количественные изменения таможенной среды, относят формирование экосистем и цифровых платформ; проникновение цифровых технологий (искусственный интеллект, «умное» производство, цифровые двойники и т.п.) во все сферы жизни; технологическое развитие стран мира на основе передовых технологий и их массовой коммерциализации; развитие бесконтактной экономики и т.д. [6].

Очевидно, что эти тенденции сигнализируют о завершении эпохи экономического, финансового, политического доминирования Запада во главе с США и формировании полицентричного мироустройства.

Непосредственное влияние на адаптацию таможенной системы РФ к изменяющимся мирохозяйственным отношениям оказывают увеличение объемов, изменение структуры международной торговли и усложнение логистики; технологический прогресс и цифровизация.

Рост мировой торговли по прогнозам Всемирной торговой организации в 2024 г. составит 2,6% и в 2025 г. – 3,3%, если будут снижены такие риски как геополитические потрясения и фрагментация международной торговли [2]. На мировом рынке отмечаются изменения, связанные с концентрацией продукции и диверсификацией экспорта в международной торговле, почти на 50% обеспеченные китайской экономикой. Эти тренды свидетельствуют об изменении соотношения страновых сил и росте экономической силы развивающихся стран Глобального Юга. Подтверждением этому служат данные о динамике доли развитых и развивающихся стран в мировой торговле, представленные в табл. 1.

Таблица 1.- Динамика доли развитых и развивающихся стран в мировой торговле,

1990 – 2022 гг., %.[8]

	1990	2000	2010	2020	2022
Экспорт					
Мир в целом	100,0	100,0	100,0	100	100,
Развитые страны	77,7	70,5	60,3	56,9	54,7
Развивающиеся страны	22,3	29,5	39,7	43,1	45,3

Импорт					
Мир в целом	100,	100,0	100,0	100,0	100,0
Развитые страны	79,8	73,4	63,3	60,5	59,5
Развивающиеся страны	20,2	26,6	36,7	39,5	40,5

Изменения в позиционировании развитых и развивающихся стран в международной торговле наряду с санкционным давлением обусловили корректировку таможенной политики РФ в направлении усиления взаимодействия со странами южного и восточного направления. С ними наращивается товарооборот и выстраиваются новые маршруты поставки товаров.

Например, российские контрсанкционные меры связаны с масштабными изменениями географии экспорта нефти и переориентацией ее поставок в страны Азиатско-Тихоокеанского региона (Индию и Китай), а также Турцию. Доля России в импорте нефти Индией составляет около 33%, а Китаем – около 18%. Важнейшим фактором, обусловившим конкурентоспособность российской нефти, стала ценовая скидка – дисконт относительно саудовской нефти достигает 10% [5, 14; 6].

Далее, развитие и применение цифровых технологий обусловили появление электронной торговли, что определило необходимость адаптации таможенной системы к стандартам *E*-коммерции, а именно сокращению административных, таможенных, фискальных ограничений и снижению бюрократического бремени при осуществлении международных *e*-сделок.

В связи с этим актуализируется проблема цифровизации таможенного администрирования, стратегические направления которой определены в Стратегии развития таможенной службы Российской Федерации до 2030 года [7]. Направления цифровизации таможенного администрирования обозначены в Цифровой повестке Евразийского экономического союза (ЕАЭС).

В 2023 г. на реализацию проектов цифровой трансформации Федеральной таможенной службы (ФТС) РФ было потрачено 2,91 млрд рублей [4].

Цифровая трансформация таможенной системы в 2023 г. обеспечила:

- выпуск 4 млн электронных деклараций на товары;
- расширение функциональных возможностей сервиса автоматического анализа снимков инспекционно-досмотровых комплексов (ИДК), что значительно увеличивает количество распознаваемых товарных групп;
- подписание соглашений об информационном взаимодействии ФТС РФ с различными ведомствами (Федеральной налоговой службой РФ, Министерством внутренних дел РФ, Банком России);
- реинжиниринг процессов регистрации объектов интеллектуальной собственности в таможенном реестре и технологий информационного взаимодействия таможенных органов с правообладателями (их представителями) при выявлении контрафактных товаров, перемещаемых через таможенную границу;
- внедрение в практическую деятельность таможенных органов технологий ведения контрольно-наблюдательного производства по делам об административных правонарушениях в электронном виде посредством АИС «Правоохрана» [6].

По информации компании LOGIRUS, с 1 апреля 2024 г. страны ЕАЭС перешли на единую систему управления рисками для контроля таможенной стоимости, что стало возможным в результате внедрения в практическую деятельность таможенных органов

технологий искусственного интеллекта. В частности, они применяются в инспекционно-досмотровых комплексах в целях эталонной фиксации товарных позиций на основе анализа снимков в автоматическом режиме. В перспективе внедрение сквозных технологий направлено на создание единой информационной системы «интеллектуального» пункта пропуска.

В 2024 г. запланировано введение в эксплуатацию серийного образца «интеллектуального» пункта пропуска на границе с Казахстаном в международном автомобильном пункте пропуска (МАПП) «Петухово» и на границе с Китаем в МАПП «Забайкальск». Речь идет о портальных инспекционно-досмотровых комплексах, эксплуатация которых сократит время досмотра грузового транспорта с 40 до 8 минут. Установка в ближайшие годы 42 портальных инспекционно-досмотровых комплексов позволит увеличить пропускные возможности на разных участках российской границы: по железной дороге в направлении Азово-Черноморского бассейна – до 152 млн тонн в год; по автомобильным дорогам пропуск большегрузных фур в грузинском направлении – в 5 раз; в азербайджанском направлении – в 7 раз; в направлении Казахстана – в 3 раза [6].

Но внедрение и совершенствование цифровых технологий в таможенный механизм сталкивается с проблемой человеческого фактора. Если часть решений, касающихся автоматического выпуска товаров с низким профилем риска, принимается без участия должностного лица, то более ответственные решения остаются прерогативой человека. Поэтому в Стратегии-2030 в качестве одной из основных сформулирована задача обеспечения подготовки квалифицированных кадров в области информационно-коммуникационных технологий [3].

В целом, стратегическая трансформация таможенной системы России будет связана с использованием методов искусственного интеллекта и обработки больших объёмов данных, внедрением самообучающейся интеллектуальной системы управ-ления рисками, внедрением технологий, обеспечивающих автоматическое совер-шение таможенных операций, в том числе автоматизирующих контроль правиль-ности классификации товаров и выявления нарушений, связанных с заявлением недостоверных сведений о классификационном коде товаров, а также с применением высокотехнологичных автоматических систем и устройств, направленных на предупреждение и пресечение незаконного перемещения делящихся и радиоактивных материалов. Искусственный интеллект планируется к применению [3] :

– в интеллектуальном пункте пропуска;

– в самообучающейся интеллектуальной системе управления рисками, функционирующей в режиме on-line;

– при автоматизации распознавания рентгеновских снимков инспекционно-досмотровых комплексов, в том числе, функционирующих в потоковом режиме;

– при организации международного транзита с применением интеллектуальных навигационных пломб;

– для обеспечения соблюдения запретов и ограничений, осуществления защиты прав интеллектуальной собственности, валютного контроля, выявления признаков противоправной деятельности на основе внедрение методов и технологий анализа больших объёмов неформализованных массивов данных с применением самообучающихся систем искусственного интеллекта.

Поэтому, уже сегодня ставится задача подготовки специалистов для работы с большими данными в проектируемых таможенных системах с искусственным интеллектом – в интеллектуальной таможне.

Актуальность этой задачи подтверждается существенным спросом на специалистов по анализу больших данных в различных отраслях экономики со следующим набором компетенций:

– структурирование данных из различных источников и формирование наборов данных (datasets) для машинного обучения;

– знание и применение на практике методов статистического анализа данных, построения математических моделей, методов машинного обучения и др.;

– владение навыками программирования и использования инструментов (framework) для работы с большими данными;

– способность к быстрой адаптации в заданной предметной области [3].

Унификацию и стандартизацию систем подготовки, переподготовки и повышения квалификации таможенных кадров обеспечивает международное сотрудничество в сфере профессионального развития кадров, которое, как правило, осуществляется на основе дву- и многосторонних договоров. В целях создания условий для идентичности понимания таможенными кадрами предоставляемой им информации в области таможенного оформления и таможенного контроля ФТС России заключены международные соглашения более чем с 70 странами и 5 интеграционными объединениями по вопросам сотрудничества и взаимопомощи таможенных служб на основе информационного взаимодействия и взаимного обмена сведениями [3].

Таким образом, увеличение объемов, изменение структуры и усложнение международной торговли детерминируют структурные, организационные и функциональные изменения в таможенном механизме РФ.

Структурные и организационные изменения связаны с появлением новых элементов в таможенной системе (центров электронного декларирования, новых таможенных постов) и трансформацией уже функционирующих (создание «интеллектуальных» пунктов пропуска).

Функциональные изменения обеспечиваются внедрением цифровых технологий в таможенный механизм, что дает возможность увеличивать количество выпуска электронных деклараций; совершенствовать функциональный потенциал инспек-ционно-досмотровых комплексов; обеспечивать информационное взаимодействие ФТС РФ не только с различными ведомствами внутри страны, но и за рубежом.

Литература

1.В 2024 году в России заработает первый интеллектуальный пункт пропуска. URL: https://www.alta.ru/logistics_news/.

2.ВТО прогнозирует рост мировой торговли в 2024 году. URL: https://www.alta.ru/external_news/109685/.

3. Башлы П.Н., Мачинский В.М., Кочергина Т.Е. Международное сотрудничество в сфере профессионального развития таможенных кадров // Вестник РТА. 2023. № 4. С. 100-111.

4. Годовые расходы ФТС на цифровую трансформацию достигли 2,9 млрд рублей. URL: https://www.tadviser.ru/index.php/.

5. Жуков С.В., Копытин И.А., Масленников А.О., Резникова О.Б., Синицын М.В. Трансформация мирового рынка нефти: драйверы и перспективы // Мировая экономика и международные отношения. 2023. Том 67. № 10. С. 5 – 18.

6. Кочергина Т.Е. Влияние трендов мировой экономики на трансформацию таможенного механизма Российской Федерации // Вестник РТА. 2024. № 2. С. 73-86.

7.Распоряжение Правительства Российской Федерации от 23 мая 2020 г. № 1388-р Стратегия развития таможенной службы Российской Федерации до 2030 года. URL: http: // static. government. Ru / media / files / gie4rZ826sr WmBy2w 8bltqy FkseUEHvO. pdf.

8.UNCTAD. Statistics. Data Centre. URL: https:/ / unctadstat. unctad. org/ datacentre/ dataviewer/ US.MerchVolumeQuarterly

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ РАЗВИТИЯ СИСТЕМЫ ОРГАНИЗАЦИИ ТАМОЖЕННОГО КОНТРОЛЯ ТОВАРОВ И ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

Рустам Р. - д.э.н., профессор кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе 734067, улица Нахимова 64/14 тел: 555022000, 907708950. Email: farzona070489@.ru

Кудратова Ф.Р. - к.э.н., предподаватель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе 734067, улица Нахимова 64/14 тел: 907022000, Email: farzona070489@.ru

В данной статье рассмотрены вопросы современное состояние организации таможенного контроля товаров и транспортных средств. Проведён анализ существующих методов таможенных услуг на основе внедрения информационно-коммуникационных технологий, цифровизации, электронного обмена данными, учёта риска, создание условий для проведения таможенного контроля. Предложены основные направления улучшения работы, таможенных услуг, совершенствование инфраструктуры и модернизации материально-технической базы таможенной службы и развитие кадрового потенциала.

Ключевые слова: экспортно-импортные отношения, системный анализ, таможенный контроль, таможенные режимы, электронный обмен, учёт рисков, таможенное декларирование, международные нормы и нормативы.

CURRENT STATE OF DEVELOPMENT OF THE SYSTEM FOR ORGANIZING CUSTOMS CONTROL OF GOODS AND VEHICLES

Rustam R. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis, Tajik State University of Finance and Economics. Address: Dushanbe 734025, Nakhimova strit 64/14 Email: tgneu@ Website: www.tgfeu.tj phone: 555022000

Kudratova F.R. - Candidat of Economics graduate student of the Institute of agricultural Economics taskhn of the Republic of Tajikistan. Address: Nakhimova strit 64/14 Email: tgneu@ Website: www.tgfeu.tj phone: 907022000, Email: farzona070489@.ru.

This article discusses the current state of organization of customs control of goods and vehicles. An analysis of existing methods of customs services was carried out based on the introduction of information and communication technologies, digitalization, electronic data exchange, risk accounting, and the creation of conditions for customs control. The main directions for improving work, customs services, improving infrastructure and modernizing the material and technical base of the customs service and developing human resources are proposed.

Key words: export-import relations, system Key words: export-import relations, system analysis, customs control, customs regimes, electronic exchange, risk accounting, customs declaration, international norms and regulations. analysis, customs control, customs regimes, electronic exchange , risk accounting, customs declaration, international norms and regulations.

ҲОЛАТИ КУНУНИИ ИНКИШОФИ НИЗОМИ ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ ГУМРУКИИ МОЛ ВА ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ

Рустам Р. - доктори илми иқтисод, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Душанбе 734067, кӯчаи Наҳимова 64/14 Тел: 555022000, 907708950. Email: farzona070489@.ru

Қудратова Ф.Р. - н.и.и., муаллими кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Душанбе 734067, кӯчаи Нахимова 64/14 Тел: 907022000, Email: farzona070489@.ru

Дар мақола вазъи кунунии ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт баррасӣ мешавад. Таҳлили усулҳои мавҷудаи хизматрасонии гумрукӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, рақамикунонӣ, табодули электронии маълумот, баҳисобгирии хавфҳо, фароҳам овардани шароит барои назорати гумрукӣ гузаронида шуд. Самтҳои асосии беҳбуди кор, хадамоти гумрукӣ, беҳбуди инфрасохтор ва таҷдиди заминаи моддию техникии хадамоти гумрук ва рушди нерӯи кадрӣ пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: муносибатҳои содироту воридот, таҳлили система, назорати гумрукӣ, низомҳои гумрукӣ, мубодилаи электронӣ*, баҳисобгирии таваккал, декларатсияи гумрукӣ, меъёру қоидаҳои байналмилалӣ.*

В условиях развития экспортно-импортных отношений важным направлением считается повышение результативности работы таможенной службы на основе всестороннего анализа производственно-хозяйственной деятельности их подразделений, используя принципы системного анализа. Здесь уместно выделить важнейшие задачи, решаемые подразделениями при осуществлении таможенного контроля ТиТС [2. 168].

Поэтому уточняя основные задачи анализа, целесообразным считаем сравнение результатов оценки эффективности деятельности таможенных органов, оценки их возможностей, а также резервов по предоставлению таможенных услуг и обеспечения эффективности контроля товаров и транспортных средств [3. 89].

Оценка выполненных исследований показывает, что анализ проводится на основе существующих методов используя показатели, характеризующие работу таможенных органов за ряд лет, учитывая их типизацию в реальных условиях функционирования и реализации других функций, изменения потоков, маршруты перевозки грузов, применения режимов и их рационального выбора, а также системы управления рисками [4. 65].

Опыт показывает, что развитие системы предоставления различных видов таможенных услуг возможно на основе внедрения информационно-коммуникационных технологий, цифровизации, электронного обмена данными, учета риска, создания условий для проведения таможенного контроля ТиТС [1. 65].

Исходя из этого, важным считаем исследование динамики изменения величины внешней торговли за 2007-2022 годы (табл.1). По результатам анализа установлено, что внешнеторговый оборот возрос на 58,37 %, при этом со государствами СНГ на -75,49% и с

другими странами увеличился на 43,43%. Также видно, что экспорт увеличился на 48,46%, а со странами СНГ возросла на 2,51 раза, и с другими странами увеличился на 27,09 процента, импорт возрос на 65,26%, и со странами СНГ на 57,99 процента, с другими странами на 77,77 процента.

В рисунке 1. показаны результаты изучения тенденция поступления таможенных платежей рассматриваемый период. Из данных видно, что соответственно таможенная пошлина, НДС, акциз и прочие платежи увеличились в 6,68; 6,53; 6,05 и 12,93 раза, а всего платежи на - 6,67 раза.




Рисунок 1. - Тенденция развития внешней торговли Таджикистана за 2007-2022гг.

Таблица 1. – Динамика внешней торговли Республики Таджикистан за 2007-2022гг. (млн. доллар).

Показатели	2007г.	2010г.	2016г.	2017г.	2018г.	2019г.	2020г.	2021г.	2022г.	2022г. к 2007г., в %
Внешнеторговый оборот – всего, в т. ч:	4015,3	3851,6	4327,0	3930,3	3972,9	4224,3	4523,7	4557,8	6359,1	158,37
Страны СНГ	1840,0	1724,1	2045,5	1962,3	1886,0	1876,0	2002,6	2199,9	3229,0	175,49
Страны остального мира	2175,3	2127,5	2281,5	1968,0	2086,9	2348,3	2521,1	2357,9	3120,1	143,43
Экспорт –всего, в т. ч.:	1468,1	1194,7	891,4	899,4	1198,0	1073,3	1174,4	3406,8	2179,6	148,46
Страны СНГ	228,9	161,2	226,7	294,4	430,7	530,3	445,9	289,4	574,7	2,51 раза
Страны остального мира	1239,2	1033,5	664,7	605,0	767,3	543,0	724,5	117,4	1574,9	127,09
Импорт-всего в т. ч.:	2547,2	2656,9	3435,6	3031,0	2774,9	3151,0	3349,3	3150,9	4209,5	165,26
Страны СНГ	1611,1	1562,9	1818,7	1673,5	1656,2	1818,0	2071,2	2068,4	2545,4	157,99
Страны остального мира	936,1	1094,0	161,9	1357,5	1118,7	1333,0	1278,1	1082,5	1664,1	177,77

***Источник:** Составлено автором на основе «Статистического ежегодника Республики Таджикистан». – Душанбе: «АСПРТ», 2023. -414с.- С.310




Рисунок 2. - Динамика таможенных платежей, поступивших в бюджет республики за 2007-2022 годы.

В рисунке 2 приведен объем таможенных платежей, поступивших в бюджет за анализируемый период. За указанные годы доля таможенных платежей в бюджет возрос на 15,15 процентного пункта, а также общий объем платежей, поступающих в бюджет, в 2022 году по сравнению с 2007 г. возросли в 6,64 раза.

Рисунок 3- Тенденция изменения осуществления ТК в Турсунзадевском ТП «Регар» за 2007-2022 годы (экспорт).

В рисунке 3 приведена тенденция изменения осуществления ТК на посту «Регар» за 2007-2022 годы. Анализ показывает, что экспорт возрос на 2,98 раза, импорт и



	2007	2008	2009	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022
млн. $	0,01	0,02	0,59	0,07	0,04	0,02	0,05	0,05	0,08	0	0	0,4	3,24	0	0,1	0,1
тыс. тонн	0,01	0,01	0,03	0	0,01	0,02	0,09	0,08	0,02	0,01	0,02	0,14	0,51	0	0,1	0,2

внешнеторговый оборот соответственно увеличились на 2,28 и 2,38 раза, а количество оформленных ГТД при экспорте вырос на 40,26 раза, импорте увеличился на 57,15%.

Таким образом выводами авторов свидетельствует о том что, результативности таможенного контроля таможенной службой Республики Таджикистан в целом, хотя имеется улучшение в процессе организации и осуществлении таможенного контроля ТиТС, однако существуют некоторые проблемы: совершенствование механизма

осуществления ТК товаров и подвижного состава, согласно положений Конвенции Киото; улучшение способов взаиморасчета между декларантами и таможенными органами и Автотранспортными предприятиями, занимающимися перемещением товаров через таможенную границу; модернизация функционирующей ЕАИС таможенных органов и внедрение АРМ для сотрудников; низкий уровень обеспечения таможенных органов техническими средствами таможенного контроля; укрепление МТБ таможенных органов, улучшения системы подготовки, переподготовки и повышения квалификации работников; изучении и использование зарубежного опыта таможенного администрирования в процессе оптимизации работы таможенных органов республики; создании условий по усилении роли уполномоченного экономического регулятора для оказания услуг участникам ВЭД; соблюдение основных положений нормативно-правовых и законодательных актов, а также соблюдение международных норм и нормативов в области организации управления таможенного дела и др. В новых условиях приоритетным считаем изучении времени выпуска товаров при их выпуске из страны.

Литература

1. Абдукодирзода Дж.К., Хусаинов М.К. Совершенствование таможенной переработки и осуществления таможенного контроля товаров и транспортных средств в Таджикистане» //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук №1 2023. -С. 63-70.

2. Агабалаев М.И. Организационно-правовые основы деятельности и основные функции таможенных органов Российской Федерации / М.И.Агабалаев. - М.: Экономика, 2016. -234 с.

3. Бойкова М. В. Зарубежный опыт таможенного администрирования / М.В. Бойкова; под общ.ред. В.В. Макрусова.-М.: РИО Российской таможенной академии, 2017.-130с.

4. Анализ внешнеэкономической деятельности предприятий. – М.: Финансы и статистика, 1991. -165 с.; Истомин С. И. Таможенное оформление и применение таможенных режимов/ Истомин С. И. -М.: Деловой двор, 2008. -280 с.; Раджабов Р.К., Хикматов С.И. Таможенная система: состояние, проблемы и инновационное развитие: под ред. профессора Факерова Х.Н./ Р.К. Раджабов, С.И. Хикматов. - Душанбе: Сумани кудрат, 2012. – 196 с.; Раджабов Р.К. Региональные особенности развития рынка таможенных услуг. Монография / Р.К. Раджабов.-Душанбе: Ирфон, 2014.-150с.; Хусаинов М. К. Управление экономическим развитием сферы услуг / М.К.Хусаинов. - М.: Компания спутник, 2005. -249с.

5. Джумъаев Б.М. Актуальные проблемы развития торговли услугами в условиях вступления Республики Таджикистан во ВТО / Б.М. Джуъаев.-Душанбе: Ирфон, 2012.-116с.

НАҚШИ ГУМРУК ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

Гадоев С.Ҷ. – н.и.б., дотсент мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Тирмиз

Нуриддинов С.З. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14.

Дар мақола нақши гумрук дар фаъолияти иқтисодии давлат мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода мешавад. Муаллифон дар асоси таҳлили амиқи илмӣ мавқеи системаи

гумрукро дар рушди босуръати иқтисодиёти Тоҷикистон асоснок кардаанд. Инчунин аҳамияти тарифи гумрукӣ барои инкишофи тиҷорати байналмилалӣ нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: Гумрук, боҷи гумрукӣ, тарифи гумрукӣ, фаъолияти иқтисод, молҳои воридотӣ, рушди иқтисодӣ, даромад.

РОЛЬ ТАМОЖНИ В ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ГОСУДАРСТВА

Гадоев С.Дж. – кандидат биологических наук, доцент заведующий финансовым отделом Тирмизского государственного университета

Нуриддинов С.З. - н.и.и., доцент заведующий кафедрой экономика предприятий и предпринимательство Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.

В статье рассматривается роль таможни в экономической деятельности государства. На основе глубокого научного анализа авторы обосновали место таможенной системы в стремительном развитии экономики Таджикистана. Также показано значение таможенного тарифа для развития международной торговли.

Ключевые слова: таможня, таможенная пошлина, таможенный тариф, экономическая деятельность, ввозимые товары, экономическое развитие, доходы.

ROLE OF CUSTOMS IN THE ECONOMIC ACTIVITY OF THE STATE

Gadoev S.J. – Candidate of Biological Sciences, Associate Professor, Head of the Financial Department of Tirmiz State University

Nuriddinov S.Z.- scientific research, associate professor, head of the department of economics of enterprises and entrepreneurship Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street 64/14.

The article examines the role of customs in the economic activity of the state. Based on in-depth scientific analysis, the authors substantiated the place of the customs system in the rapid development of the economy of Tajikistan. The importance of customs tariffs for the development of international trade is also shown.

Key words: customs, customs duty, customs tariff, economic activity, imported goods, economic development, income.

Боҷҳои гумрукӣ як механизми муҳиме мебошанд, ки кишварҳо барои танзими интиқоли молу коло аз сарҳади худ истифода мебаранд ва онҳо ҷузъи муҳими сиёсати тиҷорати байналмилалӣ мебошанд. Ҳадафҳои асосии боҷҳои гумрукӣ ҳифзи саноати ватанӣ, ҳавасмандгардонии савдои одилонаи байналмилалӣ ва афзоиши даромадҳои давлатро дар бар мегиранд.

Боҷҳои гумрукӣ омили муҳимест, ки ба хароҷоти истеҳсолот ва нархи молҳо таъсир мерасонанд ва дар навбати худ ба гардиши савдои байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ ба иқтисоди ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд. Ҳарчанд воситаи муассир барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳо мебошанд, онҳо баъзан метавонанд боиси афзоиши хароҷоти истеъмолӣ ва маҳдуд кардани тиҷорати озод гардад.

Тарифҳо андозҳо барои молҳое мебошанд, ки аз як кишвар ба кишвари дигар ворид карда мешаванд, ки аксар вақт барои ҳифзи саноати ватанӣ аз рақобати хориҷӣ истифода

мешаванд. Ин боҷҳо нархи молҳои воридотиро боло бурда, корхонаҳои маҳаллиро барои зиёд кардани истеҳсоли онҳо ҳавасманд мекунанд.

Тарифҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои тиҷоратии байни давлатҳо аҳамияти калон доранд ва аҳамияти онҳоро метавон дар нуктаҳои зерин ҷамъбаст кард:

1. Ҳифзи саноатҳои ватанӣ: Тарифҳо барои ҳифзи саноати ватанӣ аз рақобати сахти хориҷӣ, бо роҳи баланд бардоштани арзиши маҳсулоти воридотӣ ва онҳоро нисбат ба маҳсулоти ватанӣ гаронтар мекунад.

2. Танзими савдои байналмилалӣ: Тарифҳо як қисми сиёсати тиҷорати байналмилалӣ мебошанд, ки ҳаракати молҳоро аз сарҳад танзим мекунанд ва шартҳои савдои байналмилалиро муқаррар мегардонад.

3. Даромадҳои давлатӣ афзоиш меёбад: Боҷҳои гумрукӣ манбаи муҳими даромади давлатро таъмин мекунанд, зеро онҳо ҳангоми ворид шудани мол ба кишвар ҷамъоварӣ шуда, ба маблағгузории хадамоти давлатӣ ва лоиҳаҳои давлатӣ мусоидат мекунанд. ва ширкатҳои хориҷӣ, онҳоро маҷбур мекунад, ки сифати маҳсулотро беҳтар кунанд, хароҷотро кам кунанд ва инноватсияро пеш баранд.

4. Такмили амнияти иқтисодӣ: Тавассути тарифҳо, давлатҳо метавонанд маҳдудиятҳои гардиши молҳои дорои аҳамияти иқтисодӣ ё амниятӣ ва ҳифзи бахшҳои ҳаётан муҳими иқтисодиётро аз таҳдидҳои беруна муҳофизат мекунад.

Идоракунии самараноки хадамоти гумрук ҳамчун унсури низоми таъмини амнияти иқтисодии кишвар аз ҷониби мақомоти гумрук амалӣ карда мешавад, ки вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

– таъмини пурра намудани қисми даромади буҷети давлатӣ (функсияи фискалӣ);

– ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз рақибони хориҷӣ (функсияи протекционистӣ);

– муқовимат ва мубориза бар зидди қочоқ (функсияи ҳифзи ҳуқуқ);

– ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, ҳифзи муҳити зист, моликияти зеҳни, сарватхои фарҳанги;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди савдои хориҷӣ[1].

Вазифаҳои иқтисодии органҳои гумрук ба самти инкишофи алоқаҳои иқтисодии берунӣ бо дигар мамлакатҳо, дар навбати аввал бо савдо таъсири калон мерасонанд. Барои таъмини амнияти иқтисодии ҷумҳури ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии он воситаҳои гуногуни ҳуқуқи истифода мешаванд, ки давлат бо ёрии онҳо қоидаҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии гумруки муайян мекунад. Ҳамин тавр, чунин воситаҳо таъқиқҳо ва маҳдудиятҳоро дарбар мегиранд. Рушди робитаҳои иқтисодии берунӣ тақозо мекунад, ки хадамоти гумрук пайваста нав карда шавад. Ҳадафи асосии навсозӣ дарёфти роҳҳои оптималии ҳалли мушкилоте мебошад, ки мақомоти гумрук дар соҳаи танзими савдои хориҷӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисодии давлат рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар аксари кишварҳои хориҷӣ мақомоти марказии гумрукӣ ба Вазорати молия дохил мешаванд. Тобеияти мақомоти гумрук ба Вазорати молия бо он шарҳ дода мешавад, ки дар фаъолияти гумрукӣ дар аввал функсияи фискалӣ бартарӣ дорад, ки то ситонидани боҷҳо ба будҷети давлат ворид мешавад. Дар айни замон мақомоти гумрук яке аз манбаъҳои муҳими даромади будҷети давлатӣ аст. Зеро боҷхои гумруки ва дигар пардохтхоро, ки ситонидани он ба зиммаи онҳо вогузор шудааст. Ситонидан, дуруст

[1] Постановление Президента Республики Узбекистан ПП-3665 от 12.04.2018г «Об организации деятельности органов государственной таможенной службы Республики Узбекистан».

ҳисоб кардан ва дар вақти худ супурдани ин пардохтҳоро назорат мекунанд ва барои маҷбуран ситонидани онҳо чораҳо мебинанд. Татбиқи вазифаи молиявӣ барои таҳкими амнияти иқтисодии давлат, инчунин барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ шароит фароҳам меорад. Бо ёрии ин функсия ташаккули ҷараёнҳои молиявии давлат дар ҳаҷми зарурӣ барои иҷрои вазифаҳо ва вазифаҳои давлатӣ таъмин карда мешавад.

Хулоса, дар ҷараёни вазифаҳои номбаркарда ва дигар вазифаҳоеки, мо номбар накардем давлат бояд бо роҳи беҳбуди иқтидори содиротӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолкунандагони миллӣ дар бозорҳои молии ҷаҳонӣ, такмили сохтори содирот, оқилонакунонии воридот, васеъ намудани бозори молҳои миллӣ, таҳкими соҳибихтиёрии иқтисодии кишвар ва беҳбуди вазъи некӯаҳволии кишвар ва аҳолӣ амнияти иқтисодиро таъмин намояд.

Адабиёт

1. Постановление Президента Республики Узбекистан ПП-3665 от 12.04.2018г «Об организации деятельности органов государственной таможенной службы Республики Узбекистан».

2. Позднякова Ж.С. Международная экономическая интеграция: перспективы либе ализации и упрощения торговли // Управление в современных системах. 2019. №1(21). С. 1421.

3. Еркебаева Г.Р. и др. роль таможенных органов в обеспечении экономической безопасности Республики Узбекистан// Иқтисодиёт ва таълим 2020. №1. 35-39 с.

ДУРНАМОИ РУШДИ МАЪМУРИЯТЧИГИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

Насриддинов Ф.Б. - н.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.



Муҳтавои баромади сардори хадамоти федералии гумруки Россия (2016-2023) генерал-полковник Булавин Владимир Иванович дар форуми байналмилалии иқтисодии Россия (Москва, январи с. 2020)

Дар мақола муҳтавои суханронии сардори хадамоти федералии гумруки Россия (2016-2023) генерал-полковник В. Булавин дар форуми байналмилалии иқтисодии Россия (Москва, январи с. 2020) оварда шудааст. Қайд мегардад, ки дар соҳаи гумрук воқеан ҳам тағйироти мусбӣ ба вуқӯъ мепайвандад, ки дар гузаштан ба декларатсияи электронӣ ва тадриҷан кам кардани мӯҳлатҳои роҳдиҳии мол зоҳир мегардад. Тибқи рейтингҳои байналмилалӣ, ФР дар ташкили назорати давлатии интиқоли молҳои фаромарзӣ аз кишварҳои пешрафта ва ҳатто бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ақиб мондааст. Таҷрибаи ҷаҳонии маъмуриятчигии гумрукӣ ба кам кардани фаъолияти санҷишӣ ҳангоми убури мол аз сарҳад асос ёфтааст. Ин кор тавассути таҳлили касбии маълумот дар бораи таҳвил то расидани мол ва интиқоли назорати фискалӣ ба марҳилаи пас аз бароришии мол ба муомилоти иқтисодӣ амалӣ мегардад.

Калидвожаҳо: мақомоти гумрук, маъмуриятчигии гумрукӣ, танзими гумрукию тарифӣ, назорати гумрукӣ, роҳдиҳии мол, интиқол, сарҳади гумрукӣ.

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ТАМОЖЕННОГО АДМИНИСТРИРОВАНИИ

Насриддинов Ф.Б. – к.э.н., профессор кафедры экономической теории Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

Основное содержание выступления руководителя Федеральной таможенной службы России (2016-2023) генерал-полковника Булавина Владимира Ивановича на международном экономическом форуме (Москва, январь 2020 г.)

В статье приведено содержание выступления руководителя Федеральной таможенной службы России (2016-2023) генерал-полковника В.И. Булавина на международном экономическом форуме (Москва, январь 2020 г.). Отмечается, что в таможенной сфере действительно происходят позитивные преобразования, которые проявляются в переходе к электронному декларированию и постепенному сокращению сроков выпуска товаров. Согласно международным рейтингам, Россия отстает от развитиых и даже от многих развивающихся стран в организации государственного контроля за трансграничным перемещением товаров. Мировой опыт таможенного администрирования основан на сокращении проверочной деятельности при перемещении товаров через границу. Это реализуется через профессиональный анализ информации о поставках до прибытия товаров и перевод фискального контроля на стадию выпуска товаров в экономический оборот.

Ключевые слова: таможенные органы, таможенное администрирование, таможенно-тарифное регулирование, таможенный контроль, выпуск товаров, перемещение, таможенная граница.

PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF CUSTOMS ADMINISTRATION

Nasriddinov F.B. – Candidate of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

The main content of the speech of the Head of the Federal Customs Service of Russia (2016-2023) Colonel General Vladimir Ivanovich Bulavin at the International Economic Forum (Moscow, January 2020)

The article presents the content of the speech of the Head of the Federal Customs Service of Russia (2016-2023) Colonel General V.I. Bulavin at the International Economic Forum (Moscow, January 2020). It is noted that positive changes are indeed taking place in the customs sphere, which are manifested in the transition to electronic declaration and a gradual reduction in the terms of release of goods. According to international ratings, Russia lags behind developed and even many developing countries in organizing state control over cross-border movement of goods. World experience in customs administration is based on reducing inspection activities when moving goods across the border. This is implemented through professional analysis of information on deliveries before the arrival of goods and the transfer of fiscal control to the stage of releasing goods into economic circulation.

Keywords: customs authorities, customs administration, customs and tariff regulation, customs control, release of goods, movement, customs border.

Мақомоти гумруки Федератсияи Россия (ФР) риояи тадбирҳои сиёсати савдо, аз ҷумла танзими тарифии гумрукӣ (ситонидани боҷҳои гумрукӣ) ва танзими ғайритарифӣ (манъ ва маҳдудиятҳои воридот ва содирот)-ро ҳангоми гузаронидани мол аз сарҳади гумрукӣ таъмин менамоянд.

Тартиби маъмурие, ки мақомоти гумрук истифода мебаранд, аз як тараф, бояд риояи қонунгузории савдои хориҷиро боэътимод таъмин намояд, аз ҷониби дигар, барои шахсоне, ки дар интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ иштирок мекунанд, бароҳат ва камхарҷ бошад.

Хадамоти гумрук баланд бардоштани сифати идоракунии пардохтҳои гумрукӣ ва коҳиши сарбории маъмуриро ба соҳибкорӣ эълон мекунад.

Барои мубориза бо "воридоти пинҳонӣ" (серый импорт) пешниҳоде ба миён оварда шудааст, ки тамғагузории ҳар як воҳиди баъзе навъҳои мол ҷорӣ карда шавад. Дар назар аст, ки барои мақомоти андоз ва гумрук муҳити ягонаи иттилоотӣ, аз ҷумла механизми ягонаи назорати ҳамаҷониба дар ҳама марҳилаҳои муомилоти молҳои воридшаванда сохта шавад.

Дар соҳаи гумрук воқеан ҳам тағйироти мусбӣ ба вуқӯъ мепайвандад, ки дар гузаштан ба декларатсияи электронӣ ва тадриҷан кам кардани мӯҳлатҳои роҳдиҳии мол зоҳир мегардад. Тибқи рейтингҳои байналмилалӣ, ФР дар ташкили назорати давлатии интиқоли молҳои фаромарзӣ аз кишварҳои пешрафта ва ҳатто бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ақиб мондааст. Маъмуриятчигии муосири гумрукӣ дар ФР ба технологияҳое асос ёфтааст, ки дар ибтидои солҳои 90-ум бо истифода аз ҳуҷҷатҳои коғазӣ таҳия шуда буданд.

Нобаробарии идоравии мақомотҳои назорат, ки вазифаҳои худро ҷиддӣ иҷро мекунанд, ҳануз бартараф карда нашудааст. Санҷишҳои такрорӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ва андоз дар гузаргоҳҳои гумрукӣ ва дигар мақомотҳои давлатӣ, ки интиқоли байнисарҳадии мол, воситаҳои нақлиёт ва шахсонро назорат мекунанд, барои давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хароҷоти зиёдатӣ меоранд. Номуттаҳидии шӯъбаҳо ба шахсони манфиатҷӯ имкон медиҳад, ки дар марҳилаҳои гуногуни барасмиятдарории гумрукӣ ба мақомоти гуногуни танзимкунанда маълумоти гуногунро дар бораи мол ва муомилот пешкаш намоянд.

Марказонидани хадамоти гумрук оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар ҳаҷми ҳадди имконпазир заминаи манфиро ташкил мекунад. Баҳодиҳии таъсири усулҳои назорати гумрукӣ ба дигар омилҳое, ки ба рушди соҳибкорӣ ва савдои хориҷӣ таъсир мерасонанд, амалан гузаронида намешавад. Дар баробари ин вазнин будани назорат эътимоднокӣ ва самаранокии онро таъмин намекунад. Масалан, дар соҳаи саноати сабук ҳаҷми "бозори пинҳонӣ"-ро коршиносон то 1 триллион рубл арзёбӣ кардаанд, ки 30%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти воридотӣ ва истеҳсоли Россияро ташкил медиҳад ва ҳиссаи воридкунандагони мол, бо истифода аз "воридоти пинҳонӣ" аз 20 то 60%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамчун тадбири муқовимат ба қонуншиканиҳо дар соҳаи гумрук ҷорӣ намудани тамғагузорӣ ба ҳар як воҳиди мол фаъолона пеш бурда мешавад. Новобаста ба ин тамғагузорӣ мушкилоти паст кардани арзиши гумрукӣ ва ба ин васила саркашӣ аз пардохтҳои гумрукиро таъмин наменамояд.

Таҷрибаи ҷаҳонии маъмуриятчигии гумрукӣ ба кам кардани фаъолияти санҷишӣ ҳангоми убури мол аз сарҳад асос ёфтааст. Ин кор тавассути таҳлили касбии маълумот дар

бораи таҳвил то расидани мол ва интиқоли назорати фискалӣ ба марҳилаи пас аз бароришӣ мол ба муомилоти иқтисодӣ амалӣ мегардад.

Функсияи фискалии мақомоти гумрук

Нақши боҷҳои гумрукии воридотӣ дар даромади буҷети федералӣ бо сабаби паст шудани миқдори боҷҳои гумрукии воридотӣ ва васеъ намудани минтақаҳои савдои озод бо давлатҳои сеюм мунтазам паст мешавад.

Системаи назорати фискалӣ тавре сохта шудааст, ки барои воридкунанда пешакӣ муайян намудани меъёри нархи моли воридотӣ, ки мақомоти гумрукро қонеъ мекунад, аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок бошад. Воридкунанда нархҳои аниқшударо дар ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳодшуда инъикос менамояд ва дар натиҷа баҳсу мунозира бо мақомоти гумрук дар бораи меъёри боҷи гумрукӣ, ки ба мол муқаррар карда мешавад, аз байн меравад. Дар акси ҳол воридкунандаро метавонанд аз рӯйхати “бахши сабз” бароранд. Дар натиҷа нисбат ба ӯ чунин «чораҳои интизомӣ», ба мисли азназаргузаронии 15 %-и тамоми моли воридшаванда, талаб намудани пардохтҳои таъминот барои давраи тафтиши иловагии гумрукӣ ба маблағи баръало зиёд нишондодашуда ва ғайра татбиқ карда мешаванд.

Қонуни нав дар бораи танзими гумрукӣ дар ФР салоҳияти мақомоти гумрукро барои тафтиши маълумот пеш аз иҷозати воридоти мол васеъ менамояд, ки бо таҳдиди нигоҳдории мол ҳангоми ба истилоҳ идоракунии хавфҳо амалӣ мегардад. Агар мақомоти гумрук талаб намояд, ки коди арзшуда тибқи номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (НМФИХ ИИА) иваз карда шавад, арзиши гумрукӣ ё дигар маълумоте, ки ба муайян кардани пардохтҳои гумрукӣ таъсир мерасонад, бояд тағйир дода шаванд ва агар воридкунанда ин талаботҳоро риоя накунад, он гоҳ мақомоти гумрук ба воридоти мол иҷозат намедиҳад. Илова бар ин, қонуни нав шакли ягонаи ҳисоббаробаркуниро байни супорандагони пардохтҳои гумрукӣ ва буҷет тавассути пешпардохтҳо пешбинӣ мекунад, ки он бояд дар суратҳисобҳои Хазинадории федералӣ дар ҳаҷми бефоиз нигоҳ дошта шавад, ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳамаи пардохтҳои гумрукиро аз суратҳисоб бароранд. Воридкунанда барои пешгирии таъхир дар иҷозати мол одатан дар ҳолати талаб намудани тасҳеҳи маълумоте, ки ба маблағи пардохтҳои гумрукӣ таъсир мерасонад ё ба сифати шарти иҷозати мол гузоштани пасандози пулиро талаб мекунад, маблағи иловагиро пардохт менамояд.

Ҳамин тариқ, низоми татбиқшавандаи назорати фискалӣ имкон медиҳад, ки дар ҳар лаҳза ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба буҷет бо асосҳои қонунӣ дар ҳар миқдор таъмин карда шавад, аммо барои тиҷорат ин система таъсири манфӣ дорад. Тавассути пешпардохтҳо ва пасандозҳои нақдӣ дар асл буҷет ба воридкунандагон бефоиз дода мешавад, ки ин хароҷоти молиявии онҳоро зиёд мекунад ва дар натиҷа ба нархи молҳо зам мешавад. Барои соҳибкории хурду миёна, ки суботи молиявии кофӣ надоранд, системаи мавҷудаи назорат метавонад зараровар шавад.

Гузаронидани қисми зиёди назорати фискалӣ ба марҳилаи пас аз интиқоли мол вақти баровардани онҳоро хеле кам мекунад ва фаъолияти санҷиширо самаранок мекунад. Дар ин технологияи назорат воридкунандагон бояд дастрасии мақомоти гумрукро барои баҳисобгирии мол таъмин кунанд ва ба мақомоти гумрук ҳуқуқ дода шавад, ки система ва равандҳои баҳисобгирии муҳосиботи анборҳои воридкунандагони молро тафтиш кунанд, то эътимодро ба маълумоти ҳангоми декларатсияи гумрукӣ пешниҳодшуда таъмин намоянд. Ба ҷои нигоҳ доштани мол то тасдиқи дурустии ҳисоб кардани пардохтҳои

гумрукӣ кафолатҳои молиявии умумӣ бояд дар ҳаҷми мувофиқи хавфи саркашӣ аз пардохти онҳо истифода шаванд.

Тартибҳои гумрукие, ки рушди содиротро ҳавасманд менамоянд

Кодекси гумруки ИИА имкони татбиқи як қатор расмиёти гумрукиро пешбинӣ мекунад, ки ба таври анъанавӣ барои ҳавасмандгардонии рушди соҳаҳои содиротӣ, ҷалби ширкатҳои ватанӣ ба равандҳои байналмилалии истеҳсолӣ ва технологӣ истифода мешаванд: минтақаи озоди гумрукӣ, анбори озод, коркард дар ҳудуди гумрукӣ. Ҳамаи ин тартибҳо имкони истифодаи масолеҳи хом, ашёи хом, ҷузъҳои хориҷиро бидуни пардохти боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андоз аз арзиши иловашуда пешбинӣ менамояд. Минтақаи озоди гумрукӣ ва анбори озод ба таври иловагӣ имкони воридоти таҷҳизот, қисмҳову ҷузъҳои эҳтиётиро бе пардохти боҷи гумрукӣ фароҳам меорад. Чунин тадбирҳо арзиши маҳсулоти содиротиро коҳиш дода, рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои хориҷӣ афзоиш медиҳанд. Расмиятҳои мураккаби гумрукӣ барои татбиқи ин равандҳо монеа эҷод мекунанд. Аз ҷумла, барои татбиқи онҳо собит кардан лозим аст, ки моли содиротӣ аз он маҳсулотҳои хориҷие истеҳсол карда мешавад, ки нисбат ба онҳо пардохтҳои гумрукӣ супорида нашудаанд. Дар баробари ин, чун амал, мақомоти гумрук талаб мекунанд, ки ҳар як маҳсулоти хориҷие, ки таҳти декларатсияи мушаххаси гумрукӣ ворид шудааст, дар маҳсулоти истеҳсолшаванда мушаххас қайд карда шавад.

Барои татбиқи расмиёти гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ, ғайр аз ин, нисбат ба ташкил ва таҷҳизонидан дар минтақаи назорати гумрукӣ, ки дар ҳудуди он истеҳсоли мол сурат мегирад, талаботи аз ҳад зиёд муқаррар карда шудааст. Барои назорати гумрукӣ таҳлили маълумот оид ба миқдори ҷузъҳои хориҷие, ки барои истеҳсоли маҳсулот дар давраи муайян истифода мешаванд, мувофиқи меъёрҳои воқеӣ ё миёнаи маҳсулоти истеҳсолшаванфда бо декларатсияҳои гумрукӣ муқоиса кардан зарур аст.

Ҳуҷҷатҳои электронӣ

Қонунгузории навшудаи гумрукӣ ба афзалияти қабули ҳуҷҷатҳои электронӣ ва иттилоот нисбат ба шаклҳои коғазии онҳо асос ёфтааст. Аммо ин қоида танҳо ба он намудҳои ҳуҷҷатҳое дахл дорад, ки аз рӯи шаклҳои қаблан муқарраршуда тартиб дода, бо имзои мукаммали электронӣ имзо шудаанд ва дорои мақоми ҳуҷҷатҳои гумрукӣ мебошанд, яъне онҳо барои пешниҳод ба мақоми гумрук таъин шудаанд.

Дар ҷаҳони муосир муомилот оид ба фурӯши байналмилалии молҳо, чун анъана, дар шакли электронӣ баста мешаванд: ба воситаи почтаи электронӣ дар шакли пешниҳод ва қабули он, фармоиш додани мол дар мағозаҳои онлайн сурат мегирад. Мақомоти гумрук барои иҷрои вазифаҳои назоратӣ ва назорати худ пешниҳоди шартномаро дар шакли ҳуҷҷати ягона дар рӯи когаз, ки аз тарафи ҷонибҳои шартномабастанда имзо шудааст, талаб мекунад.

Тадбирхои ғайритарифӣ

Ба ғайр аз проблемаҳои назорати характери фискалӣ дошта, инчунин бояд проблемаҳоеро қайд кардан лозим аст, ки ҳангоми назорати риояи чораҳои танзими ғайритарифӣ ба миён меоянд.

Номутобиқатӣ дар амали мақомоти назорати давлатӣ дар гузаргоҳҳо. Дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ҳафт намуди назорати давлатӣ: гумрукӣ, сарҳадӣ, муҳоҷират, байторӣ, фитосанитарӣ, санитарию эпидемиологӣ ва нақлиётӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар яке аз ин намудҳои назорат мақсад ва вазифаҳои худро доранд, технологияҳои худро барои татбиқи он, талабот ба ҳуҷҷатҳо ва маълумотеро, ки шахсон бояд барои назорат пешниҳод кунанд, пешбинӣ мекунад. Илова бар он, ки ҳар як мақоми

танзимкунанда бо маҷмӯи ҳуҷҷатҳо ва иттилооти худ барои назорат таъмин карда мешавад, пайдарпайии амалисозии фаъолияти санҷишӣ ба ҷои иҷрои ҳамзамонаи онҳо мушкилоти иловагиро ташкил медиҳад. Масалан, татбиқи назорати гумрукӣ то анҷоми назорати байторӣ ё фитосанитарӣ оғоз намешавад. Натиҷаҳои гузаронидани назорати фитосанитарӣ дар ҳуҷҷатҳои коғазӣ, ки ба мақоми гумрук пешниҳод карда мешаванд, сабт карда мешаванд. Ҳамзамон, санҷиши мол дар шакли санҷиш ё ташхис метавонад ҳам аз ҷониби шахсони мансабдори Росселхознадзор ва ҳам аз ҷониби мақомоти гумрук анҷом дода шавад. Номутобиқатии тартибот ба он оварда мерасонад, ки ҳамон як маҳсулот такроран аз санҷиш гузаронида мешавад. Илова бар ин, зиёдатӣ будани талабот оид ба пешниҳоди маълумот аз интиқолдиҳанда танқид карда мешавад. Дар натиҷа барои иҷрои талаботи мақомоти давлатӣ кормандон маҷбур мешаванд, ки онро танҳо аз воридкунандагон – молгирандагон талаб кунанд, то ба мақомоти танзимкунанда ирсол намоянд.

Воситаҳои ҳозиразамон барои рафъи амалияи манфӣ ҷорӣ намудани назорати давлатӣ бо истифода аз технологияи “равзанаи ягона” дар асоси пешниҳоди якдафъаинаи иттилоот дар шакли электронӣ барои ҳамаи намудҳои назорат дар канали ягонаи интиқол карда мешавад. Технологияи “равзанаи ягона” дар ҳолати таҷрибавӣ истифода шуда истодааст.

Зиёд будани талабот ҳангоми тафтиши мувофиқати мол ба регламентҳои техникӣ. Қонунгузории танзими техникӣ ба мақомоти гумрук ҳамзамон бо декларатсияи гумрукӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мутобиқати мол ба талаботи ҳатмии регламентҳои техникӣ, декларатсияи мутобиқат ё сертификати мутобиқатро пешбинӣ менамояд.

Қонунгузории танзими техникӣ талаботро оид ба тамғагузории мол (бастабандии он) то ба муомилот баровардани маҳсулот муқаррар мекунад. Дар байни мақомоти назораткунанда вазифаҳо ва ваколатҳоро тавре аз нав тақсим кардан лозим аст, ки аввалан, такрори вазифаҳои мақомоти назораткунанда истисно карда шавад ва дуюм, воридкунандагон ба талабот оид ба тамғагузории мол дар қаламрави ИИА риоя кунанд, ба шарте, ки ин амал барои онҳо аз пардохти чунин амал дар хориҷа фоидаовартар бошад.

Транзит

Ба расмият даровардани молҳои транзитӣ. Қонунгузории гумруки ИИА оид ба ҳамлу нақли транзитӣ якчанд марҳилаҳои барасмиятдарории гумрукии моли транзитиро пешбинӣ мекунад: амалиёт ҳангоми расидани мол ба гузаргоҳҳо, транзити гумрукӣ (ҷойгиркунии мол таҳти расмиёти гумрукӣ ва анҷоми расмиёти гумрукӣ) ва баровардани мол. Дар ҳар марҳила иҷрои шартҳои муайян ва анҷом додани амалиёти алоҳидаи гумрукӣ, аз ҷумла онҳое, ки ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумот ва санҷиши (тафтиш, муоинаи) мол марбутанд, талаб карда мешавад. Илова бар ин, бояд расмиёти муайяни гумрукиро нисбат ба воситаи нақлиёте, ки дар он мол аз сарҳад интиқол дода мешавад, анҷом дод. Дар баробари ин, амалиёти вобаста ба омадан ва рафтани мол ва воситаҳои нақлиёт бо зарурати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои коғазӣ алоқаманд аст.

Муттаҳидсозии талаботҳо барои осон кардани транзит. Якҷоя кардани талаботи давлатҳои транзитӣ нисбат ба ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва аз ҷониби мақомоти гумрук эътирофи мутақобилаи кафолатҳои молиявӣ, қулфи электронӣ, натиҷаҳои назорати гумрукӣ, пломба ва мӯҳрҳои гузошташуда роҳи самараноки осон кардани расмиёти маъмурӣ ҳангоми транзит мебошад.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум аст, ки давлатҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам наздик бо мақсади осон кардани транзит байни худ созишномаҳои минтақавӣ мебанданд. Масалан, дар Иттиҳоди Аврупо Конвенсия оид ба расмиёти транзити умумиро дар асоси як маротиба пур кардани декларатсияи транзитӣ дар гумруки кишвари интиқолдиҳанда қабул кардааст. Низоми ягонаи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ, тартиби расонидани кӯмаки мутақобилаи маъмурӣ аз ҷониби хадамоти гумрук, расмиёти соддагардонидашудаи интиқолдиҳандагон, ки аз эътимоди мақомоти гумрук бархурдор ҳастанд, пешбинӣ шудааст. Системаи компютери-кунонидашуда таъсис дода шудааст, ки ба мақомоти гумруки транзит ва таъинот имкон медиҳад, ки маълумотро дар бораи моли транзитӣ аз базаи ягонаи иттилоотӣ фавран пас аз барасмиятдарории мол аз тарафи мақомоти гумрукӣ ирсол намояд.

Системаи таъмини пардохтҳои гумрукӣ дар системаи транзити аврупоӣ ба равишҳои зерин асос ёфтааст. Кафолати молиявӣ ба мақоми гумруки кишваре, ки тартиби транзитӣ кушода шудааст ва тибқи қонунгузории ин кишвар пешниҳод карда мешавад. Дар ҳар кишваре, ки транзит тавассути он сурат мегирад, кафил бояд агенти худро дошта бошад. Мутаносибан, дар сурати ситонидан аз кафолат, мақомоти гумруки ҳар як кишвар бо намояндаи худ ва тибқи қонунгузории миллӣ кор мекунанд. Кафолат метавонад барои як вагон дода шавад, дар ин сурат андозаи он бояд ба ҳадди ниҳоии пардохтҳои гумрукӣ мувофиқ бошад. Барои интиқоли транзити мунтазам ё сершумор, кафолати ҳамаҷониба (генералӣ) метавонад татбиқ карда шавад. Маблағе, ки бо кафолати маҷмӯӣ фаро гирифта шудааст, вобаста ба қобилияти пардохтпазирии молиявӣ ва кафолати эътимоднокии кафили молиявӣ метавонад то 50 ё 30 % маблағи гарав кам карда шавад. Агар шахсе, ки ба сифати кафил баромад мекунад, исбот намояд, ки дар истифодаи расмиёти умумии транзит таҷрибаи калон дорад, бо мақомоти салоҳиятдор ҳамкорӣ мекунад, амалиёти нақлиётро худ назорат мекунад ва барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ захираҳои молиявии кофӣ дошта бошад, кафолат умуман дода намешавад.

Мушкилоти дигаре, ки ба рушди транзит монеа мешавад, набудани анборҳо барои ҷамъоварӣ ва тақсими молҳо, гарчанде ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ барои ҷойгиркунии ин инфрасохтор нисбат ба молҳое, ки аз Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба кишварҳои Аврупо интиқол дода мешаванд, ҳама шартҳои пешакӣ мавчуданд. Барои ҳавасмандгардонии ҳаракати транзитӣ тавассути қаламрави ИИА чораҳои иловагӣ оид ба коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ бояд ба инобат гирифта шаванд, аз ҷумла аз нав дида баромадани қоидаҳо ва технологияҳои мавҷуда бо рад кардани талаботи зиёдатӣ, инчунин бастани созишномаҳои байналмилалӣ оид ба эътирофи мутақобилаи ҳуҷҷатҳои гумрукӣ, пломба ва мӯҳрҳо оид ба механизмҳои кафолати байналмилалии таъмини пардохтҳои гумрукӣ.

Тиҷорати электронии байналмилалӣ

Ҳаҷми молҳои хориҷӣ, ки шахсони воқеӣ дар ФР аз мағозаҳои интернетӣ харидорӣ мекунанд, дар тӯли солҳои охир афзоиши устуворро нишон медиҳанд.

Квотаҳое, ки дар ИИА барои воридоти бебоҷи молҳо дар доираи тиҷорати онлайн ба маблағи 1000 евро дар як моҳ бо квитансияи миёнаи харид то 100 евро муқаррар шудаанд, асосан канали воридоти молро бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз қонунӣ мегардонанд.. Рушди инфрасохтори иттилоотӣ, пардохтӣ ва нақлиётию логистикӣ, ки ба харид дар мағозаҳои интернетӣ мусоидат мекунанд, барои мағозаҳои анъанавӣ, ки молҳоро бо риояи қоидаҳои умумии воридот бо пардохти боҷҳои гумрукӣ ва риояи маҳдудиятҳои ғайритарифӣ, аз ҷумла дар соҳаи танзими техникӣ амалӣ мекунанд, таъсири манфӣ мерасонад.

Якчанд маҳдудиятҳо барои рушди содироти молҳои Россия тавассути фурӯши онҳо дар мағозаҳои интернетӣ вуҷуд доранд: набудани платформаи бузурги интернетӣ, ки бо бузургтарин бозигарони ин бозор дар кишварҳои дигар муқоиса карда мешавад; мушкилоти декларатсияи гумрукӣ ва татбиқи меъёри андоз аз арзиши иловашуда 0%, ки қонунан танҳо барои почтаҳои байналмилалӣ танзим карда мешавад.

Яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷамъшуда дар танзими тиҷорати электронӣ ин ҷорӣ намудани моделе мебошад, ки аз як тараф қобилияти ҷорӣ намудани боҷҳои гумрукиро ҳангоми харид дар мағозаҳои интернетӣ дошта бошад ва аз тарафи дигар ҳавасмандгардонии ҷойивазкунии анборҳои вобастаро (нигаҳдорӣ, интиқол) ба қаламрави Россия карда тавонад.

Қонунгузории гумрук ҳудудҳои дорои мақоми махсусро пешбинӣ мекунад: анборҳои гумрукӣ ва озод, минтақаи махсуси иқтисодӣ, ки дар он молҳо бе пардохти боҷҳои гумрукӣ нигоҳ дошта мешаванд. Таҷрибаи истифодаи чунин моделҳо дар Чин мавҷуд аст.

Тиҷорати гумрукӣ

Анборҳои нигаҳдории муваққатӣ. Ба ғайр аз монеаҳои маъмурӣ хароҷоти иловагӣ барои ширкат аз тарафи муассисаи анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Он дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ҳамчун чораи маҷбурӣ ва муваққатӣ ҷорӣ карда шуд ва имкон дод, ки инфрасохтори зарурии гумрукӣ дар шароити барҳам додани монополияи давлатӣ дар савдои хориҷӣ, инчунин афзоиши босуръати воридот ва коҳиши буҷет фароҳам оварда шавад. Ин муассиса кайҳо барои тағйирот эҳтиёҷ дорад. Тартиби номуайяни ба соҳибони маҷмааҳои анборӣ додани имтиёзҳо барои нигоҳ доштани моли воридотӣ то бароришиҳо онҳо ва гирифтани даромади монополӣ аз хизматрасонӣ ба боркашон ва соҳибони молҳо баъзан боиси ба таври сунъӣ дароз шудани мӯҳлати расмиёти гумрукӣ мегардад. Даромади соҳиби анборҳои нигаҳдории муваққатӣ аз қарори мақомоти гумрук дар бораи азназаргузаронии мол ва тамдиди мӯҳлати иҷозати он вобаста аст, ки худ аз худ хавфи коррупсиониро дар бар мегирад. Дар баробари ин, идомаи талабот оид ба бепул ҷойгир кардани мақомоти гумрук дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ва фароҳам овардани шароит барои кори онҳо ин хатарҳоро бештар мекунад.

Кафолати транзитӣ. Шарти таҳти расмиёти гумрукии транзит чойгир намудани мол пешниҳоди кафолатҳои молиявӣ оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ дар ҳолати сари вақт ба маҳалли таҳвил (макони содирот берун аз ҳудуди гумрукиӣ) расонида нашудани мол мебошад. Хадамоти федералии гумруки Россия ҳафт ширкатеро интихоб кардааст, ки ҳуқуқи монополии дар транзити молҳои хориҷӣ ба мақомоти гумрук ба сифати кафил (яъне додани кафолати молиявӣ барои пардохти пул) доранд. Меъёрҳое, ки аз рӯи он ширкатҳо интихоб мешаванд, оммавӣ нестанд.

Нақшаҳои аутсорсинги аудити гумрукӣ. Дар давоми ду соли охир таҷрибае ҷараён дорад, ки моҳияти он ба аутсорсинг гузаштани аудити гумрукӣ («ташаккул ва рушди аудити мустақили касбии гумрукӣ ҳамчун воситаи идоракунии гумрук ва андоз») мебошад. Ассотсиатсияи аудиторон ва мушовирони гумрук – «Аудити гумрукӣ» таъсис дода шудааст.

Аз мураттиб: Баъди сар задани ҷанги Россия ва Украина, ворид намудани санксияҳо доир ба фаъолияти иқтисоди берунаи Россия амалӣ гаштани қисми зиёди ин талабот ва пешниҳодҳо ба таъхир гузошта мешавад.

Барои фаъолияти иқтисодиёти беруна, алалхусус маъмуриятчигии мақомотҳои гумруку андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин маводро дар фаъолияти ҳамарӯза истифода бурдан мумкин аст.

Адабиёт

1. Доклад ЦСР Таможенное администрирование в России. ФТС России, 2018.
2. Каукин А.С. Особенности эмпирических оценок гравитационной модели внешней торговли России//Российский внешнеэкономический вестник, 2013. Т. 2013. № 4.
3. Таможенная конвеция о международной перевозке грузов с применением книжки МДП (Конвенция МДП), 1975.
4. Таможенная конвенция о карнете АТА для временного ввоза товаров от 06.12.1961.

ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА ИҚТИСОДӢ
(Масоили мубрами назариявӣ ва амалӣ)

Абдуллоев М.М. - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, полковники хадамоти гумрук: Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимова 64\4. Телефон 93-869-01-01. E-mail: abdulloev.60@mail.ru

Дар мақола мушкилоти воқеии назариявӣ ва амалияи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ дар воҳидҳои оперативии самти мақомоти гумрук дар таъмини амнияти миллӣ ва иқтисодӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Зарурияти роҳҳои такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ дар самтҳои риояи сирри давлатӣ дар амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ, хусусиятҳои хоси пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолият ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, суд ва судя ва ҳамчунин тартиби баррасии мавод оид ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ нишон дода шудааст. Пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмил фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии воҳидҳои оперативии мақомоти гумрук дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо, махсус қочоқ(контрабанда) дар шароити муосир пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: мақомоти гумрук, фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ, амнияти миллӣ, амнияти иқтисодӣ, сирри давлатӣ, чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ.

ПРАВООХРАНИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ТАМОЖЕННОГО ОРГАНА В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ
(Теоретические и практические вопросы)

Абдуллоев М.М. – кандидат философских наук, доцент кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета, полковник таможенной службы: Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64\4. Телефон 93-869-01-01. Электронная почта: abdulloev.60@mail.ru.

В статье анализируются и обсуждаются реальные теоретические и практические проблемы оперативно-розыскной деятельности в оперативных подразделениях таможенных органов при обеспечении национальной и экономической безопасности. Необходимость путей совершенствования правовых и практических основ в области соблюдения государственной тайны при осуществлении оперативно-розыскных

мероприятий, особенностей представления результатов деятельности органам следствия, следователям, прокурорам, судам и судьям, а также а также показан порядок рассмотрения материалов об ограничении конституционных прав граждан при проведении оперативно-розыскных мероприятий. Предложены конкретные предложения по совершенствованию оперативно-розыскной деятельности оперативных подразделений таможенных органов по предупреждению и раскрытию преступлений, особенно контрабанды в современных условиях.

Ключевые слова: таможенные органы, оперативно-розыскная деятельность, национальная безопасность, экономическая безопасность, государственная тайна, оперативно-розыскная деятельность.

LAW ENFORCEMENT ACTIVITIES OF THE CUSTOMS AUTHORITY IN ENSURING NATIONAL AND ECONOMIC SECURITY

(Theoretical and practical issues)

Abdulloev M.M. – candidate of philosophical sciences, associate professor of the department of customs activities of the Tajik State University of Finance and Economics, colonel of the customs service: Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64\4. Phone 93-869-01-01. E-mail: abdulloev.60@mail.ru

The article analyzes and discusses real theoretical and practical problems of operational-search activities in the operational units of customs authorities in ensuring national and economic security. The need for ways to improve the legal and practical foundations in the field of maintaining state secrets in the implementation of operational-search activities, features of presenting the results of activities to investigative bodies, investigators, prosecutors, courts and judges, as well as the procedure for considering materials on the restriction of constitutional rights of citizens during operational-search activities. Specific proposals are proposed to improve the operational-search activities of operational units of customs authorities to prevent and solve crimes, especially smuggling in modern conditions.

Keywords: customs authorities, operational-search activities, national security, economic security, state secrets, operational-search activities.

Баъди соҳиистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории тоҷикон марҳилаи нав оғоз ёфта дар рушду инкишофи давлатдории тоҷикон саҳифаи навро кушод. Таҷлили 30-юмин солгарди Конститутсияи соҳиистиқлоли Тоҷикистон нишон дод, ки кафолати таъмини волояти адолати иҷтимой-ҳуқуқӣ, озодӣ, масоили сулҳу субот ва ризояту ваҳдати миллӣ, тавассути фаъолияти фарогиру хирадмандонаи асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъмин гардидааст.

Мусаллам аст, ки дар ҳаёти ҷамъиятии ҳар як давлат волояти қонун яке аз муҳимтарин принципҳои давлати ҳуқуқбунёд дониста мешавад. Дар ин замина пешгирии амалҳои ҷиноятқорона, хавфу таҳдидҳои муосир ҳаросафканӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва маводи мухаддири синтетикӣ, маблағгузории ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ бо роҳу усулҳои бо талаботи замони муосир ҷавобгуй дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ метавонад натиҷаҳои самарабахш ва самаранок диҳад.

Фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй яке аз намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ ба шумор рафта, дар асоси заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ баҳри иҷрои саривақтии вазифаҳои давлат вобаста ба мубориза бар зидди олами ҷонооткорӣ равона карда шудааст. Соҳаи нав ва дастоварди муҳим дар таҳкими базаи ҳуқуқии амалигардонии фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй ба ҳисоб рафта, яке аз самтҳои асосии соҳаи ҳуқуқи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъди соҳиб шудан ба истиқлолият ба ҳисоб меравад. Дар асл ин яке аз намудҳои фаъолият, вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ баҳисоб рафта, дар радифи дигар намудҳои илмҳои ҳуқукшиносӣ, барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо инсон ва шаҳрвандон, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Яъне, фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй ҳадафи қонунан муайяншударо дорад, ки он иборат аст: ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузи ҷинояткорона.

Давраи нави инкишофи назария ва амалияи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 баъди қабул шудани Қонуни аввалин «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯй дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ин ҷониб, оғоз гардида, ташаккул ёфта ва дар давоми солҳои истиқлолияти кишвар, ба соҳаи мустақили ҳуқуқӣ, дорои заминаи пурраи ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. **К**онунгузории фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯй вобаста ба шароити раванди инкишофи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба бо тағйиру иловаҳо дигар карда шудааст.

Аз ҷониби воҳидҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ қатъиян дар асоси муқаррароти қонунгузории амалкунанда ба манфиати шахсият, ҷамъияту давлат гузаронида мешавад. Мутобиқи мафҳуми асосии қонунгузорӣ аломатҳои асосии ифодакунандаи моҳияти фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй ба тартиби зерин ҷудо карда мешаванд: фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй ин як навъ фаъолияти расмии давлатӣ маҳсуб мешавад; субъектҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй танҳо воҳидҳои оперативии мақомоти давлатие мебошанд, ки ба он ваколатдор карда шудаанд[к]; фаъолияти субъектҳои оперативӣ ҷустуҷӯй бо ваколатҳои ба онҳо дода шуда, тибқи қонуни амалкунанда, маҳдуд карда мешавад; фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй ҳам бо усули ошкоро ва ҳам бо усули ғайри ошкоро (ноаён, пинҳонӣ) гузаронида мешавад; фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯй ҳадафи қонунан муайяншударо дорад, ки он иборат аст: тариқи ошкоро ё махфӣ, бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷинояткорона аз ҷониби мақомоти давлатии мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯй» ба ин фаъолият ваколатдодашуда тавассути чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯй иҷро мегардад[с.18].

Вобаста ба воридшавии Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук ва ғайра, муносибатҳо, усулҳои нав қонунгузориро мутобиқ ба қонунгузории байналмилалӣ, талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, зарурияти такмили қонунгузории гумрукӣ ки моҳиятан, барои ҳалли вазифаҳое, ки дар назди ин мақомот меистанд, тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд. Фаъолона ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотӣ, вобаста ба иҷозати пешакии мол, эъломия (декларатсия) кардани мол ба шакли электронӣ, ҳатмӣ пешакӣ хабардор намудани мақомоти гумрук дар бораи воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалҳои дигари инноватсионӣ, ки иштироки мақомоти гумрукро дар раванди иҷозати мол, ба таври назаррас коҳиш дода, вақти ҷудонамударо барои ба назорати гумрукӣ бо истифода аз

шаклҳои он кам мекунад, идома ёфта истодаанд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи истифодаи расмиёти ҳатмии пешакии маълумотдиҳӣ дар бораи моли воридшаванда ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути нақлиёти автомобилӣ, вақти ҷудонамуда ба мақомоти гумрук барои татбиқи назорати давлатӣ, то 3 соат ва ҳиссаи эъломияҳои молҳои ба мӯҳлати барориши як рӯзи 99,9%,-ро ташкил медиҳад. Дар чунин шароит воситаи ягонаи асосии гирифтани иттилоот оид ба ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ташкили самараноки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

Аз ҷониби дигар, шароити ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, механизми нави ба даст овардан ва татбиқи иттилооти фаъол дар бораи таҳдидҳои бехатарии иқтисодӣ ва муқовимат ба ҷиноятҳое, ки ба соҳаи фаъолияти гумрукӣ мансубанд, муқовимат ба интиқоли мол ба интиқоли сармоч ба хориҷа, ки ба маблағгузории ҳизбу ҳаракатҳои ҳаросафкан ва, ифротгароӣ ва қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои ҷиноятӣ алоқаманд, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ, қочоқӣ молу маводи дорои арзишҳои стратегӣ, сари вақт ошкор намудан, огоҳкунӣ, пешгирӣ, ошкор ва кушодани ҷиноятҳо ва шахсони онҳоро содиркунанда, амалӣ ва мувофиқи қонунҳои амалкунанда баррасӣ намудани корҳои таҳқиқотию тафтишотӣ, тасҳеҳи ҷиддӣ ва мукаммали самти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомот гумрукро талаб менамоянд. Суханронии Президенти Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Муассисаи давлатии омодасозии кадрҳои баландихтисоси низомӣ, ки вобаста ба хатарҳои муосир аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқ ва гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, ки ба субот ва оромии ҷомеа таҳдид менамоянд, моҳи октябри соли 2024, далели ин гуфтаҳо мебошад. Сарвари давлат аз ҷумла қайд намуданд. »Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки воридшавии воситаҳои нашъадор ва муомилоти он дар кишвар нисбат ба соли гузашта зиёд гардида истодааст ва ваъзият дар ин самт ташвишовар боқи мемонад.Таъкид месозам, ки то ҳол дар ҷоёҳои дилхушӣ ва ҷамъиятӣ фӯруши маводи ситетикӣ ҷой дорад ва шумораи нашъамандон ҳанӯз зиёд мебошад. Бори дигар таъкид месозам, ки даромад аз ҳисоби гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои маблағгузории терроризм ва дигар гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ мебошад. Аз ин рӯ, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки фаъолияти худро вобаста ба пешгирӣ кардани гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор куллан тағйир диҳанд».

Барои ҳалли масоили мазкур, дар навбати аввал истифодаи самарабахш аз нерӯҳо, воситаҳо, шакл ва усулҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ зарур аст. Вазифаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ ва соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта шудааст, ки дар он мақомоти гумрук яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Асосҳои татбиқи фаъолияти ҳифзиҳуқуқиро дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ ташкил медиҳад. Муқовимат бар зидди даъвату таҳдидҳо дар соҳаи амнияти миллии давлат, ҳадафи асосии такмил додани фаъолияти ҳифзиҳуқуқии мақомот мебошад.

Дар робита ба ин кушишҳои асосии воҳидҳои сохтории ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук бо огоҳкунӣ, пешгирӣ, ошкор ва кушодани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии марбут ба салоҳияти мақомоти гумрук, пешгирии роҳҳои қочоқи молу воситаҳои нақлиёт ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятпешаи муташаккил дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҷуброни зарари иқтисодии тавассути содиркунии ҷиноят ба давлат расонидашуда равона карда шудааст [4.с.22].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти воқеии назариявӣ ва амалӣ, дар фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ мақомоти гумруки кишвар дар шароити муосир аз самтҳои зерин иборат аст: зарурияти роҳҳои такмили заминаҳои санадҳои меъёри - ҳуқуқӣ ва амалии мақомоти гумрук ҳангоми амалигардонии фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ дар мубориза ба содиркунандагони ҷиноятҳои соҳаи иқтисодӣ ва қочоқ (контрабанда), гурӯҳҳои ҷиноятпешаи фаромиллӣ, маблағгузории ҳизбу ҳаракатҳои ҳаросафканӣ ва ифротгароӣ, такмили механизми риояи сирри давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ, мушкилӣ ва нофаҳмиҳо ҳангоми пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолият ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, суд ва судя, такмили ташкили фаъолияти мақомоти гумрук оид ба сифати парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноӣ, таъмини далелҳои исботкунанда вобаста ба парвандаҳои маъмурӣ ва ҷиноӣ аз ҷумла бо роҳи истифодаи самараноки системаҳои иттилоотӣ ва идораи таваккал, ҳамчунин тартиби баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ иборатанд. Ғайр аз ин мавҷудияти як қатор амалҳои зиддиқонунӣ, кирдорҳои вобаста ба номгӯи қочоқи мол аз категорияҳои ҷиноятҳои ҷиноӣ ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба мақомоти гумрук имкон намедиҳад, ки мақомоти гумрук фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯйиро бо мақсади гирифтани иттилооти зарурӣ дар бораи кирдорҳои зиддиқонунӣ ва саривақт бартараф намудани онҳо чораҷӯӣ намояд ва ҳамчунин даст доштани бархе кормандони мақомоти гумрук дар амалҳои коррупсионӣ, шараф ва мақоми мақоти гумрукро дар назари аҳли ҷомеаи шаҳрвандӣ доғдор месозанд.

Амалҳо дар боло зикршуда, метавонанд боиси ба таври назаррас камдастрас намудани иттилоот дар бораи кирдорҳои зиддиқонунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ гардида, ба коҳиш ёфтани самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук дар таъмини амнияти бехатарии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва расонидани таъсири манфӣ дар ҷамъоварии пурраи пардохтҳои гумрукӣ ва ворид шудани онҳо ба буҷаи давлат гарданд. Дар робитаба ин, бояд пеш аз ҳама кӯшишҳои асосии мақомоти гумрук дар самти пешбурди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ба даст овардани иттилоот дар бораи рӯйдодҳо ё амал (беамалии), ки ба амнияти миллӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамоянд, равона карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имкониятҳои воқеии макомоти гумрук дар марҳилаи муосир дар сатҳи пурра анҷом дода намешаванд. Сабабҳо ва омиҳои он пеш аз ҳама дар норасоги ва номукамалии қонунгузорӣ дар сами фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мақомоти гумрук; нарасидани кадрҳои боихтисос ва лаёқатманди операторӣ, ки ҷавобгӯйи муқовимат алайҳи ҷоноятқории муташаккили трансмиллӣ, ҷиноятҳои ҳаросафканию ифротгароӣ, киберҷиноятҳо, муомилоти ғариқонунии маводи мухаддир ва дигар амалу кирдорҳое, ки ба амнияти миллӣ ва иқтисодӣ хавфу хатари ҷиддӣ эъҷод менамоянд; омодасозии мутахассисони баландихтисос барои мақомоти гумрук вуҷуд надорад. Ҳатто дар Академияи гумруки давлати Федератсияи Россия, муҳассилин, донишҷӯёни тоҷик аз машғулият-ҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти фаъолияти оперативӣ ҷустуҷуӣ маҳруманд.

Мушкили дигар то ҳол асосҳои илмӣ назариявии фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ дар мақомоти гумруки кишвар вуҷуд надорад, назарияи амалиётии гузаронидани чорабинихои оперативи ҷустучӯӣ дар мақомоти гумрук кор карда нашуда, вазифаҳои асосии стратегӣ ва амалӣ вобаста ба ваколатҳои вазифавии кормандони оператии сохторҳои оперативӣ дар самти мазкур муайян карда нашудааст. Умуман тадқиқотҳои фундаменталии илмӣ дар соҳаи фаъолияти опретиви ҷустучӯи дар сатҳи монография кам

ба назар мерасад, ки ба талаботи воқеии замони муосир ҷавобгуй набуда, низоми нави идоракуниро такозо менамояд. Қонунгузориҳои амалкунанда дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва пешбурди фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ ба мақоми ваколатдори оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ додааст, ки тибқи б.2.м.461 Кодекси гумрук, мақомоти махсуси гумрукиро ташкил намояд [саҳ.374] ва дар асоси м.13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ ҷустучӯӣ» ба воҳидҳои оперативӣӣ Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Мувофиқи қ.1м.13 воҳиди оперативӣ - ҳамчун субъекти фаъолияти оперативӣ-ҷустучӯии таъминкунанда ва иҷрокунандаи ҳуқуқу вазифаҳои фаъолити мазкур муайян карда шуда, дар доираи салоҳияти худ, ки санадҳои қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар кардаанд, вазифаҳои худро иҷро менамоянд. Дар баробари дигар мақомоти амалкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва муассисаю идораҳои дар қонунзикршуда, вазифи салоҳиятнок ва пурмасъул, таъмини бехатарии иқтисодии кишварррро ба зимма доранд.

Аз самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти гумрук амнияти миллӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии зиёд дорад. Мақомоти гумрук дар доираи салоҳияташон мутобиқи банди 7м.13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ” ва банди 5 ва 6 м.467 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти анҷом додани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба мақсади ошкор кардан, пешгирӣ намудан, роҳ надодан ва кушодани ҷиноят, амалиёти таҳқиқӣ ва таъхирнопазири тафтишотӣ, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти салоҳияти мақомоти гумрук дониста шудааст, ошкор ва муайян намудани шахсоне, ки барои тайёр кардан, анҷом додан ва ҷиноят содир кардан гунаҳкоранд, гузаронанд. Дар доираи салоҳияти худ гузаронидани амалиёти таҳқиқӣ ва таъхирнопазири тафтишотиро мувофиқи тартиби муайянкардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳанд.

Мувофиқи банди 12 қ.1м 462 Кодекси гумрук бошад, вазифадоранд, ки оид ба амал баровардани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бар зидди қоҷоқ ва дигар ҷиноятҳои, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мубориза мебаранд, ғайриқонунӣ аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, яроқу лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, арзишҳои фарҳангӣ, маводи радиоактивӣ, намудҳои ҳайвоноту набототе, ки ба онҳо хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд, узв ва маҳсули (дериватӣ) онҳо, объектҳои моликияти зеҳнм, дигар молро пешгирӣ менамоянд, инчунин ба муборизаи зидди терроризми байналмилалм ва пешгирӣ кардани дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти авиатсияи граждани дар фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Илова бар ин мувофиқи банди 19 ва 20 м. 462 Кодекси Гумрук бо дархости мақоми ваколатдор дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» маълумотро аз низоми иттилоотии худ пешниҳод менамоянд ва муқовимат ба экстремизмро ба воситаи пешгирии ҳолатҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқол додани маводи экстремистии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонанд.

Ҳамчунин, мақомоти гумрук ягона мақомотест, ки дар асоси м.507 Кодекси Гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти м.6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ» ҳуқуқи гузаронидани чорабинии оперативӣ ҷустуҷӯии» таҳвили назоратшавандаи моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшавандаро дорад.

Ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ таҳвили назоратшаванда бо мақсади огоҳ намудан, ошкор кардан, пешгирӣ намудан ва кушодани ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии мол истифода бурда мешавад. Мақомоти дигари амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳвили назоратшавандаи молро бо мувофиқаи мақомоти гумрук мегузаронанд. Тартиби чунин мувофиқанамои тибқи созишномаи байни мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти дахлдори давлатии анҷомдиҳандаи амалиёти оперативию ҷустуҷӯи муайян карда мешавад ва дар якҷоягӣ ба анҷом расонида мешавад. Дар асоси моддаҳои 18 ва 20 Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон» Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 № 721, мақомоти гумрук субъекти таъминкунандаи амнияти ҷамъиятӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ ва таъмини амнияти экологӣ маҳсуб мешавад ва назоратро дар самтҳои мазкур дар шаклу усулҳои мухталиф таъмин менамояд[5]. Мақомоти гумрук дар баробари дигар сохторҳои қудратӣ субъекти мубориза бо гардиши ғайри қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо мебошад. Вале мутаасифона солҳои охир нишондиҳандаҳои мақомотдар самти пешгирии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, нисбати дигар мақомоти (ВКД ва КАМ) дастовардҳои назаррас надоранд, гарчанд дидбонгоҳҳои наздисарҳадии гумрукӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошанд [2.с.376]. Мутаасифона айни замон кормандони воҳидҳои сохтории оперативии макомоти гумрук, зимини гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мегарданд. Набудани ҳамкориҳои мутақобила ва ҳамоҳангсозии муборизаи дастаҷамъонаи сохторҳои ваколатдори мақомоти амалкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ба дастоварда ба мақомоти таҳқиқ, тафтишон ва суд, фаъолияти кормандони оперативиро ҳадди ақал коста мегардонанд.

Кушодани ҷиноятҳо вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бо роҳи оперативӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустучӯӣ ҳар соле зиёда аз 90%ро ташкил медиҳад. Қисми зиёди ин ҷиноятҳои ошкоргардида бо роҳи гузаронидани чорабинии оперативӣ - ҷустуҷӯӣ дар намуди «харидории санҷиши оперативӣ ба амал бароварда шудааст [7.сах.4]. Аз ин лиҳоз барои мақомоти гумрук низ зарур аст, ки роҳҳои нави имконияти ҳуқуқии мубориза бар зидди гурӯҳҳои ҷиноятккорро дар самти навъҳои гуногуни қочоқ аз ҷумла қочоқи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо намуда, муносибатҳои дар самти фаъолият ба миён омадаро танзим намоянд ва усулҳои ҷамъоварии далелҳо ва тартиби истифодаи онҳоро беҳтар намоянд.

Бо вуҷуди корҳои дар ин самт иҷрошуда масоили мубрами ҳалталаб ҳануз дар фаъолияти фаври ҷустучӯии макомоти гумрук боқӣ мондааст. Эҳтиёҷоти воқеӣ ҷиҳати коркард ва таҳияи вазифаҳои стратегӣ ва амалии сохторҳои оперативии мақомоти гумрук дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, воситаҳои бо роҳу усулҳои бо талаботи замони муосир ҷавобгуй, иҷро ва амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, такмили меъёрҳои санадҳои қонунгузории мавҷуда дар самти фаъолияти мақомоти гумрук вобоста ба таҳдид ва хавфу хатарҳои муосир вуҷуд дорад.Ҷиҳати пешгири кардани омилҳои номатлуби зикршуда, истифодаву татбиқи таҷрибаву усулҳои нави муосир, такмил ва

тақвияти низоми омодасозии кадрҳои баландихтисоси оперативӣ андешидани тадбирҳои зерин зарур ва самарабахш аст:

- Таҳкими ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти гумрук бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар самтҳои фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, мурофиаи ҷиноятӣ маъмурӣ ва ғайра;
- Таҳияи дастурамалҳо, низомномаю дастурҳои методӣ оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустучӯӣ дар мақомоти гумрук, тарзу усули гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ бо мувофиқа ва риояи ҳатмии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи сиррӣ давлатӣ» барои кормандоне, ки дорои салоҳияти машғул шудан ба фаъолияти оператӣ – ҷустуҷӯӣ ҳастанд.
- Истифодаи самаранокии фаъолияти ғайри ошкорои воҳидҳои оперативӣ-ҷустучӯии мақомоти гумрук дар ҳалли масоили соҳаи амнияти дохилӣ ва амнияти байналмилалӣ (муқобилият ба пешгирии аслиҳаи қатли ом, муборизa бар зидди ҳаросафканӣ ва ифротгароӣ, харидуфурӯши маводи мухадир, қочоқ. Фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ дар самти фаъолияти иқтисодӣ хориҷӣ), бояд ҳамчун механизми тавоно, унсури асосии муқовимат бар зидди таҳдидҳо ва хатарҳо ба амнияти миллӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шавад.
- Такмили назорати асъор, моликияти зеҳнӣ, муқовимат ба гардиши молҳои қалбакӣ, ошкоркунӣ ва пешгирии «одамрабоӣ», кӯшишҳои одамҷалобон оид ба убур намудани сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз низоми пайгири (могиторинг) ва системаи идораи таваккал, беҳбудиро тақозо дорад.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи муосир, вазифаи асосии воҳидҳои сохтори оперативии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қонунгузории амалкунанда, мисли пештара ба даст овардани маълумоти қаблӣ оид ба таҳдиду хатарҳо ба амнияти миллӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, огоҳкунӣ, пешгирӣ, ошкор ва кушодани ҷиноятҳо аз ҷониби субъектони фаъолияти иқтисодӣ хориҷӣ дар самти фаъолияти гумрукӣ, ва ҳамчунин маълумот дар бораи шахсони онҳоро тайёркунанда, содиркунанда ва содиршаванда мебошад.

Бо назардошти талаботи Сарвари давлат зарурияти воқеӣ фаро расидааст, ки вазифаҳои муҳими стратегӣ ва амалии воҳидҳои сохтори оперативии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба вазъи ҷаҳони муосир ва хатару таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ва иқтисодӣ тарҳрезӣ карда шаванд. Дар навбати худ, омӯзиши истифодаи воситаҳои техникии махсус ва шаклу усулҳои муосири кишварҳои пешқадам оид ба амалисозии чорабиниҳои оперативӣ-ҷустучӯии воҳидҳои сохтори оперативии мақомоти гумрукӣ дар фаъолияти рузмарра коркард ва мавриди истифода қарор дода шавад. Зарурияти такмил ва таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ вобаста ба талаботи замони муосир ҷавобгуй, ки самти фаъолияти оперативӣ-ҷустучӯиро танзим менамояд ва ҳамчунин таҳия ва такмили асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти оперативӣ –ҷустуҷӯии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои амнияти миллӣ ва таъмини бехатарии иқтисодӣ муайян менамоянд ба миён омадааст.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011с., №687

2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Матбаа»-и Хадамоти гкмруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе -2018.

3. Тафсири илмии Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе -2020.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи миёна муҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» аз 1 ноябри соли 2019 № 537.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» Дар бораи амният» аз 5 марти соли1997, № 244

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузоии паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 25 марти соли 2011, № 684;

7. Зоиров Ҷ.М. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", Душанбе. «Шуҷоиён» -2009с.

8. Раҳимзода Р.Ҳ. Харидории санҷишии оперативиии воситаҳои нашъадор, Душанбе «Ирфон» 2015с.

МАВҚЕИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Давлатов Х.М. - н.и.и., дотсент мудири кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. тел. 919-27-67-76

Дар мақола вазифаҳои мақомоти гумрук бо назардошти мавқеи он дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии молистеҳсолкунадагони ватанӣ ва ташаккули даромади буҷети давлатӣ мавриди таҳлил ва арзёби қарор гирифтааст. Воситаҳо ва усулҳое, ки мақомоти гумрук барои таъмини амнияти иқтисодии кишвар истифода мебарад, муайн карда шудаанд. Муаллиф зарурият истифодабарии тадбирхои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилро барои таъмини амнияти иқтисодии кишвар асоснок намудааст. Дар мақола таъкид карда мешавад,ки давлат бояд амнияти иқтисодиро тавассути баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолкунандагони миллӣ дар бозорҳои молии ҷаҳонӣ, такмили сохтори содирот, оқилонагардонии воридот, васеъ намудани бозори молҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими соҳибихтиёрии иқтисодии кишвар ва беҳбудии вазъи некӯаҳволии аҳолӣ таъмин намояд.

Калидвожаҳо: савдои хориҷӣ, вазифаҳои мақомоти гумрук, пардохтҳои гумрукӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ,боҷҳои гумрукӣ, амнияти иқтисодӣ, сиёсати гумрукӣ, содирот,воридот, ҳифзи ҳуқуқ.

РОЛЬ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Давлатов Х.М. – н.и.и., доцент, заведующий кафедрой таможенного дела Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14. тел. 919-27-67-76

В статье анализируются и оцениваются обязанности таможенного органа с учетом его роли в обеспечении экономической безопасности страны, защите экономических интересов отечественных товаропроизводителей и формировании доходов

государственного бюджета. Определены средства и методы, используемые таможенными органами для обеспечения экономической безопасности страны. Автор обосновал необходимость использования правовых, экономических и организационных мер для обеспечения экономической безопасности страны. В статье подчеркивается, что государство должно обеспечить экономическую безопасность путем увеличения экспортного потенциала, повышения конкурентоспособности продукции национальных производителей на мировых товарных рынках, совершенствования структуры экспорта, рационализации импорта, расширения рынка товаров Республики Таджикистана, укрепления экономики страны. обеспечить экономический суверенитет и повышение благосостояния населения.

Ключевые слова: внешняя торговля, функции таможенных органов, таможен-ные платежи, внешнеэкономическая деятельность, таможенные пошлины, экономи-ческая безопасность, таможенная политика, экспорт, импорт, правоохранительная.

THE POSITION OF CUSTOMS AUTHORITIES IN THE ECONOMIC SECURITY OF THE COUNTRY IN MODERN CONDITIONS

Davlatov Kh.M. – research assistant, associate professor, head of the department of customs affairs at the Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. tel. 919-27-67-76

The article analyzes and evaluates the tasks of customs authorities, taking into account their role in ensuring the economic security of the country, protecting the economic interests of domestic producers, and forming the state budget revenue. The means and methods used by customs authorities to ensure the economic security of the country are determined. The author substantiates the need to use legal, economic, and organizational measures to ensure the economic security of the country. The article emphasizes that the state should ensure economic security by increasing export potential, increasing the competitiveness of products of national producers in world commodity markets, improving the export structure, rationalizing imports, expanding the market for goods of the Republic of Tajikistan, strengthening the country's economic sovereignty, and improving the well-being of the population.

Keywords: foreign trade, tasks of customs authorities, customs payments, foreign economic activity, customs duties, economic security, customs policy, exports, imports, law enforcement.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосӣ амнияти иқтисодии кишвар мебошад, ки низоми муташаккил ва бо ҳам алоқамандро пешбинӣ менамояд, ки истиқлолияти иқтисодӣ, самаранокӣ, рақобатпазирӣ, субот, устувориро таъмин намуда , ба рушди босуботи иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст , ки дар байни олимон оид ба мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» назари якгона вуҷуд надорад. Дар маҷмӯъ, мо метавонем се равиши асосии консептуалиро барои муайян кардани моҳияти амнияти иқтисодӣ ҷудо кунем, ки ҳар яки онҳо тафсирҳои гуногуни муаллифии ин истилоҳро пешниҳод мекунанд.

Равиши аввал бо баррасии амнияти иқтисодӣ ҳамчун маҷмӯи шарту омилҳое, ки рушд, самаранокии иқтисодӣ ва ҳифзи иқтисодиётро аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ таъмин мекунанд, алоқаманд аст (Л.И.Абалкин, А.И. Илларионов, Т.Н. Агапова, А.И. Татаркин, А.А. Куклин, А. ғайра). .

Равиши дуюм амнияти иқтисодиро ҳамчун ҳолати иқтисодиёте муайян мекунад, ки дар он рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва миллӣ ва муқовимат ба таъсири омилҳои манфӣ ва нооромкунанда таъмин мегардад (В.К.Сенчагов, С.Ю.Глазьев, Г.С.Вечканов, Г.С. Д. В Гордиенко, И.Я Богданов, В. А.А. Пороховский, А.П. Градов ва гайра)

Равиши сеюм мафҳуми «амнияти иқтисодӣ»-ро ҳамчсун хусусияти ё тавсифи низоми иқтисодӣ шарҳ медиҳад (В.Л. Тамбовцев, С.А.Афонцев, В.А.Савин, А.В.Возженников, Е.М.Бухвальд, Н.Г.Гловатская, С.В.Лазуренко, Ю.И.Владимиров, А.С.Павлов. ва ғ.) [3].

Таъмини амнияти иктисоди гарави ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ва инчунин шарти субот ва фаъолияти пурсамари ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти иқтисодӣ яке аз муҳимтарин афзалиятҳои миллӣ мебошад. Амнияти иктисодии кишвар низоми мураккабе мебошад, ки намудҳои гуногуни амниятро фаро мегирад: озуқаворӣ, молиявӣ, энергетикӣ, инноватсия, иқтисоди хориҷӣ ва ғайра.

Бояд гуфт, ки мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни мақомоти иҷроия, ки фаъолияти иқтисодии хориҷии кишварро танзим менамоянд, инчунин вазифаҳои таъмини амнияти иқтисодии давлатро иҷро мекунанд, ҷойи муҳимро ишғол менамоянд. Хадамоти гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳид сохтории мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки фаъолияти он ба таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ равона гардидааст.

Мақомоти гумрук бо фаъолияти худ ба ҳалли қатор мушкилотҳои асосии иктисодӣ мусоидат мекунад. Ҳангоми истифода бурдани чорахо барои ҳифзи истехсолкунандагони ватанӣ, мақомоти гумрук саноати миллиро аз рақибони хориҷӣ ҳимоя мекунад. Мақомоти гумрук дар таъмини амнияти иктисодии давлат нақши махсус мебозад. Дар баробари ин нақши мақомоти гумрук аз сабаби тезу тунд шудани вазъияти геополитикӣ, ки боиси ба миён омадани мушкилотҳои иктисодӣ ва сиёсӣ чӣ дар арсаи байналхалкӣ ва чӣ дар дохили давлат оварда мерасонад, сол то сол меафзояд. [4].

Ширкати фаъолонаи мақомоти гумрукии кишвар дар таъмини амнияти иқтисоди бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ҷузъи таркибии он савдои хориҷӣ дар айни ҳол ба вазъи кунунии геопалитикӣ, мушкилоти иқтисодӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналхалқӣ ва дар натиҷа ба миён омадани хавфу хатарҳои нав ба рушди иқтисоди миллӣ алоқаманд мебошад. Вазифаи таъмини амнияти иқтисодии кишвар роҳнамои стратегии мақомоти гумрук ва баланд бардоштани дараҷаи он мақсади стратегӣ мебошад. Мақомоти гумрук дар соҳаи таъмини амнияти иқтисодӣ амал намуда фаъолияти худро ба ҳалли мушкилоти рушди иқтисодиёт кишвар умуман, соҳаҳои он, ташкилотҳои хоҷагидории алоҳида, амали гардонидани сиёсати берунӣ, нигоҳ доштани қобилияти мудофиавӣ ва ҳифзи сарҳади давлатӣ равона месозад.

Қайд карда бамаврид аст, ки тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти гумрукӣ дар вазифаҳо ба уҳдаи мақомоти гумруки кишвар гузошта шуда таҷассум меёбанд. Аз ҷумла инҳоянд:

Назорати-асосан ба амали намудани назорати гумрукӣ ва иҷозати мол ҳангоми аз ҷониби ширкаткунандагони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ анҷом додани амалиёти гумрукӣ ва декларатсияи гумрукӣ, инчунин назорати нақлиёт, асъор, содирот, радиатсионӣ экологӣ ва дигар намудҳои назорат, ки ба уҳдаи мақомоти гумрук вогузор карда шудааст;

-танзимнамой-ба воситаи муқарар намудани тарифҳои гумрукӣ, мамнуниятҳо, маҳдудиятҳо, иҷозатномадиҳӣ, квотҳо, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёти миллӣ;

- ҳифзи ҳуқуқ-ба таъмини амнияти кишвар (ҳимояи амнияти давлат, тартибот ҷамъиятӣ, ҳаёт ва саломатии одамон), ҳифзи ҳайвонот ва растаниҳо, муҳити табии, ҳимояи манфиати истеъмолкунандагони ватанӣ ба воситаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ равона карда шудааст;

Ҳавасмандгардонӣ-фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ хориҷӣ ва технологияи муосир ба иқтисодиёти миллӣ, инчунин истеҳсол ва афзоиши маҳсулоти содиротӣ;

проктексионистӣ-ташаккули шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти ватанӣ ва бозори дохилӣ ҳимояи молистеҳсолкунандагонӣ ватанӣ аз рақобати номатлуб ба молистеҳсолкунандагони хориҷӣ дар бозори дохилӣ;

Фискалӣ-ситонидани пардохтҳои гумрукӣ барои пур кардани қисми даромади буҷети давлати ва дигар пардохтҳое, ки ба уҳдаи мақомоти гумрук вогузор гардидааст;

Мутобиқи моддаи 460 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти гумрук дар доираи салоҳияти худ амнияти иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишварро таъмин мекунад. Мақомоти гумруки кишвар бо истифода аз вазифаҳои ба зиммаи ӯ вогузор гардида ба фаъолият субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ таъсиррасонида онҳоро ба риояи талаботҳои қонунгузории гумрукии кишвар ҳавасманд менамояд. Ҳангоми иҷрои ҳар яке аз вазифаҳои худ мақомоти гумрукии кишвар метавонанд дар як вақт дар таъмини амнияти иқтисодӣ, молиявӣ, озуқаворӣ, маданӣ ва иттилооти иштирок намояд.

Истифодаи маҷмуи тамоми тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дигар тадбирҳоро ҳадафҳои зеррин муайян мекунанд:

-таъмини ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар;

-муносибсозии равандҳои рушд ва таъмини самаранокии фаъолияти савдои хориҷӣ;

Ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт миллӣ ва ҳифзи он аз воридшавӣ хиробиовари хориҷӣ;

Ин мақомот вазифаҳои худро мустақилона ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти гуногуни давлатӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии эътироф намудаи кишвар амалӣ менамоянд.

Ҳама молҳое, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, ҳатман таҳти назорати гумрукӣ қарор мегиранд, яъне. мол бояд дар зери ин ё он низоми гумрукӣ ҷойгир карда шавад.

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи мамнӯиятҳо ва маҳдудиятҳои воридоти молҳо ва содироти онҳоро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қонунгузории кишвар муқаррар кардааст, амалӣ менамоянд. Дар шароити муосир ҳамаи кишварҳо барои аз рақобати ногувор ҳимоя кардани молистеҳсолкунадагони ватанӣ дар бозори дохилӣ усулҳои гуногунро аз чумла усулҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ истифода мебаранд.

Дар амалия боҷҳои гумрукии воридотӣ ва содиротӣ истифода бурда мешаванд, ки маҳз онҳо манбаи муҳими вуруди маблағ ба хазинаи давлат буда, воридоти молро ба кишвар танзим мекунанд. Боҷҳои гумрукие, ки нархи молро зиёд мекунанд, пеш аз ҳама бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар татбиқ мегардид. Боло рафтани тарифҳои гумрукӣ боиси афзоиши даромадхо ва рушди истеҳсолоти дохилӣ бошад ҳам,он

набояд доимӣ бошад, зеро ин метавонад ба афзоиши қочоқ ва коҳиши воридотиконунӣ оварда расонад. [1].

Вазифаҳои иқтисодии мақомоти гумрук ба самҳои инкишофи робитаҳои берунии иктисод кишвар, дар навбати аввал савдо бо дигар кишварҳо таъсири калон мерасонанд. Барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ истифода мешаванд, ки давлат бо кӯмаки онҳо қоидаҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ муқаррар менамояд. Ҳамин тариқ, чунин воситаҳо мамнӯиятҳо ва маҳдудиятҳоро дарбар мегиранд.

Рушди робитаҳои иқтисодии берунӣ талаб менамояд, ки хадамоти гумрук пайваста таҷдид карда шавад. Ҳадафи асосии таҷдид дарёфти роҳҳои мувофиқтарини ҳалли мушкилоте мебошад, ки дар назди мақомоти гумрук дар соҳаи танзими савдои хориҷӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисодии давлат истодаанд[5].

Ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар ба андозаи зиёд таҳия ва тадбиқи самаранокии сиёсати молиявӣ вобаста мебошад. Дар ин раванд мақомоти гумрукӣ кишвар фаъолона ширкат намуда, дар ғани гардонидани қисми даромади буҷети давлати тавассути маъмуригунонии пардохтҳои гумрукӣ ва дигар падохтҳое, ки ситонидани онҳо ба зимаи мақомотҳои гумруки вогузор гардидааст, нақши муҳим мебозанд.

Амали намудани вазифаи хазинадорӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини дар таъмини амнияти иқтисодӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар мебошад. Ин самти фаъолият барои тамоми низоми ягонаи мутамаркази Хадамоти гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст.

Вазифаи хазинавӣ аз он иборат аст, ки боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, пардохтҳо қисми зиёди даромади буҷети давлатиро таъмин мекунанд, ки ба давлат имконият медиҳанд, ки вазифаҳои муҳимтарини худро ичро кунанд, масалан монанди: таъмини амнияти миллии давлат; нигоҳдори соҳаи иҷтимоӣ; инкишофи илм ва гайра. [2].

Тадбиқи амалии вазифаи мазкури мақомоти гумрук устувории ғанигардонии буҷети давлатӣ таъмин намуда барои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ҳамгирои самараноки он ба хоҷагии ҷаҳони шароит фароҳам меоварад. Ҳаминро қайд намудан аз рӯи адолат аст, ки ғанигардонидани буҷетӣ давлатӣ аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ барои иқтисодиёти кишвар омили мусбӣ намебошад. Дар ҳақиқат агар буҷет давлат аз ҳисоби содироти молҳои дар ташаккули занҷири арзишҳо дорои арзиши иловагии баланд ё воридот молҳое, ки бо сабаби афзалиятҳои табӣ ё бадастовардашуда имкониятҳои истеҳсоли онҳо дар кишвар нест ғани гардонида шавад барои рушди иқтисодиёт кишвар омили мусбӣ мебошад. Аммо агар аз ҳисоби содирот ашёи хом ва воридоти молҳое, ки барои истеҳсоли онҳо дар кишвар шароит мусоидат фароҳам аст буҷет давлат пур карда шавад, пас чунин модели дастгирии молиявӣ ба амнияти иқтисодии кишвар таҳдид менамояд.

Дар фаъолияти гумрукӣ дар аввал вазифаи фискалӣ бартарӣ дошт, ки он аз ситонидани боҷҳо ва ба бучети давлатӣ фиристодани онҳо иборат буд. Дар айни замон мақомоти гумрук яке аз манбаъҳои муҳими даромади буҷети давлатӣ бокӣ мондаанд, зеро падохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтхоро, ки ситонидани онхо ба зиммаи онхо вогузор шудааст меситонанд, дуруст ҳисоб кардан ва сари вақт супурдани ин пардохтҳоро назорат мекунанд ва барои маҷбуран ситонидани онҳо чораҳо меандешанд.

Татбиқи вазифаи молиявӣ барои таҳкими амнияти иқтисодии давлат, инчунин барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ шароит фароҳам меорад. Бо ёрии ин функсия ташаккули ҷараёнҳои молиявии давлатӣ дар ҳаҷми зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ

таъмин карда мешавад. Пеш аз гузаштан ба ҷанбаҳои минбаъдаи таҳлил муайян намудани унсурҳои ташаккулдиҳанда даромадҳои гумрукӣ муҳим арзёби мегардад. Дар айни замон шумораи зиёди намудҳои пардохтҳоии гумрукӣ татбиқ карда мешаванд. Ҳамаи ин намудҳоро метавон дар асоси моддаи 340 Кодекси гумруки ҶТ ба чор категорияи асосӣ тақсим кард: боҷҳои гумрукӣ; ААИ ҳангоми воридоти мол ба қаламрави кишвар ситонида мешавад; андозҳои аксизӣ; пардохти махсус. [6].

Ба пардохтҳои гумрукӣ инчунин боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо барои молҳои воридшаванда истифода шахси бо меъёр ягона пардохташаванда низ дохил мешавад. Ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки пардохтҳои гумрукӣ нисбат ба номгӯи пардохтҳои гумрукие, ки қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад васеътар мебошад.

Барои пардохтҳои гумруки инчунин боҷҳои зиддидемпингӣ, ҷубронӣ махсус ва дигар пардохтҳои барои ҳимояи бозори дохилӣ пешбинишаванда дохил мегардад. Ин пардохтҳо даромад аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ буда тибқи қоидаҳое, ки Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд ситонида мешаванд. Аммо онҳо пардохтҳои гумрукии эътироф намешаванд хусусияти дигари ҳуқуқи доранд ва дар механизми танзими давлатии савдои хориҷи дигар вазифаҳоро иҷро менамоянд.

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро, ки амнияти иқтисодии кишварро ҳифз мекунанд, ба амал мебароранд, зеро мувофиқи моддаи 460 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд. Ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти гумрук соҳибихтиёрии иқтисодӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гумрукиро ҳимоя мекунанд. Самти ҳуқуқии фаъолияти мақомоти гумрук дар раванди татбиқи чораҳои маҷбурӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти гумрук бо мақсади мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳо равшан зуҳур мегардад. Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи мақомоти гумрук ба таъмини фаъолияти гумрукӣ бо воситаҳои танҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хос, ошкор ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳо ҳангоми аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани мол ва дигар ашё равона карда шудааст. Ин ба мақомоти гумрук имкон медиҳад, ки ҳангоми назорати гумрукӣ, ҳангоми интиқоли мол аз сарҳад ва пардохти боҷҳои гумрукӣ ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои гуногунро ошкор ва пешгирӣ намоянд.

Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии гумрукиро пеш баранд ва чунин парвандаҳоро тибқи қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ намоянд; мутобики қонунгузории мурофиавии ҷинояти таҳқиқ ва гузаронидани амалиёти таъчилии тафтишӣ, инчунин чорабинихои оперативи-тафтишотӣ гузаронанд.

Яке аз вазифаҳои муҳими мақомоти гумрук пешбурди омори гумрукии савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омори махсуси гумрукӣ мебошад

Пешбурди омори гумрукӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ муҳим аст, зеро дар асоси итттиоллот, яъне маълумот оид ба савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодӣ қарорҳои дахлдори идоракунӣ қабул карда мешаванд. Пешгирӣ ва роҳ надодан ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо метавонад хусусияти иқтисодӣ дошта бошад ва ба вазъи амнияти иқтисодии кишвар таъсир расонад.

Фаъолияти амалии аввалиндараҷаи баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукии молҳое, ки дорои объектҳои моликияти зеҳнӣ мебошанд, ҳамкории мақомоти қонунгузорӣ ва гумрукии кишвар доир ба масъалаҳои таъмини танзими ҳуқуқии ҳимояи

моликияти зеҳнӣ, ҳамкории доимӣ бо соҳибони ҳуқуқи муаллиф ва ташкилотҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мебошад. Мақомоти гумрук риояи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ таъмин мекунанд, бо мақомоти гумрук ва дигар мақомоти давлатии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалие, ки ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ машғуланд ҳамкорӣ менамояд. Бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ,инчунин мувофики уҳдадорихои байналхалкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мусоидат намудан ба рушди фаъолияти савдои хориҷӣ чорбиниҳоро амали менамояд. Дар баробари рушди ҳамкориҳои иқтисодии байни давлатҳо зарур аст, ки корҳои муштарак оид ба такмили фаъолияти мақомоти гумрук ва васеъ намудани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ анҷом дода шаванд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки фаъолияти мақомоти гумрук ба таъмини амнияти иқтисодӣ, рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва ташаббуси соҳибкорӣ дар дохили кишвар, инчунин мувофиқати ҷанбаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи гумрук нигаронида шудааст. Дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар нақши муҳимтаринро мақомоти гумрук мебозанд, зеро онхо вазифахои гуногунро ичро карда, бевосита ё бавосита дар таъмини амнияти иктисодии кишвар иштирок мекунанд. Дар баробари ин, таъмини амнияти иқтисодии кишвар танҳо салоҳияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон нест. Амнияти иктисодӣ бояд аз тарафи тамоми низоми мақомотҳои давлати дастгири карда шавад. Давлат бояд амнияти иқтисодиро тавассути баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолкунандагони миллӣ дар бозорҳои молии ҷаҳонӣ, такмили сохтори содирот, оқилонагардонии воридот, васеъ намудани бозори молҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими соҳибихтиёрии иқтисодии кишвар ва беҳбудии вазъи некӯаҳволии аҳолӣ таъмин намояд.

Адабиёт

1. Абдуллоев С.И., Хоҷахонова Г.К.Ситонидани пардохтҳои гумрукӣ яке аз шаклҳои идоракунӣ дар мақомоти гумрук. //Маводи конференсияи илмӣ-назариявии конференсияи илмӣ -назариявии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳидавлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Солҳои рушди саноат (2022-2026) (18-23 апрели 2023).

2. Антоновская Е.А. Планирование доходной части федерального бюджета РФ // Вестник Чувашского университета. 2016. № 3. С. 109-114.

3. Вякина И.В. Концептуальные вопросы определения экономической безопасностина микро-, мезо- и макроуровнях // Национальные интересы: приоритеты и безопасность.2016. № 6. С. 73–85.

4. Давлатов Х.М. Мавқеи мақомоти гумрук дар таъмини рушди иқтисодии кишвар .//Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба «Солҳои рушди саноат» (2022-2026) (23 декабри соли 2023) – Душанбе, 2023.- 330 саҳ 95-99

5. Квятович, А. А. Роль таможенных органов в обеспечении экономической безопасности Республики Беларусь в процессе интеграции в Евразийский экономический союз//материалы междунар. науч.-практ. круглого стола– Минск : БГУ, 2021. – С. 121-126.

6. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – (Ахбори Маҷлиси Олии ҶумҳуриитТоҷикистон) аз, 04.04.2021. №1600 - 348 с.

РАВИШҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ДАР ИҚТИСОД ВА АЛОҚАМАНДИИ ОНҲО БО АСИММЕТРИЯИ ИТТИЛООТИИ ГУМРУКӢ

Нидоев Н.Ф. - д.и.и., и.в. профессори кафедраи фаъолияти гумрукии факултети муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар мақола аҳамияти равишҳои институтсионалӣ дар иқтисодиёт ва алоқамандии онҳо бо асимметрияи иттилоотии гумрукӣ ҷиҳати самарабахш таъмини намудани хизматрасониҳои тиҷоратӣ дар доираи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил карда шудаанд. Инчунин, моҳияти назарияи муносибатҳои агентӣ ва амалҳои принсипиал бо назардошти оқибатҳо ва роҳҳои коҳиш додани таъсири манфии асимметрияҳои иттилоотӣ дар таҳкими навгониҳои фаъолияти гумрукӣ баррасӣ шудаанд.

Вожаҳои калидӣ: равишҳои институтсионалӣ, асимметрияи иттилоотӣ, муқаррарот ва хароҷотҳои транзаксионӣ, амалҳои принсипал ва агент, механизмҳои ҳамоҳангсозии иерархӣ, тағйирёбандаҳои тасодуфӣ; роҳҳои беҳтар намудани ассиметрияи иттиллоотӣ.

ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ПОДХОДЫ В ЭКОНОМИКЕ И ИХ СВЯЗЬ С ИНФОРМАЦИОННОЙ АСИММЕТРИЕЙ ТАМОЖНИ

Нидоев Н.Ф. - д.э.н., и.о. профессор кафедры таможенная деятельность Таджикского государственного университета коммерции (г. Душанбе, Республика Таджикистан)

В статье анализируется важность институциональных подходов в экономике и их связь с асимметрией таможенной информации для эффективного предоставления коммерческих услуг в рамках требований правовых норм. Также обсуждается суть теории агентских отношений и принципиальные действия с учетом последствий и путей снижения негативного влияния информационной асимметрии на усиление инноваций в таможенной деятельности.

Ключевые слова: институциональные подходы, информационная асимметрия, условия и транзакционные издержки, действия принципала и агента, иерархические механизмы координации, произвольные величины; пути улучшения информационной асимметрии.

INSTITUTIONAL APPROACHES IN THE ECONOMY AND THEIR RELATIONSHIP WITH THE INFORMATION ASYMMETRY OF CUSTOMS

Nidoev N.F. - d.e.s., professor department of customs acting of the Faculty of International Economic Relations, Law and Customs, of the Tajik State University of Commerce /tguk/ (Dushanbe city)

The article analyzes the importance of institutional approaches in the economy and their connection with customs information asymmetry i within the requirements of legal regulations. Also, the essence of the theory of agency relations and principled actions, taking into account the

consequences and ways to reduce the negative impact of information asymmetries in the strengthening of innovations in customs activity, are discussed.

Key words: institutional approaches, information asymmetry, provisions and transaction costs, principal and agent actions, hierarchical coordination mechanisms, random variables; ways to improve information asymmetry.

Ба равишҳои институтсионалӣ дар иқтисод ва алоқамандии онҳо бо асимметрияи иттилоотии гумрукӣ дахл карда, мо бояд, ба назарияҳои асосии институтсионалие, ки то имрӯз дар илми иқтисодӣ ташаккул ёфта истодаанд, муфассалтар шинос шуда, ҳар кадоми онҳоро дар фаъолияти муассисаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла бо муносибатҳои гумрукӣ ҷихати бо ҳамдигар пурра намуданашон дар доираи мисолҳои равшани соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ бо мақомоти гумрук баръало нишон диҳем.

Бисёр муҳим аст ба ёд овардани ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022, ки омадааст: «Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд. Вазъи имрӯзаи илми кишвар тақозо менамояд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд» [2,].

Вобаста ба ин, хусусиятҳои асосии чаҳор соҳаи маъмултарини иқтисоди институтсионалиро омӯхтан ба манфиати ҷомеа аст, ки иборат аз чунин таълимотҳо мебошанд:

- таълимоти муносибатҳои агентӣ;
- таълимоти рафторӣ;
- таълимоти эволютсионӣ;
- назарияи ҳуқуқи моликият.

Дар ин бора, баррасии муқарраротҳои асосии таълимоти назарияҳои транзаксионии Рональд Коуз [3, саҳ. 3-27] ва институтсионалии хароҷоти транзаксионии Уильямсон, Оливер Итон [6, саҳ. 5-13] имконият медиҳанд, ки самаранокии ҳамкории агентҳоро дар доираи ҳар як муассисаҳои таҳсилоти олӣ, илмию тадқиқотӣ ва иҷтимиию иқтисодӣ ба назар гирифта, дараҷаи муайяни универсалиро мутобиқ ба соҳаҳои илми институтсионалӣ арзёбӣ кунем. Амалияи ҷаҳонии равишҳои институтсионалӣ дар иқтисод ва алоқамандии онҳо бо асимметрияи иттилоотии гумрукӣ собит намудааст, ки татбики ин назарияҳо аҳамияти хосае дар шарҳ додани фаъолияти институтҳои алоҳидаи иктисодӣ муҳокима ва арзёбӣ карда мешаванд.

Барои мисол, назарияи муносибатҳои агентӣ дар солҳои 70-уми асри XX ба вуҷуд омада, намояндагони намоёни он С.Росс, Ҷ.Мирлис ва Ҷ.Стиглиц буда, асоси ин назария, проблемаи ба истилоҳ «агенти асосӣ» мебошад, ки ба мавҷудияти асимметрияи иттилоотӣ байни муштарӣ, ҳама гуна амалҳои принсипал ва иҷрокунандаи онҳоро ҳамчун агент асос мекунад. Ба ин маъно, ин назарияро метавон як варианти рушди назарияи иттилоотии аз нав коркардашуда, аз ҷониби Кеннет Джозеф Эрроу арзёбӣ кард [7, 3-17, 43-51].

Моҳияти проблемаи ба истилоҳ «агенти асосӣ» дар он аст, ки дар фаъолиятаташон онҳо амалҳои иҷрошавандаи муштариро нисбат ба иҷрокунанда дар асоси асимметрияи

иттилоотӣ байни амалҳои корфармо (принсипал) ва иҷрокунандаи онҳо (агент) роҳандозӣ карда, заминаи робитаҳои қаввии дуҷониба байни муштарӣ ва иҷрокунанда асос ёфта, оид ба муомилот ва шартҳои муҳими иҷроиши саривақтии он маълумоти дақиқ ба даст оварда мешавад.

Вобаста ба ин, дар Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019 тасдиқ карда шудааст, ҳадаф, вазифа ва самтҳои асосии рушди мақомоти гумруки ҷумҳуриро бо дар назар доштани таъсироти танзими гумрукӣ ҳамчун васоити танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ ба раванди ҳамгироии иқтисодиёти миллиро дар фазои иқтисодиёти байналмилалӣ муайян менамояд [1, Саҳ 3-68].

Мушкилоти алоҳидаи рушди институтсионалӣ ва техникии мақомоти гумруки ҷумҳурӣ, ҳалли худро наёфтанд, ки барои пурра ва куллан мутобиқ шудан ба тағрибаи савдои мунтазам тағйирёбанда имкон намедиҳанд ва дар навбати худ ба коҳишёбии самарабахши маъмуригардонии гумрукӣ, рақобати бевиҷдонона ва афзоиши интиқоли ғайриқонунии мол тавассути сарҳади гумрукӣ, ба бозори дохилӣ роҳ ёфтани молҳои воридотии пастсифат ва зуҳроти дигари манфӣ оварда мерасонанд.

Мутобиқи банди 11 Барномаи миёнамуҳлати зикргардида, мушкилотҳои коҳишёбии маъмуригардонии гумрукӣ, ривоҷу равнақ ёфтани рақобати бевиҷдонона ва афзоиши интиқоли ғайриқонунии молҳо ба бозори дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 14 номгӯй пешниҳод карда шудаанд, ки муҳимтаринашон ба назари мо 4-тои онҳо мебошанд:

Дар баробари ин, бо дарназардошти душвории муайян намудани молик – бенефитсиар, дар сурати муайян нагардидани он, метавонад ҳамчун мақоми ягонаи иҷроияи мизоҷ эътироф карда шавад. Самти муҳимми муқовимат ба иқтисодиёти пинҳонӣ назорат дар гумрукҳо ва дидбонгоҳи гумрукӣ ба иҷрои саривақтии уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории гумрук, аз ҷумла дар бобати иҷрои дархостҳои мақомоти гумрук аст, ки ба таъмини шаффофияти фаъолияти иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла муқовимат ба саркашӣ аз пардохти боҷҳо тавассути ширкатҳои офшорӣ ва «ширкатҳои якрӯза» мусоидат менамояд.

Раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт, дар баробари паёмадҳои мусбат, оқибатҳои манфии марбут ба ҷиноят ва аз байн рафтани маблағҳои зиёд тавассути истифодаи юрисдиксияи сабук ба бор меорад. Мусаллам аст, ки як қисми даромад ва фоидае, ки аз фаъолият дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи ғайриқонунии механизми муайян намудани бенефитсиар гирифта шудааст, дар кишварҳои дигар андозбандӣ карда мешавад. Нишондиҳандаи «Doing Bisiness»–«Пешбурди соҳибкорӣ», ки ҳамасола аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ ҳисоб карда

мешавад, яке аз нишондиҳандаҳои маъмули пешбурди фаъолият дар мамлакати мушаххас ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки усулҳои дар иқтисодиёти пинҳонӣ татбиқшавандаи саркашӣ аз пардохти андоз гуногун мебошанд ва, аз ин рӯ, мубориза бо онҳо низ бояд доимӣ, ҳамаҷониба ва қатъӣ бошад.

Мавқеи ҷомеа оид ба иқтисодиёти пинҳонӣ дар раванди таъсиррасонӣ ба риояи ихтиёрии меъёрҳои қонунгузории гумрукӣ омили калидӣ мебошад. Дигар роҳҳои муқовимат ба иқтисодиёти пинҳонӣ чунин ба назар мерасанд:

- баланд бардоштани сатҳи огоҳонии аҳолӣ дар бораи нақши гумрук дар ноил шудан ба ҳадафҳои адолати иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои муҳимми давлатӣ;
- такмили усулҳои назорати амалиётҳои молиявӣ;
- ба мақсади таъмини шаффофияти бештари амалиётҳо (транзаксия) тавсеаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути низоми электронии пардохтӣ;
- ҷалби ҷомеа ба раванди муайян намудани роҳҳои истифодаи пули нақд ва даст кашидан аз онҳо. Ҷомеа субъектҳои иқтисоди пинҳониро, ки андози ва боҷи ночиз пардохт менамоянд ё умуман намесупоранд, камтар таҳаммул мекунад, бо вуҷуди ин, кӯмакпулиҳои давлатиро мегиранд;
- такмили қонунгузорӣ дар соҳаи танзими иқтисодиёти миллӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ равона гардида, пешбурди фаъолияти ғайрирасмиро беманфиат мегардонад;
- таҳияи барномаҳои нави ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати барориши онҳо аз «бахши ғайрирасмӣ»;
- таблиғи васеи чораҳо дар самти мубориза бо саркашӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, нашри маълумот оид ба тадбирҳои андешидашуда, аз ҷумла, таъқиби судии чунин фаъолият.
- тавсеаи ҳамкории байналмилалии мубодилаи маълумот ҷиҳати муқовимат бо иқтисоди пинҳонӣ.

Дар навбати худ, мақомоти гумрукро зарур аст, ки ҷомеаро ҳарчи бештар дар бораи мавҷудияти имконияти васеи ошкорсозии фаъолият дар иқтисоди пинҳонӣ ва муқовимат бо он огоҳ созад, то эътимоди мардум ба самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук тақвият ёфта, саркашӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ пешгирӣ карда шавад.

Адабиёт

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024.

2. Арипов М.Г. Налоговые механизмы снижения уровня теневой экономики и стимулирования инвестиционной деятельности // Финансы и кредит. – 2012. – № 42 (522). – С.35 – 41.

3. Мазур Л.В., Батяев А.В. Налоговая нагрузка и теневая экономика // Территория науки. – 2018. – № 5. – С.98 – 102.

4. Мусаева Х.М., Газимагомедова П.К. Повышение эффективности противодействия уклонению от налогов в контексте "обеления" экономики // Налоги и налогообложение. – 2018. – № 11. – С.23-33.

5. Пансков В.Г. Теневая экономика и налогообложение // Экономическая теория, анализ, практика. – 2017. – № 5. – С.77 – 91.

6. Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – Душанбе, 2016. - № 636. – 103 с.

7. Федотов Д.Ю. Влияние налоговой системы на теневую экономику // Финансы и кредит. – 2015. – 41 (665). – С.10–21.

8. www.andoz.tj // Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти Кумитаи андоз [Санаи мурочиат: 20.12.2023]

9. https://www.imf.org/en/publications/wp/issues// Shadow Economies Around the World: What Did We Learn Over the Last 20 Years (Санаи мурочиат: 11.11.2023). – Матни электронӣ.

ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ МУСОИДАТКУНАНДАИ РУШДИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Давлатов Ф.Ҳ. - муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14, Тел: (+992) 918677747, E-mail: farhod_ra@mail.ru

Давлатов Ф.С. - муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14, Тел: (+992) 904210868 E-mail: fareedoon_ds@mail.ru

Дар мақола масъалаҳои омилҳои мусоидаткунандаи рушди минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон таҳқиқ карда мешаванд. Муаллифон қайд мекунанд, ки омилҳои мусоидаткунандаи пешрафти фаъолияти хоҷагидорӣ, барои рушду нумуъи кишвар, пешрафти иқтисодиёт, таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ, истифодаи васеъи имкониятҳои хоҷагидорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва инчунин истифодаи технологияи муосир ва ворид шудан ба ҷараёнҳои интегратсионии иқтисодии ҷаҳонӣ истифода бурда мешавад. Дар асоси таҳлили таҷрибаи ҷаҳон нишон дода мешавад, ки давлатҳои тараққикарда МОИ-ро барои рушди технологияи пешқадам ва хизматрасонии сайёҳӣ, давлатҳои ру ба тараққӣ бошад, барои афзоиши истеҳсолоти молу маҳсулот ва рушди содирот истифода мебаранд.

Калидвожаҳо: Минтақаҳои озоди иқтисодӣ, омилҳои мусоидаткунандаи, технологияҳои пешқадам, рушди сайёҳӣ, ҷараёнҳои интегратсионӣ, сармоягузорӣ, гардиши моли байналхалқӣ, иқлими мусоиди сармоягузорӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва андозбандӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, мавҷудияти захираҳои корӣ.

АНАЛИЗ ФАКТОРОВ, СПОСОБСТВУЮЩИХ РАЗВИТИЮ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Давлатов Ф.Х. - старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14, Тел: (+992) 918677747, E-mail: farhod_ra@mail.ru

Давлатов Ф.С. - старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14, Тел: (+992) 904210868 E-mail: fareedoon_ds@mail.ru

В статье рассматриваются факторы, способствующие развитию свободных экономических зон в Хатлонской области. Авторы отмечают, что факторы, способствующие прогрессу экономической деятельности, используются для развития и

качества страны, развития экономики, создания благоприятного инвестиционного климата, широкого использования экономических возможностей, создания новых рабочих мест, а также использование современных технологий и вступление в мировые экономические интеграционные процессы. На основе анализа мирового опыта показано, что развитые страны используют СЭЗ для развития передовых технологий и туристических услуг, а развивающиеся страны используют их для увеличения производства товаров и развития экспорта.

Ключевые слова: свободные экономические зоны, способствующие факторы, передовые технологии, развитие туризма, интеграционные процессы, инвестиции, международная торговля, благоприятный инвестиционный климат, таможенные и налоговые льготы, сокращение бедности, диверсификация производства, наличие трудовых ресурсов.

ANALYSIS OF FACTORS CONTRIBUTING TO THE DEVELOPMENT OF FREE ECONOMIC ZONES IN KHATLON REGION

Davlatov F.Kh. - Senior Lecturer, Department of Customs, Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Dushanbe, Nakhimov str., 64/14, Tel.: (+992) 918677747, E-mail: farhod_ra@mail.ru

Davlatov F.S. - Senior Lecturer, Department of Customs, Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Dushanbe, Nakhimov str., Nakhimov, 64/14, Tel.: (+992) 904210868 E-mail: fareedoon_ds@mail.ru

The article examines the factors contributing to the development of free economic zones in the Khatlon region. The authors note that the factors contributing to the progress of economic activity are used for the development and quality of the country, the development of the economy, the creation of a favorable investment climate, the widespread use of economic opportunities, the creation of new jobs, as well as the use of modern technologies and entry into world economic integration processes. Based on the analysis of world experience, it is shown that developed countries use FEZs to develop advanced technologies and tourism services, and developing countries use them to increase the production of goods and develop exports.

Keywords: free economic zones, contributing factors, advanced technologies, tourism development, integration processes, investments, international trade, favorable investment climate, customs and tax incentives, poverty reduction, diversification of production, availability of labor resources.

Яке аз омилҳои мусоидаткунандаи пешрафти фаъолияти хоҷагидорӣ, ки дар шароити кунуни барои таъминоти рушди босуботи иқтисодӣ ва ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ дар тамоми кишварҳои дунё эътироф гаштааст МОИ мебошад. МОИ дар аксарияти кишварҳои тараққикарда ва ру ба тараққӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн шудаанд ва марҳила ба марҳила баъзе масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодиро ҳал намуда истодаанд. Дарк кардан зарур аст, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ як падидаи назаррас дар иқтисоди муосири ҷаҳонӣ, қисми таркибии муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди ҷараёнҳои интегратсионӣ арзёбӣ гаштаанд.

Таҷрибаи ҷаҳон нишон дод, ки дар шароити рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва ҷаҳонишавӣ ва инчунин кушиши либерализатсияи муносибатҳои байналмилалии иқтисодии кишварҳои алоҳида ба афзоиши шумораи МОИ ҳамчун шарти муҳими тараққиёти иқтисодиёти миллӣ мусоидат карданд. Яке аз вазифаҳои асосии рушди

саноатӣ ва инноватсионии кишвар диверсификатсияи иқтисодиёт тавассути ташкили корхонаҳои рақобатпазири истеҳсолкунандаи маҳсулоти дорои арзиши баланди изофӣ мебошад. Ҳамзамон, як воситаи муҳими ҷалби сармоягузорӣ ба рушди соҳаҳои технологияи баланд МОИ мебошад, ки ба инфрасохтори муосир, қонунгузории устувор ва системаи боэътимоди идоракунӣ асос ёфтааст. [2, 70]

Дар тӯли солҳои ислоҳот дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори саноатӣ, нақлиётӣ, муҳандисӣ ва коммуникатсионӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории муосир ва технологии баланд оид ба истеҳсоли маҳсулоти дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ рақобаткунанда мусои-дат мекунад. Ин барои тақвияти шаклҳои муосири самараноки ташкили истеҳсолот тавассути ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ шароит фароҳам меорад. [3]

Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо қайд кардан зарур аст, ки МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбӣ ва рушд қарор доранд. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар таъмини фаъолияти пурсамари хеш аз чор марҳила мегузаранд. Марҳилаи аввал ташкили МОИ, марҳилаи дуввум рушди онҳо, сеюм давраи камолоти МОИ ва чаҳорум таназзули онҳо.

Марҳилаи дуюми рушди МОИ бо ташкили истеҳсолоти саноатӣ аз мавод ва маҳсулоти нимтайёри воридшуда, ҷалби фаъоли сармоя ва технологияҳои хориҷӣ, тақсимоти меҳнат дар истеҳсоли молҳои алоҳида тавсиф мешавад. Мувофиқи таҳлилҳо ба марҳилаи дуюми рушд параметрҳои МОИ Данғара мувофиқат мекунад. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки фаъолияти МОИ аз МОИ Панҷ ва Кӯлоб фаъолтар буда барои гузаштан ба марҳилаи сеюми рушди фаъолият тамоми имкониятҳоро доро мебошад.

Марҳилаи сеюм яъне марҳилаи нуқтаи балантарини рушд бо тавлиди маҳсулоти оммавии истеъмолӣ , афзоиши тадриҷии ҳиссаи ҷузъи маҳаллӣ дар маҳсулоти содиротӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва васеъшавии бозорҳои мол маънидод карда мешавад. Чи тавре, ки мо дар боло қайд кардем имруз дар кишвар барои гузаштан ба марҳилаи сеюм фақат МОИ Суғд ва Данғара имкониятҳоро доро мебошанд. Дигар МОИ кишвар дар марҳилаи аввали ташаккулёби қарор дошта тадриҷан рушд ёфтаистодаанд.

Ниҳоят, марҳилаи чорум марҳилаи ба итмом расидани муҳлати фаъолияти МОИ ё марҳилаи коҳиши фаъолияти минтақа бо баробар кардани шароити кор барои сармоягузорон дар саросари кишвар ё табдил додани МОИ ба технопарк ё навъи дигари минтақаи ба талаботи муосир ҷавобгӯбуда мароми мақсад мебошад. Назарияи мазкур, барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ имкон медиҳад, ки раванди эволютсия ва ташаккулёбии МОИ аз нуқтаи назари илмӣ тасдиқ карда шавад. [4, 7]

Барои тадқиқоти мо қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси минтақаҳои иқтисодӣ назар бар дигар давлатҳои пасошӯравӣ дертар ташаккул ёфт. Умуман дар дигар давлатҳои ҷаҳон ҳам ҷолибияти МОИ баъди исбот шудани самаранокии фаъолияти минтақаҳои махсус дар давлатҳои тараққикарда ба миён омад. Таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки МОИ дар ҷараёни ташаккулёбӣ ба монеъаҳои зиёд дучор гаштаанд. Омилҳое, ки ба рушди фаъолияти МОИ монеъа эҷод мекунанд дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. - Омилҳои асосие, ки барои рушди МОИ монеъа мешаванд

Институтсионалӣ	*Ташкилӣ*	*Молиявӣ*	*Инфрасохторӣ*
Камбудиҳо дар	Вобастагӣ ба	Шароити вазнин дар	Мушкилоти

заминаи ҳуқуқӣ, набудани назорат аз болои фаъолияти МОИ дар сатҳи минтақавӣ, механизмҳои ташаккули МОИ ва муайян намудани мақоми онҳо дар қонунгузорӣ пурра таҳия нашудаанд, номукаммалии муқаррарот, суст ба роҳ мондани танзими давлатии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғ.	мақомоти минтақавӣ, вуҷуд набудани равзанаи ягона, ваколати нокифоя барои назорати фаъолияти МОИ дар сатҳи минтақавӣ, монеаҳои баланди маъмурӣ ҳангоми ворид шудан ба МОИ, сифати пасти идоракунии субъектони минтақаҳои озоди иқтисодӣ, таблиғоти сусти фаъолияти МОИ ва ғ.	ташкилотҳои қарзӣ, имтиёзҳои номатлуб, дараҷаи пасти рушди воситаи молиявӣ барои дастгирии рушди минтақаи озоди иқтисодӣ, номукаммалии қонунгузории гумрукӣ ва қонунгузории андоз, набудани таҳлили талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии минтақа	инфрасохторӣ, рушд накардани инфрасохтори иҷтимоӣ, нокифоягии иқтидорҳои энергетикии истеҳсолӣ, мушкилоти дастрасӣ ба нақлиёт дар минтақаи озоди иқтисодии минтақа, ҷойгиркунии ғайримуқаррарии объектҳо дар ҳудуди МОИ, истифодаи бесамари қаламрави МОИ аз ҷониби объектҳои иқтисодӣ, норасоии унсурҳои инфиродии инфрасохтори МОИ марҳилаи нисбатан тӯлони сохтмони инфрасохтори иҷтимоӣ дар наздикии МОИ

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки барои рушди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз байни омилҳои рушд ва монеъшаванда омилҳои институтсионалӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва инфрасохторӣ аз ҳама муҳим ба ҳисоб мераванд. Яъне мавҷудияти чунин омилҳо ва истифодаи самараноки онҳо метавонад барои ташаккулёбии МОИ таъсири кофӣ расонад ва суст тараққи кардани онҳо бошад барои рушди фаъолияти МОИ монеъаҳо эҷод мекунад.

Яке аз омилҳое, ки хусусияти институтсионалиро доро мебошад мавҷудияти қонунгузории мукаммал ба ҳисоб меравад.Номукаммал будани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ё дар марҳилаи нотамом қарор доштани қонунгузорӣ барои рушди фаъолияти МОИ мусоидаткунанда шуда наметавонад. Аз ин лиҳоз баланд бардоштан сатҳу сифат ва мукаммал намудани қонунгузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки мақомотҳои дахлдор ба шумор меравад.

Яке аз омили муҳими дигаре, ки барои ташаккулёбии МОИ таъсири мусбӣ меравсонад ин дуруст ба роҳ мондани масъалаҳои ташкили идоракунии босифат арзёбӣ мегардад. Аз ҷадвал бармеояд, ки монеъаҳои баланди маъмурӣ ва муаммоҳои бюрократӣ сади роҳи ташаккулёбии МОИ шуда метавонанд.

Таҳияи дурусти фаъолияти маъмурият, муайян намудани фаъолияти сааранок ва инчунин танзими дурусти уҳдадориҳои субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ муаммоҳои

мавҷудбударо дар ин самт ҳаллу фасл менамояд. Дар баробари ин мавҷуд набудани равзанаи ягона идораи босифати фаъолияти МОИ дар кишвар вазнин менамояд. Механизми ташкил ва назорати фаъолияти МОИ ба воситаи равзанаи ягона барои иҷрои босифат ва самаранок истифода бурдани фоидаи онҳо имкониятҳои васеъи молиявию инфрасохториро ба миён меорад.

Инчунин омили дигаре, ки метавонад барои рушди фаъолияти МОИ таъсири манфӣ расонад шароити вазнин ва маҳдуд будани захираҳои молиявӣ мебошад. Дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ ва шароити номусоиди ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти МОИ рӯ ба таназзул мениҳад. Танзими давлатии фаъолияти МОИ дар шакли пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва ёрдампулӣ, муаммоҳои мавҷуд набудани ташкилотҳои қарзиро дар қаламравӣ минтақаҳои кишвар бартараф менамояд.

Дар ин ҷо суҳан дар бораи на фақат барои ҷудо намудани маблағ, балки таъсиси шароити мусоиди молиявӣ дар шакли пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, боҷи гумрукӣ ва таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ меравад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии рушди қаламрави алоҳида дар амалияи идоракунии давлатӣ аз давраҳои пеш маълум аст. Бо пешниҳоди имтиёзҳо ва афзалиятҳои муайян ба корхонаҳое, ки дар қаламрави муайян фаъолият мекунанд ё таъсис дода мешаванд, давлат воридоти сармоя, фаъолсозии равандҳои тиҷорӣ, ташкили ҷойҳои нави кориро бо музди баланд ҳавасманд мекунад. [1, 92]

Аз ҷадвал маълум мегардад, ки омили дигаре, ки метавонад бевосита таъсири худро ба фаъолияти МОИ Вилоти Хатлон расонад ин имкониятҳои васеъи инфрасохторӣ мебошад. Рушд накардани инфрасохтори иҷтимоӣ, нокифоягии иқтидорҳои энергетикии истеҳсолӣ, мушкилоти дастрасӣ ба нақлиёт дар МОИ, ҷойгиркунии ғайримуқаррарии объектҳо дар ҳудуди МОИ, марҳилаи нисбатан тӯлонии сохтмони инфрасохтори иҷтимоӣ дар наздикии МОИ барои ташаккулёбии минтақаҳо аз он ҷумла МОИ Вилояти Хатлон менеъаҳои зиёдро эҷод мекунанд.

Кайд кардан зарур аст, ки проблемаҳои мавҷудбуда дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон барои ташаккулёбии МОИ монеъаҳо эҷод мекунанд ва тамоми кишварҳо барои бартараф намудани онҳо чораҳои заруриро сари вақт бинобар сабаби ташкил ва рушди минтақаҳои махсус ҳамчун қувваи иловагии тараққиёти иқтисодиёти миллӣ меандешанд. Агар пештар танҳо кишварҳои мутараққии капиталистӣ омилҳои зикргардидаи иқтисодиро доро буданд, пас акнун кишварҳои ру ба тарақӣ ё ин ки кишварҳои нави саноатӣ чунин омилҳоро соҳиб гаштаанд. Гузашта аз ин, ин кишварҳо дар шакли қувваи кории нисбатан арзон, вале ба қадри кофӣ ва шумораи афзояндаи кадрҳои муҳандисӣ, техникӣ ва илмӣ бартариятҳои муайяне доранд. [4, 7]

Дар асоси таҳлили ҷадвал ба хулосае омадан мумкин аст, ки имруз МОИ Вилояти Хатлон ба муаммоҳои зиёд рӯ ба рӯ гаштаанд ва ҳалли сари вақтии онҳо аз рушди ҳамоҳангӣ ҳамаи омилҳо вобастагии калон дорад.

Муаммоҳои мавҷудбуда дар МОИ кишвар, аз ҷумла дар МОИ Панҷ ва Кӯлоб номукаммалии муқаррарот, суст ба роҳ мондани танзими давлатии фаъолияти онҳо, вуҷуд набудани равзанаи ягона, ваколати нокифоя барои назорати фаъолияти МОИ дар сатҳи минтақавӣ, таблиғоти сусти фаъолияти МОИ, шароити вазнин дар ташкилотҳои қарзӣ, имтиёзҳои номатлуб, дараҷаи пасти рушди воситаи молиявӣ барои дастгирии рушди минтақаи озоди иқтисодӣ ва мушкилотҳои инфрасохторӣ барои тарашаккулёбии ин минтақаҳо зарурияти андешидани чораҳои молиявию иқтисодӣ талаб мекунанд.

Ҳамин тариқ, МОИ ин минтақаи махсусе мебошад, ки дар қаламрави он иштирокчиёни фаъолияти хоҷагидорӣ имтиёзҳои андозиву гумрукиро доро мебошанд ва мақсади асосии чунин минтақаҳо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва инчунин баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати иқтисодии кишвар низ барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи накуаҳолии кишвар равона гардидааст.

Бояд қайд кардан муҳим аст, ки мавзӯи мазкур дар шароити кунунӣ рузмарра буда, ба таҳияи ғояҳои назариявии ташаккулёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ошкор намудани махсусияти фаъолияти онҳо дар Вилояти Хатлон равона карда шудааст. Мақсади таъсиси МОИ ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, воридоти технологияи муосир, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони МОИ ва азхудкунии имкониятҳои нави иқтисодӣ ба шумор меравад.

Ба муаммоҳои асосии ташаккулёбии МОИ дар кишвар чи тавре, ки таҳлилҳо нишон доданд дохил мешаванд: 1) норасоии сармоягузорӣ ба бахши саноат; 2) норасоии маблағ барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ; 3) истифодаи нопурраи иқтидори табииву инфрасохторӣ; 4) Сатҳи баланди фоизи захираҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ; 5) нархи баланди сӯзишворӣ ва равғанҳои техникӣ; 6) Норасоии маблағ барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ; 7) Истифодаи нопурраи итидори фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва шумораи маҳдуди корхонаҳои хурду миёна; 8) шароити сахти иқлимӣ дар зимистон; 9)сусттараққи будани инфрасохтор; 10) дур будан аз марказ ва маълумоти кам доштан оиди фаъолияти хоҷагидории муосир; 11) суст бурдани таблиғот барои сармоягузорони ватаниву хориҷӣ; 12) мавҷуд набудани ниҳодҳои рушдёфта, ки барои соҳибкорӣ мусоидаткунанда мебошанд ва монанди инҳо.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби бартараф намудани муаммоҳои мавҷудбуда чунин механизми фаъолияти хоҷагидориро ба роҳ мондан зарур меояд, ки муаммоҳои ҷойдоштаро бинобар таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти МОИ зарур меояд.

Ба омилҳои асосие, ки барои бартараф намудани муаммоҳои мавҷудбуда васеъ намудани иқтидори истеҳсолӣ, афзоиши иқтидори саноати сабук ва хурокворӣ, рушди инфрасохтори нақлиётиву молиявӣ, ҷалби сармояи хориҷиву ватанӣ, васеъ намудани имкониятҳои хизматрасонии телекоммуникатсионӣ, талаботи баланд ба ашёи хоми минералӣ, маҳсулоти асосии хӯрокворӣ, ки дар минтақа истеҳсол мешаванд, азхудкунии заминҳои нав ва васеъ намудани иқтидори истеҳсолӣ, таъсиси марказҳои илмӣ барои баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, рушди инфрасохтори нақлиётиву молиявӣ, таъсиси корхонаҳои муосири коркарди маҳсулоти саноатӣ, васеъ намудани имкониятҳои хизматрасонии телекоммуникатсионӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Фақат дар татбиқи чораҳои номбурда мо метавонем дар кишвар иқлими мусоиди иқтисодиро таъсис дода барои ташаккулёбии МОИ заминаи устувори иқтисодӣ гузорем.

Адабиёт

1. Анализ негативных факторов социально-экономического развития Крымского региона, оказывающих влияние на перспективы функционирования свободной экономической зоны. Остовская А.А. Научный вестник: финансы, банки,инвестиции.№ 3 (40) 2017 стр.92

2. Улаков Н.С. Анализ факторов развития специальных экономических зон // Вестник Сибирского университета потребительских кооперации. № 2 (24) Новосибирск 2018. С.70.

3. Факторы развития свободных экономических зон в Узбекистане / О. Т. Сатторкулов, Ш. Ш. Узайдуллаев, Г. О. Турдикулова. — Текст : непосредственный // Молодой ученый. — 2020. — № 9 (299). — С. 62-64. — URL: https://moluch.ru/archive/299/67474/ (дата обращения: 01.12.2020).

4. Факторы становления и развития свободных экономических зон в Китае и России. Сюн Пин. Диссер. к.э.н. 22.00.03. Москва 2006. С. 9

5. Сулаймонзода, Ш. Ф. Таҷрибаи хориҷии ташкил ва ташаккули бизнес-хизматрасониҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Ш. Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 194-206. – EDN AHJFNJ.

ОМӮХТАНИ АМАЛИЁТИ ҶУДОГОНАИ БОНК ВА УСУЛҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ҚАРЗАДОКУНИИ МУШТАРИИ БУЗУРГ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифзода Г.М. – ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: sharipova@dtmik.tj. Тел: (+992)553336307

Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои иқтисодии гуногун ҷанба ва васеъ шудани доираи фаъолияти низоми бонкӣ зарурияти дуруст муайян намудани стратегия ва сатҳи хавфҳои бонкӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, муаллиф дар ин радиф, баъди таҳлили як қатор нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ таклифҳои пешниҳодшуда ба ҳалли як зумра мушкилотҳои низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: низоми бонкӣ, хавфҳои бонӣ, қарзҳои мушкилситон, амнияти иқтисодӣ,дороиҳои бонкҳо, хароҷот ва ҳаракати сармоя,ташкилоти қарзӣ.

ИЗУЧЕНИЕ РАЗЛИЧНЫХ БАНКОВСКИХ ОПЕРАЦИЙ И МЕТОДОВ ОПРЕДЕЛЕНИЯ КРЕДИТНОЙ СПОСОБНОСТИ КРУПНЫХ КЛИЕНТОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Шарифзода Г.М.- ассистент кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Электронная почта: sharipova@dtmik.tj. Тел: (+992)553336307

В современных условиях развития различных экономических отношений, вида и расширения сферы деятельности банковской системы необходимо правильно определить соответствующую цели стратегию и уровень банковских рисков.

С этой точки зрения, в этой связи автор, проанализировав ряд финансовых показателей банковской системы, предлагаемые предложения способствуют решению ряда проблем банковской системы.

Ключевые слова: банковская система, кредитные риски, безнадежная задолженность, экономическая безопасность, банковские активы, затраты и движение капитала, кредитная организация.

STUDY OF VARIOUS BANKING OPERATIONS AND METHODS OF DETERMINING THE CREDIT CAPACITY OF LARGE CLIENTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sharifzoda G.M. - Assistant of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: sharipova@dtmik.tj. Tel: (+992)553336307

In modern conditions of development of various economic relations, the type and expansion of the scope of the banking system, it is necessary to correctly determine the strategy and level of banking risks that correspond to the goal.

From this point of view, in this regard, the author, having analyzed a number of financial indicators of the banking system, the proposed proposals contribute to solving a number of problems of the banking system.

Key words: banking system, credit risks, bad debts, economic security, banking assets, costs and capital flows, credit institution.

Омӯхтани амали ҷудогонаи бонки тиҷоратӣ ба мақсади самаранок гузаронидани ин ё он амалиёт тибқи талаботи стратегияи тартибдодашуда ва риояи хатари мӯътадил равона карда мешавад.

Барои таҳлили амалиёти бонки тиҷоратӣ ҷиҳати дарёфт намудани хатари мӯътадил ва қабули қарор вақти зиёд зарур аст, аммо баъзе амалиёт талаб менамояд, ки чораи фаврӣ дида хатари ба миён омадаро бартараф намояд. Бинобар ин, интихоби дурусти амалиёти бонкӣ ҷиҳати омӯхтани хатар муҳим аст.

Амалиёти бонкӣ маъмулан бо истифодаи усулҳои оморӣ ва арзёбии (экспертӣ) мутахассис сурат мегирад.

Усули оморӣ таҳлили амалиёте, ки миқдори ин ҳодисаҳо ба миён омадаанд ва бонки тиҷоратӣ ба кадом андоза зарар дидааст истифода мегардад. Дар асоси таҳлили оморӣ сатҳи зарар муайян карда шуда тадбирҳоеро пеш мегирад, ки сатҳ ва маблағи хатарро кам кунанд.

Агар дар натиҷаи таҳлили оморӣ муайян гардад, ки дар ин ё он амал хатар зиёд шудааст, дар оянда бонки тиҷоратӣ ин гуна амалро нагузаронад.

Арзёбии мутахассисон бо истифодаи дурусти усули оморӣ, ба малакаи дониши онҳо вобастагӣ додрад ва имкон медиҳад, ки натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шавад. Илова бар ин, дар натиҷаи арзёбии мутахассисон (арзёбии экспертӣ) на танҳо хатар аз амалиёти бо усули оморӣ интихоб гардида, балки хатаре, ки аз амалиёти ба тозагӣ гузаронидашуда дарёфт карда мешавад.

Давраи асосии таҳлили амалиёти бонкӣ ин муайян намудани баргаштани қарзҳо дар вақти муқарраршуда ва дарёфти қарзҳои мушкилситон ба шумор меравад.

Ҳолати дарёфти қарзҳои мушкилситон, бонк бояд муносибати худро бо ин тариқ муштарӣ қатъ намояд. Чанд роҳи қатъ намудани муносибати бонки тиҷоратӣ бо муштарӣ вуҷуд дорад: бонки тиҷоратӣ метавонад гаравро фурӯхта қарз ва фоизи онро баргардонад; тамдиди (дароз) мӯҳлати баргардонидани қарз (агар муштарии қарздор чораҳои зарурироро ҷиҳати беҳ намудани вазъи молиявиаш тартиб дода, сарчашмаи баргардонидани қарзро нишон диҳад) ва ғайра. Аммо барои давом додани муносибат, бонки тиҷоратӣ дар бораи ҳолати молиявӣ ва самаранокии идора кардани муштарӣ маълумотҳои зарурӣ ҷамъ намояд, яъне:

-ҳисоботҳои молиявии муштариро арзёбӣ намояд;

-оид ба навъҳои маҳсулот маълумот талаб намуда бозоргирии онҳоро муайян намояд;

-оид ба хароҷоти дар пешистодаи муштарӣ маълумот талаб намуда ҷиҳати кам кардани баъзе хароҷот пешниҳод омода намуда, қабул ва истифодаи ин пешниҳодро талаб намояд;

аз рӯи амалиёти муштарии қарздор назорати доимӣ барад ва ғайра;

Баъди омӯхтани ин маълумотҳо бонки тиҷоратӣ ба хулоса меояд, ки муносибати қарзиашро бо ин муштари давом диҳад ва ё қатъ намояд.

Дар баъзе ҳолатҳо бонки тиҷоратӣ метавонад аз муштарии қарздор талаб намояд, ки тардбирҳои заруриро пеш гирифта ба бонки тиҷоратӣ роҳҳои аз бӯҳрон раҳои ёфтанро пешниҳод намояд. Ҳолати таҳлил ва арзёбӣ намудани тадбирҳо барои аз бӯҳрони иқтисодӣ баромадани муштарӣ, бонки тиҷоратӣ ба он аҳамият диҳад, ки:

-оё бизнес -план мантиқан дуруст тартиб дода шуда ва ба корманди оддӣ фаҳмо аст ё не?. Самти истифодаи он дуруст аст ё не?;

-нақшаи аз ҳолати бӯҳрони иқтисодӣ баромадан иҷрошаванда аст ё не?. Оё нақшаи амал бо назардошти захираҳои мавҷуда тартиб дода шудааст ва шахсони мутасаддӣ барои иҷрои ин нақша муайян ва мӯҳлати иҷрои он муқаррар шудааст ё не?

-нақшаи тартибдодашуда вазъияти молиявии корхонаро шарҳ дода метавонад ё не?.

Нақшаи даромад, хароҷот ва ҳаракати сармоя аз ҷониби муштарӣ омода намуда ва ба бонки тиҷоратӣ пешниҳод мегардад. Агар ин нақша аз нуқтаи назари истифодаи захираҳои бонки тиҷоратӣ бо назардошти хатар, бонки тиҷоратиро қонеъ нагардонад он дар ин ҳолат:

-маротибаи омода намудан ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро зиёд кунад, яъне дар ҳар даҳ рӯз ва охири моҳ;

-муҳосибонро (бухгалтерҳоро) иваз намояд ва барои назорати самаранок ва беҳтар шудани ҳисоботи молиявӣ маслиҳатчиёни пуртаҷрибаро ҷалб намояд;

-имкон дорад мутахассисони болаёқати ҳамин соҳаро ҷиҳати ташхис (экхпертиза) истифода барад;

-муайян намояд, ки роҳбарияти корхона лаёқати ин тадбирҳоро дар амал ҷорӣ кардан доранд ё не?, Баъд аз муайян кардани лаёқатмандии роҳбарон бовар ҳосил намояд, ки роҳбарон ва мутахассисон ҷиҳати идора кардани корхона сидқан фаъолият менамоянд.

Қарзадокунии корхонаҳои хурдро низ монанди корхонаҳои бузург дар асоси зарибҳои молиявӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Аммо истифодаи зарибҳои молиявӣ дар ҷараёни муайян намудани қарзадокунии корхонаи хурд, бонк ба мушкилиҳо дучор омаданаш мумкин аст, зеро ҳолати муҳосиба ва ҳисоботҳои молиявии корхонаи хурд шароити заруриро муҳаё наменамояд. Дар аксарияти корхонаҳои хурд муҳосибони касбӣ кору фаъолият наменамоянд. Илова бар ин хароҷоти ин корхонаҳо ҷиҳати гузаронидани аудит барои бонк дастрас нестанд. Бинобар ҳамин, ҳисоботи аз ҷониби аудиторҳо тасдиқшуда вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, арзёби намудани қарзадокунии корхонаи хурд на аз рӯи ҳисоботи молиявӣ, балки дар асоси донистани корманди бонк оид ба фаъолияти корхона ва самти соҳибкории он асос меёбад. Барои беҳтар арзёбӣ намудани фаъолияти корхонаи хурд, корманди бонк бояд бо он алоқаи зиҷ дошта, маълумотҳои зарурӣ ҷамъоварӣ намояд.

Корманди бонк, ҳолати гуфтугӯ бо роҳбари корхонаи хурд мақсади дархости қарз, сарчашма ва мӯҳлати баргардонидани қарзро муайян менамояд. Муштарӣ бояд тасдиқ кунад, ки захираҳои молие, ки аз рӯи онҳо қарз мегирад дар вақтҳои кӯтоҳ кам шуда ба арзиши аслии маҳсулоти тайёр гузаронида мешавад. Фаъолияти корхонаро корманди бонки тиҷоратӣ дар ҷои воқеъи он рафта диданаш зарур аст. Зеро ба ҷои мавқеъи (маҳали) корхона рафтан шароит медиҳад, ки аз ҳолати молиявии он хабардор шуда дар мӯҳлати муқарраршуда бозпардохти қарзро муайян намояд. Қарз дар асоси гарави моликияти корхонаи хурд дода мешавад.

Ҳолатҳое шуданаш мумкин аст, ки кормандони корхонаи хурд аъзои як оила ва ё хешутаборанд. Дар ин ҳолатҳо арзёбӣ намудани ҳолати қарзадокунии корхона дар асоси ҳисоботи молиявии шахсан роҳбари корхона сурат мегирад. Шакли ҳисоботи шахсии роҳбари корхонаи хурд дорои маълумот оид ба активҳо ва пассивҳо мебошад.

Активҳо иборатанд аз: пулҳои нақд, коғазҳои қиматнок (аксия), қарзҳои дебитории хешовандон ва шахсони дигар. Ба пассиви ҳисобот инҳо дохил мешаванд: қарзи бонкҳо ва хешовандон, шахсони дигар, андозҳои пардохтнашуда, арзиши моликияти багарвмонда ва дигар ӯҳдадориҳо.

Ҷиҳати таҳлили амиқ феҳристи баъзе намудҳои активҳо ва пассивҳо пешниҳод карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, аз ҷониби бонк арзёбӣ намудани ҳолати қарзадокунии корхонаи хурд ҷузъҳои зеринанд:

1. Арзёбии хатари фаъолияти корхона.
2. Назорати корхона.
3. Мусоҳбаи шахсии корманди бонк бо роҳбари корхона.
4. Баҳо додан ба вазъияти молиявии корхона.

Адабиёт

1. Ашуров Н. Управление банковскими рисками / Ашуров Н., Рахимов Ш. - Душанбе,2000. - 183 с.
2. Каюмов Н.К. К вопросу об угрозах экономической безопасности Таджикистана. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2006. - №1.
3. Олимшоев Р., Ашуров Х.М. Экономическая безопасность банковской деятельности//Вестник Таджикского Национального университета. Серия экономических наук. - №2/5(117). – 2013. – С. 258-259.
4. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. /Китоби дарсӣ. Эрграф.2018.-С.511
5. Фатҳулло Шарипов. Луғати мухтасари истилоҳоти бонкдорӣ – Душанбе, 2012. - 384 с.
6. Сулаймонзода, Ш. Ф. Афзалиятҳои иқтисодиёти рақамӣ дар рушди бизнес-хизматрасонӣ дар шароити муосир / Ш. Ф. Сулаймонзода, М. А. Самиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 124-130. – EDN YYIIWG.

ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР ҲАНГОМИ АМАЛӢ НАМУДАНИ НАЗОРАТИ АСЪОР

Абдуллоев М.М. - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, полковники хадамоти

гумрук: Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимова 64\4. Телефон 93-869-01-01. E-mail: abdulloev.60@mail.ru

Абдуҷабборзода С. –номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи савум: Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимова 64\4. Телефон 903-01-03-01

Дар мақола фаъолияти мақомоти гумрук дар таъмини бехатарии иқтисодии кишвар ҳангоми амалӣ намудани назорати асъор мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Пешниҳодоти мушаххас, ҷиҳати беҳтар намудани системаи назорати асъорӣ, ки аз ҷониби мақомоти гумрукӣ амалӣ мешавад, ҳамчунин чораҳои иловагии таъсиррасонӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузории танзими асъор ва назорати асъор пешниҳод карда мешаванд.

Вожаҳои калидӣ: мақомоти гумрук, бехатарии иқтисодӣ, назорати асъор, танзими асъор, мақомоти андоз, қонунгузории асъор.

ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ТАМОЖЕННОГО ОРГАНА ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ ПРИ ОСУЩЕСТВЛЕНИИ ВАЛЮТНОГО КОНТРОЛЯ

Абдуллоев М.М. – кандидат философских наук, доцент кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета, полковник таможенной службы: Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64 \4. Телефон 93-869-01-01. Электронная почта: abdulloev.60@mail.ru.

Абдуджабборзода С. - кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности Государственного финансово-экономического универ-ситета Таджикистана, советник юстиции третьего уровня: Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64\ 4. Телефон 903-01-03-01

В статье анализируется и рассматривается деятельность таможенных органов по обеспечению экономической безопасности страны при осуществлении валютного контроля. Предложены конкретные предложения по совершенствованию системы валютного контроля, реализуемой таможенными органами, а также дополнительные меры воздействия за несоблюдение требований законодательства о валютном регулировании и валютном контроле.

Ключевые слова: таможенные органы, экономическая безопасность, валютный контроль, валютное регулирование, налоговые органы, валютное законодательство.

ACTIVITY OF THE CUSTOMS AUTHORITY IN ENSURING ECONOMIC SECURITY OF THE COUNTRY DURING IMPLEMENTATION OF CURRENCY CONTROL

Abdulloev M.M. - candidate of philosophy, associate professor of the department of customs activities of the Tajikistan State University of Finance and Economy, colonel of the customs service: Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street 64\4. Phone 93-869-01-01. E-mail: abdulloev.60@mail.ru

Abdujabborzoda S.- candidate of economic sciences, associate professor of the department of customs activity of the State University of Finance and Economics of Tajikistan,

adviser of justice of the third level: Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimova street 64\4. Phone 903-01-03-01

The activity of the customs authorities in ensuring the economic security of the country during the implementation of currency control is analyzed and discussed in the article. Specific suggestions for improving the currency control system implemented by the customs authorities, as well as additional measures of influence for non-compliance with the requirements of the legislation on currency regulation and currency control are proposed.

Key words: customs authorities, economic security, currency control, currency regulation, tax authorities, currency legislation.

Назорат ва танзими асъор шакли татбиқи сиёсати асъории давлат буда, бахши сиёсати умумииқтисодӣ ва пулию қарзиро дарбар мегирад ва дар навбати аввал ба таҳкими вазъи молиявии асъори кишвар, нигоҳ доштани сатҳи баланди пардохтпазирӣ ва қобилияти қарзӣ, таъмини воридоти асъор аз хориҷа бо гардиши иқтисодии хориҷӣ, назорати интиқоли сармоя ба хориҷа ва ҷалби сармоягузорӣ, нигаронида шудааст. Назорати асъорӣ, дар шакли умум ин назорати давлат аз рӯи тартиби гузаронидани расмиёти хариди асъори хориҷӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, татбиқи амалиёти асъорӣ ва интиқоли асъор тавассути сарҳади гумрукии кишвар мебошад. Фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба идоракунии гардиши асъор, назорати амалиёти асъорӣ, таъсир расонидан ба қурби асъори миллӣ, маҳдудиятҳои марбут ба истифодаи асъори хориҷӣро дар шакли умум дар бар мегирад. Назорати асъорӣ имкон медиҳад, ки иқтисоди кишвар аз пайомадҳои ҷиддии воридшавии зиёд ё хуруҷи капитали молиявӣ, махсусан аз ҷиҳати ҷиноятӣ шудани иқтисод ва нестшавии саноати миллӣ, ҳифз карда шавад. Таъсиси механизми самараноки ҳуқуқии молиявии назорати асъор - шарти муҳими таъмини манфиатҳои иқтисодии давлат мебошад. Дар як вақт, қайд намудан зарур аст, ки механизми молиявӣ-ҳуқуқӣ набояд ҳуқуқҳои субъектҳои таҳти назорат қарор дошта, хосатан фаъолияти қонунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷиро дар соҳаи асъорро поймол намоянд. Мақомоти гумрук аз ибтидо бо таваҷҷуҳ ба хусусияти хоси фаъолият ва мавқеи онҳо дар системаи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, дар доираи салоҳияти худ ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, ҳуқуқу манфиатҳои давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷиродар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҳимоя мекунанд[1. с.373].

Танзими ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби мақомоти гумрук амалӣ карда мешавад, шомили маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дигар барномаву тадбирҳо мебошад, ки ба таъмини амнияти иқтисодӣ, дурнамои равандҳои рушди иқтисодӣ ва таъмин самаранокии муносибатҳои байналмилалии тиҷоратӣ ва иқтисодӣ равона карда шудаанд. Аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор гирифтани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули базаи ҳуқуқии амалан нав ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯи фаъолияти гумрукӣ, ҳамчунин шароит барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки инкишофи мақомоти гумрук миллӣ заминаҳои зарурӣ фароҳам оварад. Кормандони мақомоти гумрук, дар навбати аввал, барои таъмини ҳимояи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти иқтисодӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи амнияти миллӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқҳои иқтисоди марбут ба фаъолияти гумрукӣ ва манфиатҳои қонунии шахрвандон, субъектҳои

хоҷагӣ ва органҳои давлатӣ масъуланд. Равонасозии самти фаъолияти сохторҳои гумрукӣ оид ба таъмини амнияти иқтисодӣ аз бисёр ҷиҳат аз он вобастааст, ки фаъолияти гумрукӣ ҳамчун соҳаи фаъолият — маҷмӯи воситаҳои ба ҳам пайванд ва такмилкунанда дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии он муайян карда шудааст. Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти сохторҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки иштироки онҳо дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар сол аз сол барҷастар аён мешавад, ки ин вобаста бо вазъияти геополитикии шиддатёбандаи ҷаҳони муосир, мушкилоти сиёсии ва иқтисодӣ, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ба миён омадаанд, хамзамон ба пайдоиши таҳдидҳо ва хатарҳои нав барои рушди шахс, ҷомеа ва давлат оварда мерасонанд, иртиботи мустақим дорад.

Вазифаҳои ҳифзиҳуқуқӣ ва назоратии мақомоти гумрук дар боби 59, модаҳои 460-481-и Кодекси Гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли пурра оварда шудаанд, ки муҳтавои асосии фаъолиятр дар самти таъмини ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Мақомоти гумрук дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва дар пешгирӣ кардани дахолати ғайриқонунӣ ба авиатсияи гражданӣ дар фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд (б.12.м.460) [1. с.375]. Муҳимтарин самти фаъолияти ин ошкор намудани қочоқи (контрабанда) байналмилалӣ, хусусан гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва маблағгузории созмонҳои ифрогаро ва ҳаросафкан аст, зеро дар аксари мавридҳо, созмонҳои террористии байналмилалӣ маблағгузории худро тавассути қочоқчиёни маводи нашъадор амалӣ мекунанд. Аз ин рӯ, бо пешгирии қочоқ ва намудҳои он, мақомоти гумрук бевосита ба кам кардани хатарҳо ва зарарҳои имконпазир аз таҳдидҳои террористӣ мусоидат мекунанд. Дар баробари таъмини амнияти байналмилалӣ ва амнияти миллӣ, муқовимат бо терроризми байналмилалӣ, инчунин вазифаи муҳими дигар дар фаъолияти мақомоти гумрук, ҳамчун мақоми назорати содиротӣ, яъне назорати гумрукии молеро, ки таҳти назорати содиротӣ қарор доранд, ҳангоми интиқоли онҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд[1.с.366]. Дар ташаккули заминаи меъёрии ҳукукии соҳаи назорати содиротӣ иштирок дошта, интиқоли ғайриқонунии маҳсулотеро, ки бояд таҳти назорати содиротӣ қарор гирад, пешгирӣ ва манъ менамоянд. Риояи тартиби иҷозатномавии интиқоли мол ва технологиҳо, ки метавонанд барои истеҳсоли аслиҳаи қатли ом, воситаҳои расонидани он, ё дигар намуди аслиҳа ва техникии низомӣ, ки тавассути марзҳои гумрукӣ метавонанд истифода шаванд, назорат ва пешгирӣ менамоянд. Пешгирии интиқоли ғайриқонунии молҳои манъшуда ва хатарнок, молҳое, ки хусусияти истифодаи дуҷониба доранд, молҳои қалбакӣ (контрафактный товар) мустақиман дар марзи гумрукии давлат имкон медиҳад, ки таҳдидҳо, ки бо воридшавии ин молҳо ба ҳудуди кишвар, ҳадди ақал паст карда шуда ва оқибатҳои манфии паҳншавии онҳо ҷилавгирӣ карда шаванд.

Вазифаҳои мақомоти гумрук дар соҳаи назорати асъор, дар доираи ваколатҳои худ назорати риояи қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Аз ҷумла: назоратро барои аз тарафи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ риоя гардидани қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд, ба Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи ҳаракати молу воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартибе, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мувофиқаи Бонки милии Тоҷикистон муайян намудааст, ахбор пешниҳод

менамояд, Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои сатҳи дуюмро дар бораи вайрон кардани қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи мақомоти гумрук ошкор карда шудаанд, огоҳ менамояд [1.с.365].

Муносибатҳое, ки дар робита ба анҷом додани танзими асъор ва назорати асъор аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ба миён меоянд, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2013, №964 «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» танзим карда мешаванд [3].

Дар низоми мақомоти давлатӣ, ки ба зиммаи онҳо вазифаи назорати асъор вогузор шудааст, Бонки миллии Тоҷикистон мақомои ваколатдор маҳсуб мешавад.Мақомоти гумрук дар ин низом ба сифати агенти назорати асъор амал намуда, нақши калидӣ дорад. Мутобиқи (б. 14. м. 462) Кодекси гумрук яке аз вазифаҳои асосии мақомоти гумрук анҷом додани назорати асъор ба шумор меравад.

Самти мазкур фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар бар мегирад ва ба таъмини ҳифзи истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла риояи ҳуқуқ ва ухдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми гузаронидани молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ нигаронида шудааст. Мақсади назорати асъор дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ аз иҷрои вазифаҳои зерин иборат аст: таъмини амният ва истиқлолияти иқтисодии давлат, дастгирии рушди иқтисоди миллӣ ҳангоми анҷом додани фаъолияти савдои хориҷӣ, таъмини ҳамгироии иқтисоди миллӣ бо низоми кооператсияи байналмилалии истеҳсол, огоҳонидан ва пешгирии далелҳои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ, муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом. Моҳияти ваколати номбурдаи мақомоти гумрук дар соҳаи назорати асъор дар таъмини назорати вазоифи зерин ифода меёбад: пурра ва саривақт ворид шудани даромадҳо аз содироти мол, аз тарафи резидентҳо пардохт кардани молҳои воридшаванда, барои қонунмандии амалиёти дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ-интиқол додани асъори нақди Ҷумҳурии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки дохилӣ дар шакли ҳуҷҷат ва дороиҳои асъорӣ, риоя кардани қонунгузории асъор ҳангоми иҷрои дигар аҳдҳои савдои хориҷӣ дар доираи ваколати худ[2.] Ҳамчунин дар доираи салоҳияти худ назорати андоз, асъор, содиротӣ ва дигар намудҳои назоратро, ки ҳуқуқи анҷом доданашон ё ҳуқуқи иштирок дар анҷом додани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти гумрук вогузор гардидааст, анҷом медиҳанд [1.с.375].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати асъорро мақомоти назорати асъор — Бонки миллии Тоҷикистон, мақомоти дигари давлатӣ дар доираи ваколатҳои бо қонунгузорӣ барои онҳо муқарраргашта ва агентҳои назорати асъор анҷом медиҳанд. Мақомоти назорати асъор дар доираи ваколатҳои худ ҳуқуқ доранд: ба резидентҳо ва ғайрирезидентҳо барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ оид ба танзими асъор ва назорати асъор амру дастур диҳанд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад; чораҳои таъсиррасонии пешбининамудаи қонунгузориро барои риоя накардани талаботи қонунгузории танзими асъор ва назорати асъор татбиқ намоянд; тартиби пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба амалиёти асъорӣ ва санҷиши масъалаҳои марбут ба риояи қонунгузорӣ оид ба танзими асъор ва назорати асъор ва тартиби муқарраргардидаи анҷоми амалиёти асъориро муайян намоянд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматноки бо асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфта ва ҳамчунин пули нақди миллӣ ва коғазҳои қиматноки бо пули миллӣ ифодаёфта аз ҷониби шахсони воқеӣ

— резидентҳо ва ғайрирезидентҳо тибқи талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти гумрук анҷом дода мешавад.

Мақомоти гумрук назорати асъорро дар ду самт, «гардиши савдо» ва «гардиши ғайри савдо» амалӣ мекунанд. Дар самти» гардиши савдо» (нисбат ба амалиёти асъорӣ, ки аз ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли молҳо вобаста ба интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст) назорат дар якчанд марҳила бо истифода аз технологияи автоматикунонидашудаи муосир гузаронида мешавад. Назорати гумрукӣ ба истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ (шиносномаҳои амалиёт, эъломияҳои гумрукӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои назорати бонкӣ) асос ёфтааст. Дар самти «гардиши ғайрисавдо» бошад, нисбат ба амалиёти асъорӣ, ки аз интиқоли арзишҳои асъорӣ, асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки дохилӣ ва чекҳои роҳ тавассути сарҳади гумрукӣ иборат аст, назорат вобаста ба шаклҳои назорати гумрукӣ гузаронида мешавад. Назорати асъор дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки аз ҷониби мақомоти гумрук амалӣ карда мешаванд, аз самтҳои зерин иборат аст: назорати риояи талаботи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ хориҷӣ оид ба саривақт ба расмият даровардан ва аз нав ба қайд гирифтани ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва ҳисоботӣ; назорати пурра ва саривақтии даромади асъор аз содироти мол; назорати дурустии пардохти резидентҳо барои молҳои воридотӣ; назорати баробарӣ ва саривақтии таҳвили мутақобил ҳангоми иҷрои шартномаҳо оид ба муомилоти бартерии савдои хориҷӣ; назорати интиқоли пули нақд ва воситаҳои пулӣ аз сарҳад. Мақомоти гумруки кишвар тибқи қонунгузориҳои амалкунанда дар соҳаи таъмини амнияти ҷаъмиятӣ, амнияти иқтисодӣ, таъмини амнияти истиқлолияти иқтисодии ҷумҳурӣ, амнияти орзуқаворӣ ва экологӣ дорои салоҳияти васеъ аст. Аз ҷумла дар асоси моддаҳои 18 ва 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 № 721, мақомоти гумрук: субъекти таъминкунандаи амнияти ҷамъиятӣ – (ҳифзи ҳуқуқӣ - сиёсӣ, маънавӣ - ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд); амнияти иқтисодӣ – (вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд); таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон; роҳ надодан ба бунбасти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ; нигоҳдорӣ ва таҳкими асосҳои захираҳои энергетикии иқтисодиёти мамлакат; то дараҷаи ниҳоӣ паст кардани сатҳи осебпазирии иқтисодиёти мамлакат, ки бо таъсири омилҳои эҳтимолии манфии дар муҳити геополитикии давлат бавуҷудоянда алоқаманд аст; таъмини ҳамкории самаранок бо сохторҳои молиявии ватанию байналмилалӣ, бартарияти равона намудани захираҳои қарзии дохилию хориҷӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ барои барқарор кардан ва рушди иқтисодиёти ватанӣ; баланд набардоштани сатҳи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва устувор гардонидани қисми даромади он; зиёд кардани ҳиссаи молистеҳолкунандагон дар иқтисодиёти кишвар бо шарти ҳавасмандгардонии рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ; низоми ягона ва мустақили молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муомилоти асъори миллӣ ва дар маҷмӯъ таъмини болоравии иқтисодии кишварро бо роҳҳои муоссири дарёфти сарчашмахои иловагӣ ва ғани гардонидани буҷаи давлат мусоидат менамояд; самти амнияти озуқаворӣ (амнияти озуқаворӣ тавассути таҳия ва татбиқи чораҳои иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ, маъмурӣ ва дигар чораҳое, ки ба пешгирӣ ва безараргардонии таҳдиди амнияти озуқаворӣ аз ҷониби давлат равона шудаанд), таъмин карда мешавад; аз чумла ба воридоти маҳсулоти озуқавории бесифат ва барои аҳолӣ хавфнок ба бозори дохилӣ муковимати

боқимондаи уҳдадориҳоро ташкил медиҳанд, ки зиёдшавии онҳо дар солҳои охир кам ба чашм мерасад.

Бинобар ин, афзудани уҳдадориҳои бонкӣ ҷиҳати таъмини дастрасии мизоҷон бо захираҳои пулии бонк мувофиқи мақсад мебошад. Дар шароити имрӯза таъмини низоми бонкӣ бо дорої ва захираҳои озоди пулӣ, ки онҳо бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди иқтисодиёти мамлакат алоқамандии зич доранд, хуб ба назар мерасанд. Дороиҳои бонкӣ низ бо вуҷуди мушкилиҳои зиёд, дар баробари нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, рушд карда истодаанд ва ин дар муқоиса бо ММД он қадар назаррас нест. Дар сатҳи иқтисодиёти давлат яке аз ҷузъҳои таркибии иқтисодиёти миллӣ ин Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ буда, тавассути он ба сатҳи пешрафти давлат баҳо медиҳанд, ки ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар ҳудуди то 7% рушд карда истодааст. Лекин аз рӯйи таҷриба чунин шакли рушд барои таъмини ҳаматарафаи иқтисодиёт бо маблағҳои пулӣ ҳоло ҳам қаноатмандкунанда нест.

Ҳарчанд таҳлилҳои динамикӣ нишон медиҳанд, ки дар баробари афзоиши нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёт афзоиши сатҳи даромад ва дороиҳои низоми бонкӣ низ дар ҳоли афзоиш қарор дорад, аммо то ҳол қаноатмандкунанда нест.

Ташкилоти қарзӣ ин амалро дар ҳолате иҷро карда метавонад, ки сармояи худии кофӣ дошта, ҷобаҷогузории дороиҳоро дуруст ба роҳ монда бошад. Вобаста ба ин меъёри пардохтпазирӣ барои бонк ё дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ бояд дорои принсипҳои зерин бошад:

- таносуби байни дороиҳо ва уҳдадориҳои он бо дарназардошти муҳлат, маблағ, навъи дороиҳо, уҳдадориҳо ва омилҳои дигар;

- таносуби дороиҳои пардохтпазир (захираҳои пули нақд, коғазҳои қиматноки кӯтоҳмуддат, дигар дороиҳои зуд ба фурӯшраванда) ва дороиҳои умумӣ.

Дар асоси таҳлилҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бонк бояд барои баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ таркиби сифатии дороиҳояшро беҳтар намуда, барои афзоиши дороиҳо, тақсимоти оқилонаи маблағҳои худӣ ва қарзӣ, сармоягузорӣ ва дороиҳои дигар тадбирҳо андешад. Ҳалли мушкилоти ҷойгиркунии маблағҳо ба қарзҳо ва сармоягузориҳо метавонанд даромадро дар сатҳи баланд нигоҳ дорад. Аз ин рӯ, шароити идоракунии солими бонк ин қобилияти қонеъ гардонидани талаботи амонатгузорон мебошад ва бонкҳоро зарур аст то маблағҳое, ки барои қонеъ кардани талаботи мизоҷони бонк зарур аст, ба миқдори кофӣ таъмин намоянд. Инчунин, самаранокии фаъолияти бонк аз бисёр ҷиҳат ба қобилияти кормандони роҳбарикунанда барои қарори дуруст баровардан ва ба амалиётҳои бавариноки фоидаовар сафарбар намудани дороиҳои бонкӣ вобаста аст.

Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани сифати дороиҳои бонкӣ ва такмили раванди идоракунии он чораҳои зеринро андешидан зарур аст:

- осон гардонидани дастрасии мизоҷон ба қарз аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ (аз қабили дар муҳлати кӯтоҳтарин ва бо ҳуҷҷатгузории осон дастрас намудани қарз), ки ин таваҷҷуҳи мизоҷонро ҷалб намуда, шумораи онҳоро зиёд мегардонад;

- дарёфти роҳҳои нави ҷалби сармоя барои васеъ намудани имкониятҳои қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ ҷиҳати баланд бардоштани даромаднокии бонки тиҷоратӣ;

- баланд бардоштани сифати дороиҳо ва сифати сандуқи қарзӣ ва бо ин восита зиёд намудани дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ;

- аз ҳисоби даромадҳои иловагӣ ташкили фондҳои махсус барои кам кардани меъёри фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда, ки фарқияти он аз ҳисоби ин фонд пӯшонида мешавад.

Адабиёт

1. Ашуров Н. Пул, қарз, бонк / Н. Ашуров. - Душанбе: Матбуот, 2011. - 254 с.
2. Бэр Х.П. Секьюритизация активов: секъюритизация финансовых активов - инновационная техника финансирования банков; пер. с нем. Ю.М. Алексеева, О.М. Иванова. - М.: Волтерс Клувер, - 2006. - 624 с.
3. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ», №55 аз 24 майи с. 2022. - 22 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул 28 июни соли 2011, №722. - 64 с.
5. Николова Л.В. Секъюритизация банковских активов в современных реалиях национальной и кредитной системы России /Л.В. Николова, А.Р. Омельяненко// Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки - №4(199). - 2014. - С. 127-137.
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, банди 5.3 “Бахши молиявӣ”. - 89 с.
7. Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Душанбе, - 2020. - 11 с.
8. Аҳадов, И. Қ. Роҳҳои имконпазири коҳиш додани хавфи дороиҳои бонкӣ дар шароити имрӯза / И. Қ. Аҳадов, А. М. Мирзоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-2(34). – P. 98-106. – EDN UXKZNB.
9. Хайрзода, Ш. Қ. Арзёбии хавфҳои муосири бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳо / Ш. Қ. Хайрзода, И. Қ. Аҳадов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 21-30. – EDN JLFBMM.

ЗНАЧЕНИЕ ТАРИФНЫХ СТАВОК В СИСТЕМЕ СТРАХОВЫХ УСЛУГ

Гулмуродзода Р.Г. – к.э.н., доцент кафедры налог и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. тел:__907511201. E-mail: robiyamoh@inbox.ru.

В статье представлены сущность и состав тарифных ставок и их роль в страховании. Страховой тариф (брутто - ставка) - ставка страховой премии определяется от общей страховой суммы, на основании которой рассчитывается страховая премия. Отмечается, что страховой тариф в основном состоит из нетто-ставки, предназначенной для формирования страхового фонда, выплат и иных выплат обязательств страховщика, покрывающих расходы страховщика. Подчеркивается, что в условиях рыночной экономики страховая организация рассчитывает размер страховой премии, или, страховой взнос, который страхователь уплачивает страховщику.

Ключевые слова: тарифные ставки, страховая премия, нетто-ставка, нагрузка, страховые услуги, страховой фонд, страховые отношения.

АРЗИШИ СТАВКАХОИ ТАРИФӢ ДАР СИСТЕМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ СУҒУРТА

Гулмуродзода Р.Г. – номзади илмҳои иқтисод, дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14. тел: 907511201. Почтаи электронӣ: robiyamoh@inbox.ru

Дар мақола моҳият ва таркиби ставкаҳои тарифӣ ва нақши онҳо дар суғурта оварда шудааст. Тарифи сугурта (меъёри умумй) - меъёри мукофоти сугурта аз руи маблағи умумии суғуртае, ки дар асоси он мукофоти суғурта ҳисоб карда мешавад, муайян карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки тарифи суғурта асосан аз нетто-меъёр иборат аст, ки барои ташаккули фонди суғурта, пардохтҳо ва дигар ӯҳдадориҳои суғуртакунанда, ки хароҷоти суғуртакунандаро мепӯшонад, пешбинӣ шудааст. Таъкид мешавад, ки дар шароити иктисоди бозаргонӣ ташкилоти суғурта маблағи мукофоти суғурта ё ҳаққи суғуртаеро, ки суғурташаванда ба суғуртакунанда пардохт менамояд, хисоб мекунад.

Калидвожаҳо: меъёрҳои тарифӣ, мукофоти суғуртавӣ, нетто-меъёр, сарборӣ, хизматрасонии суғурта, фонди суғурта, муносибатҳои суғуртавӣ.

THE IMPORTANCE OF TARIFF RATES IN THE SYSTEM OF INSURANCE SERVICES

Gulmurodzoda R.G. – Ph.D., Associate Professor, Department of Tax and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Tel: 907511201. E-mail: robiyamoh@inbox.ru

The essence and composition of tariff rates and their role in insurance are presented in the article. Insurance rate (gross - rate) - the rate of the insurance premium from separate types of the total insurance sum, on the basis of which the insurance premium is calculated. It is emphasized that in the conditions of the market economy, the insurance organization calculates the size of the insurance premium, or, as they say, the insurance membership fee, which the insurer pays to the insurer.

Key words: tariff rate, insurance premium, net rate, loading, insurance services, insurance fund, insurance relations.

Одним из основных способов обеспечения финансовой устойчивости системы страхования и формирования страхового рынка в современных условиях является, прежде всего, научное обоснование, полный и правильный расчет страховых тарифов.

Актуарные расчёты (Acturial Accounting) – математические и статистические исследования способов образования страховых тарифов по видам страхования, страховых резервов. Методология актуарных расчётов основана на теории вероятности, теории больших чисел, использовании математической статистики, демографических исследований, финансовой математики.

Основы теории актуарных расчётов как отрасли науки были заложены в XVIII в. работами Э. Галлея, Д. Граунта, Я. де Витта. В это же время такие крупные математики, как Л. Эйлер, Э. Дювильяр, Н. Фусс, С. Лакруа, А. Депарсье разрабатывали теории актуарных расчётов.

Размер тарифных ставок напрямую связан с общим размером страховой премии, что влияет на долю ВВП страны.

По данным источника Swiss Re Institute (2023 г.): «Мировое страхование: взбудоражено и не поколеблено». Общий объем страховых премий к ВВП по странам мира в 2022 году выглядит следующим образом:

Казахстан 0,8%, Россия 0,9%, Турция 1,5%, Польша 2,2%, Китай 3,9%, Норвегия 4,0%, Австралия 4,2%, Германия 5,9%, Канада 8,0%, Италия 8,0%, Япония 8,2%, Нидерланды 8,5%, Швеция 9,3%,Великобритания 10,5%, Дания 10,9%, США 11,6% [13].

Действующее законодательство о системе страхования допускает разработку единых требований для всех ее участников по расчету страховых тарифов, установление единой государственной политики по надзору за страховым рынком и единому контролю за страховой деятельностью. С другой стороны, страхование жизни обеспечивает сохранение имущества застрахованного на случай страхового случая и считается одним из источников внутренних инвестиций в экономику страны.

Из вышеизложенного следует, что подготовка тарифов по страхованию жизни и разработка мер по их эффективному использованию считаются одним из актуальных вопросов развития данной отрасли.

Состав и структура цен страховых услуг определяются спецификой страхования. Прежде всего, цена страховых услуг или страховой тариф является средством распределения убытков и включает в себя следующие элементы: долю тарифа, необходимую для возмещения убытков, и часть тарифа для покрытия расходов на проведение страховых услуг. отдельный договор страхования. Наступление страхового случая (и, соответственно, возникновение ущерба) носит случайный и вероятный характер, поэтому разница между средней суммой фактического (расчетного) размера ущерба может быть низкой или высокой. Поэтому тариф должен включать премию за риск. Распределение ущерба различное (локальное) в каждой страховой организации, поэтому страховой тариф рассчитывается только на застрахованных лиц, предметы, ущерб и т.п. В связи с тем, что ущерб рассредоточен во времени и пространстве (то есть неопределенности наступления страхового случая), определенная часть страхового тарифа должна быть направлена на создание специального страхового резерва.

В свою очередь, основой страхового тарифа является эквивалентность (равенство), суть которого состоит в том, что страховая организация может обеспечить страховой выплаты в случае общей накопленной суммы, и эти условия должны быть предусмотрены на момент составления договор страхования. Кроме того, необходимо оплатить расходы на содействие деятельности страховой организации, но они покрываются за счет прибыли страховой организации. В дальнейшем с помощью научно обоснованных расчетов страховых тарифов будет осуществляться правильное обеспечение оптимального объема страхового фонда как необходимого условия дальнейшего развития страхового рынка.

Составляющими страхового тарифа являются следующие.

- размер страховой премии;

- критерии страховой взнос в страховании состоят из отдельного вида, совокупности видов страхования или вообще застрахованных объектов.

Доля страховых премий по всем видам страхования в ВВП составила 0,32% (27 млн.долл). В свою очередь, страховой взнос в страховании жизни на душу населения составляет 0,104. Доля премий по страхованию жизни в ВВП составила 0,01% (0,85 млн.долл). В свою очередь, страховой взнос в страховании жизни на душу населения увеличилось до 0,104 [6. С. 14].

Расчет тарифной ставки осуществляется путем актуарных расчетов. Совокупность критериев формирует страховой тариф. Страховой тариф (брутто-ставка) представляет собой ставку страховой премии отдельного вида от общей страховой суммы, на основании которой рассчитывается страховая премия.

Страховой тариф представляет собой, по сути, нетто-ставку, которая предназначена для формирования страхового фонда, платежей и иных выплат обременений страховщика, покрывающих расходы страховщика. В целом ставка страховой премии рассчитывается нормативным инструментом, или страховым взносом, который страхователь уплачивает страховщику.

Отсюда страховой тариф или брутто-ставка – это ставка страховой премии по конкретному виду страхования. По сути, страхователь заранее платит страховщику премию за страховую защиту.

Страховой тариф формируется в основном из нетто-ставки и дополнительной нагрузки.

$$Т_б = Т_н / 100 – f ; \quad (1)$$

здесь (%) – доля нагрузки в составе валовой ставки.

Нетто-ставка страхового тарифа по страхованию жизни на оставшиеся годы жизни до срока, указанного в договоре, или возраста, указанного в договоре, либо в случае смерти застрахованного в зависимости от условий обеспечения равенства между участников страхования, доходность от суммы инвестиционного резерва, с одной стороны, и размера суммы, подлежащей выплате, с другой стороны, по всем договорам страхования, заключенным в соответствии с действующими условиями. Нетто-ставка по сути является частью основной структуры брутто-ставки. Нетто-ставка составляет 90% от брутто-ставки, которая используется для формирования страховых резервов и выплаты страховки в случае наступления страхового случая. Расходы страховщика на стимулирование деятельности не принимаются на основе нетто-ставки.

Нагрузка изначально направлено на покрытие расходов страховщика на страховую деятельность, в том числе на реализацию мер по снижению страхового риска. Нагрузка установлена на покрытие расходов, в том числе доля нагрузки составляет 10% от нетто-ставки.

Следовательно, нагрузка — это величина, на которую брутто-ставка отличается от нетто-ставки, и это один из наиболее влиятельных факторов (часть нетто-ставки) на страховой тариф.

Основная причина заключается в том, что расчет критериев определения необходимо проводить с учетом высокого уровня инфляции. В то же время спрос на этот вид страхования отсутствует. Страхование жизни составляет основную часть страхового рынка во всех развитых странах, его доля составляет от 41% до 81% общей страховой премии. В Республике Таджикистан его доля составляет 3% [11].

Как отмечает П. Дж. Гафуров, в Республике Таджикистан единовременный членский взнос по страхованию жизни для мужчин и женщин до 30 лет сроком на 5 лет по ставке 3%, в Душанбе мужчины - 0,855 сомони и женщины - 0,859 сомони. (на основе таблицы) составляет [6. С. 76].

На основе тарифных ставок страховая компания составляет и применяет тарифную политику. Тарифная политика – это комплекс мер по разработке и внедрению тарифных ставок, обеспечивающих приемлемость и привлекательность для страховщика и страхователя [9. С. 103-107].

Определены роль и размер налоговой ставки для развития страхования, в том числе страхования жизни. Способ привлечения населения к страховым услугам предлагается

следующими способами. Обоснование частичных членских взносов и платежей в бюджет страны применительно к курсу доллара к евро, если они стабильны, прибавление процентной ставки к уровню инфляции, позиции страховщиков должно производиться с учетом уровень инфляции страны в случае выплаты страховых тарифов по договору жизни.

Доля премий по страхованию жизни в ВВП составляет 0,032% (1,838 млн.сомони или 0,5 млн.долл). В свою очередь, страховой взнос по страхованию жизни на одного гражданина Таджикистана составляет 0,07 доллара. Сравнение статистических данных показывает, что доля страхования жизни в ВВП Республике Таджикистан очень низкое.

Таким образом, в развивающихся экономических условиях основной проблемой страховых компаний является неумение рассчитывать тарифные ставки в соответствии с правилами актуарных расчетов и другие проблемы, низкий уровень страховых знаний населения связан с недоверием к деятельности страховых компаний, что является причиной нестабильного финансового положения и невыполнения своих обязательств.

Литература

1. Закон РТ «О страховой деятельность» аз 23 июля 2016г., №1349.
2. Ахвледиани Ю.Т.Страхование / Ю.Т.Ахвледиани.– М.: ЮНИТИДАНА,2013. – 543 с.
3. Васюкова, Л. К. Страхование : учебное пособие / Л. К. Васюкова, Ж. И. Лялина,Н. А. Мосолова, В. А. Останин. – Владивосток : Изд-во Дальневост. федерал. ун-та,2017. – 185 с.
4. Васюкова Л.К., Останин В.А. Страхование: методологические подходы к раскрытию сущности / Л.К.Васюкова, В.А.Останин // Вестник ХГАЭП. – 2011.- № 6 (57). –С.35-37.
5. Департамента страхового надзора при НБТ за 2022год. Режим доступа 30.08.2023_Sharh_solonai_2022.tj.pdf.pdf
6. Гафуров П.Д. Актуарне расчеты в страховании жизни: монография / П.Д. Гафуров. - Душанбе: тип. ТГФЭУ, 2021. - 157 с.
7. Страхование: учебник / ред. Ю. Т. Ахвледиани, В. В. Шахов. 4-е изд., перераб. и доп. Москва: Юнити-Дана, 2017. 511 с.
8. Шаропов Н. О страховом рынке Республики Таджикистан и о термине «сугурта». Мачаллаи “Иктисодиёти Точикистон”. - Душанбе, 2018. - 154 с.
9. Шихов А.К. Страхование. Учеб.Пособие для вузов.–М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001.- 431 с.
10. Цибульский В.А. Актуарные расчеты: Учебное пособие. «Финансы и кредит»/ Цибульский В.А. – 2-е изд. – Казань: Изд-во «Юниверсум», 2010. – 101с.
11. https:// ru.wikipedia/wiki/ Страхование, https:// www.info.org/en/ Pyuschih n/ekonomicheskoe-soderzhanie- -strahovoy-rynok-i-ego-strukturu.
12. https:// ru.wikipedia/wiki/ Страхование, https:// www.info.org/en/ Pyuschih n/ekonomicheskoe-soderzhanie-/2014/October/
13. Swiss Re Institute (2023): “World Insurance: stirred and not shaken”. Доступно: https://www.swissre.com/dam/jcr:0e365e0b-cb43-4c35-a72a-db4fb4a0ea51/2023-07-10-sri-sigma-worldinsurance-en.pdf
14. Мукимов, К. М. Формирование и использование инфляционных процессов как фактор социально-экономического развития / К. М. Мукимов // Финансово-

экономический вестник. – 2019. – № 2(18). – С. 32-37. – EDN IYOJPK.

МАВҚЕИ СУҒУРТА ДАР СОХТОРИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИҚТИСОДИЁТ

Муминзода А. – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ. суроға: 734067, ҶТ, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. тел: +992 110074646. E-mail: muminov-abdukarim@mail.ru

Халифазода Ҷ.Б. - н.и.и., ассистенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 000022336. E-mail: Khalifazoda96@mail.ru

Дар мақола самтҳои асосии институтсионалии соҳаи суғурта барои ташаккул ва рушди иқтисоди миллӣ мавриди омузиш қарор гирифтааст. Гуфта шулааст, ки суғурта қисми ҷудонашавандаи ҳар низоми иқтисодиву иҷтимоии ҷамъият, ки тибқи коидаҳои иқтисоди бозорӣ амал мекунад. Мураккабӣ ва бисёрпаҳлуии ин падидаи иқтисодӣ, ки таърихи тӯлонии рушдро паси сар кардааст, мавриди таваҷҷуҳи илмӣ ва амалии бисёре аз мутахассисон қарор гирифтааст.

Инчунин дар мақолаи мазкур ба ҷанбаҳои гуногуни ташкили фаъолияти суғуртавӣ диққати таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ дода шудааст. Масъалаи асосии методологии таҳқиқи он тавзеҳи моҳияти суғурта чун зуҳуроти иқтисодии махсус мебошад.

Калидвожаҳо: суғурта, рушди иқтисодиёт, ташаккули хизматрасониҳои суғуртавӣ, институти суғурта, институтсионалии иқтисодиёт, бозори суғурта, принсипҳои суғурта.

РАСПОЛОЖЕНИЕ СТРАХОВАНИЯ В ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ СТРУКТУРЕ ЭКОНОМИКИ

Муминзода А. – Таджикский государственный финансово-экономический университет Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедрой таможенной деятельности Адрес: 734067, РТ, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14 Тел: +992 110074646, E-mail: muminov-abdukarim@mail.ru

Халифазода Дж.Б. - к.э.н. ассистент кафедры налог и страхования Таджкиского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 000022336. E-mail: Khalifazoda96@mail.ru

В статье рассматриваются основные институциональные направления страховой отрасли для формирования и развития национальной экономики. Говорят, что страхование является неотъемлемой частью любой социально-экономической системы общества, действующей в соответствии с правилами рыночной экономики. Сложность и многогранность этого экономического явления, оставившего за собой долгую историю развития, привлекли научное и практическое внимание многих специалистов. Также в данной статье особое внимание уделяется теоретическим и практическим исследованиям различных аспектов организации страховой деятельности. Основной методический вопрос исследования заключается в объяснении сущности страхования как особого экономического явления.

Ключевые слова: страхование, развитие экономики, формирование страховых услуг, институт страхования, институциональная экономика, страховой рынок, принципы страхования.

THE POSITION OF INSURANCE IN THE INSTITUTIONAL STRUCTURE OF THE ECONOMY

Muminzoda A. – Tajik State Financial and Economic University of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Customs Activities Address: 734067, RT, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14 Tel: +992 110074646, E-mail: muminov-abdukarim@mail.ru

Khalifazoda J.B. - c.e.s. assistant at the Department of Taxation and Insurance Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe siti, Nakhimov street 64/14. Phone: 000022336. E-mail: Khalifazoda96@mail.ru

The article examines the main institutional directions of the insurance industry for the formation and development of the national economy. They say that insurance is an integral part of any socio-economic system of society, acting in accordance with the rules of the market economy. The complexity and versatility of this economic phenomenon, which has left behind a long history of development, have attracted the scientific and practical attention of many specialists. Also, this article pays special attention to theoretical and practical research of various aspects of the organization of insurance activities. The main methodological issue of the study is to explain the essence of insurance as a special economic phenomenon.

Key words: insurance, economic development, formation of insurance services, insurance institution, institutional economics, insurance market, insurance principles.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст, ки “барои татбиқи сенарияи индустриалию инноватсионӣ ҳамчун варианти бештар имконпазир шароитҳо пурра фароҳам оварда шудаанд. Ин “имконият медиҳад, ки ҳангоми ташаккулдиҳии равишҳои иноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тақвият бахшидан ба заминаи институтсионалии рушд, такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, шароит барои афзоиши ҳам сармоягузориҳои хусусию дохилӣ ва ҳам мустақими хориҷӣ муҳайё месозад”. Дар такмилу пойдории заминаи институтсионалии рушди иҷтимоивау иқтисодии мамлакат институти суғурта нақши муҳим мебозад. Зеро пайваста бо рушди муносибатҳои низоми иқтисоди бозорӣ алоқаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле серқираву мураккаб гашта вобаста афзудани номуаяйниҳо ва шиддат гирифтани таъсири омилҳои сифати беруна дошта фаъолияти корхонаҳо, субъектҳои гуногуни иқтисоди, хонаводаҳо, аҳоли бо хавфу хатарҳои гуногун рӯ ба рӯ мегарданд. Пайваста бо гармшавии табиат ва вайрон шудани мувозинати экологӣ хавфҳои марбут ба офатҳои табии зиёд мешавад. Бо сабаби рушди ғайрихаттӣ гирифтани рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва иқтисоди милии кишварҳои олам, борло гирифтани сифати ноустувории рушди онҳо сатҳи таъсири омилҳои беруна ба тарҳи рушди субъектҳои хоҷагидори иқтисодиёти мамлакатамон шумораи хавфу хатарҳову таҳдиҳо ба амниячти иқтисодӣ низ зиёд мегардад. Барои ҳивзу эмин ва паст кардани зарари эҳтимолӣ аз ин таҳдиду хавфҳо субъектҳои иқтисодӣ маҷбур мешаванд, ки ба кӯмаку дастгирии ниҳоди сӯғӯрта, ташкилотҳои суғуртавӣ муроҷиат кунад ва ё фондҳои махсус ташкил кунад.

Бояд такид намуд, ки суғурта қисми ҷудонашавандаи ҳар низоми иқтисодиву иҷтимоии ҷамъият, ки тибқи коидаҳои иқтисоди бозорӣ амал мекунад. Мураккабӣ ва бисёрпаҳлуии ин падидаи иқтисодӣ, ки таърихи тӯлонии рушдро паси сар кардааст,

мавриди таваҷҷуҳи илмӣ ва амалии бисёре аз мутахассисон қарор гирифтааст. Ҷанбаҳои гуногуни ташкили фаъолияти суғуртавӣ ҳамеша дар маркази диққати таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ қарор хоҳанд дошт. Масъалаи асосии методологии таҳқиқи он тавзеҳи моҳияти суғурта чун зуҳуроти иқтисодии махсус мебошад.

Дар корҳои назариявии бахшида ба шарҳи моҳияти суғурта ду равиши асосиро ҷудо кардан мумкин аст: равиши категории иқтисодӣ ва институтсионалӣ. Дар адабиёти илми иқтисод ҷанбаи категорӣ бартарӣ дорад. Баҳсҳои илмии солҳои охир асосан дар атрофи таъини мавқеи суғурта дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ сурат мегирифтанд. Дар умум эътироф шудааст, ки суғурта ин низоми ҳифзи манфиатҳои молумулкии субъектони хоҷагидору шаҳрвандон ҳангоми фарорасии оқибатҳои муайян мебошад. Аз миёни теъдоди зиёди тадқиқоти илмии суғурта асари олими рус В.Б. Гомеллро махсус қайд кардан мумкин аст, ки баёнгари равиши иқтисоди сиёсист. Бар асоси ин равиш суғурта маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад ва зимнан шакли молию пулии онҳо таъкид карда мешавад. Ин равиш дар адабиёти иқтисодии ватанӣ тавзеъ ёфтааст.

Равиши дигар мазмуни падидаи иқтисодии мазкурро аз нуқтаи назари институтсионалӣ шарҳ медиҳад. Дар ин равиш, пеш аз ҳама сохтори институтсионалӣ, аниқтараш сохтори ташкилии низоми суғурта таҳқиқ карда мешавад. Моҳиятан, суғурта чун маҷмӯи субъектҳо ва объектҳои муносибатҳои суғуртавӣ, мақомоти назорат, – суғуртакунандагон, фондҳои гуногуни суғурта ва ғайра муаррифӣ мешавад. Дар асари олими иқтисоддони дигари рус И. Ю. Юргенс «низоми миллии суғурта» чун мафҳуми институтсионалӣ, ҳамчун маҷмӯи субъектони суғурта, объектҳои суғурта ва фондҳои пулӣ, ки бо ҳам тавассути муносибатҳои вобаста ба пешниҳоди ҳимояи молиявии манфиатҳои молумулкии шахсони ҳуқуқӣ ва алоқамандand, баррасӣ карда мешавад. Мафҳумҳои дар адабиёти илмӣ қабулшудаи «институти хос», «сармоягузори институтсионалӣ» таърифу тавсифи аниқ надоранд. Аз ибтидо шакли институтсионалии муносибатҳои суғуртавӣ эътироф мегардад, вале хосияти институтсионалии худи суғурта баррасӣ карда намешавад. Ин маънои нодида гирифтани назарияи институтсионалиро надорад. Таҳқиқи назарияи бозори суғурта дар асоси назарияи тағйироти институтсионалӣ дар асарҳои А. А. Тсиганов инъикос ёфтааст, ки ӯ дар натиҷаи таҳқиқи сохтори институтсионалии суғурта назарияи рушди институтсионалии бозори суғуртаро собит кард. Дар корҳои бисёре аз муҳаққиқон ватанӣ низ равиши институтсионалӣ истифода шуда, зикр карда шудааст, ки суғурта институти бозории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он мебошад, ки рушди устувор ва пайдарҳами равандҳои такрористеҳсолро таъмин мекунад .

Тавзеҳи моҳияти суғурта ҳамчун институти хоси иқтисодӣ, таҳқиқи асосҳои институтсионалии фаъолияти суғурта ва таъмини институтсионалии танзими он имкон медиҳанд, ки сохтори ин фаъолият дақиқтар муайян ва механизми самарабахши танзими он барои таъмини рушди устувори бозори суғуртаи кишвар коркард карда шавад.

Набудани заминаи меъёрии ҳуқуқии комплексӣ, танзими молиявии муассир, зерсохтори зарурӣ ва институтҳои бозори молиявӣ, чораҳои дастгирии рақобат, ҳавасмандсозии додугирифти технология ва тақвияти “шаффофии” бозорҳо ва ғайра сабабгори душвориҳо дар дигаргунсозии низоми иқтисодии Тоҷикистон шуданд. Тағйироти институтсионалӣ оид ба ташкили заминаи меъёрии лозима, сохтани механизму институтҳо ташкили сохтори институтсионалии зарурироро дар миқёси иқтисоди миллӣ ва ҳам бахшҳои алоҳидаи он таъмин мекунанд. Ба ибораи дигар, рушди низоми иқтисодӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани таъмини институтсионалии дахлдор мумкину ҷоиз аст.

Методологияи институтсионалӣ дар таҳқиқи бисёре аз падидаҳои иҷтимоию иқтисодӣ истифода шудааст. Ба ғайр аз назарияи иқтисодӣ, дар чандин соҳаи тадқиқоти илмӣ истилоҳоти институтсионалӣ, аз ҷумла ибораи «таъмини институтсионалӣ» фаъолона истифода карда мешаванд. Аммо то охир ин истилоҳ тавзеҳу шарҳи пурраи худро наёфтааст. Дар корҳои илмии нашршуда таҳти ибораи умумии «таъмини институтсионалӣ» механизмҳои интиқоли иттилоот, сохтори ташкилӣ, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, институтҳои дахлдор, низоми институтсионалӣ фаҳмида мешаванд. Вале таърифи муфассалу асосноки ин мафҳум вуҷуд надорад. Дар натиҷаи таҳлили тасаввуроти гуногун оид ба мазмуни таъмини институтсионалӣ чор равиши асосиро муайян кардан мумкин аст:

- равиши ташкилӣ, ки ҷанбаи сохторию амалии муносибатҳои иқтисодиро шарҳ медиҳад;
- равиши фармонӣ, ки дар шакли идораи давлатӣ ифода меёбад,
- танзими давлатӣ, ташкили дастгирии давлатӣ, танзими меъёрӣ;
- афзорӣ, ки дастгирии иттилоотию таҳлилии фаъолияти субъектҳои низоми иқтисодиро дар назар дорад;
- ба ном детерминизми институтсионалӣ, ки дар доираи он мафҳумҳои «институтҳо», «маҳдудиятҳои институтсионалӣ», «сохтори институтсионалӣ», «муҳити институтсионалӣ», «ҷадвали институтсионалӣ», «ислоҳоти институтсионалӣ» ва мисли инҳо истифода бурда мешаванд.

Ба фикри мо, ҳеч яке аз ин равишҳо дар алоҳидагӣ мазмуну шаклҳои таъмини институтсионалиро шарҳ намедиҳад ва онҳо дар алоқамандӣ метаворанд дар таъминоти институсионлӣ хидмат намоянд Бо вуҷуди ин ки ин нуқтаҳои назар дар адабиёти илмӣ ба таври ҷудогона ва мухтор арзи вуҷуд доранд, онҳо аслан ҳамон як падидаанд, ки аз ҷиҳатҳои гуногун таҳқиқ карда шудаанд. Дар умум, ба назари мо таъмини институтсионалиро дар ҷанбаҳои зерин тасвир кардан мумкин аст:

ҷанбаи назариявӣ-методологӣ;

ҷанбаи сохторӣ-функсионалӣ;

когнитивӣ (иттилоотӣ-ташкилӣ).

Хамин тариқ, таҳқиқи таъмини институтсионалӣ ба маънои васеъ ҷанбаҳои абстракт, амалӣ ва ҳам когнитивиро дар назар дорад. Ба маънои маҳдуд таъмини институтсионалӣ вобаста ба вазифаҳои гузошташуда ва соҳаи тадқиқот, дар яке аз шаклҳои номбаршуда тасвир карда мешавад. Таъмини институтсионалӣ шарти зарурии рушди ҳама гуна зуҳуроти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Пайдоиш ва рушди баъдии он, ҳосил кардани шакли устувори он дар сурати мавҷуд будани таъмини институтсионалии дахлдор имкон дорад. Ташаккули низоми самарабахши танзими фаъолияти суғурта ба таъмини институтсионалии дахлдор вобаста аст, ки тадқиқи он дар сатҳҳои абстракт (назариявӣ-методологӣ), амалӣ (сохторӣ-функсионалӣ) ва когнитивӣ (иттилоотӣ-ташкилӣ) зарур мебошад.

Адабиёт

1. Ашуров Ғ.Д. Таҳлили вазъи муосири бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ғ.Д. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми II. - 2021. - №2. - С. 87-93.

2. Ашуров Г.Д. Перспективы развития системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан / Г.Д. Ашуров, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020 - №4/2 (34) - С. 202-206.

3.Мирсаидов А.Б. Институциональное обеспечение государственного регулирования страхового предпринимательства в Таджикистане / А.Б. Мирсаидов, Ш. Шамсуллозода // Евразийский союз ученых. Серия: экономические и юридические науки. - 2021. - №12(93). - С. 49-55.

4. Шавкунова И.С. Институциональные технологии: теоретический анализ /И.С. Шавкунова// Тенденции и проблемы в экономике России: теоретические и практические аспекты: материалы Всерос. науч.-практ. конф., 23 марта 2017 г. / под ред. С.А. Курганского. - Иркутск: Изд-во БГУ, 2017. - 293 с.

5. Пузыревский А.С. Антиконкурентные соглашения и недобросовестная конкуренция / А.С. Пузыревский. - М.: Проспект, 2015. - 288 с.

6. Сплетухов Ю.Л. Место и роль государства в организации страхования в современных условиях /Ю.Л. Сплетухов // Финансы. -2000. - №10. - С. 39-41.

7. Факеров Х.Н. Некоторые особенности становления системы электронной коммерции в Республики Таджикистан / Х.Н. Факеров, Д.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета, - 2019. - №4 (29). - С. 8-1

8. Давлатзода, Қ. Қ. Самтҳои асосии дастгирии давлатии рушди кластерҳои Пахтакорӣ дар минтақаҳои кишвар / Қ. Қ. Давлатзода, Ҷ. Б. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 68-76. – EDN NHUFIJ.

9. Убайдуллоев, Ф. К. Иртиботи мутақобилаи субъектҳои муносибатҳои молиявӣ ва ташаккули рафтори молиявии хонаводаҳо / Ф. К. Убайдуллоев, Б. Э. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 74-83. – EDN HZDDEX.

10. Бобомуродов, Б. Э. Самтҳои дастгирӣ ва танзими давлатии устувории захираҳои молиявии хонаводаҳо / Б. Э. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – P. 112-122. – EDN AQQBNC.

МУШКИЛОТИ ИСТИФОДАБАРИИ ИҚТИСОДОРИ СОДИРОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Давлатшоева З.М. – н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова64/14. тел. 93-404-43-32

Дар мақолаи мазкур таваҷҷӯҳи асоси ба хусуиятҳои хоси истифодабарии иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таъсири он ба рушди иқтисодӣ ва ташаккули саноати коркарди кишвар равона шудааст. Муаллиф истифодабарии иқтидори содиротии кишварро ҳамчун ҷузъи таркибии иқтидори истеҳсолии кишвар мавриди таҳлил ва арзёби қарор додааст. Дар мақола таъкид мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои канданиҳои фоиданок барои ташаккул ва рушди саноати коркарди ба содирот нигаронидашуда мебошад. Истифодабарии самараноки иқтидори содиротии кишвар дар доираи низоми гумрукии содирот ва кокард дар ҳудуди гумруки имконпазир аст.

Калидвожаҳо: ҳамгироии иқтисодӣ, иқтисодиёти ҷаҳон, иқтидори содиротӣ, содирот, рақобатпазирӣ, тақсимоти байналмилалии меҳнат, воридотивазкунанда**.**

ПРОБЛЕМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Давлатшоева З.М. – к.э.н., доцент кафедры мировой экономики Государственный университет финансов и экономики Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. тел. 93-404-43-32

В данной статье основное внимание сосредоточено на особенностях использования экспортного потенциала Республики Таджикистан с учетом его влияния на экономическое развитие и формирование перерабатывающей промышленности страны. Автор анализирует и оценивает использование экспортного потенциала страны как составляющей производственного потенциала страны. В статье подчеркивается, что Республика Таджикистан обладает ресурсами для формирования и развития экспортно-ориентированной обрабатывающей промышленности страны. Использования экспортного потенциала Республики Таджикистан возможна в рамках таможенные режима экспорта и переработка на таможенной территории.

Ключевые слова: экономическая интеграция, мировая экономика, экспортный потенциал, экспорт, конкурентоспособность, международное разделение труда, импортозамещение.

PROBLEMS OF USING THE EXPORT POTENTIAL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS

Davlatshoeva Z.M. – c.e.s., Associate Professor, Department of World Economy State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimova street 64/14. tel. 93-404-43-32

This article focuses on the specifics of using the export potential of the Republic of Tajikistan, taking into account its impact on economic development and the formation of the country's processing industry. The author analyzes and evaluates the use of the country's export potential as a component of the country's production potential. The article emphasizes that the Republic of Tajikistan has the resources to form and develop an export-oriented manufacturing industry in the country. The use of the export potential of the Republic of Tajikistan is possible within the framework of the customs regime of export and processing on the customs territory.

Key words: economic integration, world economy, export potential, export, competitiveness, international division of labor, import substitution

Дар шароити муосири табдили бозорҳо ба низоми ягонаи ҷаҳонии фаъолияти самараноки низоми иқтисодии кишвар на танҳо ҳамчун усули ҳамкории иқтисоди миллӣ ба ҷаҳон, балки ҳамчун механизми муассири ташаккули афзалиятҳои рақобатии давлат дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Қувваи пешбарандаи ба раванди такрористеҳсоли ҷаҳонӣ, инчунин ба системаи ҳамкории ҷаҳонии тиҷоратӣ ворид шудани иқтисодиёти миллӣ фаъолияти иқтисодии берунии субъектҳои хоҷагидор дар сатҳҳои гуногун мебошад.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми иқтидори содиротӣ васеъ истифода шуда, он барои тавсифи вазъи кунунӣ ва хусусиятҳои тамоюли имконпазир ва дурнамои рушди объектҳои таҳқиқшаванда истифода мешавад. Ин истилоҳро дар сатҳи як корхонаи алоҳида ва ё гуруҳи корхонаҳо, дар сатҳи соҳаи мушаххас, дар сатҳи минтақавӣ, дар сатҳи системаи

иқтисодии кишвар умуман истифода бурдан мумкин аст. Барои муайян кардани моҳияти категорияи «иқтидори содиротии кишвар» муайян кардани андешаҳои қаблан дар адабиёт ташаккулёфта аз рӯи адолат аст.

Ба фикри мо, таърифи аз ҳама дурустро Савиновым Ю.А. ва Мигунов А.Ю. пешниҳод намудаанд. Тибқи ин мафҳум, иқтидори содиротӣ «қобилияти иқтисоди миллӣ, бахшҳо, соҳаҳо, корхонаҳо ва ширкатҳо барои истеҳсоли молу хизматрасониҳои дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир бо истифода аз афзалиятҳои муқоисавии миллӣ ва бартариҳои нави рақобатӣ дар асоси дастовардҳои илм ва прогресси илмию техникӣ мебошад.» [4] Тибқи ин мафҳум, иқтидори содиротӣ маҷмӯи ягона, аз ҷумла захираҳои табиӣ, сармоя, захираҳои нақлиёту коммуникатсия, технология ва захираҳои меҳнатӣ буда, бевосита ба категорияи рақобатпазирӣ ва дурнамои рушди минбаъдаи минтақа ва умуман давлат алоқаманд мебошад.

Ба гуфтаи Сафаров Б.Г. дар шароити муосир таҳияи механизми илман асосноки содирот зарур аст, ки қадам ба қадам барои табдили боигариҳои миллати мо ба сармоя имконият фароҳам оварад [2]. Вазифаи асосӣ ҳангоми татбиқи амалии ин назария таваҷҷуҳи кишвар ба истеҳсоли молҳои рақобатпазир бо нигоҳ доштани қобилияти давлат, соҳа ё корхона дар фурӯши молу хадамот дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Ба ин васила, иқтидори содиротӣ ин имконияти кишвар, соҳаҳо ва корхонаҳои он дар истеҳсолу содироти молҳои қобили рақобат дар арсаи ҷаҳонӣ, бо истифода аз бартарии табиӣ, зерсохторӣ, истеҳсолӣ, инноватсионӣ аст.

Исабейли А.Р. моҳияти иқтидори содиротиро тавассути «призмаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар» баррасӣ мекунад. Албатта, содирот ин берун овардани мол аз ҳудуди гумрукии давлат бе назардошти уҳдадориҳо оид ба реимпорт мебошад. Ин ифода, пеш аз хама, қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ, инкишофи на танҳо соҳаи истеҳсолот, балки соҳаи истеъмолро низ нишон медиҳад, ки бо тартиби ба бозор баровардани маҳсулот чӣ дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори хориҷӣ алоқаманд аст. [3]. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки иқтидори содиротии кишвар ҳамчун як ҷузъи иқтидори иқтисодии миллӣ, ҳамчун ҷузъи муҳимтарини он муайян карда шавад. Категория иқтидори содироти имкони ҳамгироии системаи иқтисоди ватаниро бо фазои байналмилалии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки бешубҳа, дар марҳилаи кунунӣ яке аз масъалаҳои мубрами рушди иқтисодии кишвар мебошад.

Ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми элементҳои низоми даврии Менделев мавҷуд аст.

Вобатаста ба ин Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо барои таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, балки барои иштироки самаранок дар низоми тақсимоти байналмилалии меҳнат ба воситаи содирот дорои иқтидори зиёди захиравӣ ва истеҳсолӣ мебошад.

Дар паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллит, Президенти кишвар Эмомалии Раҳмон қайд кард, ки дар Тоҷикистон захираи сангҳои бинокорӣ, аз ҷумла мармару хоро фаровон аст, ки дар дохил ва хориҷи кишвар ба онҳо талабот зиёд мебошад.

Бо дарназардошти имкониятҳои зикршуда, пурра ба роҳ мондани истихроҷ ва коркарди онҳо, аз ҷумла сангҳои ороишӣ метавонад яке аз манбаъҳои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, зиёд намудани соди-роти маҳсулот ва дар маҷмӯъ, таъминкунандаи рушди иқтисоди кишвар гардад. [1].

Имрӯз рӯйхати онҳо хеле васеъ шудааст. Хамин тавр, то 40 хел ашьёи хоми минералӣ хосил карда мешавад. Аз зиёда аз 400 кон аллакай 100-тоаш кашф карда шуда,

ашьёи хоми пуркимат хосил карда мешавад. Тоҷикистон дорои захираҳои ғании об буда, захираҳои гуногуни маъданӣ (об) дорад, ки коркард ва азхудкунии онҳо масъалаи таъмини аҳолӣ бо оби маъдании аз ҷиҳати экологӣ тозаро ҳал мекунад.

Дар чунин шароити махсуси Тоҷикистон зарурати таҳлили муфассали сиёсати содиротӣ ба миён омада буд. Дар ҷои холӣ сохтани истеҳсолоти содиротӣ дар шароити номусоидии омилҳои истеҳсол, ба шумули мудирият дар шароити воқеии Тоҷикистон ғайримумкин аст. Аз ин ҷиҳат, гузориши масъалаи рушди афзалиятноки истеҳсолоти воридотивазкунанда босамартар аст, ин на танҳо барои эҳёи фаъолияти иқтисодии корхонаҳои азкормонда, балки барои ташкили заминаҳои пурэътимоди моддию техникӣ, касбию тахассусӣ ва идории гузариш ба рушди содиротӣ муҳим аст. Ин барои андӯхтани таҷрибаи такмилдиҳии сатҳи рақобатпазирӣ дар бозори дохилӣ, хусусан бо молҳои хориҷӣ ва ҷорисозии батадриҷи стандартҳои ҷаҳонӣ муҳим аст. Дар ниҳояти кор сиёсати воридотивазкунӣ метавонад ба сифати омили тавонои танаввуи иқтисод ва табдилёбии истеҳсолоти воридотивазкунанда ба истеҳсолоти рӯ ба содирот; барои густариш ва тағйир додани самтҳои ҷуғрофиёии содироти Тоҷикистон дар шароити танаввуи истеҳсол хидмат кунад.

Гуногунсозии сохтори иқтисодӣ бояд ба тавсеи ҳамкории ҳамаҷониба бо кишварҳои Осиё, Аврупо, ба Япония ва дигар кишварҳои мутараққӣ равона карда шавад.

Гуногунсозии иқтисод тағйиротҳои ҷиддии сохтори воридотро талаб мекунад. Воридоти таҷҳизоти технологӣ ва баъзе аз масолеҳе, ки дар Тоҷикистон истеҳсол намешаванд, зиёд кардан лозим аст. Илова ба ин, чунин гуногунсозӣ бе ҷорӣ кардани баъзе маҳдудиятҳои воридоти молҳое, ки ба барномаи гуногунсозии шомил карда мешаванд, ғайриимкон аст. Тағйир додани сохтори содирот бо тавсеи ҳудуди гуногунсозӣ ва татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ имконпазир мегардад. Тоҷикистон барои амалӣ кардани гуногунсозии сохтории иқтисод ниёзманди ёрии техникӣ ва молиявии кишварҳои мутараққӣ мебошад. Дар ин маврид бахшҳои хусусӣ ва давлатии Россия, Хитой, Аврупо, Япония, Туркия ва дигар кишварҳои мутараққӣ метавонанд саҳмгузор бошанд. Таҷҳизоти технологии истеҳсоли ин кишварҳо барои Тоҷикистон заминаҳои зарурӣро барои васеънамои иқтидори содироти кишвар дар дурнамои миёнамуҳлат фароҳам меоваранд. Хеле муҳим аст, ки ҳангоми тезонидани равандҳои истифодабарии иқтидори содироти бо суръати баланди омодасозии коргарону мутахассисони баландихтисос таъмин гарданд.

Ин пеш аз хама дар хусусиятҳои сифатии сохтори молии содироти кишвар зоҳир мегардад. Дар махсулоте, ки ба бозори хориҷӣ бароварда мешавад, ашьёи хом ва молҳои сатҳи пасти коркад бартарӣ доранд. Маҳсулоти тайёр кисми ками хачми умумии содиротро ташкил медихад. Самаранокии савдои берунӣ асосан аз ҳисоби мунтазам зиёд кардани ҳаҷми содирот, на такмили технологии раванди истеҳсолот (ва мутаносибан даромаднокии он) ба даст оварда мешавад.

Иқтидори оби Тоҷикистон низ ҳаҷми захираҳои гидроэнергетикиро муайян мекунад, ки ҷумҳурӣ дар ин замина пас аз ИМА ва Русия дар ҷои сеюм қарор дорад.

Вобаста ба ин Президенти кишвар Эмомалии Раҳмон дар паём таъкид намуд Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад.

Чунонки борҳо таъкид кардаам, ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд. [1].

Бояд қайд кард, ки истеҳсоли баркӣ аз нигоҳи экологӣ тоза ва бо нархи арзон барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири содиротӣ заминаҳои мусоидро фароҳам меоварад. Дар ин замина мақомоти гумрук тавассути баргузор намудани семинари илмӣ-амалӣ мазмун ва моҳияти низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ ва имтиёзҳои дар доираи низоми гумрукии содирот муайян гардидаро ба субектҳои фаъолияти иктисодии хориҷӣ мефаҳмонад. Ин имконияти васеъро барои бунёди корхонаҳои коркарди саноатии ба содирот нигарондашударо фароҳам оварда ба афзоиши содироти маҳсулотҳои дорои арзиши баланди иловашуда ва рушди амалиётҳои толлингӣ мусоидат менамояд. Шарикони хориҷиро барои сармоягузории мустақим ва сандуқӣ, воридоти технологияи муосир ва менеҷмети байналмилалиро ба бахши содиротии иқтисоди миллии кишвар ҳавсманд менамояд.

Соҳаи асосии иқтисодиёти Тоҷикистон кишоварзӣ буда, қисми зиёди маҳсулоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро истеҳсол мекунад. Дар охири солҳои 90-ум майдони умумии заминҳои корам дар Тоҷикистон 812 ҳазор гектарро ташкил дод, ки 688 ҳазор гектараш заминҳои обӣ мебошад. ДарТоҷикистон холо хам пахта зироати асосӣ мебошад. Дар соли 1998 чамъоварии умумии пахтаи хом кариб 400 хазор тонна (аз ҷумла кариб 60 хазор тоннааш навъхои махсусан пуркимати махиннах) ё кариб 130 хазор тонна нахи пахтай хушсифатро ташкил дод. Иқтидори пахтакорӣ ва коркарди маҳсулоти пахта хеле калон буда, маҳсулоти асосии содиротии кишварро ташкил медиҳад, ки зиёда аз 150 миллион доллярро ташкил додааст.

Дар Тоҷикистон дар 9 соҳаи саноат 1628 корхона фаъолият мекунад. Аз 10 корхонаи саноати металлургӣ заводи алюминии Тоҷикистон, ки иқтидори лоиҳавии солонааш 514 ҳазор тонна профили металлӣ дорад, дар ин соҳа авлавияти баландтарин маҳсуб мешавад. Дар саноат комбинати калони гидрометаллургии ҶШС «Тамохуш»-и Исфара низ мавкеи мухимро ишгол мекунад. Зиёда аз 100 корхонаи кишвар асоси саноати сабукро ташкил медихад, ки дар онхо навъхои асосии махсулот матоъ ва маснуоти бофандагии аз шоҳӣ, пахтагин ва баъзе навъхои пашм, инчунин либос, пойафзол, галантерея ва маснуоти чини мебошад.

250 корхонаи саноати хурокворй ба се гурух барои сайёҳон, кӯҳнавардон, лижаронҳо Тоҷикистон сарзамини имкониятҳои номаҳдуд аст. Дар як сол зиёда аз 300 рузи офтобй мавчуд аст ва ин ба шумо имкон медихад, ки на танхо дар фасли бахор ва тобистон, балки дар тирамох хам дар кухсор саёхат кунед ва зимистон барои лижаронй вакти хеле хуб аст.

Тавре мебинед, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори кофии содиротӣ буда, бо роҳандозии дуруст ва самараноки сиёсати содиротӣ сатҳи зиндагии шаҳрвандони моро хеле беҳтар кардан мумкин аст. — хурокворй, гушту шир ва нонпазй, ки равган, маргарин, нушокихои спиртй, консерв, тамоку, оби минералй истехсол мекунанд, таксим карда шудааст.

Гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон дар соли 2023 ба 8 миллиарду 328,9 миллион доллар афзоиш ёфт, ки ин баландтарин нишондодиҳанда дар тамоми таърихи истиқлолият маҳсуб мешавад.

Ин нишондод нисбат ба соли 2022 13,9 фоиз ё 1 миллиарду 019,4 миллион доллар зиёд шудааст. Содироти мол дар ин давра ба 2 миллиарду 448,8 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022 14,3 фоиз, ё 306,8 миллион доллари амрикои афзоиш ёфтааст.

Дар сохтори содироти кишвар ҳиссаи металлҳои қиматбаҳо (71 гурӯҳи молӣ) – 46,6 фоиз, маъданҳои фоиданок – 15,4 фоиз, нахи пахта ва маснуоти он – 10,2 фоиз,

алюминийи аввалия ва маҳсулоти аз он тайёршуда – 6,1 фоиз, кувваи электр — 4,5 фоиз, дигар металлхои нимкимат (сурма) — 4,4 фоиз, махсулоти хочагии кишлок — 1,9 фоиз, тачхизоти электр —. 1,4 фоиз, цемент — 1,4 фоиз, либосхои гуногун — 1,6 фоиз ва махсулоти химиявии гайриорганикӣ инчунин маҳсулоти сурбу металлхои сиёх ва дигар молхо — 1 фоизро ташкил дод.

Дар натиҷаи таҳлили самаранокии фурӯши маҷмӯи маҳсулоти содиротии кишвар метавон ба хулосае омад, ки нигоҳ доштани сатҳи ҳозираи рақобатпазирии молҳои ватанӣ кишварро ба аутсайдери иқтисодиёт ва савдои ҷаҳонӣ табдил медиҳад,табиати ашёи хомии содирот ва воридоти ба истеъмолкунанда нигаронида шуда нигоҳ дошта мешавад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи таъсиси иқтисоди хеле муассир, чандир ва қобили қабул ба инноватсионии ватанӣ, ки ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамчун шарики баробар-ҳуқуқ шомил хоҳад шуд, ҳоло зарур аст, ки сиёсати иқтисодии хориҷии кишварро ба истифодаи аз афзалиятҳои мавҷудаи рақобатӣ ба таъмин намудани дарачаи баланди ракобатнокӣ ва ва паст кардани арзиши аслии маҳсулот равона созем.

Вазифаи асосии имрӯза муайян кардани иқтидори содиротии ниҳонии соҳаҳои Тоҷикистон дар баробари ҳалли мушкилоти дар ин кор омӯхташуда мебошад, муносибати маҷмӯӣ ба ин ҷанбаҳо барои ноил шудани содироти кишвар ба нишондиҳандаҳои мусбӣ мусоидат мекунад ва ба саноати коркард имкон медиҳад,ки маҳсулотҳои муосирро барои таъмини рақобатпазирии миллӣ истеҳсол намояд.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баМаҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 [манбаи электронӣ]. URL:http://president.tj/node/13739 (санаи мурочиат: 13.12.2023;

2. Сафаров Б.Г. Рыночные механизмы реализации экспортного потенциала РТ: автореферат–Душанбе, 2004.-22с;

3. Озерова Д.И. К вопросу об экспортном потенциале в структуре эконо-мического потенциала агропромышленного комплекса // Сибирский научный сбор-ник: экономические науки, Сборник научных трудов. Новосибирск, 2018. С. 59-71;

4. Савинов Ю.А., Мигунов А.Ю. Государственная финансовая поддержка экспорта в России // Российский внешнеэкономический вестник. 2018. № 5 сс. 30-37, № 6. С. 46-55.

5. Содиков, М. С. Особенности развития торгово-экономических отношений Республики Таджикистан в рамках ШОС / М. С. Содиков, С. Б. Шарипов // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 2(26). – С. 62-70. – EDN NKMYHK.

6. Содиков, М. С. Экономическая интеграция Центроазиатских стран в рамках интеграционного объединения ШОС / М. С. Содиков, Ф. Х. Фародов // Финансово-экономический вестник. – 2020. – № 1(21). – С. 47-54. – EDN MBHLLD.

7. Сафаров, Б. Г. Ташаккули фазои мезоиқтисодӣ ҳамчун омили рушди минтақаҳои кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ / Б. Г. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – P. 35-43. – EDN ZAFACG.

8. Махшулов, С. Ҷ. Равандҳои идоракунии осебпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, М. Ҳ. Ҷулиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 4(28). – P. 147-155. – EDN WMELWI.

9. Сулаймонзода, Ш. Ф. Фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун воситаи асосии татбиқи стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Ш. Ф.

Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 4(24). – P. 129-137. – EDN CZAWOI.

МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ

Давлатов Ф.С. - муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, телефон: 90210868. fareedoon_ds@mail.ru

Мамадбекова Н.А. - устоди калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова64/14.Тел: 937130304

Дар мақола масъалаҳо ва тадбирҳои ҳуқуқии танзимкунандаи назорати гумрукиро муайян ва алоқаи мустаҳками он бо барасмиятдарории гумрукӣ исбот карда мешвад.

Муаллиф бар он ақида аст, ки масъалаҳои такмили фаъолияти гумрукиро мақомоти гумрук дар чаҳорчӯбаи тавсияҳои Созмонҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл мекунад. Чунончи, созмонҳои байналмилалӣ ифодагари ғояҳои муосири назорати гумрукӣ (инноватсионӣ, холисона, боэътимод будани назорати гумрукӣ ва ҳамкорӣ) мебошанд ва технологияи расмиёти гумрукиро бо истифода аз як қатор принсипҳо пешниҳод мекунанд, ки дар мақола оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, назорати гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, сарҳади гумрукӣ, шаклҳои назорати гумрукӣ, молу воситаҳои нақлиёт, санадҳои байналмилалӣ.

ВОПРОСЫ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ТАМОЖЕННОГО КОНТРОЛЯ

Давлатов Ф.С. - старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Телефон: 90210868; fareedoon_ds@mail.ru

Мамадбекова Н.А. - старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.Телефон: 937130304

В статье исследованы вопросы международно-правового регулирования таможенного контроля и обоснована его тесная практическая взаимосвязь с таможенным оформлением.

Автор считает, что таможенные органы решают вопросы совершенствования таможенного дела в рамках рекомендаций международных организаций. Так, международные организации выражают современные принципы таможенного контроля (инновационность, объективность, достоверность таможенного контроля и сотрудничество) и предлагают технологию таможенного контроля на их основе.

Ключевые слова: внешнеэкономическая деятельность, таможенный контроль, таможенное оформление, таможенная граница, формы таможенного контроля, товары и транспортные средства, международные акты.

ISSUES OF INTERNATIONAL LEGAL REGULATION OF CUSTOMS CONTROL

Davlatov F.S. - Senior Lecturer of the Department of Customs Affairs of the Tajik State University of Finance and Economics. Phone: 90210868; fareedoon_ds@mail.ru

Mamadbekova N.A. - Senior Lecturer of the Department of Customs Affairs of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: 937130304

The article examines the issues of international legal regulation of customs control and substantiates its close practical relationship with customs clearance.

The author believes that customs authorities resolve issues of improving customs affairs within the framework of recommendations of international organizations. Thus, international organizations express modern principles of customs control (innovation, objectivity, reliability of customs control and cooperation) and offer customs control technology based on them.

Key words: foreign economic activity, customs control, customs clearance, customs border, forms of customs control, goods and vehicles, international acts.

Назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ аз равандҳои муҳими расмиёти гумрукӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мебошанд. Ҳамаи молу воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешавад, мавриди барасмиятдарории гумрукӣ ва таҳти назорати гумрукӣ қарор мегирад. Бар ҳамин асос, барасмиятдарории гумрукӣ амалҳои таҳти низоми муайяни гумрукӣ ҷойгир намудани молу воситаҳои нақлиёт ва анҷоми амали ин низомро дар бар мегирад. Инчунин, барасмиятдарории гумрукӣ амалҳои шахсони мансабдори мақомоти гумрук аст, ки барои таъмини риояи қонунгузории амалкунанда ва тартиби муқарраршудаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошанд.

Аслан назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ ба ҳамдигар алоқаи мустаҳкам доранд ва яке бе дигаре буда наметавонад, чунончи, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба мақомоти гумрук ҳатман мавриди тафтиш қарор дода шуда, азназаргузаронии молу воситаҳои нақлиёт низ иҷро карда мешавад. Барасмиятдарории гумрукӣ ҳам бидуни назорати гумрукӣ кори беҳуда аст.

Мақомоти гумрук масъалаҳои такмили фаъолияти гумрукиро дар чаҳорчӯбаи тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрукӣ (СУГ) ҳаллу фасл мекунанд. Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи содагардонӣ ва ҳамоҳангии расмиёти гумрукӣ санади муҳимтарини СУГ мебошад, ки соли 1973 дар Киото қабул шудааст. Таҳрири нави Конвенсияро кодекс (низомнома)-и байналмилалии гумрук донистан мумкин аст, ки ба эҷоди шароити зарурӣ баҳри рушди тиҷорати пурсамари берунӣ, аз ҷумла тавассути содагардонию ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ равона шудааст.

Мақомоти гумрук дар фаъолияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун, аз қабили санадҳои байналмилалӣ, қонунҳои миллӣ ва санадҳои зерқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба раҳбарӣ мегиранд.

Конвенсияи Киото ифодагари ғояи муосири назорати гумрукӣ (инноватсионӣ, холисона, боэътимод будани назорати гумрукӣ ва ҳамкорӣ) мебошад, зеро технологияи расмиёти гумрукиро бо истифода аз принсипҳои зерин пешниҳод мекунад:

- гузариш ба системаҳои автоматикунонидашудаи назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ тавассути интиқоли электронии маълумот;
- истифодабарии ҳуҷҷатҳои электронӣ;
- ҷорӣ кардани системаи идораи таваккал;

- муайян кардани тартиби дақиқ ҳангоми татбиқи технологияи назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ (аз ҷумла қоидаи равзанаи ягона) ва ҳангоми баҳсҳое, ки дар рафти ин амалҳо (расмиёт) ба миён меоянд;

- таъсиси системаи иттилоотии дастраси ҳамагон оид ба қонунгузории гумруки барои ҳама ширкаткунандагони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.

Ҷорикунии ин принсипҳои инноватсионии технологӣ, ки ба таҷрибаи ҷаҳонӣ асос меёбанд, ба мақомоти гумрук имкон медиҳад, ки таъсири омили инсониро ҳангоми тасмимгирии оид ба назорати гумрукӣ коҳиш диҳад, суръати гузаронидани расмиёти назорати гумрукӣро афзояд, вақти назорати гумрукӣ ва барасмиятдарориро кам ва самаранокии кори мақомоти гумрукро баланд кунад.

Таъмини меъёрии ҳуқуқии назорати давлатӣ, тартиби ташкил ва баргузории он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми амалисозии назорати давлатӣ» мустаҳкам шудааст. Аммо таҳлили банди 4-и моддаи 1 ин қонун, ки соҳаи истифодаи онро муқаррар мекунад, аз баъзе хусусиятҳои назорати гумрукӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ба навъи ашё, асосҳои санҷиш, муҳлату даврабандии санҷишҳо, огоҳинома дар бораи гузаронидани санҷиши ғайринақшавии сайёр дахл доранд. Онҳо мумкин аст бо қонунҳои дигар ҳам муқаррар шаванд ва ин комилан дуруст аст, зеро назорати гумрукӣ аз навъҳои дигари назорати давлатӣ фарқияти ҷиддӣ дорад.

Предмети санҷиши назорати давлатӣ дар доираи қонуни мазкур фаъолият (амал, беамалӣ)-и шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад. Предмети назорати гумрукӣ гуногунрангтар аст. Мутобиқи қисми 1-и моддаи 13 Кодекси гумрук назорати гумрукиро шахсони мансабдори мақомоти гумрук нисбати объектҳои зерин мегузаронанд:

- мол ва воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода ва тибқи талаботи Кодекси гумрук декларатсия карда мешаванд;
- декларатсияи гумрукӣ, ҳуҷҷату маълумоте, ки пешниҳод карданашон тибқи қонунгузории гумрук пешбинӣ шудааст;
- фаъолияти шахсон, ки бо интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ, амалҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ алоқаманданд, инчунин фаъолияте, ки дар доираи расмиёти алоҳидаи гумрукӣ амалӣ карда мешавад;
- шахсоне, ки аз сарҳади гумрукӣ убур мекунанд.

Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми амалисозии назорати давлатӣ» танҳо як усули назорат - гузаронидани санҷишро муқаррар мекунад. Мақомоти гумрук якчанд шакли назорати гумрукиро истифода мебаранд, ки бо усулу воситаҳои гуногун гузаронида мешаванд. Санҷишҳои нақшавӣ, мутобиқи қонуни мазкур на бештар аз як маротиба дар се сол гузаронида мешаванд. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муҳлатро барои назорати гумрукӣ муқаррар намекунад ва ин табиист. Аз рӯи вақт назорати гумрукӣ ба назорати пешакӣ (дар сурати декларатсиякунии пешакӣ), ҷорӣ (барои молу воситаҳои нақлиёти ворид ва содиршаванда), баъдӣ (баъди иҷозати мол) тақсим мешавад. Зимнан даври чорабиниҳои назорат танҳо барои назорати баъдӣ маҳдуд карда шудааст.

Мазмуни назорати гумрукӣ бинобар моҳияту тартиби гузаронидани он сохти мураккаб дорад. Дар моддаи 407 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дах шакли назорати гумрукӣ муқаррар шудааст, ки онҳо шакли мурофиавии иҷрои чорабиниҳои назоратиро ташкил медиҳанд.

Ҳар шакли назорати гумрукиро чун расмиёти мустақили маъмурӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки бо вазифаю предмети хос, тартиби махсуси гузаронидан, маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти гумрук ва шахсони тафтишшаванда тавсиф меёбанд.

Аз лиҳози моҳияти ҳуқуқии худ ин шаклҳои назорат якранг нестанд. Масалан, тафтиши ҳуҷҷату маълумот, азназаргузаронии гумрукӣ, муоинаи гумрукӣ, тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, азназаргузаронии гумрукии бино ва ҳудуд, санҷиши гумрукӣ чорабиниҳои санҷишӣ буда, ҳангоми он мувофиқати объекти назорат ба талаботи қонунгузории гумрук тафтиш карда мешавад. Маҳз ҳамин гурӯҳи шаклҳои назорати гумрукӣ бо предмети танзими низомномаҳои маъмурӣ фаро гирифта мешавад.

Шаклҳои дигари назорати гумрукӣ аз чорабиниҳои санҷишӣ фарқ доранд. Масалан, асоси гирифтани тавзеҳот, пурсиши шифоҳиро тадқиқи ягон маълумот ё гирифтани маълумоти иловагӣ, ки барои гузаронидани назорати гумрукӣ лозим аст, ташкил медиҳад.

Шакли мушаххаси назорати гумрукӣ ҳаҷми гуногуни амалҳои маъмурии дар ҷараёни он иҷрошаванда ва мувофиқан, тафсилоти гуногуни танзими ҳуқуқии онро муайян мекунад. Чӣ қадаре ки шакли назорати гумрукӣ мураккабтар бошад, ҳамон миқдор меъёрҳои танзимкунандааш бештаранд. Масалан, барои шаклҳои оддитарини назорати гумрукӣ - пурсиши шифоҳӣ (моддаи 409 Кодекси гумрук), гирифтани тазеҳот (моддаи 410 Кодекси гумрук), мушоҳидаи гумрукӣ (моддаи 411 Кодекси гумрук) фақат як ё ду банди кӯтоҳи моддаи Кодекси гумрук ҷудо карда шудааст, ки моҳияташонро шарҳ медиҳанд. Тафсилоти бештари тарзи гузаронидани онҳо шарҳ дода нашудааст.

Ба шаклҳои дигари назорати гумрукӣ дар қонунгузорӣ диққати бештар дода шудааст. Масалан, танзими меъёрии тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, дар онҳо мавҷуд будани нишонаҳои ҳаммонандсозӣ (моддаи 415 Кодекси гумрук) шаш банд, азназаргузаронии бино ва ҳудуди он (моддаи 417 Кодекси гумрук) ҳафт бандро дар бар мегирад.

Аксарияти санадҳои ҳуқуқии муқарраркунандаи тартиби татбиқи шаклҳои алоҳидаи назорати гумрукиро мақомоти гумрук бо ташаббуси худ қабул мекунад, ки ин аз аҳамияти амалии танзими якхелаи чорабиниҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти гумрук гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон азназаргузаронии гумрукӣ (моддаи 412 Кодекси гумрук), тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, дар онҳо мавҷуд будани воситаҳои ҳаммонандсозӣ (моддаи 415 Кодекси гумрук) аз доираи меъёрэҷодкунии мақомоти гумрук берун мондаанд.

Назорати гумрукӣ дар минтақаҳои назорати гумрукӣ гузаронида мешавад, ки тибқи талаботи моддаи 403 Кодекси гумрук, инчунин дар маҳали ҷойгиршавии шахсони мансабдори мақомоти гумрук вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон, дар маҳали ҷойгиршавии мол, воситаҳои нақлиёт ва ҳуҷҷатҳои фарогири маълумот дар бораи онҳо, аз ҷумла ба шакли электронӣ, гузаронида мешавад.

Номгӯю мундариҷаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки тартиби омодасозӣ ва гузаронидани назорати гумрукӣ ва арзёбии истифодаи воситаҳои техникии назорати гумрукиро танзим мекунанд, мақомоти гумрук ҳамеша вобаста ба талаботи ташкилӣ, технологӣ ва иқтисодӣ нав мекунад.

Масалан, дар фармоиши Хадамоти гумрук таҳти № 384 аз 12 сентябри соли 2007 «Дар бораи тасдиқ кардани дастурамали истифодаи техникии воситаҳои техникӣ», фармоиши Хадамоти гумрук аз 17 ноябри соли 2008 таҳти № 645 «Дар бораи тасдиқ кардани Нишондоди методӣ оид ба ташкилу гузаронидани санҷиши ҳолати техникӣ ва истифодаи воситаҳои техникӣ» тартиби ташкил, тафтиш ва идоракунии истифодаи

воситаҳои техникӣ, дар фармоиши № 238 аз 24 апрели соли 2011 «Дар бораи тасдиқ кардани Дастурамали муваққатии амалҳои шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳангоми истифодаи системаи идораи таваккал» қоидаҳои асосии системаи идораи таваккал ва шартҳои татбиқи он муқаррар карда шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки заминаи қонунгузории фаъолияти гумрукиро санадҳои байналмилалӣ, Кодекси гумрук, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои мақомоти гумрук ташкил медиҳанд.

Самтҳои асосии фаъолияти гумрукӣ (танзими гумрукӣ; фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ бо истифода аз воситаҳои техникии назорати гумрукӣ; вазифаи фискалӣ; хизматрасонии давлатӣ ва иҷрои амалҳои назоратӣ; мусоидат ба равандҳои ҳамгироӣ ва ҳамкории байналмилалӣ) дар асоси принсипҳои қонуният, ошкорбаёнӣ, илмӣ, ахлоқ ва баробарии ҳама дар назди қонун, риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, эҳтироми урфу одатҳои миллӣ ва динии онҳо сохта шудааст.

Ба ин васла, метавон хулоса кард, ки назорати гумрукии самаранок танҳо дар сурати иҷрои мақсадноки тамоми тадбирҳои таъмини назорати гумрукӣ, аз ҷумла тадбирҳои меъёрии ҳуқуқӣ имконпазир аст, ки мувофиқи он нақши асосиро меъёрҳои системаи идораи таваккал мебозанд, ки шахсони мансабдори мақомоти гумрук дар фаъолияти худ асос мекунанд.

Адабиёт

1. Конвенсияи байналмилалии содагардонӣ ва ҳамоҳангии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото аз 18.05. 1973 (таҳрир аз 30.02. 2006).

2. Мираков Қ. М., Муминов А.Б., Шомудинов О.Д. Назария ва амалияи фаъолияти гумрукӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: Матбааи “Баҳманрӯд”, 2020. – 470 с.

3. Нидоев П.Ф.., Орипов А.С.., Шоҳназари Х.Ғ. Ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт (Васоити таълимӣ-методӣ) - Душанбе: «Ирфон», 2012. - 200 с.

4. Раҷабов Р.К., Ҳикматов С.И., Ҷабборов А.И., Раҷабова Н.Р. Ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт. Дастури таълимӣ. –Душанбе: Матбааи «Сармад-Компания», 2018. – 230 саҳ.

5. Ҳасанов К. Ҳ., Мираков Қ. М. Мақомоти гумрук-гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар асри XXI. Душанбе: Нашриёти «Саданвора», 2008. – 288 саҳ.

6. Хушвахтзода, Қ. Х. Сиёсати давлатии дастгирии сармоягузории кишоварзӣ дар мамлакатҳои пешрафта / Қ. Х. Хушвахтзода, И. Р. Иброҳимов, Ф. Б. Сайдаҳмадов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 2(22). – P. 14-20. – EDN UDQVPJ.

7. Намозализода, Ш. Н. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули стратегияи рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ / Ш. Н. Намозализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 1(25). – P. 143-150. – EDN POWTIP.

8. Тағоев, Ҷ. Ҳ. рушди инноватсияҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои минтақаи агросаноатии Кӯлоб / Ҷ. Ҳ. Тағоев, П. М. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 2(31). – P. 56-64. – EDN PGHVRP.

БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дембегиев М.С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.

Раҳимзода Ф.М. - ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.

Яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти муосир рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии он ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Бинобар он дар мақола бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи он дар низоми иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллифон вазъи муосири бозори хизматрасониҳои бонкии ватаниро арзёбӣ намуда, афзалияти кортҳои пардохтиро, ҳамчун қисмати таркибии бозори хизматрасонӣ муайян намудаанд.

Калидвожаҳо: бозор, хизматрасонии бонкӣ, сармоягузорӣ, молияи корпоративӣ, кортҳои падохтӣ.

РЫНОК БАНКОВСКИХ УСЛУГ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Дембегиев М.С. - кандидат экономических наук, ассистент кафедры фондовой деятельности Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

Рахимзода Ф.М. - ассистент кафедры биржевой деятельности Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

Одним из основных элементов современной экономической системы является развитие рынка банковских услуг на основе его координации с приоритетными направлениями экономики. Поэтому в статье исследуется рынок банковских услуг Республики Таджикистан и его положение в экономической системе. Авторы оценили современное состояние отечественного рынка банковских услуг и определили приоритетность платежных карт как составляющей рынка услуг.

Ключевые слова: рынок, банковские услуги, инвестиции, корпоративные финансы, платежные карты.

BANKING SERVICES MARKET IN MODERN CONDITIONS

Dembegiev M.S. - candidate of economic sciences, assistant of the stock exchange department of the Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14

Rahimzoda F.M. - assistant of the stock exchange department of the Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14

One of the main elements of the modern economic system is the development of the banking services market on the basis of its coordination with the priority economic directions.

Therefore, the market of banking services of the Republic of Tajikistan and its position in the economic system are investigated in the article. The authors evaluated the current state of the domestic banking services market and determined the priority of payment cards as a component of the service market.

Keywords: market, banking services, investment, corporate finance, payment cards.

Масъалаҳои такмил ва ба талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ намудани фаъолияти бонкҳо яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Зеро бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва хизматҳои гуногуни дар он пешниҳодшаванда ҷузъи амалиёти анъанавии тиҷорати бонкӣ мебошанд, ки ба зиёд кардани даромади бонкҳо ва қонеъ гардонидани ниёзҳои мизоҷон, бо мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ, нигаронида шудаанд. Дар раванди ҳамгироии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, дар шароити ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ ва афзоиши фурӯши хизматрасониҳо дар кишварҳои пешрафта, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии бонкӣ бо мақсади истифодаи он дар кишвари мо аҳаммияти хосса пайдо кардааст.

Идомаи мантиқии ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкиро аксари олимони соҳа ба он ақидаанд, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ дорои сохтори мураккаб буда, фаъолияти бонкҳо дар ин бозор бо мушкилиҳои зиёде дучор мегардад. Дар ин хусус олими рус О.И. Лаврушин чунин қайд мекунад: “Танҳо дар натиҷаи омӯзиши амиқ ва таҳлили дурусти ин бозор бонк метавонад фаъолияти густурда ва самаранок дошта бошад”[2]. Дар баробари ин, А.М. Костерина чунин ақида дорад: “Пешниҳоди хизматрасониҳо бояд бо тарзу усули ба ҳар як бонк хос пешниҳод карда шавад” [1, 159].

Яъне, бонкҳо ҳангоми пешниҳоди маҳсулот бояд бозори хизматрасониҳоро ба таври зарурӣ таҳлил намуда, усулҳои махсуси худро истифода кунанд. Ҳар як бонк дар алоҳидагӣ тартиби муайяни пешниҳоди хизматрасониҳои худро бояд коркард намояд ва тибқи он амал кунад. Танҳо дар ин ҳолат бонк метавонад рақобатпазир бошад ва мавқеи рақобатнокии худро дар бозор ҳифз кунад. Дар шароити иқтисодиёти нақшавӣ ин мавзуъ амалан ба назар гирифта намешуд, зеро усули идоракунии низоми бонкии кишвар аксар вақт манфиатҳои муштариён ва бонкҳоро ба назар намегирифт. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ мазмуни бонкҳоро ба сифати як намуди махсуси тиҷорат куллан дигаргун намуд. Аз ин хотир, мушкилоти ҷойдошта дар хизматрасониҳои бонкӣ мубрам арзёбӣ гардида, нақши бонкҳо дар баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо, ташкили бозори хизматрасониҳои бонкӣ, сифати хизматҳои расонидашуда ва доираи онҳо торафт зиёд гардида, консепсияи умумӣ доир ба фурӯши хизматрасониҳои бонкӣ ба мизоҷон рӯ ба рушд ниҳода истодааст [3].

Дар адабиёти иқтисодии миллӣ ва хориҷӣ як қатор мавод дар бораи масъалаҳои хизматрасонии бонкӣ, ки ба амалиёти қарзӣ, асъорию ҳисоббаробаркунӣ ва баҳодиҳии хавфҳои қарзию асъорӣ дахл доранд, ба нашр расонида шудаанд. Бинобар ин, омӯзиши тамоюлҳои асосии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар кишварҳои пешрафта дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва тамаркузи сармояи бонкӣ зарурати хосса пайдо менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла пардохтҳо, тиҷорат дар соҳаи сармоягузорӣ, молияи корпоративӣ, идоракунии дороиҳо ва истифодаи технологияҳои бонкӣ то ҳол дар кишвари мо ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

Вобаста ба ин, хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ доираи анъанавии фаъолияти соҳибкорӣ буда, сарчашмаи муҳимтарини ҷалби захираҳои бонкӣ ва қонеъгардонии талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор мераванд. Дар иқтисодиёти

ҳар як кишвар низоми бонкӣ мақоми муайян ва махсусро ишғол намуда, дар ҷараёни фаъолияти худ имконияти самаранокии кори иқтисодиётро таъмин мекунанд. Имрӯз нақши бонкҳо дар ҳар як давлат боз ҳам рушд карда, вобаста ба он муҳиммияти хизматрасониҳои бонкӣ низ афзуда истодааст. Дар баробари ин, хизматрасониҳои собиқ такмил дода шуда, дар асоси онҳо хизматрасониҳои нав ба миён омада истодаанд. Аз ин ҷиҳат, мақсади асосии мо омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташаккул ва идоракунии сандуқи хизматрасониҳои бонкӣ ва роҳҳои истифодаи он дар фаъолияти бонкҳои кишвар маҳсуб меёбад. Вобаста ба муҳити институтсионалии бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз ҳама омили асосӣ талаботи муштариён мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, зарурати ташкили як бозори фарогир шарти асосии ташкили дурусти он бо усулҳои инноватсионӣ мебошад. Дуруст қайд гардидааст, ки ҳаёти имрӯзаро бе хизматрасониҳои бонкӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ғайр аз ин, бисёре аз хизматрасониҳои бонкӣ имконият медиҳанд, ки шахс вақт ва маблағи худро сарфа намояд.

Иқтисодиёти кишварҳои пешрафта ҳамчун низоме, ки дар он тақсимоти васеи меҳнат ва махсусгардонии субъектҳои иқтисоди бозорӣ ба таври зарурӣ амалӣ гаштаанд, тавсиф дода мешавад. Имрӯзҳо раванди ҷаҳонишавӣ ва фаъолгардонии фаъолияти иқтисодӣ хоси ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Тибқи таҳқиқоти А.С. Булатов [4, 167], ба хусусиятҳои муайянкунандаи иқтисоди муосири ҷаҳонӣ, тағйирот дар сохтори истеҳсолот ва истеъмолот аз ҳисоби афзоиш ёфтани нақши хизматрасониҳо, баланд шудани сатҳи маълумот, таваҷҷуҳи зиёд ба муҳити зист, иттилоотонии ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт дохил мешаванд. Сохтори истеҳсолот ва маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) ҷаҳонӣ бо тадриҷан афзудани ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ тавсиф дода мешавад. Дар солҳои 80-уми асри гузашта он 3,4 фоизи ММД-ро ташкил медод. Аз солҳои 2000-ум то инҷониб ҳиссаи он дар ММД-и ҷаҳонӣ пайваста афзоиш меёбад. Соли 2018 ин нишондиҳанда ба 54,92 фоиз баробар шуд. Ҳиссаи он аз ҳама зиёдтар дар ММД-и кишварҳои Макао ва Гонконг (мутаносибан 94,2 ва 88,5 фоизӣ) ва аз ҳама камтар дар ММД-и кишварҳои Гаити ва Яман (мутаносибан 13,49 ва 13,51 фоизӣ) мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, соли 2020 ин нишондиҳанда 42,1 фоизро ташкил дод.

Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои бозори кортҳои пардохти бонкӣ дар солҳои 2005-2020

Номгӯи нишондиҳандаҳо	Солҳо						Афзоиши мутлақ	Афзоиши нисбӣ, маротиба
	2015	2016	2017	2018	2019	2020		
Миқдори умумии кортҳои пардохтӣ (ҳаз. адад)	1446,1	1620,3	1694,1	1817,4	1344,5	3247,8	1801,7	1,2 мар
Банкоматҳо (адад)	762	799	685	678	878	1281,0	519	1,6 мар
Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (адад)	1 564	1755	1381	1485	1813	1899	335	21,4%
Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ (адад)	650	700	1944	3014	3535	3811,00	3697	468 мар.
Шумораи умумии амалиёт (ҳаз. адад)	15695	16778	17644	21096	6005	7886,44	7808,56	2,1 мар
Ҳаҷми умумии	14426	15649	16925	19868	12598	36418,3	14956,2	1,5 мар

амалиёт (млн сомонӣ)								

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои https://www.nbt.tj/tj/payment_system/card_market.php

Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қисматҳои таркибии он низоми бозори корҳои пардохтӣ мебошад, ки дар доираи техникаву технологияҳои муосир дар ҳоли рушд қарор дошта, талаботи мизоҷонро дар сатҳи зарурӣ қонеъ мегардонад. Вобаста ба таҳлилҳои ҷадвали мазкур гуфтан мумкин аст, ки яке аз қисматҳои муваффақи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ин бозори кортҳои пардохтӣ мебошад, ки нишондиҳандаҳои он бамаротиб афзоиш ёфтаанд. Ҳамчун асос аз таҳлил ва муқоисаи маълумотҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки миқдори умумии кортҳои пардохтӣ агар дар соли 2015 1446,1 ададро ташкил намуда бошанд, пас ин нишондиҳанда бамаротиб афзоиш ёфта, дар соли 2020 3247,8 ададро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2015 1,2 маротиба зиёд мебошад. Ҳамчунин, шумораи банкоматҳо бошад, соли 2015 762 ададро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2020 1281,0 ададро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2015 1,6 маротиба афзоиш ёфтааст. Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд бошад, дар соли 2015 650 адад ва дар соли 2020 1899 ададро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2015 21,4% афзоиш ёфтааст. Яке аз механизмҳои дигари бозори хизматрасониҳои бонкӣ ин терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ мебошанд, ки бамаротиб дар ҳоли зиёдшавӣ қарор доранд. Шумораи терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ агар дар соли 2018 650 ададро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 3811,0 адад расидааст, ки дар муқоиса ба соли 2015 4621 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тавр дар шароити бамаротиб зиёд гардидани талабот ба пули нақд зарурати рушди бозори кортҳои пардохтӣ, ҳамчун қисмати таркибии бозори хизматрасонӣ аз ҷониби ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ, мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҷиҳати қонеъ гардонидани талабот ба пули нақд масъалаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- ташкили инфрасохтори бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо назардошти истифодаи васеи техникаву технологияи муосир;
- вобаста ба имкониятҳои иқтисодии низоми бонкӣ марҳала ба марҳала ба ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ гузаштан;
- истифодаи роҳҳои ҳавасмандгардонии мизоҷон дар заминаи истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ.

Адабиёт

1. Kosterina, A.M. Banking / A.M. Kosterina. - 2nd ed., revised and enlarged. - M.: Yurayt Publishing House, 2014. – 159 pp.

2. Lavrushin, O.I. Banking: textbook / O.I. Lavrushin. - 2nd ed., revised and enlarged. - M.: Finance and Statistics, 2010. - 672 pp.

3. Вострухина, Т.Ю. Основные направления развития банковских услуг в регионах: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.10; [Место защиты: Гос. ун-т упр.]. - Москва, 2012. – 158 с.

4. Заернюк, В.М. Методологические основы институционального развития рынка банковских услуг: диссертация ... доктора экономических наук: 08.00.10. [Место защиты: Российский государственный университет туризма и сервиса]. - Москва, 2014. – 167 с.

5. Муслихова, Т. Т. Механизми иқтисодии ташаккули рақобатпазирии ҳудудӣ / Т. Т. Муслихова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 3(37). – P. 196-204. – EDN VVBOSS.

6. Убайдуллоев, Ф. К. Институт "финансового партнерства" в ретроспективе / Ф. К. Убайдуллоев // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 4(28). – С. 107-115. – EDN GYHANP.

7. Аҳадов, И. Қ. Масъалаҳои актуалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / И. Қ. Аҳадов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 3(37). – P. 262-271. – EDN OSOZTI.

8. Махшулов, С. Ҷ. Механизмҳои асосии фаъолгардонии қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт / С. Ҷ. Махшулов, Б. Ахмедова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 137-151. – EDN BYDSPR.

9. Раҳимзода, Ф. М. Асосҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ / Ф. М. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – P. 173-178. – EDN ZCYMQI.

МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ

Ҷумаев А. Қ. – номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумруки МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и ДБССТ (ш.Хуҷанд, вилояти Суғд)

Дар мақола оиди аҳамияти мақомоти гумрук сухан рафта, вазифаҳои асосии онҳо дар таъмини бехатарии иқтисодии давлат таъкид шудааст. Тарзу воситаҳое, ки мақомоти гумрук манфиатҳои иқтисодии давлатро ҳимоя менамояд, баррасӣ карда мешаванд. Мафҳумҳо ва тадбирҳои тарифӣ ва ғайритарифии танзим дар асоси маълумоти омори пешниҳод гардидаанд.

Калидвожаҳо: мақомоти гумрук, бехатарии иқтисодӣ, тадбирҳои танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ.

ТАМОЖЕННЫЕ ОРГАНЫ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Джумаев А. К. - кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов, банковской и таможенной деятельности «Худжандского международного университета» МУТПТ (город Худжанд, Согдийская область)

В статье речь идёт о значимости таможенных органов, а также выделяются их основные функции в обеспечении экономической безопасности государства. Рассматриваются способы и средства, с помощью которых таможенные органы защищают экономические интересы государства. Раскрываются понятия тарифного и нетарифного мер регулирования на основании предложенных статистических данных.

Ключевые слова: таможенные органы, экономическая безопасность, тарифные и нетарифные меры регулирования.

CUSTOMS AUTHORITIES IN ENSURING ECONOMIC SECURITY

Jumaev A. K. – Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance, Banking and Customs, State Institution “Khujand International Institute” IUTET (Khujand, Sughd region)

The article discusses the importance of customs authorities and highlights their main functions in ensuring the economic security of the state. The methods and means by which customs authorities protect the economic interests of the state are considered. The concepts of tariff and non-tariff regulatory measures are revealed based on the proposed statistical data.

Keywords: customs authorities, economic security, tariff and non-tariff regulatory measures.

Вазъияти бехатарии иқтисодии давлат дар рафти фаъолияти он, албатта, нақши калон мебозад. Барои фаъолияти муътадили мамлакат, истифодаи масъулиятнокии молия ва захираҳои миллӣ, рушди фаъол ва устувори иқтисодӣ, инчунин ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ зарур аст. Таъмини амнияти иқтисодии давлат гарави истиқлолияти он, фаъолияти пурсамари ҷомеа ва шароити субот мебошад. Азбаски иқтисодиёт яке аз самтҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад, он баҳодиҳии устувории онро дар баробари таҳдидҳои эҳтимолии берунӣ ва дохилиро дар бар мегирад. Дар байни мақомоти давлатии иҷроия, ки фаъолияти иқтисодии хориҷии кишварро (минбаъд - ФИХ) идора мекунанд ва вазифаҳои муҳимтарини таъмини бехатарии иқтисодии давлатро иҷро менамоянд, мақомоти гумрук мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Аҳамияти мақомоти гумрук дар таъмини амнияти давлат сол то сол меафзояд. Ин ба вазъияти ба вуҷуд омадаи геополитикӣ, ки дар натиҷаи мушкилоти иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ вобаста аст [2, 58].

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии бевоситаи фаъолияти гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, дар доираи масъулияти худ чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

- таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат, инчунин ягонагии ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- иштирок дар таҳия ва татбиқи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гумрукӣ;

- такмили қонунгузории гумрукӣ ва воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодӣ [8, 8].

Дар айни замон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи манфиатҳои давлат дар соҳаи савдои хориҷӣ, нигоҳдории истеҳсолоти ватанӣ, пешгирии таҳдидҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятҳо, инчунин пурра намудани қисми даромади буҷети давлатиро таъмин менамояд.

Вазифаи асосии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҷуз протектсионистӣ, фискалӣ мебошад. Пардохтҳо ва хироҷи гумрукӣ дар ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети давлатӣ аҳамияти калон доранд, ки инҳоро дар бар мегиранд [8, 451]:

– хироҷи гумрукӣ (барои додани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарорандаи гумрукӣ, мушоияти гумрукӣ, барои нигаҳдории мол дар анборҳои мақомоти гумрук ва барасмиятдарории гумрукӣ);

- боҷҳои гумрукӣ;

-андозҳо (аксизҳо ва андоз аз арзиши иловашуда).

- пардохти махсуси гумрукӣ

Тибқи маълумотҳои омории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-декабри соли 2023 маблағи 8314,5 млн. доллари амрикоиро ташкил додааст, ки ин нишондод

нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба маблағи 863,6 млн. доллари амрикоӣ ё 10,3 фоиз зиёд шудааст.

Аз маблағи умумии гардиши тиҷорат бо кишварҳои хориҷии дур, воридот 2 875,4 млн. долларро ташкил додааст, ки он нисбати ҳамин давраи соли 2022 ба маблағи 756,6 млн. доллари амрикоӣ ё 12,9 % зиёд мебошад.

Содирот 2434,3 млн. доллари амрикоиро ташкил додааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба маблағи 107 миллион доллари амрикоӣ ё 4,4 % афзоиш ёфтааст[8].

Ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ ба шарофати кори мақсадноки Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад, ки беҳсозии истифодаи ташкили идоракунии хавфҳо, ташаккули технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи назорати бозпасиро дар бар мегирад.

Ҷадвали 1. - Натиҷаҳои умумии савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (январ-декабри солҳои 2022-2024, млн.сомонӣ)

№	Нишондиҳандаҳо	соли 2022	соли 2023
1.	Содирот	2327,3	2434,3
2.	Воридот	5123,5	5880,1
	Ҳамагӣ	7450,9	8314,5

Сарчашма: сомонаи gumruk.tj


Тамоми роҳу воситаҳоеро, ки мақомоти гумрук амнияти иқтисодии кишварро кафолат медиҳанд ва манфиатҳои иқтисодии онро ҳимоя мекунанд, метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард:

1. Роҳҳо ва воситаҳои танзими иқтисодии муносибатҳои тиҷорати хориҷии кишвар;
2. Роҳҳо ва воситаҳои танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ.

Дар ин маврид мақомоти гумрук метавонанд бо истифода аз ваколатҳои салоҳияте, ки имкони ҳифзи давлатро аз амалҳои вайрон кардани ҳуқуқро таъмин мекунанд, чораҳои татбиқи ҳуқуқӣ, чораҳои муҳофизатӣ, чораҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаро истифода баранд.

Дар самти фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Хадамоти гумрук дар давраи ҳисоботии соли 2022 1161 ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (959 ҳолат) 202 ҳолат зиёд аст[8].

Меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ дар асоси номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба низом дароварда мешавад [4]. Вазифаҳои асосии тарифи гумрукӣ аз инҳо иборатанд (Расми 1):



Расми 1. Вазифаҳои тарифи гумрукӣ

Боҷи гумрукӣ ҳамчун пардохти ҳатмии аз ҷониби мақомоти гумрук ҳам ҳангоми содирот ва ҳам воридоти мол ситонидашуда фаҳмида мешавад ва шарти содироту воридот ба ҳисоб меравад. Дар амнияти иқтисодии давлат боҷҳои гумруки якчанд вазифаҳоро иҷро намуда, аҳамияти бевосита доранд.

Вазифаи аввалини боҷҳои гумрукӣ – вазифаи фискалӣ аст. Боҷи гумрукӣ яке аз ҷузъи муҳими даромади буҷети кишвар маҳсуб мешавад.

Вазифаи навбатӣ – вазифаи протектсионистӣ. Дар ин маврид мо боҷҳои гумрукии воридотӣ дар назар дорем, ки давлат бо кӯмаки он истеҳсолкунандагони ватаниро аз рақобати ноодилонаи моли хориҷӣ ҳифз менамояд.

Мақсади дигари боҷи гумрукӣ вазифаи муътадилнигоҳдоранда мебошад. Ба шарофати боҷи содиротӣ содироти молҳо бозdошта мешавад, ки дар он ҷо нархи дохилӣ аз нархи ҷаҳонӣ бо сабабҳои гуногун поинтар аст. Дар асоси ин, истеҳсолкунандагони ватанӣ кӯшиш мекунанд, ки сифати маҳсулотро беҳтар созанд, то ба сатҳи зарурии рақобатпазирӣ ноил шаванд, ки дар оянда ба иқтисодиёти давлат дар маҷмӯъ таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар бораи боҷҳои гумрукӣ сухан ронда, меъёрҳои онҳоро қайд кардан бамаврид аст. Меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ шакли истифода ва ҳисоб кардани боҷҳо дар воҳиди мол мебошанд. Вобаста ба ин меъёрҳои адвалорӣ, махсус, инчунин омехтаи боҷҳои гумрукӣ фарқ карда мешаванд.

Меъёрҳо ба монанди меъёри адвалорӣ бо фоиз дар асоси арзиши гумрукии моли андозбандишаванда ҳисоб карда мешаванд. Онҳо нисбат ба молҳое истифода мешаванд, ки дар як гурӯҳи маҳсулот дорои хосиятҳои гуногуни сифатӣ мебошанд. Маблағи боҷи гумрукии ситонидашуда аз сатҳи савдои хориҷӣ ва арзиши гумрукии мол вобаста аст.

Меъёри махсуси боҷҳои гумрукӣ барои моли стандартӣ истифода мешаванд - онҳо элементарӣ буда, аз арзиши гумрукӣ вобаста нестанд. Бо вуҷуди ин, таносуби динамикаи нархҳои ҷаҳонӣ ва нархҳои дохилӣ ва худи меъёри боҷ бояд мунтазам нигоҳ дошта шавад.

Меъёри боҷҳои омехта фоизи арзиши гумрукии мол бо қоидаи “на камтар ё на бештар аз маблағи муқарраршуда барои воҳиди мол” ё “мусбӣ аз маблағи муқарраршуда барои воҳиди мол” муайян карда мешаванд. Меъёрҳои омехта бештар аз ҳама ба паст шудани арзиши гумрукии мол монеъ мешаванд, зеро боҷи гумрукӣ бо назардошти ҷузъи мушаххаси меъёри омехтаи боҷи гумрукӣ ҳисоб карда мешавад.

Усули дуюми танзими иқтисодиро, ки мақомоти гумрук истифода мебаранд – танзими ғайритарифиро таҳлил менамоем. Усулҳои ғайритарифӣ ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои назорати давлатӣ фаҳмида мешаванд, ки дар маҳдуд кардани содирот ва воридоти молу воситаҳои нақлиёт бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва таъмини амнияти миллии кишвар ифода ёфтаанд. Мувофиқи таснифоти Комиссияи иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид усулҳои ғайритарифӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Тадбирҳои маҳдудкунии мустақим ё миқдорӣ (квота, иҷозатномадиҳӣ, ки додани иҷозатномаҳоро дар бар мегирад, дигар чораҳои ҳимоявӣ);
2. Расмиёти гумрукӣ ва маъмурӣ (сертификатсия, назорати байторӣ, назорати фитосанитарии карантинӣ, назорати санитарию эпидемиологӣ);
3. Дигар усулҳои ғайритарифӣ (назорати асъор) [3, 25].

Машҳуртарин тадбири маҳдудиятҳои ғайритарифӣ маҳдудиятҳои миқдорӣ ва сифатии воридот ва содирот мебошанд, ки муқаррар намудани квотаҳоро дар назар дорад, яъне маҳдудкунии миқдор ва арзиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоте, ки ба воридот иҷозат дода мешавад ё ба муддати муайян содир карда мешавад.

Намуди дигари маъмули маҳдудиятҳои ғайритарифӣ иҷозатномадиҳӣ мебошад, ки он ҳамчун танзими давлатии воридот ва содирот тавассути додани иҷозатномаҳои махсусгардонидашуда аз ҷониби мақомотҳои дахлдор- иҷозатномаҳо оид ба танзими миқдори савдо ва назорати муомилоти мол фаҳмида мешавад. Иҷозатномадиҳӣ дар ҳолатҳои зерин сурат мегирад:

- ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои муваққатии миқдорӣ ба воридот ё содироти баъзе навъҳои мол;

– татбиқи тартиби ичозатдиҳии воридот ё содироти баъзе намудҳои молҳое, ки ба амнияти кишвар, ба ҳаёт ё саломатии шаҳрвандон, ҳайвонот ва растаниҳо, моликияти шахсони воқеи ё ҳуқуқи, моликияти давлатӣ ё коммуналӣ, муҳити зист;

– таъмини ҳуқуқи истисноии содирот ё воридоти намудҳои алоҳидаи мол;

- иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ.

Дар сурати набудани ичозатнома макомоти гумрук ҳуқуқ доранд иҷозати молро манъ намояд [1, 34].

Илова бар ин, бояд гуфт, ки олимон омили муҳимтарини таъмини амният, аз ҷумла иқтисодӣ, самаранокии назорати гумрукиро вазифаи асосии мақомоти гумрук медонанд.

Хулоса, аҳамияти мақомоти гумрук дар таъмини бехатарии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бузург аст, зеро танзими гумрукӣ, ки аз ҷониби мақомоти гумрук бо мақсади таъмини бехатарии иқтисодии кишвар дар соҳаи таъмини амнияти иқтисодии кишвар татбиқ карда мешавад. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ маҷмӯи бузурги тадбирҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва дигар тадбирҳо ва барномаҳоеро дар бар мегирад, ки барои беҳсозии равандҳои ташаккул ва рушд, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини самаранокии муносибатҳои тиҷорати хориҷӣ истифода мешаванд.

Адабиёт

1. Агамагомедова С.А. Эффективность таможенного контроля как фактор обеспечения безопасности // Вопросы безопасности. — 2016. - № 5. - С. 34-42.

2. Климонова А.Н., Юрина Е.А. Экономическая безопасность в условиях глобализации: угрозы и возможности // Социально-экономические явления и процессы. – 2014. – №9. – С.58-64;

3. Издание Организации Объединенных Наций, опубликовано Конференцией Организации Объединенных Наций по торговле и развитию // Организация Объединенных Наций. - 2019 год. -С.107

4. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Номгӯйи молҳо, технологияҳо ва таъминоти барномавии назоратшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.10.2021с., №463

5. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Комиссия оид ба назорати содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 03.12.2021с., №517

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» аз 02.01.2019 с., №1567

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ш. Душанбе, 18 ноябри соли 2023, № 2012.

8. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири генерал-майори хадамоти гумрук Раҳматов Неъматбой Сангинович – Душанбе, 2020. - 805 саҳ.

9. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Резаахбор оид ба натиҷаҳои фаъолияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2024. www. gumruk.tj

10. Попов, Н. А. Шароити амалигардонии такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ / Н. А. Попов, Д. С. Саидзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 4-1(29). – P. 90-95. – EDN EDDFCO.

МУАММОҲОИ ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР СИСТЕМАҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ

Қурбонализода Д.Т. – докторанти PhD, ихтисоси “Идоракунии лоиҳаҳо” - ӣ Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тел: 93 7507735, 00 7330490, Email davlatali@1998.mail.ru

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои муҳими ҷорисозии технологияҳои рақамӣ дар шароити иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад ва муҳимтарин муаммоҳои ҳалли он мавриди таваҷҷуҳи хоса гирифта шудааст. Рақамикунонии системаҳои иқтисодию иҷтимоӣ метавонад дар оянда ба тамоми бахшҳои алоҳидаи вазъи иқтисодии минтақаҳо дар асоси ҳамигироӣ мушкилотҳои иҷтимоиро ҳал кунад.

Калимаҳои асосӣ: иқтисоди рақамӣ, муаммоҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бахшҳои воқеӣ, минтақа, аҳолии минтақаҳо, сатҳи зиндагӣ.

ПРОБЛЕМЫ ВНЕДРЕНИЯ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РЕГИОНАЛЬНЫЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ СИСТЕМЫ

Курбанизода Д.Т. - аспирант специальности «Проектный менеджмент», Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, тел.: 93 7507735, 00 7330490, Email davlattali@1998.mail.ru

В данной статье анализируются и обсуждаются важные аспекты внедрения цифровых технологий в экономические и социальные условия регионов, а также уделяется особое внимание важнейшим проблемам их решения. Цифровизация

экономических и социальных систем способна решить социальные проблемы в будущем для всех отдельных секторов экономического положения регионов на основе интеграции.

Ключевые слова: цифровая экономика, проблемы, социальные отношения, социальные услуги, реальный сектор, регион, население регионов, уровень жизни.

PROBLEMS OF IMPLEMENTATION OF DIGITAL TECHNOLOGIES IN REGIONAL SOCIO-ECONOMIC SYSTEMS

Qurbonalizoda D.T. – PhD candidate, specialty "Project Management", Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, tel: 93 7507735, 00 7330490, Email dalvatali@1998.mail.ru

This article analyzes and discusses important aspects of the introduction of digital technologies in the socio-economic conditions of regions, and special attention is paid to the most important problems of their solution. The digitalization of socio-economic systems can solve social problems in all individual sectors of the economic situation of regions on the basis of integration.

Keywords: digital economy, problems, social relations, social services, real sectors, region, population of regions, standard of living.

Рақамикунонии фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун асоси рушди устувор ва мутавозини давлат ва системаҳои минтақавии таркибии он муайян карда мешавад ва он тағйироти кули оварда мерасонад. Тағйирпазирии тамоюлҳои технологӣ, хароҷоти баланд, мураккабии татбиқ, инчунин таҳияи нокифояи усулҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию-комуникатсионӣ ва технологияҳои нави рақамӣ дар равандҳои иқтисодӣ таҳияи стратегияи муассирро талаб мекунанд, ки ба шарофати он имконпазир аст ба даст овардани натиҷаи мусбати дилхоҳ – қонеъ гардонидани манфиатҳои иқтисодии субъектҳои иҷтимоию соҳибкорӣ дар зери таъсири доимии омилҳои муҳити макроиқтисодӣ, аммо, таҳияи чунин стратегия аксар вақт бо набудани дастгирии методологӣ ва нодуруст фаҳмидани хусусияти равандҳои эндогенӣ, ки дар доираи системаи иҷтимоию иқтисодии мавриди омӯзиш қарор доранд, сурат мегирад, ки ин боиси дуршавӣ аз масъалаҳои мақсадноки пешбинишуда мегардад.

Асосҳои консептуалии банақшагирии стратегӣ дар заминаи рақамикунонии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ муқаррар карда мешаванд. Дар чанд соли охир аҳамият ва нақши “иқтисоди рақамӣ”-и кишвар дар сатҳи ҳукумат бо паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҳамасола зери таваҷҷуҳи хоса қарор дода мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ба Маҷлиси Олӣ 26 январи соли 2021 чунин иброз доштанд, ки “*Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави мамлакат, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани «ҳукумати электронӣ» ба ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чорабинӣ намоянд*”[1]. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон таъсис дода шуда фаъолияти худро ҷиҳати ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии рақамӣ пеш бурда истодааст.

Таърифи расмии “иқтисоди рақамӣ” дар заминаи меъёрӣ, яъне дар “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” инъикос ёфтааст. Мутобиқи ҳуҷҷати меъёрӣ “иқтисоди рақамӣ” тақозои муҳими рушди даврони муосир мебошад. Бинобар ин, яке аз манбаъҳои асосии рушди минбаъдаи институтсионалии кишвар табодули рақамӣ буда, барои ташкили иқтисоди рақамӣ заминаи муосири меъёрию ҳуқуқӣ, низоми нави самараноки идоракунии давлатии захираҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва технологияҳои рақамӣ ва механизми нави ҳамкории шабакавӣ дар ҷомеаи иттилоотиро талаб мекунад.

Дар ин таъриф таваҷҷуҳи асосӣ ба замнаҳои меъёрию ҳуқуқии рушди иқтисоди рақамӣ такия карда, ба рушди минбаъдаи иностутисоналии кишвар ва самараноки идоракунии давлатии захираҳои иттилоотию комуникатсионӣ нигаронида шудааст. Дар таъриф истинод ба технологияҳои мушаххас ва усулҳои татбиқи онҳо барои ноил шудан ба самаранокӣ мавҷуд нест, ки ба мо имкон намедиҳад, ки моҳияти ин намуди фаъолияти иқтисодиро пурра ошкор кунем.

Бо мақсади тадбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи Стратегияи милли рушд барои соли 2030 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 26 октябри соли 2021, №460 тасдиқ карда шуд. Барнома амалисозии марҳилаи якуми Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, ҳадафҳо ва вазифаҳоро дар доираи 8 самти асосии рушди иқтисоди рақамӣ барои давраи то соли 2025 муайян менамояд:

1. таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ;
2. рушди инфрасохтори ТИК дар минтақаҳои кишвар;
3. рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ;
4. вусъатдиҳии ҷараёни амалишавии ҳукумати электронӣ;
5. сармоягузорӣ ва нерӯи инсонӣ дар самти иқтисоди рақамӣ;
6. ташкили экосистемаи инноватсионӣ ва стартапҳо;
7. низоми ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва амалигардонии иқтисоди рақамӣ;
8. сармоягузорӣ барои татбиқи иқтисоди рақамӣ[2].

Илова бар ин, Барнома экосистемаи самараноки табодули рақамӣ барои таъмини ҷалби бештари ҳамаи иштирокчиён ва сармоягузорони имконпазири амалисозии ҷараёни табодули рақамӣ муҳим мебошад. Ҷалби аъзои экосистема барои дақиқ муайян кардани мушкилот ва пешниҳоди усулҳои инноватсионии ҳалли онҳо зарур арзёбӣ мегардад. Экосистемаи табодули рақамӣ аз дивидендҳои рақамӣ, ҳукумати рақамӣ, инфрасохтори рақамӣ ва платформаҳо, бехатарии киберӣ ва муҳити мусоид иборат аст.

Ҳукумат сатҳҳо ва тавсифи технологияҳоро дар Барнома муттаҳид намуда, ба таърифи дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон зикршуда, иловаҳои назаррас ворид намуд, ки ба консептуаликунонии «иқтисоди рақамӣ» мусоидат намуд: фаҳмида шуд, ки кадом муносибатҳо ба «иқтисоди рақамӣ» бештар дахл доранд, ки асоси бевоситаи чунин ҳадафҳо мебошад: такмили заминаи ғайирақамӣ барои мусоидат ба иқтисоди рақамӣ, таҳкими асосҳои рақамии табодули рақамӣ, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ҷорӣ намудани ҳукумати рақамӣ, таҳким бахшидани заминаҳои рушди иқтисоди рақамӣ, рушди сармояи инсонӣ барои иқтисоди рақамӣ, таъмини идоракунии давлатӣ ва раванди танзим дар соҳа дар асоси рақобати одилона, бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва бахши хусусӣ, рушди инфрасохтори ТИК

барои иқтисоди рақамӣ ва низоми ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва амалигардонии иқтисоди рақамиро дар бар мегиранд.

Мутаносибан, Тоҷикистон бо нишондиҳандаи миёнаи EGDI ва шохиси иштироки электронӣ ва шохиси маълумоти ҳукумати кушод дар EGDI байни 193 давлатҳои ҷаҳон дар ҷои 123-юм қарор дорад.

Раванди рақамикунонии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар минтақаҳо бояд дар асоси нишондиҳандаҳои иқтидори иҷтимоию иқтисодӣ бароҳ мондан лозим, ки маҷмӯи захираҳои меҳнатии зеҳнии барои бунёди истеҳсолоти баландтехнологӣ истифодашаванда мебошад, ки рушди иқтисодӣ ва мутаносибан афзоиши сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, алалхусус, ҳам минтақаҳо ва сатҳи ҷумҳурӣ дар доираи лоиҳаҳои тадбиқшаванда бахшҳо роҳи беҳтари рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад. Азбаски рейтинги рақамикунонии ҳар як минтақа дар баробари иқтидори илмию техникӣ, заминаи дастгирии татбиқи фаъолияти инноватсионӣ ва сиёсати баландсифати инноватсионӣ ва ғайра ба чунин омилҳо, аз қабили рушди иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти хоса дорад, фарқияти байниминтақавӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо муҳимтарин унсури ташаккули иқтисоди рақамӣ дар рушди инноватсионии минтақавӣ хоҳад буд. Вобаста ба гуфтаҳои боло зарур аст, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди инноватсионии минтақаҳо таҳия карда шаванд, то тавонанд самаранокии барнома ва лоиҳаҳои тадбиқшаванда муқоиса ва таҳлил карда шаванд, ки он имкон медиҳад мониторинги фаъолияти минтақаҳо дар самти табдилдиҳии рақамӣ, инчунин рушди тавсияҳои рақамӣ барои аҳолӣ бароҳ мондан лозим аст.

Хулоса Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали иқтисоди рақамӣ қарор дошта, оғози қадамҳои нахустини худро барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт тавассути фаъолияти ТИК дар соҳаҳои мухталифи кишвар ба роҳ монда, солҳои охир ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст дар соли 2011 “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020)”-ро муаррифӣ карда, татбиқи онро ба се марҳила тақсим кард. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 “Консепсияи иқтисоди рақамӣ” барои давраҳои муайян қабул карда шуд, ки дар асоси он Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои соли 2021-2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бароҳ монда шуд. Инчунин Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Барномаи тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 амал мекунад, ки барои дар оянда ҷиҳати вусъат додани рақамикунонии соҳаҳои алоҳиди иқтисодию иҷтимоии кишвар саҳми назаррас хоҳанд гузошт.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26 январи соли 2021.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025
4. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019
5. Қурбонализода Д. Т. Ташаккул ва рушди хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаҳо дар шароити рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Д. Т. Қурбонализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 2.1(41). – С. 239-245.
6. Д.Т. Қурбонализода., – Асосҳои назариявии рушди иқтисоди рақамӣ дар минтақаҳо: назарияҳо, таҳлилҳо ва пешниҳодҳо/Нуралиzода А.Н., Қурбонализода Д.Т.//Паёми молия ва иқтисод. 2023. № 1 (35). С. 153-165с

7. Д.Т. Қурбонализода Д.Т. Механизмҳои баланд бардоштани хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар доираи табдилдиҳии рақамӣ/Нурализода А.Н., Қурбонализода Д.Т.//Паёми молия ва иқтисод. 2023. № 4-2 (39). С. 67-77.

8. Сулаймонов, Ш. Ф. Инновационные тенденции в сфере бизнес-услуг / Ш. Ф. Сулаймонов, В. В. Смирнов // Фундаментальные и прикладные исследования в области управления, экономики и торговли : Сборник трудов научной и учебно-практической конференции. В 3-х частях, Санкт-Петербург, 06–07 июня 2017 года. Том Часть 3. – Санкт-Петербург: Федеральное государственное автономное образовательное учреждение высшего образования "Санкт-Петербургский политехнический университет Петра Великого", 2017. – С. 243-249. – EDN YSUPYX.

9. Сулаймонзода, Ш. Ф. Фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун воситаи асосии татбиқи стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Ш. Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 4(24). – P. 129-137. – EDN CZAWOI.

ИМКОНИЯТҲОИ ТАШКИЛ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНА ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Каримов М. – унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.

Дар мақолаи мазкур асосҳои ташкил ва рушди корхонаҳои хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чаҳоруми стратегии мамлакат ҷиҳати ташкил ва рушди корхонҳои хурду миёна шароит фароҳам оварда имкониятҳои мусоидро барои соҳибкорон хоҳад кушод.

Калимаҳои асосӣ: ҳадафҳои стратегӣ, корхонаҳо хурду миёна, фаъолияти соҳибкорӣ, савдо, хизматрасонӣ, тиҷорат, дастгирии давлатӣ.

ВОЗМОЖНОСТИ ДЛЯ ОРГАНИЗАЦИИ И РАЗВИТИЯ МАЛЫХ И СРЕДНИХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Каримов М. - соискатель кафедры экономики бизнеса и предпринимательства Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

В данной статье анализируются основы организации и развития малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан. Быстрая индустриализация страны как четвертая стратегическая цель страны создаст условия для организации и развития малого и среднего предпринимательства и откроет благоприятные возможности для предпринимателей.

Ключевые слова: стратегические цели, малые и средние предприятия, деловая активность, торговля, услуги, бизнес, государственная поддержка.

OPPORTUNITIES FOR ORGANIZING AND DEVELOPING SMALL AND MEDIUM ENTERPRISES IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Karimov M. – PhD candidate at the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship, Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

This article analyzes the basics of organizing and developing small and medium entrepreneurship in the Republic of Tajikistan. Rapid industrialization of the country as the fourth strategic goal of the country will create conditions for organizing and developing small and medium entrepreneurship and will open up favorable opportunities for entrepreneurs.

Keywords: strategic goals, small and medium enterprises, business activity, trade, services, business, government support

Самти иҷтимоии иқтисоди минтақа, ки дар шароити муосир ба амал меояд, равандҳои табдили онро ба иқтисоди иҷтимоию иқтисодии дорои технологияҳои инноватсионӣ ҳавасманд мекунад. Вазифаҳои масъулиятнокро дар ин равандҳо соҳибкорони хурд иҷро мекунанд, ки ба тамоми институтҳои иқтисоди бозорӣ фаро гирифта шудаанд. Рушди корхонаҳои хурд мутобиқшавии хубро ба шароити беруна нишон дода, ба пур кардани бозор бо молу хизматрасонӣ, истифодаи оқилонаи иқтидори ҳудудии кишвар мусоидат мекунад. Фирмахои хурд ба «ничахои» озоди сохти иктисодии минтакахо ворид шуда, бутунии системаи территориявии ичтимоию иктисоди ва таносуби хамаи сохахои хаёти халкро зиёд мекунанд. Онҳо шабакаҳои мавҷударо мукаммал намуда, дар шабакаҳои территорӣ робитаҳои нав ба вуҷуд меоранд, заминаи ёрирасони аҳолинишин ва истеҳсолотро мустаҳкам мекунанд, сохтори фазоии минтақаҳоро такмил медиҳанд.

Бо мақсади фаъолгардонии гузариши иқтисодиёти кишвар аз модели аграрию саноатӣ ба саноатию аграрӣ бо назардошти аҳамияти бахши саноат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, иҷрои уҳдадориҳои кишвар барои ба даст овардани ҳадафҳои рушди устувори 9 (инфрасохтор ва саноатикунонӣ) соли 2018 дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ ва стратегии кишвар эълон гардид. Дар ин росто дар давраи татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 дар самти саноатикунонии босуръат соли 2019 «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва соли 2020 «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025» қабул гардиданд, ки дар иҷрои онҳо сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ саҳми асосӣ мегузоранд[1].

Ҳадафи асосии саноатикунонии босуръати кишвар ташаккул додани саноати миллии рушдёфта ва рақобатпазир ва дар асоси он ба сатҳи сифатан баланд бардоштани тамоми иқтисоди миллӣ ва некуаҳволии мардуми кишвар ба ҳисоб меравад. Ин ҳадаф барои коҳиш додани вобастагии кишвар аз воридоти маҳсулоти ниёзи аввал, таъмини соҳаҳои гуногун бо таҷҳизоти муосир, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва таъмини гуногунсамтии истеҳсолоти ватанӣ нақши ҳалкунанда дорад. Зеро ҳамасола маҳсулоти тайёри металлургияи сиёҳ ва ранга, нуриҳои минералӣ ва техникаи кишоварзӣ, маводи сузишворию молиданӣ, автобусҳо ва автомобилҳо, техникаи маишӣ, масолеҳи гуногуни сохтмонӣ, молҳои хӯрокворӣ, саноати сабук ва ғайраҳо дар ҳаҷми зиёд ба кишвар ворид карда мешаванд. Бинобар ин, фаъолият дар самти рушди соҳаҳои саноати маъдан, металлургияи ранга, мошинсозӣ, саноати сабук, хӯрокворӣ ва дорусозӣ, коркарди ҳарчи

бештари ашёи хом, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатноки ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда, ташкили кластерҳои истеҳсолӣ, сохтмон ва хизматрасонӣ бояд тақвият бахшида шаванд. Илова бар ин, андешидани тадбирҳо дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, коҳиш додани сарбории андоз, баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз, рушди минбаъдаи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ва муқовимат ба коррупсия дар муҳити соҳибкорӣ, инчунин, омода намудани мутахассисони соҳавӣ, таъмини ҳамгироии илм ва истеҳсолот ва тақвияти иқтидори технологии соҳаҳои иқтисоди миллӣ тавассути фаъолона ҷорӣ намудани ТИК зарур арзёбӣ мегардад[1].

Дар доираи татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар бояд то соли 2030 ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба сатҳи 30 фоиз ва вазни қиёсии соҳаҳои коркард дар сохтори саноат аз нишондиҳандаи ниҳоии сатҳи байналмилалӣ (70,0 фоиз) ба сатҳи 75,5 фоиз расонида шавад[1].

Дар асоси гуфтаҳои вазифаҳои масъулиятнокро дар ин равандҳо соҳибкорони хурд иҷро мекунанд, ки ба тамоми институтҳои иқтисоди бозорӣ фаро гирифта шудаанд. Рушди корхонаҳои хурд мутобиқшавии хубро ба шароити беруна нишон дода, ба пур кардани бозор бо молу хизматрасонӣ, истифодаи оқилонаи иқтидори ҳудудии кишвар мусоидат мекунад. Корхонаҳои хурду миёна хурд ба озоди сохти иқтисодии минтақаҳо ворид шуда, бутунии системаи минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ ва таносуби ҳамаи соҳаҳои ҳаёти халқро зиёд мекунанд. Онҳо шабакаҳои мавҷударо мукаммал намуда, дар шабакаҳои территорӣ робитаҳои нав ба вуҷуд меоранд, заминаи ёрирасони аҳолинишин ва истеҳсолотро мустаҳкам мекунанд, сохтори фазоии минтақаҳоро такмил медиҳанд.

Дар системаи иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ тамоми вазифаҳои гуногуни корхонаҳои хурдро метавон ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид кард: иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, инноватсионӣ, хизматрасонӣ, молиявию кредитӣ, экологӣ ва ғайра аммо мо бояд аввал самтҳои тадқиқоти онро пайгири намоем ки он дар расми 1 нишон дода шудааст.

Расми 1. Самтҳои тадқиқоте, барои рушди корхонаҳои хурду миёна барои минтақаҳо зарур мебошанд



Яке аз категорияҳои муҳими ҷуғрофии иҷтимоию иқтисоди ташкили иқтисодиёти минтақавӣ мебошад. Вай доираи васеи ҳодисаю ҷараёнҳо, аз ҷумла сохти территориявию

функсионалии минтақаҳо дараҷаҳои гуногуни фазоӣ, ҷараёни ташаккули комплексӣ, фаъолият ва такрористеҳсолкунӣ, механизми танзими тараққиёти иқтисодиётро дарбар мегирад. Дар сохтори ташкили территориявии иқтисодиёт ташкили территориявии соҳибкории хурду миёна бо хусусияти махсуси худ фарқ мекунад. Ин фардият на танҳо дар ҳаҷми истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, балки дар вобастагии мутаносиби сохтори функсионалии иқтисодиёти минтақавӣ, системаҳои аҳолинишин, сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди инфрасохтории ҳудуд, омилҳои маҳалликунонии корхонаҳои хурду миёна дар маҳалҳо зоҳир мегардад.

Саноат яке аз соҳаи асосии истеҳсолот буда, ба рушди устувори иқтисодӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад ва заминаи асосӣ барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар, яъне саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Нишодиҳандаҳои вазъи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол беҳтар гашта истодааст, ки он ба сатҳи ҳам иқтисодиёти давлат ва ҳам минтақаҳо хеле муҳим дониста мешавад, ки вазъи нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноат дар ҶТ дар ҷадвали 1 ва 2 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосие, ки саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф мекунанд

	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид	1999	2161	2164	2283	2397	2802	3453
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2022, млн. сомонӣ	23815	26339	29816	32440	39187	42988	46857
Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар	86,8	85,6	84,2	84,3	85,3	86,3	87,5
аз он коргарон	73,8	72,1	73,2	67,7	68,3	71,2	72,2
Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта	121,3	110,6	113,2	108,8	120,8	109,7	109,0

Сарчашма: Омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023.

Ҷадвали 2. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо бо нархҳои дахлдори сол, млн сомонӣ

	2017	*2018*	*2019*	*2020*	*2021*	*2022*	*2023*
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**20029**	**23894**	**27613**	**30890**	**38829**	**43025**	**46857**
ВМКБ	193,4	238,3	249,3	228,8	315,5	184,1	214,8
Вилояти Суғд	10066,4	11498,4	13053,6	15573,2	21064,8	24326,3	26188,1
Вилояти Хатлон	6753,1	7294,0	8661,1	8998,3	10333,0	10792,5	11841,2
ш. Душанбе	1659,0	2664,9	2753,4	2800,6	3339,4	3535,9	4265,1
НТҶ	1357,1	2198,5	2895,6	3289,4	3776,3	4186,1	4347,8

Сарчашма: Сарчашма: Омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023

Хулоса дар натиҷаи таҳлили равишҳои гуногун оид ба омӯзиши падидаи ташкили корхонҳои хурду миёна ба хулосае омад, ки ки онро соҳибкор бароҳ мемонад ва

соҳибкории хурд раванди хатарноктарини фаъолияти иқтисодиро ифода мекунад, ки аз ҷониби соҳибкории хурд дар ҳудуде, ки бо якпорчагии ҷуғрофӣ, вазифаҳои умуми ҷой, мавҷудияти потенсиали рушд ва ҷалби дорои маҷмӯи нави захираҳои моддӣ ва истеҳсолӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, табиӣ, зеҳнӣ, идоракунӣ, этникӣ ва эътиборӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар хос аст.

Корхонаҳои хурд дар харид, ки барои қонеъ гардонидани талаботи фармоишгарони давлатӣ ва коммуналӣ ба молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо пешбинӣ шудаанд, фаъолона иштирок мекунанд. Дар ҳар як сатҳҳои фазоӣ ҳадафҳои иловагӣ барои ҷойгиркунии фармоишҳо муайян карда мешаванд, ки ба ноил шудан ба онҳо ширкатҳои хурд мусоидат мекунанд: дар сатҳи ҷумҳурӣ - иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла иҷрои барномаҳои мақсадноки байнидавлатӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии он мебошад, дар сатҳи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - татбиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ; дар сатҳи мунисипалӣ - ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ ва амалӣ намудани ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ, ки ба мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ вогузор карда шудаанд.

Ҳалли воқеъбинонаи мушкилоти нобаробарӣ дар рушди иқтисодии минтақаҳо тақозо мекунад, ки барои танзими макроиқтисодӣ суръати рушди иқтисоди минтақаҳо шароит муҳайё карда шавад. Зеро рушди нобаробари иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ метавонад ба амнияти иқтисодии кишвар таҳдид намояд. Дар ин раванд омилҳои инфрасохторӣ метавонанд фишанги асосии коҳиш додани фарқият дар сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои кишвар шаванд. Дар ин самт таҷрибаи пешқадами давлатҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф собит месозад, ки ноҳиябандии иқтисодӣ дар рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва бунёди инфрасохтори замонавӣ нақши муҳим мебозад. Истифода аз шароити ҷуғрофӣ, хусусиятҳои хос, ҷойгиршавии захираҳои табиӣ ва дигар боигариҳои фоиданоки мавҷудбуда, махсусгардонии минтақаҳо ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва тақвияти фаъолияти минтақаҳои махсуси озоди иқтисодӣ метавонанд дар ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунада, равандҳои демографию муҳоҷират аз рӯи мавҷудияти захираҳо (табиӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, маъданӣ, гидроэнергетикӣ, дарёҳо, шароити хоси табию иқлимӣ ва дигар омилҳои рушди иқтисодӣ) ва дар ин замина ба рушди устувори минтақаҳо мусоидат намояд[1].

Адабиёт

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025.
2. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030.
3. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023.
5. Коротов И.И. Развитие малого предпринимательства на основе государственных и муниципальных заказов (на примере регионов Российской Федерации)/Диссертация на соискание ученой Пермь – 2015.
6. Сулаймонзода, Ш. Ф. Фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун воситаи асосии татбиқи стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Ш. Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 4(24). – P. 129-137. – EDN CZAWOI.

7. Сафаров, Б. Г. Таҳлили таъсири хавфҳои молиявӣ ба рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б. Г. Сафаров, М. С. Амиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 2(31). – P. 109-118. – EDN WXUAPI.

ТАМОЮЛҲО ВА ДУРНАМОИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ ПАС АЗ ИҶОЗАТИ МОЛҲО

Ҷумаев А. Қ. – номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумруки МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и ДБССТ (ш.Хуҷанд, вилояти Суғд)

Дар мақола фаъолияти муосири мақомоти гумрукӣ дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ баррасӣ гардида, тадбиқи тартиби соддагардонии муносибатҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо мақомоти гумрук, инчунин ба роҳ мондани назорати гумрукӣ пас аз иҷозати молҳо таҳти омӯзиш қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: назорати гумрукӣ пас аз иҷозати молҳо, фаъолнамоӣ, технология, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аудит, иштирокчии ФИХ.

ТЕНДЕНЦИИ И ПЕРСПЕКТИВЫ ТАМОЖЕННОГО КОНТРОЛЯ ПОСЛЕ ЛИЦЕНЗИРОВАНИЯ ТОВАРОВ

Джумаев А. К. - кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов, банковской и таможенной деятельности «Худжандского международного университета» МУТПТ (город Худжанд, Согдийская область)

В статье рассматривается современная деятельность таможенных органов в фазе глобализации, реализация процедуры упрощения отношений участников внешнеэкономической деятельности с таможенными органами, а также установление таможенного контроля после выпуска товаров.

Ключевые слова: таможенный контроль после выпуска товаров, активация, технология, внешнеэкономическая деятельность, аудит, участник ВЭД.

TRENDS AND CUSTOMS CONTROL AFTER THE RELEASE OF GOODS

Jumaev A. K. – Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance, Banking and Customs, State Institution “Khujand International Institute” IUTET (Khujand, Sughd region)

The article examines the modern activities of customs authorities in the phase of globalization, the implementation of the procedure for simplifying relations between participants in foreign economic activity and customs authorities, as well as the establishment of customs control after the release of goods.

Keywords: customs control after the release of goods, activation, technology, foreign economic activity, audit, participant in foreign economic activity.

Дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодӣ маҷмӯи чораҳо барои татбиқи принсипи гузариши аҳамияти назорати гумрукӣ аз марҳилаи декларатсияи гумрукӣ ва иҷозати мол ба зинаи пас аз иҷозати молҳо, аз ҷумла барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, фаъолона татбиқ шуда истодаанд.

Принсипҳои назорати гумрукӣ барои тамоми фаъолияти мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо асос мебошанд. Ҳамзамон, татбиқи назорати гумрукӣ, роҳи махсуси иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи гумрук хусусиятҳои хоси худро дорад, зеро он мустақиман ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ вобаста нест, зеро нуқтаҳои оғози ташкил ва фаъолияти тамоми системаи идоракунии давлатӣ, аз ҷумла оид ба ташкили фаъолияти мақомоти давлатӣ, татбиқи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ дар доираи масъалаҳо ва вазифаҳое, ки ба зиммаи ин мақомотҳо гузошта шудаанд, муайянкунандаи принсипҳои ҳуқуқи маъмурӣ дар маҷмӯъ, мувофиқи мақсад аст, ки ба онҳо раванди назорати гумрукӣ ва таҳлил вобаста аст [1, 119].

Ин принсип раванди соддатар ва самарабахши ташкили назорати гумрукиро пас аз иҷозати молҳо пешбинӣ менамояд [2, 73].

Назорати гумрукӣ баъди иҷозати мол маҷмӯи чорабиниҳои мақомоти гумрук пас аз иҷозати мол ва ҳангоми муомилоти моле, ки ба ҳудуди гумрукӣ тавассути гузаронидани санҷишҳои гумрукӣ ва дигар шаклҳои назорати гумрукӣ, аз ҷумла истифодаи системаи идоракунии хавфҳо дар асоси гурӯҳбандии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Назорати гумрукӣ баъди иҷозати мол имкон медиҳад, ки ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, вайрункунии қоидаҳои гумрукӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо, инчунин аудити амалиётҳои гумрукӣ дорои маълумотҳои аниқ гарданд.

Аудит баъди барасмиятдарории гумрукӣ имконияти давом додани назорати аниқи декларатсияҳои воридотиро медиҳад, ки мол чӣ гуна назорати гумрукиро гузашта то нуқтаи пешбини шуда, омада расидааст, инчунин омӯзиши феҳрастҳо, сабтҳои бақайдгирӣ ва системаи савдои воридотро дастраст намуда, сифати баҳодиҳии гумрукиро беҳтар менамояд [3].

Таҷрибаи ҷаҳонии ҷорӣ намудани технологияи нав дар фаъолияти гумрукӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ва алалхусус, ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ, ки дар он яке аз унсурҳои асосии назорати самаранок, ин ҷорӣ намудани системаи идораи таваккал мебошад, асос меёбад [4].

Тағиротҳое, ки дар тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир рух доданд, ба тамоюлҳои қаблан муқарраршуда таъсир расониданд. Ин ҳолатро мо метавонем чунин маънидод намоем: васеъгардонии рӯйхати кишварҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо ҳамкорӣ менамояд, сохтори гардиши савдои хориҷӣ, логистикаи ҳаракати молҳо ва кам кардани номгӯи ҳуҷҷатҳои гумрукии молҳо.

Омилҳои асосие, ки ин тағиротҳоро ба вуҷуд оварданд, инҳоянд:

1) таъсири сохтор ва динамикаи тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ва муҷозотҳои ҷорӣ;

2) тасҳеҳ дар соҳаи танзими давлатии тиҷорати хориҷӣ, инчунин равандҳои ҳамгироӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё [5, 11].

Алҳол дар марҳилаи фаъолият бо як қатор тартибҳои соддагардонишуда нисбат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ оид ба назорати минбаъда дар марҳилаи баъди иҷозати мол ба назар мерасанд.

Ҳамчун як қисми ин раванд, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти иштирокчиёни хориҷӣ, таснифи онҳо бар асоси хавфҳои эҳтимолии вайронкунии қонунгузории гумрук анҷом дода мешаванд.

Ҳамкорӣ дар самти пешгирии қонуншиканиҳо дар соҳаи гумрук ва таъмини пуррагии ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳо, пурзӯргардонии ҳамкории байнисоҳавӣ ва байниидоравӣ зарур мебошад.


Ҳамкории судманд бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алахусус дар самти интихоби объектҳои назорат, инчунин ошкор кардани қонунвайронкуниҳои ба ҳам алоқаманд дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, мубориза бо схемаҳои саркашӣ аз пардохтҳо ба зимаи онҳо гузошта шудааст.

Дар айни замон, сатҳи ҳамкориҳои байниидоравӣ ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Ҳамгироии системаҳои иттилоотии хадамоти гумрукии ва мақомоти андоз, инчунин дигар мақомоти давлатӣ дар заминаи системаи ҳамгирошудаи иттилоот фаъолият менамоянд. Ин барои таъмини "пайгирӣ" -и интиқоли молҳо аз лаҳзаи убури сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон то истеъмолкунандаи охирин сурат мегирад.

Самтҳои муносибгардонии гумрук назорати баъди иҷозати мол:

1) ҳамкорӣ бо доираҳои соҳибкорӣ, ки намояндагони он дар муҳокимаи навовариҳои қонунгузории гумрук ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани технологияҳои гумрукӣ дар соҳаи назорати гумрукӣ пас аз иҷозати молҳо иштироки фаъолонаро талаб менамояд;

2) имкони истифодаи ҳисоботи ва хулосаи аудитӣ ҳангоми назорати гумрукӣ. Хулосаи аудит метавонад сарчашмаи иловагии иттилоот дар бораи ҳолати умумии ташкилот ё шахс бошад самтҳои фаъолияти он, аз ҷумла фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, инчунин устувории молиявӣ ва сифати назорати дохилӣ. Бешубҳа, чунин маълумот метавонад аз ҷониби мақомоти гумрук барои таҳлили фаъолияти иштирокчиёни тиҷорати хориҷӣ ҳангоми муайян кардани сатҳи хавф ва категорияи онҳо истифода шавад (Расми 1);



Расми 1. Имкониятҳои тадбиқи аудит дар рафти назорати гумрукӣ

3) таҳияи технологияи санҷиши гумрукӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои электронӣ ва иттилооте, ки аз ҷониби шӯъбаҳои назорати гумрукии пас ах иҷозат дар якҷоягӣ бо дигар тому ҷузъҳои Хадамоти гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;


4) истифодаи технологияи “санҷиши электронии камериалӣ”, ки вақти гузаронидани ин санҷишро нисбат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо сатҳи пасти вайронкунии қонунгузории гумрукӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад; Дар гузашта, корҳои санҷишӣ ба санҷишҳои интихобӣ асос ёфта буданд ва бидуни таҳлили натиҷаҳои санҷиш ба декларатсияи моли шабеҳ ё ҳамҷинс маҷмӯъан дар ягон соҳа имкон медиҳад (Расми 2);

5) татбиқи усули маҷмуавӣ. Ин аз он иборат аст, ки ҳангоми тайёрӣ ва гузарондани санҷиши гумрукӣ мо омилҳои ба ҳам алоқамандро, ки барои вайрон кардани қонунгузории гумрук шароит фароҳам овардаанд, ба назар гирифта, ҳамкории мутақобилаи байниидоравӣ ва соҳавӣ анҷом диҳем. Яке аз воситаҳои татбиқи ҳамаҷонибаи назорати гумрук пас аз иҷозати мол механизми ҳамкории дохили идоравӣ ва байниидоравӣ, инчунин ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои тиҷоратии бузург дар асоси созишномаҳое, ки бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудаанд.

6) гузаронидани чорабиниҳои ҳамаҷонибаи санҷиш дар бахшҳои алоҳидаи бозор, ки ба якчанд минтақа таъсир мерасонанд, тадбирҳои андешидашуда, ки ташаббусҳои қонунгузорӣ ва роҳҳои ҳалли техникиро дар бар мегиранд, ба оғоз намудани худидоракунӣ ва аз байн рабудани ҷиноятҳои дар соҳаҳо, ба вуҷуд овардани рақобати кушод ва одилона мусоидат менамояд.

Бо мақсади пешгирии ҳаракати молҳои воридшаванда ба ҳудуди Тоҷикистон дар наздикии сарҳадоти гумрукии Тоҷикистон-Қирғизистон Тоҷикистон-Ӯзбекистон ва Тоҷикистон-Афғонистон якчанд гурӯҳҳои фаврӣ амал мекунад, ки чораҳои назорати гумрукиро амалӣ мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши соддагардонии расмиёти гумрукӣ ва кам кардани мушкилоти маъмурӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро дорад, ки дар натиҷа ба сарфаи вақти амалиёт оид ба интиқоли молҳо тавассути гумрук ширкаткунандагони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ оварда мерасонад.



Расми 2. Санҷиши камериалии гумрукӣ дар асоси гардиши электронии ҳуҷҷатҳо

Аҳамияти махсуси самти баррасишудаи мақомоти гумрук масъалаи зарурати таҳияи маҷмӯи вазифаҳоро оид ба баланд бардоштани самаранокӣ ва такмили ташкили фаъолияти воҳидҳои назорати гумрукӣ пас аз иҷозати мол ба миён меорад.

Таъмини татбиқи назорати гумрукӣ пас аз иҷозати мол бо чорабиниҳои зерин имконпазир аст:

1) такмил додани механизми мавҷудаи назорат ва ҷорӣ кардани усулҳои нав барои гузаронидани санҷишҳо дар асоси таҷрибаи ҷаҳонии кишварҳои узви Созмони умумиҷаҳонии гумрукӣ;

2) истифодаи усули системавии ташкили назорати гумрукӣ баъди иҷозати мол ҳангоми интихоби объекти санҷиш барои ба даст овардани натиҷа бо самараи зарурии иқтисодӣ;

3) автоматикунонии корҳои таҳлилӣ ва технологияҳои назорат пас аз иҷозати мол.

Ҳамин тавр, самаранокии ташкил ва татбиқи назорати гумрукӣ пас аз иҷозати мол яке аз вазифаҳои муҳимтарини Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Амалисозии тиҷорати хориҷӣ, соддагардонии қоидаҳои гумрукӣ дар шароити таъмини амнияти иқтисодӣ ва ғани гардонидани буҷети давлатӣ таҳияи чораҳо оид ба такомул ва такмили назорати гумрукиро пас аз иҷозати мол муайян мекунад. Ба он таҳияи лоиҳаҳои стандартҳо, тартиби аудити соҳаи гумрук, шаклҳои инъикоси натиҷа, тағирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таркиби қонунвайронкунӣ барои ҳисоботи саҳеҳ дохил мешаванд. Инчунин тартиб додани номгӯ ва тартиби аккредитатсияи аудиторҳо ва талабот барои назорати тахассуси онҳо оид ба масъалаҳои аудити соҳаи гумрук зарур аст.

Адабиёт

1. Костин А. А. Организация таможенного контроля товаров и транспортных средств: учебное пособие для вузов. – СПб.: Интермедия, 2014. – С. 119.

2. Кокнаева, М. Д. Система таможенного контроля после выпуска товаров в РФ / Сборник материалов международной межвузовской научно-практической конференции «Актуальные проблемы развития теории и практики экономики таможенного дела». М., 2013. с. 73–77.

3. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2007с., №544 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои интиқоли молҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби имтиёзнок ва соддагардонидашуда» (бо дарназардошти тағйирот аз 21.05.2022с.)

4. Замима ба Фармони Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2008 № 126

5. Немирова, Г. И., Костин А. А., Костина О. В. Актуальные проблемы системы таможенного контроля и методы их разрешения в Евразийском экономическом союзе // Таможенное дело. 2016. № 4. с. 11–15.

6. Аминов, И. Таъсири рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иктисодиёт ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И. Аминов, Ф. И. Аминов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – P. 5-11. – EDN CGNNWW.

ТАНЗИМИ ГУМРУКӢ – ТАРИФӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Махмадҷонов М.Д. - муовини Сардори Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники хадамоти гумрук

Дар мақола моҳият ва зарурати татбиқи чораҳои танзими гумрукӣ - тарифӣ дар фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин, нақши танзими гумрукӣ - тарифӣ дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар муайян гардида, дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои гардиши тиҷорати хориҷӣ ва чораҳои амали намудаи давлат дар ин самт роҳҳои минбаъдаи такмил ва мукаммал гардонии танзими гумрукӣ - тарифӣ пешниҳод шудаанд.

Калимаҳои калидӣ: танзими тарифӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ, сиёсати гумрукӣ, амалётҳои гумрукӣ, пардохтҳои гумрукӣ, амнияти иқтисодӣ, тиҷорати хориҷӣ.

ТАМОЖЕННО-ТАРИФНОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ КАК МЕХАНИЗМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Махмаджонов М.Д. - зам. начальника Института повышения квалификации сотрудников Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан, полковник таможенной службы

В статье исследуется сущность и необходимость применения мер таможенно-тарифного регулирования внешнеэкономической деятельности для обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан. Определена роль таможенно-тарифного регулирования в обеспечении экономической безопасности страны, на основе анализа показателей внешнеторгового оборота и реализованных государством мер предложены пути дальнейшего совершенствования таможенно-тарифного регулирования.

Ключевые слова: тарифное регулирование, внешнеэкономическая деятельность, ставки таможенных пошлин, таможенная политика, таможенные операции, таможенные платежи, экономическая безопасность, внешняя торговля.

CUSTOMS AND TARIFF REGULATION AS A MECHANISM FOR ENSURING ECONOMIC SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Makhmadzhonov M.D. - deputy. Head of the Institute for Advanced Training of Customs Service Employees under the Government of the Republic of Tajikistan, Colonel of the Customs Service

The article examines the essence and necessity of applying measures of customs and tariff regulation of foreign economic activity to ensure the economic security of the Republic of Tajikistan. The role of customs and tariff regulation in ensuring the economic security of the country is determined; based on an analysis of foreign trade turnover indicators and measures implemented by the state, ways to further improve customs and tariff regulation are proposed.

Key words: tariff regulation, foreign economic activity, customs duty rates, customs policy, customs operations, customs payments, economic security, foreign trade.

Айни замон дар таъмини амнияти иқтисоди миллӣ, танзими гумрукӣ - тарифӣ яке аз механизмҳои калидӣ ва муҳим дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ маҳсуб меёбад.

Танзими гумрукии тарифӣ унсури таркибии сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Тавассути он истеҳсолоти ватанӣ аз рақобатҳои носолими бозори ҷаҳонӣ ҳимоя гардида, заминаи мусоид дар афзоиши ҳаҷми содироти молҳо фароҳам оварда мешавад. Инчунин, амнияти давлат бо роҳи пешгирии имконоти воридоти молҳое, ки барои иқтисодиёт ва аҳолии кишвар таҳдиди зарар доранд, таъмин мегардад.

Тарифи гумрукӣ дар сиёсати иқтисодии байналмилалии муосир воситаи асосии танзими тиҷорати хориҷӣ ба шумор рафта, қонуни будани истифодаи онро на фақат санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ, балки меъёрҳои байналмилалӣ низ эътироф намудааст.

Танзими гумрукии тарифӣ ҳамчун воситаи танзимкунандаи сиёсати тиҷоратӣ дар Осиёи Марказӣ аз ибтидои асри XVIII истифода шуда, новобаста аз тағйир ёфтани мазмуну мундариҷа ва бамаротиб паст шудани мизони он, аҳмияти худро дар танзими тиҷорати хориҷӣ гум накарда, ба ҳаҷм ва таркиби воридот таъсири бевосита расонида омада истодааст.

Мақсади асосии механизми татбиқи танзими гумрукӣ - тарифӣ, ин муътадил гардонидани ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ, мубодилаи мол байни кишварҳо, фароҳам овардани шароити баробарии рақобат дар бозори беруна ва дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз амалҳои таъбизӣ дар низоми савдои хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурияти танзими фаъолияти иқтисоди хориҷиро тавассути механизмҳои иқтисодӣ ва маъмури тақозо менамояд ва мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалисозии раванди мазкур нақши бевосита дорад. Системаи тарифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи худ роҳи басо мураккабро тай намуда, раванди ташаккулёбии он ду марҳилаи асосиро дар бар мегирад.

Дар марҳилаи аввали ташаккулёбии сиёсати тарифи гумрукии Тоҷикистон дар назди ҳукумат ва дигар мақомоти масъули давлатӣ вазифаҳои дарёфти роҳҳои раҳоӣ ёфтан аз буҳрони иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва ташкил намудани системаи миллии гумрукӣ ба пеш омаданд.

Дар чунин вазъият сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда ба Тоҷикистони соҳибистиқлол лозим омад, ки ҳамчун субъекти мустақил ва соҳибихтиёри муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ сиёсати иқтисодии хориҷии худро таҳдиди назар намуда, онро ба шароит ва талаботи рӯз мувофиқ гардонад.

Баҳри рушди бемайлони иқтисодиёти кишвар зарурат барои дасткашидан аз шакли инҳисории савдои хориҷӣ пайдо гардид. Бо назардошти ин, дар марҳиллаи аввали ташаккулёбии системаи тарифии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосеро басамтҳои идоракунии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ки асосан ба истифодаи фишангҳои иқтисодии танзими тиҷорати хориҷӣ, яъне боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва хироҷҳои гумрукӣ асос меёбанд, равона намуд.

Тазаккур бояд дод, ки вазифаҳои асосии танзими гумрукии тарифӣ, ин аз таъмин намудани амнияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат, батанзимдарории амалиёти тиҷорати хориҷӣ, муқаррар намуднани тариф ва маҳдудятҳои ғайритарифӣ ҳангоми воридот ва содироти молу воситаҳои нақлиёт, иборат мебошад. [6]

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масоили ташаккули фаъолияти гумрук аҳмияти махсус дода, бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, таъмини риояи тартиби муқарраргардидаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт, барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукиро бо қарорҳои дахлдор, тасдиқ намуд.

Дар даврони соҳибистиқолии кишвар, як чанд маротиб мизони тарифҳои гумрукӣ баҳри ҳимоя ва ҳавасмандгардонии молистеҳсолкунандагони ватанӣ барои истифода намудани иқтидору имконоти мавҷудаи истеҳсолӣ, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва дастрасии онҳо ба бозорҳои хориҷӣ, ҳамгироии иқтисодӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ такмил ва тағйир дода шудаанд.

Аз ҷумла, шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умиҷаҳонии савдо (СУС) зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба мизони тарифи гумрукӣ пеш оварда.

Бо мақсади иҷрои муқаррароти дахлдори Протокол оид ба ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоикистон ба Созишномаи Марокаш доир ба таъсисёбии СУС Ҷумҳурии Тоикистонро зарур омад, ки меъёрҳои боҷҳои амалкунандаи худро тағйир дода, ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои тарифие, ки дар рафти гуфтушунидҳои дуониба бо давлатҳои аъзои СУС қабул кардааст, дар амал татбиқ намояд.

Тибқи ӯҳдадориҳо оид ба роҳёбӣ ба бозори мол ва талаботҳои СУС Ҷумҳурии Тоикистон дар соли 2018 меъёрҳои боҳои гумрукии худро пурра мутобиқ ва ба Котиботи СУС пешниҳод намуд. Яъне меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотӣ, ҳамчун яке аз ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди СУС, пас аз мавриди амал қарор додани Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8 августи соли 2018, №399 тасдиқ карда шудааст.

Барои дастгирии истеҳсолоти ватанӣ ва ҳимояи бозори дохилӣ бо истифода аз талаботи Созишномаҳои СУС зиёд намудани меъёрҳои боҳои воридотии молҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла меъёри боҷи воридотии пиёз, сабзӣ, бодиринг, карам, сабзавоти консервашуда, ангур, меваи хушк, асал ва қиёми помидор то 20%, маҳсулоти макаронӣ то 10%, маҳсулоти консервашудаи гӯштӣ то 12%, матоъҳои гуногуни пахтагин то 20%, маҳсулоти нассоҷӣ ва либосҳои тайёр то 17%, аммиак ва соддаи каустикӣ то 20%, тамоку ва маҳсулоти ивазкунандаи он то 18% баланд бардошта шудаанд.

Қайд бояд намуд, ки то қабули қарори мазкур сатҳи миёнаи боҷҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон 7,6%-ро ташкил дода, пас аз қабули қарори мазкур бо назардошти ҳимояи истеҳсолоти ватанӣ то 8,1% баланд шуд.

Тибқи қарори мазкур боҷҳои гумрукии воридотӣ вобаста аз намуди мол бо меъёрҳои 0%, 3%, 4%, 5%, 5,5%, 6%, 6,5%, 7%, 8%, 9%, 10%, 12%, 13%, 15%, 16%, 17%, 18%, 20%, 23%, 30%, 80%, муқаррар гардиданд.

Тибқи банди 2 қарори мазкур ба молҳои воридотии дар давлатҳои аъзои Шартнома «Дар бораи минтақаи савдои озод» аз 18 октябри соли 2011 истеҳсолшуда, низоми савдои озод муқаррар ва меъёри сифрии боҷи воридотии гумрукӣ татбиқ карда шудааст.

Зикр намудан ба мавриди аст, ки Шартнома «Дар бораи минтақаи савдои озод» аз 18 октябри соли 2011, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2015, №285 тасдиқ гардидааст.

Мутобиқи банди 1 моддаи 2 Шартнома «Дар бораи минтақаи савдои озод» аз 18 октябри соли 2011, Тарафҳо боҷу хироҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ба боҷу хироҷи гумрукӣ ҳамарзишро нисбати содироти моле, ки барои ҳудуди гумрукии дигар Тараф ва ё воридоти моле, ки аз ҳудуди гумрукии дигар Тараф омадааст, татбиқ намекунад ба истиснои ҳолатҳое, ки дар замимаи 1 Шартномаи дар боло зикргардида, ки қисми ҷудонашавандаи он аст, муайян гардидааст.

Дар сурати пешниҳод намудани сертификати кишвари истеҳсоли моли давлати иштирокчии Шартномаи зикргардида, бо дарназардошти риояи талаботҳои

муқаррагардидаи Созишнома аз 20 ноябри соли 2009 «Оид ба қоидаҳои муайян намудани кишвари тавлиди мол дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», нисбати молҳои воридшаванда, низоми савдои озод татбиқ карда мешавад.

Инчунин, мутобиқи банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳангоми ворид намудани молҳое, ки дар давлатҳои нисбатан кам тараққикарда истеҳсол шудаанд, сабукиҳо (имтиёзҳо) ҷорӣ ва боҷи воридотии гумрукӣ дар ҳаҷми панҷоҳ фоиз аз меъёри тасдиқшуда муқаррар карда шудааст.

Мутобиқи банди 3 қарори мазкур, ҳангоми воридоти молҳои истеҳсоли кишварҳое, ки бо онҳо созишномаи дуҷонибаи савдои озод ба имзо расонида шудааст, ба истиснои молҳои аз низоми савдои озод боздоштшаванда, низоми савдои озод муқаррар ва меъёри сифрии боҷи гумрукӣ татбиқ карда мешавад.

Айни замон, низоми савдои озод дар асоси шартномаҳои дутарафа миёни Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Украина мавриди амал қарор дорад.

Созишномаи дуҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи минтақаи савдои озод» аз 10 январи соли 1996, дар шаҳри Тошканд ба имзо расида буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи фавқулзикрро аз 23 майи соли 1996, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №209 тасдиқ карда, илова ба он, бо қарори мазкур Протокол дар бораи номгӯи баъзе намуди молҳои боздоштшаванда аз низоми савдои озодро муайян ва тасдиқ намудааст.

Бо мақсади густариши муносибатҳои нави миёни ду давлат, дар соли 2018 кори комиссияҳои байниидоравӣ ва гурӯҳҳои корӣ оид ба бартараф кардани ихтилофотҳо нисбати як қатор масъалаҳо, аз он ҷумла аз нав дида баромадани Протокол дар бораи номгӯи баъзе намуди молҳои боздоштшаванда аз низоми савдои озод фаъол гаридонида шуд.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда вобаста ба навсозии Протоколи мазкур, Протокол оид ба боздошт намудани молҳо аз низоми савдои озод ба Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи савдои озод аз 10 январи соли 1996, ба имзо расонида шудааст.

Протокол дар бораи боздошт намудани молҳо аз низоми савдои озод ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба савдои озод аз 10 январи соли 1996, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2018, №1102 тасдиқ гардидааст.

Айни замон, нисбат ба молҳои воридшавандаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ғайр аз молҳои боздоштшавандаи Протоколи мазкур, меъёри боҷи гумукии сифрӣ татбиқ карда мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки Созишнома байни Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва Девони Вазирони Украина "Дар бораи садои озод" аз 6 июли соли 2001 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2001, №542 тасдиқ карда шудааст. Мутобиқи банди 1 моддаи 1 Созишномаи мазкур, боҷи воридотии гумрукӣ байни тарафҳо татбиқ карда намешавад, бо назардошти боздошт аз низоми савдои озод.

Протокол байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони Вазирони Украина дар бораи боздошт намудани номгӯи як қатор молҳо аз низоми савдои озод дар асоси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони Вазирони Украина "Дар бораи савдои озод", ки дар шаҳр Киев 28 июни соли 2012 ба имзо расидааст, тасдиқ карда шудааст.

Вобаста ба муносибатҳои нави бозоргонӣ зарурат ба миён омад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади соддагардонии расмиёти гумрукӣ, таъмини шаффофият ва истифодаи усулҳои пешқадами муайян намудани арзиши гумрукӣ такмил дода шаванд. Аз ин давра эътиборан марҳилаи дуюми ташаккули системаи тарифию гумрукӣ оғоз гардид. Махсусан, дар ин марҳила дар сиёсати гумрукӣ – тарифии ҷумҳурӣ дигаргуниҳое ба амал омаданд, ки ба вусъат ёфтани тиҷорати хориҷӣ мусоидат менамуданд. Нишондиҳандаҳои гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2009-2023 дар Ҷадвали 1 иникос гардиданд. Нигаред ба Ҷадвали 1.

Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2009-2023 (млн. долл. ИМА)

		Давлатҳои хориҷи наздик			Давлатҳои хориҷи дур			ҲАМАГӢ		
Нишондиҳанда		Содирот	Воридот	Ҳамагӣ	Содирот	Воридот	Ҳамагӣ	Содирот	Воридот	Ҳамагӣ
Соли 2009		164, 1	1 457, 6	1 621, 7	800, 4	1 095, 2	1 895, 6	964, 5	2 552, 8	3 517, 3
Соли 2010		161, 4	1 563, 3	1 724, 7	1 033, 7	1 089, 0	2 122, 5	1 195, 1	2 652, 2	3 847, 3
Соли 2011		179, 9	1 833, 5	2 013, 4	1 076, 0	1 369, 2	2 445, 1	1 255, 9	3 202, 6	4 458, 5
Соли 2012		239, 0	2 075, 6	2 314, 7	1 116, 1	1 706, 7	2 822, 8	1 355, 1	3 782, 2	5 137, 3
Соли 2013		235, 1	1 987, 3	2 222, 4	936, 7	2 142, 1	3 078, 8	1 171, 9	4 129, 4	5 301, 2
Соли 2014		251, 5	2 174, 3	2 425, 8	727, 1	2 166, 0	2 893, 0	978, 6	4 340, 3	5 318, 8
Соли 2015		226, 7	1 818, 4	2 045, 2	664, 6	1 616, 5	2 281, 1	891, 3	3 434, 9	4 326, 2
Соли 2016		294, 4	1 674, 0	1 968, 4	604, 9	1 358, 0	1 962, 9	899, 3	3 031, 9	3 931, 3
Соли 2017		430, 3	1 644, 7	2 075, 0	553, 5	1 119, 2	1 672, 7	983, 8	2 763, 9	3 747, 7
Соли 2018		530, 6	1 811, 3	2 341, 8	543, 3	1 333, 0	1 876, 3	1 073, 9	3 144, 3	4 218, 2
Соли 2019		449,8	2049,7	2499,5	661,1	1278,1	1944,1	1115,9	3227,7	4443,6
Соли 2020		289	2056	2345	1023	1083	2106	1311,9	3139,0	4450,8
Соли 2021		572	2553	3125	1215	1664	2897	1786,7	4217,4	6004,1
Соли 2022		763	3124	3887	1567	2059	3626	2330	5182,9	7512,9
Соли 2023		550	3005	3555	1884,3	2875,4	4759,6	2434,3	5880,1	8314,5
фаркият бо %	с. 2023 нисбати с.2009	335%	206%	219%	235%	263%	251%	252%	230%	236%
	с.2023 нисбати с.2022	72%	96%	91%	120%	140%	131%	104%	113%	111%

Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои сомонаи расмии Хадамоти гумрук (gumruk.tj) тарртиб дода шудааст.

Нишондиҳандаҳои гардиши тиҷорати хориҷӣ дар 15 соли охир далели он мебошанд, ки гарчанде соли 2009 бар асари бӯҳрони иқтисодӣ - молиявии ҷаҳонӣ гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдоран ва сифатан коҳиш ёфта бошад ҳам, вале то давраи соли 2013 он афзоиш ёфтааст.

Таъсири таҳримҳои иқтисодӣ нисбати шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии худро ба гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ расонидааст.

Ибтидо, аз семоҳаи дуюми соли 2014 нишонаҳои аввали бӯҳрони молиявии иқтисодии ҷаҳонӣ алакай аз худ дарак дода буд. Нишонаҳои мазкур дар коҳишёбии воридоти баъзе намуди молҳо, пастравии қурби асъори миллӣ, кам гардидани қобилияти харидории мардум дида мешуд.

Боз маротиби дигар, гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015, 2016 ва 2017 бинобар сабаби номуътадил гардидани вазъи тиҷорати хориҷӣ ва иқтисодӣ - молиявии ҷаҳонӣ миқдоран ва сифатан коҳиш ёфт.

Дар натиҷаи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани як қатор тадбирҳои судманд ҷиҳати рушду такомули тиҷорати хориҷӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобилаи байналмилалӣ, инчунин аз ҷониби Хадамоти гумрук амалӣ намудани як қатор чорабиниҳо дар ҳама самтҳои фаъолияти гумрукӣ, нишондиҳандаҳои тиҷорати хориҷии кишвар аз соли 2018 то инҷониб зиёд гардида истодааст.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 нисбат ба соли 2009 ба андозаи 2,4 баробар аз ҷумла, содирот 2,5 ва воридот 2,3 баробар афзоиш ёфтааст.

Ҳамчунин, дар соли 2023 гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷи дур ва наздик нисбат ба соли 2022 ба андозаи 11%, аз ҷумла содирот 4% ва воридот 13% афзоиш ёфтааст.

Таҷрибаи ҷаҳонии нишон медиҳад, ки яке аз вазифаҳои асосии танзими гумрукӣ - тарифӣ ин тадбиқи боҷҳои гумрукӣ ҳангоми воридот ва содироти молу воситаҳои нақлиёт ба шумор рафта, ба ин васила Буҷети давлатӣ ғани гардонида мешавад.

Мақомоти гумрук дар самти фаъолияти фискалӣ дар солҳои 2022 – 2023 ба натиҷаҳои бесобиқа ноил гардиданд. Дар соли 2023 ба Буҷети давлатӣ 9 079,6 млн. сомонӣ ворид намуд, ки ин нисбат ба ҳаҷми воқеии даромадҳои гумрукии буҷети кишвар дар соли 2022 – 1 708,5 млн. сомонӣ, нисбат ба соли 2021 - 2 270,4 млн. сомонӣ, нисбат ба соли 2020 - 3 610,2 млн. сомонӣ, нисбат ба соли 2019 - 3569,0 млн. сомонӣ, нисбат ба соли 2018 - 4 221,1 млн. сомонӣ, зиёд мебошад [10, 14].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар танзими гумрукӣ – тарифӣ ҳамчун механизми таъмини амнияти иқтисодии кишвар, иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ мавқеи таъсирбахш мегирад. Нигаред ба Ҷадвали 2.

Ҷадвали 2. - Маълумот оид ба иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ дар давраи солҳои 2009-2018

Солҳо	Нақша (млн. сомонӣ)	Иҷроиш (млн. сомонӣ)	Иҷроиш нисбати нақша	Иҷроиш бо %
2009	1667,7	1516,0	-151,7	90,9%
2010	1850,0	1714,7	-135,3	92,7%
2011	2200,0	2308,2	108,2	104,9%
2012	2650,0	2742,0	92,0	103,5%
2013	3200,0	3240,7	40,7	101,3%
2014	3 800,0	4 003,9	203,9	105,4%
2015	4 100,6	3592,5	-508,1	87,6%
2016	4 232,0	3824,8	-407,2	90,4%
2017	4 502,7	4403,5	-99,2	97,8%
2018	4 802,7	4 858,5	55,8	101,2%
2019	5 145,0	5 510,6	365,6	107,1
2020	4 788,6	5 469,4	680,9	114,1
2021	5 965,8	6 809,2	843,4	114,1
2022	6 464,0	7 371,0	907,0	114,0
2023	8 008,6	9 079,6	1 070,7	113,4

Ҳамин тавр,омили асосии барзиёд иҷро шудани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ дар соли 2023, зиёд ворид гардидани молу воситаҳои нақлиёт нисбат ба соли 2022, мебошад. Сабаби асосии дар ин давра зиёд ворид гардидани мол бошад, пеш аз ҳама дар амалӣ намудани як қатор чорабиниҳо ҷиҳати такмили низоми маъмурикунонии гумрукӣ аз қабили татбиқи дурусти қонунгузории амалкунанда дар самти муайян намудани арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёти ба ҳудуди гумрукии ҷумҳурӣ воридшуда мебошад.

Таъмини сифатнокии барасмиятдарории гумрукии молҳои ниёзи мардум, гузаронидани машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пурзӯр намудани фаъолият дар самти пешгирии воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт, назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ, дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақомоти назоратии давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳисобида мешавад.

Бо мақсади такмили минбаъдаи танзими гумрукӣ - тарифӣ ва ба ин васила таъмин намудани амнияти иқтисодии ҷумҳурӣ, роҳандозии амалҳои зерин мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад:

Аз ҷониби мақомоти давлатӣ таҳти назорати доимӣ қарор додани мизони тарифҳои гумрукӣ, вобаста ба вазъи иқтисоди миллӣ манзур намудани пешниҳодҳои асоснокшуда доир ба зиёд ва ё кам намудани меъёрҳои онҳо;

Таҳия намудани методологияи системаи идораи таваккал дар асоси таҳлили усулҳои маъмурӣ ва иқтисодии танзими гумрукӣ - тарифии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ;

Омӯзиш ва таҳлили самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ дар самти танзими гумрукӣ – тарифӣ ва дар асоси таҷрибаи муосири байналмилалӣ такмил додани онҳо;

Ҳамгироии самаранок бо иқтисоди ҷаҳонӣ;

Муътадил нигоҳ доштани баланси гардиши тиҷорати хориҷӣ, аз ҷумла сол аз сол зиёд намудани ҳаҷми содироти молҳо;

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти маъмуригардонии идораи фаъолияти гумрукӣ ва гузаронидани таҳлилӣ асосҳои байналмилалии таъмини амнияти иқтисодӣ.

Адабиёт

1. Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе -2020с.;
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8 августи соли 2018, №399;
3. Мираков Қ.М., Муминов А.Б., Шомудинов О.Д. Назария ва амалияи фаъолияти гумрукӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи “Баҳманрӯд”, 2020.-472с.;
4. Раҳматов А.С., Носирова Ф.Ю., Сафаров И.И. Асосҳои назорати содиротӣ. Васоити таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ – Душанбе: ООО “Сифат”. 2023-304с.;
5. Дюмулен, И.И. Международная торговля. Тарифное и не тарифное регулирование. Учебник/ И.И. Дюмулен. - М.: ВАВТ Минэкономразвития России, 2022. - 548с.;
6. International Journal of Humanities and Natural Sciences, vol. 8-1 (83), 2023;
7. Максимов, Ю. А. Аспекты таможенно-тарифного регулирования внешнеторговой деятельности в условиях вступления России в ВТО: моногр. / Ю.А. Максимов. - М.: Астерион, 2023. - 784с.;
8. Сафар-Заде, Р. О. Государственное регулирование внешнеторговой деятельности в России. Состояние, проблемы, перспективы / Р.О. Сафар-Заде. - М.: Научная книга, 2021. - 208с;

9. Сомонаи расмии Хадамоти гумрук (gumruk.tj);
10. Маҷаллаи расмии Хадамоти гумрук;
11. Сафаров, Б. Г. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли ҳамгироии мезоиқтисодии кишварҳои ҷаҳон / Б. Г. Сафаров, Ф. Ҳ. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3(23). – P. 35-43. – EDN QJRVGN.

НАҚШИ НИЗОМИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аскарова С.С. - доктор PhD сармуаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон,тел: +992926165557 e-mail: sanam85@mail.ru

Нуриддинова М.И. - н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail: nuriddinova-1970@mail.ru

Дар мақола асосҳои назариявии рушди системаи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муаллиф кайд мекунад, ки дар натичаи ислохоти иктисодй дар сохахои саноати мамлакат як катор ташкилотхо ва корхонахо тагьироти калон ба амал омада, инчунин аз тарафи муаллиф таърифи консепсияи сиёсати саноатӣ.

Калидвожаҳо. иқтисоди миллӣ, иқтисодиёти саноат, сиёсати саноатӣ, рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, низоми саноатӣ, сармоягузорӣ.

РОЛЬ ТАМОЖЕННОЙ СИСТЕМЫ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Аскарова С.С. - доктор PhD, старший преподаватель кафедры мировой экономики Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова, Ш. Худжанд, Республика Таджикистан, телефон: +992926165557 e-mail: sanam85@mail.ru

Нуриддинова М.И. - к.э.н., доцент кафедры мировой экономики МТС «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова», ш. Худжанд, Республика Таджикистан, e-mail: nuriddinova-1970@mail.ru

В статье рассматриваются теоретические основы развития промышленной системы Республики Таджикистан. Автор отмечает, что в результате проведения экономических реформ в отраслях страны ряд организаций и предприятий претерпели существенные изменения, а также приведени авторские определения концепции промышленной политики.

Ключевые слова: национальная экономика, индустриальная экономика, промышленная политика, конкурентоспособность промышленной продукции, промышленная система, инвестиции.

THE ROLE OF THE CUSTOMS SYSTEM IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Askarova S.S. – PhD, Senior Lecturer, Department of World Economy, Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Khujand, Republic of Tajikistan, Phone: +992926165557 E-mail: sanam85@mail.ru

Nuriddinova M.I. - c.e.s., Associate Professor, Department of World Economy, MTS "Khujand State University named after Academician B. Gafurov", Khujand, Republic of Tajikistan, E-mail: nuriddinova-1970@mail.ru

The article examines the theoretical foundations of the development of the industrial system of the Republic of Tajikistan. The author notes that as a result of economic reforms in the country's industries, a number of organizations and enterprises have undergone significant changes, and also provides the author's definitions of the concept of industrial policy.

Key words: national economy, industrial economy, industrial policy, competitiveness of industrial products, industrial system, investments.

Дар айни замон иқтисодиёти миллӣ таъмини устувору мутавозини рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолоти саноатиро талаб мекунад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир равона гардидааст. Дар натиҷаи амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳои саноати кишвар, дар пояи як қатор ташкилотҳову корхонаҳо тағйироти куллие гузаронида шудаанд ва шаклҳои ташкили хоҷагидориҳое ба вуҷуд омадаанд, ки ба такмил додани механизмҳои иқтисодӣ-ташкилотӣ эҳтиёҷ доранд. Иқтисодиёти муосири бозорӣ равандест, ки ҳамчун низом ба таҷҳизоту механизмҳои рушди устувор ниёз дорад, то онҳоро баҳри бештар ва самараноктар истифода намудани захираҳо равона бисозад.

Ба бештари корхонаҳои ватанӣ на танҳо кӯҳна будани фондҳои асосӣ хос аст, балки сохтори идоракуни аксари онҳо ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест. Бо вуҷуди ин онҳо кӯшиш менамоянд ба ҳар роҳу восита, аз усулҳои гуногуни иқтисодӣ истифода намуда, аз усулҳои гуногуни иқтисодӣ истифода намуда, ба шароити муосир мутобиқ шаванд. Тадбирҳое аз қабили кам нишон додани маблағҳои дар гардиш буда, афзоиш додани қарз, напардохтани андоз, мавқуф гузоштани пардохтҳо тибқи ӯҳдадорӣ, ба иҷора додани моликият ва ғайра маълуман на самараи стратегӣ, балки фоидаи кӯтоҳмуддат медиҳанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати азнавсозии тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро пеш гирифта, дар ин раванд нақши давлатро дар мадди аввал мегузорад. Давлат дар таҷдиди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бояд нақши асосӣ бозид. Алҳол, дилпурона метавон гуфт, ки ҷорӣ кардани муносибатҳои бозорӣ калиди ҳалли ҳамаи мушкилоти ҷойдошта шуда наметавонанд. Дар навбати худ соҳибкорон низ аз ӯҳдаи ҳалли масоиле, ки ба дӯши онҳо вогузор шуда буданд, баромада натавониста истодаанд. Сабаб норасоиҳои мазкур аз як тараф, таъсири боқимондаи сохти низоми маъмурию фармонфармоӣ дар сохтори иқтисодиёт, рақобатнопазирӣ, хусусиятҳои иқлимӣ, сатҳу дараҷаи зехнияти аҳолии кишвар ва амсоли инҳо бошад, аз тарафи дигар мукаммал набудани сиёсати саноатии кишвар низ мебошад.

Ба назари мо дар навбати аввал таҳлили муҳтавои мафҳуми «сиёсати саноатӣ» ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро сиёсати саноатии давлат ҳамчун як қисми сиёсати умумии иқтисодӣ аз ҷумлаи он мафҳумҳоест, ки мавриди муҳокимаи васеи олимону муҳақиқиони ҳам соҳаи иқтисодиёт ва ҳам соҳаҳои ҳуқуқӣ қарор гирифтааст.

Е.Н. Стариков ҷанбаҳои гуногуни мафҳуми «сиёсати саноатиро» мавриди таҳлил қарор дода, онро вобаста аз дарки нав ба чунин тавсифҳо хулоса карда аст «сиёсати саноатӣ – ин тамоми амалиётҳое мебошад, ки ба таҷдиди саноат равона карда шуда, ба рушди саноати навин мусоидат менамояд ва он на танҳо дастгирии давлатӣ мебошад, балки маҷмӯи амалҳое аст, ки бо воситаи таҷҳизотҳо ба роҳ монда мешавад ва он

динамикӣ буда, ба самтҳои гуногуни рушд равона гардида, тамоми омилҳо ва параметрҳое, ки ба рушд таъсир мерасонанд ба ҳисоб мегирад….»[16, с.12]

Чи тавре ки мебеним муаллиф бештар ба омилҳои таъсиррасони рушд такя намуда, таъсири дигар омилҳоро нодида мегирад. Масалан дар таърифи Е.Н. Стариков самтҳои асосии сиёсати саноатӣ инъикос ёфта бошад ҳам мафҳумҳоро ба пуррагӣ ифода карда метавонад.

Дар охирҳои асри XX В.С. Прайс сиёсати саноатиро ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳое таъриф дода аст, ки «дар сатҳи миллӣ ба самти амалисозӣ равона гардида ва ё баракс барои пешгирӣ намудан аз ҷунбишҳои сохторӣ дар иқтисодиёт равона гардидаанд» [25, с.57]. Бар ҳилофи таърифи пешина таърифи Прайс фарохтар аст, дар он омилҳои таъсири манфидошта низ ба назар гирифта шудаанд. Вале дар ин таъриф вобастагиҳои сиёсати саноатӣ бо дигар шаклҳои сиёсат иникос наёфтаанд, Г. Идрисов таъкид мекунад, ки мафҳуми муосири сиёсати саноатӣ хело васеъ буда, «ба таври мустақим бо миқдори зиёди сиёсатҳо (гумрукӣ, андозӣ, пулию қарзӣ, танзими техникӣ, сиёсат дар соҳаи хизматрасонӣ ва ғ.) ва таҷҳизотҳои онҳо алоқаманд буда, дар маҷмӯъ бо самараи интегралии таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт тавсиф дода мешавад, ки ба рушд ва афзоиши бартариятҳои рақобатӣ мусоидат мекунад»[3,с.9]. Дар ин таъриф вобастагии зичи сиёсати саноатӣ бо дигар шаклҳои сиёсат, ки дар бархӯрди мутақобила метавонанд боиси такон додан ба иқтисодиёт шаванд, таъкидгардидааст. Албатта, барои таъсири назаррас расонидани сиёсати саноатӣ ба рушди сатҳи рақобатпазирии соҳаҳо, нақши он ҳангоми ҳамгиро шудани дигар намудҳои сиёсат бештар хоҳад афзуд, аммо аз нигоҳи мо ин тавсиф наметавонад маънои фарохи мафҳуми сиёсати саноатиро диҳад.

Олимон З.К. Чилдиева ва З.О. Гониева таърифи зерини мафҳуми мавриди таҳлилро пешниҳод кардаанд: «Сиёсати саноатӣ – ин маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ (корхона, ташкилот, соҳибкорон ва ғ.) буда, инчунин ҷанбаҳои ҷудогонаи ин фаъолият мебошад, ки ба гирифтани омилҳои истеҳсолот, ташкили истеҳсолот, тақсимкунӣ ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо дар тамоми давраҳои ҳаётии субъекти хоҷагидорӣ ва тамоми давраҳои ҳаётии маҳсулоти истеҳсолшавандаи онҳо тааллуқ дорад» [21, с.8].

Дар асоси асарҳои иқтисоддонони ватанӣ ба хулосае расидан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмиши тахассусии сиёсати саноатӣ ба вуҷуд омада аст ва маълуман онро ҳамчун мафҳумҳои муодили «сиёсати давлат дар соҳаҳои саноат», «дастгирии давлатии соҳаи саноат», «сиёсати рушди иқтисодӣ», «ҳавасмандгардонии давлатии соҳаи саноат», «низоми саноатӣ», « танзими давлатии соҳаи саноат» ва ғайра шарҳ медиҳанд. [7, с. 14; 11, с. 353; 20, с. 62; 22, с. 39; 23, с. 72,]. Аммо дар маҷмӯъ мутахассисон қариб якдилона қайд менамоянд, ки мафҳуми «сиёсати саноатӣ» мафҳуми мураккаб, душворфаҳм, бисёрҷабҳа, айни замон мубоҳисанок мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» қайд карда мешавад, ки «Сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат – маҷмӯи чораҳои таъсиррасонии давлатӣ ба фаъолият дар соҳаи саноат мебошад, ки ба рушди мутаносиб ва устувори иқтидорҳои саноатӣ, таъмини пешрафти истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ғанигардонии бозори истеъмолӣ равона шудаанд». [8]. Ба ибораи дигар сиёсати саноатӣ маҷмӯи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилотӣ ва дигар намуди чорабиниҳо мебошад, ки баҳри рушди иқтидори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмин намудани рақобатпазирии маҳсулоти саноатии истеҳсолшаванда равона гардида аст.

Ҳамин тариқ дар бобати мундариҷа ва моҳияти мафҳуми сиёсати саноатӣ дар байни олимон иттифоқи назар ба мушоҳида намерасад. (ҷадвали 1.)

Ҷадвали 1. - Тафсири мафҳуми сиёсати саноатӣ аз нигоҳи муаллифони гуногун

Муаллиф	Таъриф
Романова О. А.	Сиёсати саноатӣ – ҳамчун таҷҳизоти ба миён оварандаи ташаккулёбии фазои дастгирикунӣ, технологӣ, экологӣ ва иҷтимоию дӯстиварандае мебошад, ки пурра ба талаботҳои муосири иқтисодиёт ҷавобгӯ мебошад ва он бояд на танҳо ба тағйир додани сохтори иқтисодиёт равона карда шавад, балки ба талаботҳои афзуншавандаи одамон низ ҷавобгӯ бошад. [14,с.135-141].
Яншина М.Н.	Сиёсати саноатӣ – фаъолияти системавии пайвастаи аз ҷониби давлат ба амал меовардае мебошад, ки онро нисбат ба мақомотҳои давлатӣ, субъектони хоҷагидорӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию илмӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар пешгузошташуда баҳри рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ истифода менамояд, ки он бо мавҷудияти пояи моддиву техникии худ ҳолатҳои ҷории иқтисодиёти миллиро ба назар мегирад. [24,с.168-173].
Татаркин А.И.	Дар шароити муосир сиёсати саноатӣ аз худ қисмати ташкилдиҳандаи стратегияи рушди ҷамъиятро инъикос мекунад, ки ба системаи муносибатҳои байни мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои мунисипалӣ, субъектони хоҷагидор, ташкилотҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ асос ёфта, бо мақсади ташаккул додани саноати рақобатпазир, сохтораш мутавозун ташкил дода шуда, мағзи он тариқи низоми технологии навин нишон дода мешавад ва механизми амалисозии он системаи чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигар намуди чорабиниҳоро доро буда, ба ташаккулёбии рақобатпазир гардидани комплекси саноатӣ ва таъмин намудани фаъолияти самараноки он мусоидат мекунад. [19,с.5-17].
Воробйева Н.А.	«Сиёсати саноатӣ» - ин ниҳодест, ки дастаи таҷҳизотҳои худро доро мебошад ва ҳамзамон вай ҳамчун системае дониста шавад, ки ризогияти тамоми ҷузъҳо ва алоқамандиҳо бо дигар намудҳои сиёсатро бояд ба назар гирад. [4,с.177-181].
Маркова В.Д., Плужник М.В.	Сиёсати саноатӣ чорабиниҳои мақсадноки ҳамроҳшавии давлат ба соҳаи саноат буда, мақсади дигаргун сохтани сохтори иқтисодиёти ҷамъиятӣ бо роҳи тағйир додани назми бозори меҳнат ва сармоя, баҳри рақобатпазир намудани кишварро дорад. [9, с.40-52].
Верещагина Е.В.	Сиёсати саноатӣ ташкилдиҳандаи муҳими сиёсати иқтисодӣ дар маҷмӯъ буда, аҳамиятнокии он тариқи маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ, ки ба тақсимкунии захираҳо алоқамандӣ доранд, муайян гашта, барои мукаммал гардонидани сохтори иқтисодиёти миллӣ равона гардида аст…[3, с.40-45].

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

Дар асоси таҳлили таърифҳои муаллифони гуногуни ватаниву хориҷӣ чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар маҷмӯъ онҳо ба чунин ҷанбаҳо ишора мекунанд:

- субъекти сиёсати саноатӣ танҳо давлат мебошад;

- сиёсати саноатӣ масъалаҳои рушди танҳо саноатро фаро мегирад, ки он саноати коркард, истихроҷ, энергетика, сохтмон, таъминоти обу газ ва ғ. дар бар мегирад;

- сиёсати саноатӣ маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ, дастаи таҷҳизотҳои ба соҳаи саноати кишвар таъсиррасонанда мебошад.

Ҳамин тариқ, пеш аз ҳама, ба моҳияти ин мафҳум эътибор додани муҳақиқон ва дар асри XIX (дар кишварҳои аврупоӣ), дар шакли «*industrialpolicy*» пайдо гардидани онро ба назар гирифта, дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки шарҳи моҳияти он аз нигоҳи муҳиқиқин дар ду самт ташаккул ёфта аст:

1. Дар таърифи мафҳуми "сиёсати саноатӣ", ки гурӯҳи якуми муҳақиқин саноати миллӣ ба ҳайси объекти ягонаи сиёсати саноатӣ баромад менамояд;

2. Гурӯҳи дуюм дар асоси таҳлилу тадқиқи таҷрибаи кишварҳоеро, ки «*industrialpolicy*» истифода намуда, самтҳою механизмҳои онро татбиқ намудаанд, чунин хулоса баровардаанд, ки новобаста аз номаш «сиёсати саноатӣ» нисбат ба таърифҳои соддааш, объектҳои таъсиррасони фарохтарро низ доро мебошад.

Аксари олимон баронанд, ки мафҳуми «сиёсати саноатӣ» мураккабу бисёрҷанба ва душворфаҳм мебошад. Тасодуфи нест, ки алҳол низ тафсири ягонаи аз ҷониби умум мебошад эътирофшудаи мафҳуми мазкур вуҷуд надоранд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили ҳаматарафаи таърифҳои муаллифони ватанию хориҷӣ таърифи зерини сиёсати саноатӣ ё ба ибораи дигар сиёсат дар соҳаи саноатро пешниҳод кардан мумкин аст. Сиёсати саноатӣ маҷмӯи ташаббус ва таҷҳизотҳои бо дигар шаклҳои сиёсат алоқаманде мебошад, ки аз ҷониби давлат ҳамҷоя бо субъектони хоҷагидорӣ роҳандозӣ карда шуда, барои рушд додани иқтидорӣ саноати кишвар, рафъи монеъаҳои рушд, мукаммал гардонидани сохтори иқтисодиёти миллӣ, ташаккул додани истеҳсолот ва маҳсулоти рақобатпазир, таъмин намудани афзалиятнокӣ ва сармоягузорӣ дар тамоми сохторҳои саноатӣ, таъмин намудани бехатарии иқтисодии равандҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он равона мегардад.

Адабиёт

1. Вайкок М.А., Водождокова З.А. Понятие производственной системы промышленного предприятия и этапы ее развития // Инновации и инвестиции / М.А. Вайкок, З.А. Водождокова. – М., 2016. - № 11. – С.48-52.

2. Вдовенко З.В. Индустриальная система в условиях экономической нестабильности // Транспортное дело России / З.В. Вдовенко, Д.Н. Клепиков, А.В. Лукьянова– М, 2014. - № 6. - С. 48-51.

3. Верещагина Е.В. Сущность промышленной политики государства // Academy / Е. В. Верещагина. - Иваново, 2016. - № 8(11). – С. 40-45.

4. Воробьева, Н.А. Роль промышленной политики в территориальной организации национальной экономики // Вестник Иркутского государственного технического университета / Н.А. Воробьева. – Иркутск, 2012. - № 7 (66). - С. 177-181.

5. Идрисов, Г.И. Промышленная политика России в современных условиях / Г.И. Идрисов. – М., 2016. - 160 с. – С. 9. ISBN 978-5-93255-443-2.

6. Каюмов Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития. - Душанбе, ИЭ и Д АН РТ, 2013. - 661с.

7. Комилов, С.Д. Теоретические аспекты инновационно-инвестиционного развития промышленных предприятий в Республике Таджикистан // Вестник

университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет) / С.Д. Комилов, Е.Ш. Мирзоева. – Душанбе, 2019. - № 1 (65). - С.12-21

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 272). ш. Душанбе, 18 майи соли 2017, № 384

9. Маркова, В.Д. Индустриализация и промышленная политика // Известия Дальневосточного федерального университета. Экономика и управление / В.Д. Маркова, М.В. Плужник. – Владивосток, 2015. - № 4 (76) - С. 40-52.

10. Мирсаидов А.Б. Кластер как рыночный институт развития пространственной экономики // Экономика Таджикистан / А.Б. Мирсаидов. - Душанбе, 2016. - № 1. - С.61-75.

11. Низамова Т.Д. Инновационные аспекты развития промышленности Республики Таджикистан // Материалы II международной научно-практической конференции / Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства / Т.Д. Низамова. – Душанбе, 2016. - С.352-354.

12. Низомова Т.Д. Реструктуризация промышленных предприятий переходной экономики // Монография / Т.Д. Низомова. - Душанбе: «Ирфон», 2005. -130 с.

13. Пулатова И.Р. Формирование и развитие промышленного узла города в условиях перехода к рыночной экономике (на примере города Худжанда Ленинабадской области Республики Таджикистан) // Автореф. дисс. барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ / И.Р. Пулатова - Душанбе, 1999. - 25 с.

14. Романова, О. А. Промышленная политика как современный инструмент формирования экологически и социально дружественного пространства // Известия уральского государственного горного университета / О.А. Романова. – Екатеринбург, 2018. - № 2(50). - С. 135-141.

15. Саидмуродов Л.Х. Долгосрочное видение развития Республики Таджикистан // Таджикистан и современный мир / Л.Х. Саидмуродов, Душанбе, 2015. - № 6 (49). - С.20-25.

16. Стариков, Е.Н. Промышленная политика: подходы к формированию и управлению реализацией // Монография / Е.Н. Стариков. – Екатеринбург: Урал. гос. лесотехн. ун-т, 2017. – 72 с. – С. 12. ISBN 978-5-94984-621-6

17. Стрижакова Е.Н. Промышленная система России: факторы развития // Вестник Института экономики РАН / Е.Н. Стрижакова. Москва, 2016. - № 4. - С. 53 (С. 53-70).

18. Сухарев О.С. Экономическая политика: стратегия и тактика // «Технологичность» российской экономики и новые меры промышленной политики. Захираи электронӣ. URL: https://inecon.org/docs/Sukharev_PTPU_2016-05-8-22.pdf. (санаи мурочиат 12.04.2021). С. 48

19. Татаркин, А.И. Промышленная политика как основа системной модернизации экономики России // Вестник Челябинского государственного университета / А.И. Татаркин. – Челябинск, 2008. - № 19. – С. 5-17.

20. Файзуллоев, М.К. Индустриализация как базис инновационно-промыш-ленной политики и драйвер модернизации экономики Таджикистана // Таджикистан: экономика и управление / М.К. Файзуллоев. – Душанбе, 2020. - № 1. - С. 60-67.

21. Чельдиева, З.К. Промышленная политика как часть экономической политики государства // Управление экономическими системами: электронный научный журнал / З.К. Чилдиева ва З.О. Гониева. 2014. - № 4 (64). - С. 8. Захираи электронӣ. URL:

https://www.elibrary.ru/download/elibrary_21505218_33444497.pdf (Санаи мурочиат: 02.04.2021)

22. Шамсиев, Ф.К. Баҳодиҳии низоми саноати Вилояти Суғд дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои корпоративӣ // Экономика Таджикистана / Ф.К. Шамсиев, М.Т. Каримова. – Душанбе, 2019. - № 1. - С.38-43.

23. Шамсиев, Ф.К. Теоретические аспекты региональной промышленной системы в условиях становления корпоративных отношений // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. Шамсиев Ф.К., Ходиев Д.А. – Худжанд, 2019. - № 1 (78). - С.71-83.

24. Яньшина, М.Н. Плюралистическая основа понятия «промышленная политика» // Актуальные проблемы экономики и права / М.Н. Яньшина. – Казань, 2012. - № 1. – С. 168-173.

25. Price, V.C. Industrial policies in the European Community // Macmillan for the Trade Policy Research Centre. 1981. Vol. 4. – pp.57.

26. Сафаров, Б. Г. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли ҳамгироии мезоиқтисодии кишварҳои ҷаҳон / Б. Г. Сафаров, Ф. Ҳ. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3(23). – P. 35-43. – EDN QJRVGN.

НАЗАРИЯИ ПРОТЕКСИОНИСТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Қосимов З.А. – ассистенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумруки МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и ДБСТ (ш. Хуҷанд, Суғд)

Марҳилаҳои асосии тадбиқи намудҳои сиёсати иқтисодии хориҷӣ вобаста ба самара аз истифодаи онҳо банду баст карда шудааст: протексионизм ва савдои озод. Ҳангоми таҳлил ҷабҳаҳои мусбӣ ва манфии онҳо тадқиқ карда шуда, афзалияти тадбиқи сиёсати протексионистӣ назар ба сиёсати савдои озод дар ташаккул ва рушди иқтисодиёти мамлакат намуддор карда шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки маҳз ин назария худ ташаккули системаи мустақили иқтисодиёти миллиро дар назар дошта, заминаҳои асосии он ин пеш аз ҳама дар зарурияти ташаккули истеҳсолоти ватанӣ маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: сиёсати савдо, протексионизм, савдои озод, воситаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ, иқтисодиёти миллӣ.

ПРОТЕКЦИОНИСТСКАЯ ТЕОРИЯ В ФОРМИРОВАНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Касимов З.А. - ассистент кафедры финансов, банковского дела и таможенной деятельности «Худжандского международного университета» Государственного технического университета (Худжанд, Согдийская область)

Основные этапы реализации видов внешнеэкономической политики классифицируются в зависимости от эффективности их использования: протекционизм и свободная торговля. В ходе анализа были изучены их положительные и отрицательные стороны, а также продемонстрирован приоритет реализации протекционистской политики по сравнению с политикой свободной торговли в формировании и развитии экономики страны. Предполагается, что данная теория предполагает формирование самостоятельной системы национальной экономики, а ее основной предпосылкой является необходимость формирования внутреннего производства.

Ключевые слова: торговая политика, протекционизм, свободная торговля, тарифные и нетарифные инструменты, национальная экономика.

PROTECTIONIST THEORY IN THE FORMATION OF THE NATIONAL ECONOMY

Qosimov Z.A. – Assistant Professor of the Department of Finance, Banking and Customs, Khujand International University, State University of Economics and Business Administration (Khujand, Sughd)

The main stages of implementation of types of foreign economic policy are classified depending on the efficiency of their use: protectionism and free trade. During the analysis, their positive and negative sides were studied, and the priority of implementation of protectionist policy in comparison with free trade policy in formation and development of the country's economy was demonstrated. It is assumed that this theory presupposes the formation of an independent system of national economy, and its main premise is the need to form domestic production.

Key words: trade policy, protectionism, free trade, tariff and non-tariff instruments, national economy.

Савдои берунаи ҳар як давлат, ҳамчун анъана дар асоси фоиданокии мутақобила сурат мегирад. Аммо дар зери мафҳуми фоиданокии мутақобила на танҳо мутавозинии амалиётҳои содиротию воридотиро мефаҳманд, балки боз проблемаи васеътари амалигардонии стратегияи муайяни муносибатхои беруниқтисодии ягон мамлакати конкретиро дар назар доранд, ки бо дигар муносибатҳои иқтисодӣ доимо алоқаманд аст. Ба интихоби стратегияи миллии беруниқтисодӣ ҳам вазъи умумии иқтисодии мамлакат ва ҳам равандҳое, ки дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ зуҳур мекунанд, аз ҷумла ҷаҳонишавиии босуръати робитаҳои иқтисодӣ дар хоҷагии ҷаҳонии муосир, васеъшавии тиҷорати байналмиллалии молу хадамот, фаъолгардии соҳибкории байналхалқӣ, афзоиши шумора ва доираи фаъолияти ШФМ ва ҳоказо, таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Дар чунин ҳолат стратегияи макроиқтисодии рушди иқтисодии мамлакат дар худ таъсири пурқуввати омили берунаро ҳис мекунад, ки бо нақши робитаҳои беруниқтисодӣ дар сиёсати иқтисодии мамлакат муайян мешавад.

Равшан аст, ки танзими беруниқтисодии миллӣ наметавонад масъалан аз таъсири мушкилиҳои иқтисодиёти ҷаҳон, чун тезу тундгардии рақобат дар бозори ҷаҳонӣ, афзуншавии нобаробарии тавозунҳои пардохт, қарзи берунаи бузурги бисёре аз давлатҳо, ноустувории иқтисодӣ ва сиёсӣ дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ дарканор бошад. Зуҳурёбии омилҳои номбурдашуда дар сиёсати беруниқисодии миллии мамлакат ҳамеша ба пайдоиши ду раванди бо ҳам зид, яъне либерализм (фритрейдерӣ ё савдои озод) ва протексионизм сабаб мешаванд.

Протексионизм – ин сиёсати иқтисодии давлат аст, ки ба ҳифзи бозори дохилӣ аз рақибони хориҷӣ ва баъзан ба азхудкунии бозорҳои беруна равона шудааст.

Бар хилофи сиёсати протексионизм, сиёсати савдои озод ё либерализм дар пеши худ мақсад мегузорад, ки бозори дохилиро пурра барои молҳо, сармоя ва қувваи кории хориҷӣ кушояд ва бо ин роҳ рақобатро дар бозори дохилӣ пурзӯр намояд. Ҳам протексионизм ва ҳам либерализм пеш аз ҳама инъикосгари таассури ин ё он давлат ба

тағйиротҳо дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ҳодисаҳои дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ рухдиҳанда, мебошанд.[4]

Сиёсати протексионизм ва савдои озод (фритрейдерӣ) аз асри XIX сар карда то ҳоло дар савдои байналмиллалӣ бо навбат мавқеи аввалиндараҷаро касб менамоянд. Дар давраи ҳукмронии Британияи Кабир дар ҷаҳон аз ниммаи асри XIX то соли 1914 дар тиҷорати байналмиллалӣ асосан сиёсати фритрейдерӣ (савдои озод) ҳукмрон буд. Аз солҳои 1918 то соли 1948 дар иқтисодиёти ҷаҳон асосан сиёсати протексионистӣ ҳукмрон буд. Аз соли ташкилшавии ГАТТ (1948) сар карда дар тиҷорати ҷаҳонӣ бештар раванди ҳукмронии фритрейдерӣ (савдои озод) ба мушоҳида мерасад (раундҳои Кеннеди солҳои 60-ум, раундҳои Токио дар солҳои 70-ум ва Уругвай дар солҳои 80-90-уми асри гузашта, ташкилёбии СУС ва ғайра), аммо бешак ҳангоми бӯҳрону нобасониҳои иқтисодӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ сиёсати протексионистиро бештар истифода мебурданд.

Назарияҳои доир ба протексионизм, аз назарияҳое, ки ба савдои озод бахшида шудаанд кам нестанд. Чунин назарияҳо дар қатори мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ ҳанӯз дар охири асри XIX-аввали асри XX дар Аврупо пайдо шуданд.

Яке аз аввалин олимони иқтисодчие, ки назарияи протексинизмро ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш қарор додааст ва принсипҳои асосии тарафдорони назарияи савдои озодро рад кардааст, ин олими иқтисодчии немис – Фридрих Лист мебошад.

Фридрих Лист (1789-1846 гг.) – яке аз намояндагони барҷастатарини мактаби немисии иқтисоди сиёсӣ ва асосгузори мактаби протексионизми миллӣ ба шумор меравад. Дар тӯли фаъолияти илмии худ ӯ принсипҳо ва идеяҳои асосии мактаби классикиро дар бораи савдои озод ва дахолатнопазирии давлатиро ба иқтисодиёт таҳти шубҳаю танқиди сахт қарор дод. Дар асари беҳтарини худ бо номи «Низоми миллии иқтисоди сиёсӣ»[2], ки соли 1842 дар Штутгарт аз чоп баромад, бар мухолифи ақидаҳои космополитии (ҷаҳонигарии) Адам Смит ва Давид Рикардо, таълимоти «хоҷагии миллӣ»-и худро гузошт.[1] Ҳамин тариқ, ӯ бо тариқи назариявӣ дахолати давлатро ба иқтисодиёт ва савдо асоснок намуда, принсипи асосии иқтисоди сиёсӣ - мубодилаи озодро мавриди танқид қарор дод. Гуфтаҳои Ф. Лист оиди зарурати баррасӣ намудани ҳама гуна қарорҳои иқтисодӣ, масъалан қарор оиди ташкили соҳаи нави истеҳсолот, на танҳо аз лиҳози самаранокии мустақим, инчунин аз лиҳози натиҷаҳои дарозмуддат ва натиҷаҳои ғайримустақими ин қарор ҳоло ҳам мавриди таваҷҷӯҳи хоса ва истифода қарор доранд.

Ақидаҳои протексионистони англис низ ҷолиби диққат мебошанд. Асосгузорони равияи протексионистии англис олимони Солсбери ва Балфур мебошанд. Ақидаҳои равияи мазкурро ба таври бояду шояд протексионисти машҳур, ходими барҷастаи сиёсии британӣ Ҷозеф Чемберлен асоснок кардааст. Ин равияи протексионистӣ солҳои 80-уми асри XIX дар Британияи Кабир, дар натиҷаи дар рақобати шадид бо ИМА ва Олмон аз даст додани бартарияти саноатӣ, пайдо шуд.[6] Аз аввали асри XIX Англия сиёсати савдои озодро дар тиҷорати байналмиллалӣ пеша карда, аз бартарияти саноатии худ истифода мебурд ва савдои озод барои инкишофи босуръати саноатии он мусоидат мекард. Дар ин давра Англия қариб тамоман аз истифодаи воситаҳои тарифию ғайритарифӣ даст кашида, дар таърих ягона давлате ба шумор меравад, ки ба сатҳи низоми пурраи савдои озод (яъне бо дараҷаи қариб сифри (0) ставкаҳои боҷҳои гумрукӣ ва истифода накардани ягон воситаи ғайритарифӣ) расидааст. Миёнаҳои асри XIX ИМА ва Олмон ҳамчун мамлакатҳои нави саноатӣ ба рақобат бо Британия дар тамоми олам пардохтанд ва дар рақобат аксаран ғолиб омада, молҳои британиро аз тамоми бозорҳои муҳим танг карда мебароварданд. Сабаб дар чи буд? Сабаби асосии рух додани ин ҳолатро

Ҷ.Чемберлен дар истифода аз сиёсати протексионистии миллӣ дар Олмон ва ИМА мебинад. Дараҷаи миёнаи тарифи гумрукӣ дар ИМА он вақт 50% - ро ташкил медод, ки ба воридоти молҳои англисӣ монеаи ҷиддиеро пеш оварда, дар навбати худ аз набудани ҳимояи гумрукӣ дар Англия истифода бурда, молҳои амрикоӣ ва олмонӣ торафт бозори дохилии Британияро забт мекарданд. Дар вақти гуфтушунидҳои тиҷоратӣ Англия ягон яроқи иқтисодӣ надошта, аз рақибон имтиёзҳои муҳимро соҳиб шуда наметавонист. Рақибон бошанд, тавассути боз ҳам бардоштани ставкаҳои боҷҳо таҳдид мекарданд. Дар чунин ҳолат Ҷ. Чемберлен пешниҳод намуд, ки ба сиёсати савдои озод мебояд камтар дигаргуниҳо ворид намуд, чунки агар ин хел давом мееёфт, Англия тамоман статуси худро ҳамчун кишвари абарқудрати ҷаҳонӣ аз даст медод[5]. Аввали асри XX ақидаҳои Чемберленро ба назар гирифта, ҳукумат аз сиёсати савдои соф озод даст кашида, як қатор боҷҳои гумрукиро ба воридот гузошт. Аммо умуман гирем, то миёнаҳои асри XX дар Англия сиёсати савдои озод дар намуди қарибтаринаш ба он чизе, ки як вақт А. Смит ва Д. Рикардо дар асарҳои худ оварда буданд, вуҷуд дошт.[3,40]

Назарияи протексионистӣ ба таври нисбатан пурра ва саҳеҳ аз тарафи олими иқтисодчии австралиягӣ Макс Корден тадқиқ ва инкишоф дода шудааст.

Ба ақидаи М. Корден, танзими давлатии тиҷорати байналмиллалӣ чанд навъ шуда метавонад, аз ҷумла:

– Яктарафа – ин ҳангоме, ки воситаҳои танзими давлатӣ аз тарафи ҳукумат бо таври яктарафа бе гуфтушунид ва машварат бо шарикони иқтисодӣ истифода мешаванд. Одатан чунин навъи воситаҳо бештар он вақте ба кор бурда мешаванд, ки давлати шарик низ чунин усулро нисбати давлати додашуда истифода менамояд, ки баъзан ба кашмакашиҳои тезу тунди сиёсӣ ҳам оварда мерасонад.

– Дутарафа – ҳангоме, ки чораҳои сиёсати тиҷоратӣ дар байни давлатҳои шарик ҳамоҳанг мешаванд. Масалан, тибқи қарордоди тарафайн, аз ҷониби тарафҳо мумкин аст боҷҳои конвенсионӣ ҷорӣ карда шаванд, ки манфиатҳои ҳамаи тарафҳоро ба назар мегиранд, инчунин ҷонибҳо метавонанд талаботҳои техникии худро аз қабили навиштаҷоти молҳо, бастабандӣ ва сертификатҳои сифати молҳои якдигарро якҷоя кор карда бароянд.

– Бисёртарафа – хангоме, ки сиёсати тиҷоратӣ тибқи қарордодҳои бисёрҷониба мувофиқа шуда, батанзим дароварда мешавад. Хамчун намунаи чунин сиёсати бисёртарафа метавон Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва савдо (ГАТТ), инчунин созишномаҳоро дар соҳаи тиҷорати давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоро номбар кард.

Вобаста аз миқёси дахолати давлат ба тиҷорати байналхалқӣ ду намуди сиёсати тиҷоратиро фарқ менамоянд: сиёсати тиҷоратии протексионистӣ ва сиёсати тиҷоратии савдои озод.

Протексионизм (аз калимаҳои франсавии protectionisme, лотинии protectio, англисии protection гирифта шуда, маънояш «ҳимоя», «парастorӣ», «муҳофизат» мебошад) – ин сиёсати тиҷоратии мамлакат буда, мақсадҳои асосиаш ҳифз намудани бозори дохилӣ аз рақобати хориҷӣ тавассути истифода бурдани воситаҳои тарифию ғайритарифии сиёсати тиҷоратӣ, ҳимояи соҳаҳои стратегии мамлакат аз рақобати хориҷӣ, ҳимояи муваққатии соҳаҳои нисбатан ҷавони иқтисоди миллӣ ва васеъкунии бозорҳои беруна мебошад.

Бо назардошти таҳлилҳои болоӣ вобаста ба назарияи протексионизм гуфтан ҷоиз аст, ки ин назария худ ташаккули системаи мустақили иқтисодиёти миллиро дар назар

дошта, заминаҳои асосии он ин пеш аз ҳама дар зарурияти ташаккули истеҳсолоти ватанӣ маҳсуб меёбад.

Адабиёт

1. Антология мировой экономической мысли. – М.: Проспект, 1998. – С. 429-432.
2. Лист Ф. Национальная система политической экономии. Учебник / Ф. Лист. – М.: Социум, 2020. – 421 с.
3. Роббинс Л. Теория экономического развития в истории экономической мысли / Л. РОббинс. – СПб: Питер, 1999. – С. 40.
4. Щербакова Н.Н. Государственное регулирование: соотношение свободы торговли и протекционизма / Н.Н. Щербакова. – М.: Мировая экономика и международные отношения, 2003. – С. 42-48.
5. Wilson C. England’s Apprenticeship, 1603-1763. NewYork, 1984, pp. 236-246. C.Wilcox, Competition and Monopoly in American Industry, Connecticut, 1970,
6. Давлатов, Ф. Ҳ. Марҳилаҳои рушд ва хусусияти ташаккулёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф. Ҳ. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод. – 2019. – No. 4(20). – P. 114-121. – EDN LEBBEZ.
7. Давлатов, Ф. Ҳ. Таҳлили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Ф. Ҳ. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 1(25). – P. 130-138. – EDN CLDLFO.

САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ ВА МЕЪЁРҲОИ ОН

Қосимов З.А. – ассистенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумруки МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и ДБСТ (ш. Хуҷанд, Суғд)

Дар мақола самаранокӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ банду баст карда шуда, моҳияти он аз нуқтаи назари назариявӣ муайян карда шудааст. Дар соҳаи фаъолият гумрукӣ самаранокӣ таҳти таҳлил қарор дода шуда, системаи нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи он равшан карда шудааст. Дар навбати худ дар ин система камбудиҳои мушаххас намуддор карда шудааст, ки ин бевосита бо нопуррагии иҳотаи объекти тадқиқшаванда вобаста мебошад. Ҳамчун самти дурнамои рушди арзёбии самаранокии фаъолияти гумрукӣ омилҳои таъминкунандаи он намуддор карда шудааст.

Калидвожаҳо: самаранокӣ, системаи гумрук, самаранокии фаъолияти гумрукӣ, арзёбии самаранокӣ, нишондиҳандаҳои самаранокӣ, самтҳои самаранокии фаъолияти гумрукӣ, омилҳои таъминкунандаи самаранокӣ.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ТАМОЖЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ЕЕ НОРМЫ

Касимов З.А. - ассистент кафедры финансов, банковского дела и таможенной деятельности «Худжандского международного университета» Государственного технического университета (Худжанд, Согдийская область)

В статье эффективность определяется как экономическая категория, а ее сущность уточняется с теоретической точки зрения. В сфере таможенной деятельности проанализирована эффективность и уточнена система отражающих ее показателей. В свою очередь, в этой системе выявляются специфические недостатки, которые напрямую связаны с неполнотой охвата исследуемого объекта. В качестве перспективного

направления развития оценки эффективности таможенной деятельности определены факторы, обеспечивающие ее.

Ключевые слова: эффективность, таможенная система, эффективность таможенной деятельности, оценка эффективности, показатели эффективности, направления эффективности таможенной деятельности, факторы, обеспечивающие эффективности.

EFFICIENCY OF CUSTOMS ACTIVITIES AND ITS STANDARDS

Qosimov Z.A. – Assistant Professor of the Department of Finance, Banking and Customs, Khujand International University, State University of Economics and Business Administration (Khujand, Sughd)

In the article, efficiency is defined as an economic category, and its essence is specified from a theoretical point of view. In the sphere of customs activity, efficiency is analyzed and the system of indicators reflecting it is specified. In turn, specific shortcomings are identified in this system, which are directly related to the incompleteness of the coverage of the object under study. As a promising direction for the development of the assessment of the efficiency of customs activity, factors ensuring it are determined.

Key words: efficiency, customs system, efficiency of customs activities, efficiency assessmen, efficiency indicators, directions of efficiency of customs activities, factors ensuring efficiency.

Дар шароити муосири модели сохти давлатӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии фаъолияти мақомоти давлатӣ аз тарафи гурӯҳҳои тарафҳои манфиатҳои мухталиф: шаҳрвандон, ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва умуман давлат баҳо дода мешавад. Ҳамаи ин ниҳодҳо аз мақомоти ҳокимияти иҷроия самаранокии фаъолият ва сифати баланди хизмати расонидашударо интизор мебошанд.

Дар соҳаҳои гуногуни фаъолият фаҳмиши самаранокӣ хусусиятҳои худро дорад. Умуман, самаранокӣ ҳамчун муносибати муҳимияти ин натиҷа ба ҳаҷми кӯшиши ба он сарфкардашуда фаҳмида мешавад.[1,54] Мувофиқи назарияи ташкилкунӣ ва идораи маъмурӣ, самаранокӣ ҳамчун муносибати натиҷаҳои мусбии соф ва хароҷоти имконпазир муайян карда мешавад. Нисбати фаъолияти мақомотҳои давлатӣ мафҳуми «самаранокӣ» ҳамчун мусбӣ ва матлуб фаҳмида мешавад.


Самаранокии фаъолияти мақомотҳои гумрук ҳамчун дараҷаи ба даст овардани мақсадҳои дар назди мақомоти давлатии аниқ ё сатҳи наздикшавии ба он, ки бо таносуби миқдории хароҷоти захираҳо ва натиҷаҳои мусбии фаъолияти онҳо тавсиф дода мешавад, муайян карда шуданаш мумкин аст.

Самаранокии фаъолияти гумрук – бо самарадиҳӣ вобастаи хусусияти фаъолияти гумрук мебошад.

Фаъолияти гумрук ҷиҳати фаъоли системаи гумрук мебошад. Самаранокии фаъолияти гумрукӣ ин хусусияти комплексие, ки мувофиқатӣ ё лоиқии фаъолияти гумрукиро ба расидани мақсади тадбиққунандаи мақомотҳои гумрукӣ мебошад.

Барои муайян кардани самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук нишондиҳандаҳо истифода мешаванд, ки дар самти истифодаи онҳо муайянии мутлақ вуҷуд надорад. Ин бо мушкилиёти инъикоскунии маълумот аз тарафи як нишондиҳанда, маълумоти нишондиҳандаҳои дигар (нишондиҳандаҳои комплексӣ), ки мақсади асосии фаъолияти

гумрукро тасвир менамояд, вобаста аст. Чунин равияҳо нисбати интихоби нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти гумрукӣ мавҷуд аст (расми 1).



Расми 1. Равияҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти гумрукӣ [2,13]

Аз расм бар меояд, ки самаранокии фаъолияти гумрукӣ бо варианти омехта: аз рӯи саҳми самаранокии системаи нисбатан сатҳи баланд; аз рӯи меъёрҳои ҷузъии самаранокӣ баҳо дода мешавад.

Ченкунии хароҷот ва натиҷа барои баҳодиҳӣ вақте истифода мешавад, ки байни хароҷоту натиҷа алоқамандӣ мавҷуд бошад ва бо тариқи миқдорӣ муайян карда шавад. Аммо бояд далелеро ба инобат гирифт, ки мақомоти гумрук ин мақомоти давлатӣ буда, фаъолияти худро барои иҷрои вазифаҳои аз тарафи давлат гузошта равона намуда, соҳаи ФИХ-ро идора менамояд. Аз ин лиҳоз байни хароҷот ва натиҷа алоқамандии мустақим вуҷуд надорад ва ин тарзи баҳодиҳӣ маъно надорад. Дар дигар субъектони хоҷагидорӣ натиҷа, яъне бузургии истеҳсолоти маҳсулот аз хароҷот вобаста аст.

Дар марҳилаи муосир баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомотҳои гумрук ҳамасола аз тарафи мақомоти гумурк бо муқарраркунии нишондиҳандаҳои назоратии самаранокии фаъолият (ННСФ) ва усулҳои баҳои онҳо муайян карда мешавад. Системаи мазкур як қатор камбудиҳо дорад, ба монандӣ: [3,86]

- зиёдшавии барзиёдатӣ ва мураккабии нишондиҳандаҳои комплексӣ;
- кӯшиши дағалонаи хизматкунӣ ҳамчун олоти универсалии баҳодиҳӣ ба тамоми сатҳи иерархӣ;
- як қатор нишондиҳандаҳое, ки маҳз самаранокии фаъолияти мақомоти гумрукро инъикос намекунанд;
- нобаробарии комплекси нишондиҳандаҳо.

Самти дигари самаранокии фаъолияти гумрукӣ ин таъмини самаранокии танзими тарифию гумрукии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад.

Дар натиҷаи ҷорӣ намудани тариф якчанд самараҳои иқтисодӣ ба миён меоянд, чунончӣ:[4,220]

Ҷадвали 1. - Гурӯҳҳои ННСФ

№ б/т	Номгӯи гурӯҳҳо	ННСФ
1.	иҷрои қонун оид ба буҷети давлатӣ, қисми идоракунии пардохтҳои гумрукӣ	даромадҳо, ки мақомоти гумрук идора мекунад
2.	баланд бардоштани риояи қонунгузории гумрукӣ оид ба умури гумрук, таъмини пурагӣ ва саривақтии пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва хироҷҳои гумрукӣ (назорат баъд аз бароришимол)	ҳиссаи пардохтҳо ва ҷаримаҳои гумрукӣ аз суммаи то ҳисобкунии пардохтҳо ва ҷаримаҳои гумрукие, ки аз рӯи натиҷаҳои тафтиш баъди бароришимолҳо баргардонида шудаанд; ҳиссаи тафтишҳои натиҷадор баъди бароришимолҳо дар шумораи умумии тафтишҳои гузаронидашуда бо шакли мазкури назорати гумрукӣ; самаранокии миёнаи як тафтиши гумрукӣ ба суммаи то гузаронидани пардохтҳои гумрукӣ ва ҷаримаҳои муайяншуда; ҳиссаи тафтишҳои гумрукии натиҷадори сайёр (выездной) дар ҳаҷми умумии тафтишҳои гумрукии берунӣ; шумораи тафтишҳои гузаронидашуда баъди бароришимолҳо ва воситаҳои нақлиёт
3.	кӯшиши назорати боэътимодии декларатсиякунонии молҳо	ҳиссаи пардохтҳои гумрукии ситонидашуда дар натиҷаи ислоҳкунии арзишҳои гумрукии молҳо дар суммаи умумии пардохтҳои гумрукии то аз рӯи натиҷаҳои ислоҳкунии арзиши гумрукии молҳо гузаронидашуда
4.	баланд бардоштани ахборотикунонӣ ва шаффофияти ахборотии фаъолияти мақомотҳои гумрук	шумораи мақомотҳои гумрукие, ки бо воситаҳои техникии лозима барои қабули шакли электронии декларатсиякунонӣ таъминанд; шумораи декларатсияҳои бо тариқи электронӣ пешниҳодшуда
5.	баланд бардоштани сифати хизматрасонии гумрукӣ, ки ба кам кардани харочоти иштирокчиёни ФИХ ва давлат мусоидат менамоянд	мӯҳлати гузаронидани протседураҳои гумрукӣ, ки барои бароришимолҳо ба макони декларатсиякунонии онҳо лозиманд

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф омода карда шудааст.

– самараи даромадҳо – зиёдшавии даромади буҷет дар натиҷаи андозбандии боҷи воридотӣ. Самараи даромад ҳамчун ҳаҷми воридоти мамлакат баъди ҷорӣ намудани тариф ва ҳосили зарби боҷи гумрукӣ ҳисоб карда мешавад.

– самараи даромадҳо барои иқтисодиёти миллӣ таъсир намерасонад. Танҳо аз ҳисоби баландшавии нарх аз ҳисоби ҷорикунии андоз қисми даромади истеъмолкунандагон ба буҷаи давлат ҷорӣ мешавад. Яъне даромад аз сектори хусусӣ ба сектори давлатӣ мегузарад.

– самараи ҳудуд – азнавтақсимшавии даромад аз истеъмолкунандагон ба истеҳсолкунандагони молҳое, ки бо воридот рақобат менамоянд. Ҳамчун фарқи байни фоидаи иловагие, ки аз тарафи истеҳсолкунандагон дар натиҷаи ҷорӣ намудани тарифи

воридотӣ, ва хароҷоти иловагии он ба истеҳсоли шумораи иловагии мол ҳисоб карда мешавад.

– самараи ҳимоя – талафи иқтисодии мамлакат, ки дар натиҷаи зиёдкунии истеҳсоли маҳсулот дар дохили мамлакат аз ҳисоби тарифҳои воридотӣ ва баландшавии нисбии нархи моли истеҳсолшуда ба амал меояд.

– самараи истеъмолот – дар асоси ихтисоркунии истеъмоли мол дар асоси баландкунии нарх дар бозори дохилӣ ба вуҷуд меояд.

Дар асоси ташаккули тарифи гумрукӣ принсипҳои асосӣ: эскалатсияи (тақ-вият, баландшавӣ, авҷгирӣ) мизонҳои боҷҳои гумрукӣ; тарифи самаранок мехобад.

Эсколатсияи меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ин баландшавии мизони боҷҳои гумрукӣ вобаста ба сатҳи коркарди технологии маҳсулот мебошад. Мисол, мизони боҷи гумрукӣ барои ашёи хом 2, барои маҳсулоти нимтайёр 8 ва барои маҳсулоти тайёр 15.[4,48-49]

Принсипи тарифи самаранок – муайян намудани мизони пасти боҷҳо ба молҳое, ки барои рушди истеҳсолоти бо ҳиссаи баланди азнавистеҳсолкунандаи арзиш лозим аст. Мисол, ба воридоти моли тайёр (масалан намудҳои нави дастгоҳҳои технологӣ), ки барои рушди иқтисодиёти миллӣ зарур аст, сатҳи пасти (ҳатто мизони сифр) боҷи воридотӣ муқаррар мегардад.

Ҳамин тариқ, тарифи гумрукӣ олоти асосии танзими давлатии бозори дохилии молҳо мебошад.

Асоси боҷи гумрукиро фарқи байни хароҷоти миллӣ ва фаромилалии истеҳсолӣ ва фурӯши молҳои амиқ ташкил менамояд. Чӣ қадаре, ки сатҳи боҷҳои воридотӣ баланд бошад, ҳамон қадар нархҳои ҷаҳонӣ нисбати истеъмолоти дохилӣ гарон мешавад. Бинобарон, ки нархи ҷаҳонӣ дар асоси арзишҳои пасти содиркунандагони асосӣ ташаккул меёбад ва аз ҳамин сабаб мамлакатҳо ба ҳимояи молистеҳсолкунандагони худ кӯшиш менамоянд, ки дар ин ҷо нақши иқтисодӣ ва сиёсию тиҷоратии боҷҳои гумрукӣ басо муҳим аст.

Ҷадвали 2. - Нақши иқтисодӣ ва тиҷоратию сиёсии боҷҳои гумрукӣ дар таъмини самаранокӣ

Нақши иқтисодии боҷҳои гумрукӣ	Нақши тиҷоратию сиёсии боҷҳои гумрукӣ
Сохтани маҳдудияти арзишӣ, ки нархи моли воридотиро баланд мебардорад	Ҳимояи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт аз рақобати молҳои хориҷӣ
Истифодаи мақсадноки боҷҳо, ҳавасмандкунии давлатии соҳаҳои муайян	Ба рақибон бо мақсади пешниҳоди гузаштҳо ба сифати фишанги фишороварӣ истифода намудан

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф омода карда шудааст.

Тарифи гумрукӣ асосан вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– ташаккули сохтори муносиби содироту воридот бо роҳи тафриқаи мизони боҷи гумрукӣ ва ё бекор кардан ва тағйир додани онҳо;

– ҳамчун қисми таркибии механизми таъсиррасонӣ ба натиҷаҳои хоҷагидории субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва умуман, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар;

– ҳифзи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, истеҳсолоти алоҳида аз расидани зарари иқтисодӣ, дар натиҷаи рақобати хориҷӣ;

– ҳавасмандгардонии сиёсати фаъоли савдои хориҷӣ, ки дар натиҷаи он барои ба бозори хориҷӣ баровардани молҳои истеҳсоли ватанӣ, инчунин зиёд шудани воридоти молу инвеститсияҳои хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, самараноки фаъолияти гумрукӣ ин комплекси категорияҳои иникоскунандаи равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологие, ки ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ мебошад. Вобаста ба ин самаранокии фаъолияти гумрукӣ аз сегонагии самаранокӣ: иқтисодӣ (инчунин буҷетӣ), иҷтимоӣ ва экологӣ вобаста аст.

Адабиёт

1. Андрейчук Е.Л. Экономика таможенного дела. Учебник / Е.Л. Андрейчук В.Ю. Дианова. – Владивосток: ВФ РТА, 2006. – С. 54.

2. Галкин В.В. Экономика таможенного дела. Учебное пособие / Под ред. проф. В.В. Галкина. – Воронеж: ЦНТИ, 2009. – С. 13

3. Немирова Г.И. Экономика таможенного дела. Учебное пособие / Г.И. Немирова, Ю.В. Рожкова – СПб.: Тройский мост, 2013. – С. 86

4. Кармиов Р.А. Иқтисодиёти умури гумрук. Комплекси таълимӣ-методӣ / Р.А. Каримов. – Хуҷанд: Дабир, 2018. – 314 с.

5. Давлатов, Ф. Ҳ. Таҳлили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Ф. Ҳ. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 1(25). – P. 130-138. – EDN CLDLFO.

НИЗОМИ ГУМРУКИИ РЕЭКСПОРТ: МАНФИАТ ВА ТАҲДИДҲО БА ТИҶОРАТ ВА АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

Абдуҷабборзода С. - н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.

Сайфиддинов Ф.Ш. - корманди шуъбаи робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.

Дар мақола масъалаҳои низоми гумрукии реэкспорт ва хусусиятҳои он дар фаъолияти тиҷоратӣ таҳқиқ шудааст. Муаллиф таъкид кардааст, истифодаи бонизому саривақтии матраҳгардидаи реэкспорт метавонад ба тиҷорати соҳибкорон ва даромади буҷаи давлат таъсири мусбӣ расонад. Ҳамчунин мушкилоти фаъолияти тиҷоратӣ дар низоми гумрукии реэкспорт муайян шуда, самтҳои афзалиятноки рушди он пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: реэкспорт, гумрук, тиҷорат, логистика, содирот, ширкат, амалиёт, даромаднокӣ.

ТАМОЖЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РЕЭКСПОРТА: ПРЕИМУЩЕСТВА И УГРОЗЫ ДЛЯ ТОРГОВОЙ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Абдужабборзода С. – к.э.н., доцент кафедры таможенной деятельности Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

Сайфиддинов Ф.Ш. - сотрудник отдела международных связей Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

В статье рассматриваются вопросы реэкспортной таможенной системы и ее особенности в коммерческой деятельности. Автор подчеркнул, что правильное и своевременное использование реэкспорта может оказать положительное влияние на бизнес предпринимателей и доходы государственного бюджета. Также обозначены проблемы коммерческой деятельности в таможенной системе реэкспорта и предложены приоритетные направления ее развития.

Ключевые слова: реэкспорт, таможня, торговля, логистика, экспорт, предприятие, операция, рентабельность.

RE-EXPORT CUSTOMS SYSTEM: BENEFITS AND THREATS TO TRADE AND ECONOMIC SECURITY

Abdujabborzoda S. - PhD, Associate Professor of the Department of Customs Affairs, Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

Saifiddinov F.Sh. - Employee of the Department of International Relations, Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

The article examines the issues of the re-export customs system and its features in commercial activities. The author emphasizes that the systematic and timely use of the proposed re-export can have a positive impact on the business of entrepreneurs and the state budget revenues. The problems of commercial activities in the re-export customs system are also identified, and priority areas for its development are proposed.

Keywords: re-export, customs, trade, logistics, export, company, operations, profitability.

Реэкспорт низоми гумрукиест, ки мувофиқи он моли қаблан ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида аз ин ҳудуд бидуни пардохт ё баргардонидани боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳо, бе татбиқи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусиятҳои иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда мешаванд.[11]

Яъне реекспорт содироти дубораи молест, ки қаблан ба ҳудуди кишвар ворид карда шуда, айни замон нисбати онҳо ба таври назаррас коркард ё тағйироти иловагӣ карда нашудааст ва зимни татбиқ намудани ин низом ба кишвари сеюм бароварда мешаванд[12].

Дар тиҷорати байналмилали барои ғани гардонидани буҷаи давлат ва манфиатҳои иқтисодию логистикии ҳар як давлат ин раванд бештар маъмул гашта, ба таври оммавӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

[11] Кодекси гумруки Љумњурии Тољикистон Моддаи 239.
[12] В.Г. Драгонова Основы таможенного дела Москва «Экономика» 1998. С.141

Мавриди зикр аст, ки бо назардошти хусусиятҳои хоси истифодабарии ин низом дар тиҷорти байни кишварҳо, истифодабарии реэкспорт хатару зиёнҳои муайянеро низ ба бор меоварад.

Аз ин лиҳоз, истифодаи нодуруст ва беасоси низоми гумрукии реекспорт метавонад соҳибкорон ва кишварҳои интиқолдиҳандаи молро ба мушкилот рӯ ба рӯ намуда, ба зарарҳои молиявии хатарзо дучор намояд.

Муҳимияти ин масъала дар он аст, ки ҳангоми татбиқ намудани реэкспорт мол аллакай сарҳади як кишварро убур карда, баъдан ба кишвари дигар интиқол гардидааст ва бо ин муқарароташ аз низоми содирот фарқ мекунад. Инчунин ҳангоми татбиқи он мол аз анборҳо содир карда шуда, ба бозори истеъмолии нав интиқол дода мешавад.

Истифодаи бонизому саривақтии матраҳгардидаи реэкспорт метавонад ба тиҷорати соҳибкорон ва даромади буҷаи давлат манфиатҳои назаррасеро ворид намояд.

Пеш аз ҳама ин соддагардонии логистикӣ мебошад, ки хангоми истифодаи он барои ширкатҳои ба гардиши босуръати молҳои муҳлати истифодабарии маҳдуд дошта, манфиати зиёд оварда, соҳибкоронро фурсат медиҳад, ки бо назардошти сарфа намудани вақти дар роҳ будани мол, онҳоро байни бозорҳои гуногун самаранок интиқол диҳанд.

Дар робита ба якхела набудани санадҳои меъёрии давлатҳо дар баъзе кишварҳои дунё реекспорт имкони пешгирӣ аз андозбандии дукарата ё боҷхои гумрукӣ мебошад, ки маблағҳои назаррасро аз хароҷотҳои амалиётӣ сарфа намуда, ба тиҷораташон даромади созгореро ворид месозад.

Истифодабарии реэкспорт ба соҳибкорон ва ширкатҳои алоҳида имконият медиҳад, ки ба тағирёбии талабот ба молу маҳсулоти ниёзи мардум дар минтақаҳои гуногун саривақт вокуниш нишон диҳанд ва онро ба кишварҳое интиқол диҳанд, ки онҷо талабот ба мол зиёд аст.

Реэкспорт метавонад имконияти хуберо барои ташкил намудани истеҳсолоти маҳаллӣ ва ворид шудан ба бозорҳои нав бидуни бастани шартномаҳои мураккаби байналмилалӣ бошад.

Сарфи назар аз ҳама фоидаву бартариҳои зикргардида истифодабарии низоми гумрукии реэкспорт метавонад бо хатарҳои муайяни молиявӣ мувоҷеҳ бошад, ки ҳангоми барномарезии амалиёти тиҷоратӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Ҳатман хангоми роҳандозӣ намудани реекспорт мушкилоти қонунгузории гумрук ва қонунҳои танзимкунандаи соҳаи мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Зеро дар кишварҳои мухталифи дунё қонун ва муқараротиаъминкунандаи манфиатҳои миллӣ барои реэкспорт пешбинӣ карда шудааст, ки метавонад дар амалия ба таври назаррас аз санадҳои меъёрии дигар давлатҳо фарқ дошта бошанд.

Яъне барои баъзе категорияи молҳое, ки дар низоми гумрукии реекспорт нигаронида шудааст, иҷозатномаи махсус ё маҳдудиятҳо дар содирот ҷорӣ карда шудааст, ки бояд ҳатман ба назар гирифта шаванд.

Реэкспорт метавонад хароҷоти анбор, суғуртаи молҳо, интиқоли онҳо барои мушоияти бор ва дигар хароҷотҳоро дар бар гирад. Агар ташкилот ё соҳибкори истифодабарандаи ин низом ҳамаи хароҷоти имконпазирро ба назар нагирад, дар амал метавонад боиси кам шудани фоидаи пешбинишуда гардад.

Дар робита ба содироти мустақим ҷараёни раванди реэкспорт метавонад тӯл кашад, зеро барои амалӣ намудани он ҳуҷҷатҳои иловагӣ, санҷиш ва дигар расмиётҳо ба инобат гирифта мешавад.

Таҷрибаи фаъолияти гумрукӣ собит намудааст, ки аслан намудҳои муайяни молҳо барои реэкспорт бештар истифода мешаванд, зеро онҳо шароити махсуси иқтисодӣ ва логистикӣ доранд.

Электроника, доруҳо ва таҷҳизоти тиббӣ молҳое мебошанд, ки дар як минтақа истеҳсол карда шуда, сипас вобаста аз талабот дар минтақаҳои мухталиф тавассути бозорҳои мобайнӣ ба якчанд кишварҳо фурӯхта мешаванд.

Инчунин ба кишварҳое, ки дорои шароити хубу мусоиди логистикӣ ё гумрукианд ва барои соҳибкор аз лиҳози иқтисодӣ самаранок ва муфид аст, партияҳои калони молу маҳсулоти насоҷӣ, либос ва маҳсулоти хурокворӣ интиқол дода шуда, вобаста ба эҳтиёҷоти бозор метавонанд дубора тақсим карда шаванд.

Барои кам кардани хатару зиёнҳо ва истифодаи самараноки низоми гумрукии реэкспорт зарур аст, ки истифодабарандагони ин низом аз тавсияҳои зерин бархурдор бошанд.

Омӯзиши қонунгузории кишварҳое, ки мол ба онҷо ворид карда мешавад бояд комилан ба назар гирифта шавад. Зеро ҳар як кишвар метавонад қонун ва муқаррароти танзимкунандаи соҳаи худро оид ба реэкспорт дошта бошад. Масалан, баъзе кишварҳо метавонанд имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дошта бошанд, ва ё дар баъзе кишварҳо маҳдудиятҳои қатъӣ дар ин ҷода ҷори гардида бошад. Барои пешгирӣ намудани хисороти молиявӣ ва муҷозотҳо пешакӣ донистани ҳамаи талаботҳои санадҳои меъёрӣ муҳим аст.

Агар фаъолияти тиҷорати реэкспортро тавассути кишварҳои сеюм истифода барад, шарикони боэътимодро барои интиқол, анбор ва барасмиятдарории гумрукӣ интихоб намудан зарур аст. Ин амал барои коҳиш додани хатару мушкилоти ғайричашмдошт метавонад кӯмак намояд.

Дуруст пур кардан ва пешниҳод кардани ҳама ҳуҷҷатҳо барои барасмиятдарории гумрукӣ муҳим аст. Зеро дар оянда чунин хатогиҳо метавонанд ба таъхир ва хароҷоти иловагӣ оварда расонанд.

Ба замми ин вобаста ба шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ қоидаҳои реэкспорт метавонад тағйир дода шавад ва дар тарифҳо ва боҷҳо дигаргуни ҷорӣ гардад. Аз ин рӯ мунтазам назорат кардани равандҳои тиҷоратӣ боис мегардад, ки саривақт зиёнҳои молиявӣ бартараф карда шаванд.

Реэкспорт метавонад як воситаи олие барои афзоиши даромаднокӣ ва тавсеаи фаъолияти тиҷоратӣ ба бозорҳои нав бошад. Аммо, пеш аз оғози истифодаи ин механизм, муҳим аст, ки ҳамаи ҷанбаҳои фоидаву хатарҳо арзебӣ карда шаванд. Оптимизатсияи логистика, кам кардани хароҷоти гумрукӣ ва чандирӣ дар идоракунии инвентаризатсия метавонад манфиатҳои назаррас ба даст орад. Аммо, мушкилоти қонунгузорӣ, хароҷоти иловагӣ ва тағироти пешгӯинашавандаи тарифҳо метавонанд монеаҳои ҷиддиро ба бор оранд.

Ҳамин тавр низоми гумрукии реэкспорт дар он ҳолат ба манфиати фаъолияти тиҷоратӣ таъсир мерасонад, ки санадҳои меъёриву ҳуқуқи риоя гардида, дараҷаи хизматрасониҳои гумрукӣ дуруст арзёбӣ карда шаванд.

Адабиёт

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон Моддаи 239.
2. В.Г. Драгонова Основы таможенного дела Москва «Экономика» 1998. С.141
3. Х.А. Шреплер международные экономические организации: Справочник. М.: Международные отношения 1998г.

4. Амиров С. Х. Барасмиятдарории гумруки ва назорати гумруки. -Душанбе: «Ирфон», 2012

5. Сулаймонзода, Ш. Ф. Таҷрибаи хориҷии ташкил ва ташаккули бизнес-хизматрасониҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Ш. Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 194-206. – EDN AHJFNJ.

6. Давлатзода, Қ. Қ. Самтҳои асосии дастгирии давлатии рушди кластерҳои Пахтакорӣ дар минтақаҳои кишвар / Қ. Қ. Давлатзода, Ҷ. Б. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 68-76. – EDN NHUFIJ.

ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ВА СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аскарова С.С. - доктор PhD сармуаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон,тел: +992926165557 e-mail: sanam85@mail.ru

Шарипова Д.М. - н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел: +992 (92) 6067775e-mail: muhammed_sharipo@mail.ru

Дар мақола оид ба ташаккулёбии методикаи стратегияи рушди илмӣ-техникӣ ва технологии комплекси саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафта, аз ҷониби муаллифон оид ба марҳилаҳои ташаккулёбии стратегияи рушди илми-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа гардидаанд. Дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми коркарди стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пайдарпайии мантиқии татбиқшавӣ бояд ба инобат гирифта шавад, чун он заминаи асосии системаи банақшагирии стратегии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: Стратегияи сиёсати саноат, саноат, рушди техникӣ-технологӣ ва илмӣ, саноат, марҳилаҳои рушд, ташаккулёбӣ, татбиқ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои соҳавӣ, барномаҳо, инноватсия, муҷтамаъҳои саноатӣ.

ЦИФРОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И СТРАТЕГИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Аскарова С.С. - доктор PhD, старший преподаватель кафедры мировой экономики Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова, Ш. Худжанд, Республика Таджикистан, телефон: +992926165557 e-mail: sanam85@mail.ru

Шарипова Д.М. - к.э.н., доцент кафедры мировой экономики МТС «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова», ш. Худжанд, Республика Таджикистан, телефон: +992 (92) 6067775 e-mail: muhammed_sharipo@mail.ru

В статье говорится о формировании стратегии научно-технического и технологического развития промышленного комплекса Республики Таджикистан, а также авторами даны конкретные предложения по этапам формирования стратегии научно-технологического развития промышленного комплекса Республики Таджикис-тан. развитие промышленных комплексов. Предполагается, что при разработке стратегии научно-технологического развития промышленных комплексов должна учитываться логическая последовательность реализации, поскольку она является основной основой системы стратегического планирования экономического развития.

Ключевые слова: Стратегия промышленной политики, промышленность, технико-технологическое и научное развитие, промышленность, этапы развития, становление, реализация, нормативно-правовые акты, отраслевые акты, программы, инновации, промышленные комплексы.

DIGITAL TECHNOLOGIES AND STRATEGY OF ECONOMIC DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Askarova S.S. – PhD Senior Lecturer, Department of World Economy, Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Sh. Khujand, Republic of Tajikistan, Phone: +992926165557 E-mail: sanam85@mail.ru

Sharipova D.M. - c.e.s., Associate Professor, Department of World Economy, MTS "Khujand State University named after Academician B. Gafurov", Sh. Khujand, Republic of Tajikistan, phone: +992 (92) 6067775 e-mail: muhammed_sharipo@mail.ru

The article discusses the formation of the strategy of scientific, technical and technological development of the industrial complex of the Republic of Tajikistan, and the authors provide specific proposals on the stages of forming the strategy of scientific and technological development of the industrial complex of the Republic of Tajikistan. development of industrial complexes. It is assumed that when developing a strategy for scientific and technological development of industrial complexes, the logical sequence of implementation should be taken into account, since it is the main basis of the system of strategic planning of economic development.

Keywords: Industrial policy strategy, industry, technical, technological and scientific development, industry, stages of development, formation, implementation, regulatory legal acts, industry acts, programs, innovations, industrial complexes.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои соҳавӣ, стратегияҳо ва дигар аснод ҷузъи муассири равандҳои фаъолияти соҳаҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он мебошанд. Барномаҳо ва санадҳои ба рушди технологӣ, илмӣ ва иқтидории муҷтамаъҳои саноатӣ равона гардида, ба ҳайси ҳуҷҷатҳои асосии стратегию банақшагирӣ баромад менамоянд, ки онҳо барои даврaҳои дарозмуддат таҳия карда мешаванд. Дар навбати худ, онҳо стратегия, усулҳо ва барномаҳои дарозмуддати ҳам мақомоти идоракунанда ва ҳам роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои илмиву тадқиқотӣ мебошанд, ки дар маҷмуъ ташаккул додани чунин стратегияҳо масъалаи хело мураккаб ба ҳисоб меравад.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ зарурати мутобиқ гардидани модели рушди иқтисодӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонии илмиву технологӣ ва дар ин асно зарурияти қабули санадҳои меъёрию барномаҳои соҳавии афзалиятҳои рушди илмӣ-техникии иқтисодиёти миллиро фарогиранда ба миён омад ва то ба ҳол якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, мавриди татбиқ қарор гирифтаанд Ин боиси ба қадри имконият афзудани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар қаламрави кишвар гардид (ҷадвали 1). Аз ҷумла дар давраи солҳои 2010-2020 ҳаҷми иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ 3,4 маротиба афзоиш ёфта, дар маҷмуъ 75,3 млн. сомониро ташкил дода аст. Аз ин шумора корҳои илмӣ -техникӣ нисбат ба соли 2010 53,0 млн. сомонӣ 3,4 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 1.1. Динамикаи иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор сомонӣ

Солҳо	2010	2015	2016	2018	2019	2020	2020 нисбат ба	
							2019	2010
Ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол	22027,0	52799,8	58434,0	66788,4	74120,4	75292,7	**101,6**	**3,4 мар.**
аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ	21887,3	52287,2	57937,7	64892,6	73513,4	74907,1	**101,9**	**3,4 мар.**
-корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ	17987,3	51935,6	57547,2	56650,3	67011,5	68295,8	**101,9**	**3,8 мар.**
аз ҷумла бунёдӣ	8508,7	8806,2	10465,9	12363,1	9986,4	9157,2	**91,7**	**1,1 мар.**
-корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ	22,8	319,0	351,4	220,3	782,7	575,0	**73,5**	**2,5 мар.**
-хизмати илмӣ – техникӣ	3867,2	32,6	39,1	5664,3	5691,8	5990,8	**105,3**	**1,5 мар.**

Ҳисоби муаллиф аз рӯи: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 112.

Корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ зиёда аз 2,5 маротиба афзун гардида, дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми хизматҳои илмӣ – техникӣ -2,1 млн сомонӣ 5,9 млн. сомониро ташкил додаанд, ки аз нишондиҳандаи соли 2010 1,5 маротиба зиёд мебошад. Вале нишондиҳандаҳои иҷрои корҳо нисбат ба соли 2019 афзоиши кам ёфта, ҳамагӣ 1,1 млн. сомониро ташкил додаанд. Аз ин миқдор дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 корҳои бунёдӣ 8,3 % ва корҳои лоиҳакашӣ бошанд 26,5 % кам шудаанд.

Аммо бо вуҷуди мавҷудияти асноди зикргардида, ба рушди босуръати соҳавӣ ноил гардидан ва ба тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ баробар гардидан дар дараҷаи кифоягӣ набуда, барҳӯрди ҷиддии мукаммалсозӣ ва таҷдидсозии аснодҳову стратегияҳоро талаб менамояд. Масалан тибқи маълумотҳои омории пешниҳоднамудаи Бонки ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар ҷадвали 5.12, дар радабандии нишондиҳандаҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ба миқдори 62 млн. доллари ИМА маҳсулоти технологияи баланд содир кардааст. Соли 2020 бошад якбора ин нишондиҳанда коҳиш ёфта, ба 2 млн. доллар расида аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози ба рушди технологиву илмӣ нисбат ба кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд дар радабандӣ хело қафомонда арзёбӣ карда мешавад [4, с. 29].

Бояд қайд намоем, ки чунин ҳолат бо сатҳи пасти ҳавасмандкунии тиҷорат нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ, афзоиш ёфтани рақобатпазирӣ дар ҷаҳон ва суст идора шудани равандҳои таҷдидсозиву инноватсиякунонии фаъолияти соҳаҳои саноат аз ҷониби сохторҳои давлатӣ алоқамандӣ дошта, тақозои таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавиро дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи хеле ки зикр гардида буд, як қатор асноди ба равишҳои фаъолияти саноатӣ дахлдошта мавҷуд бошанд (масалан яке аз асноди асосӣ – ин «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030») ҳам, аз таҳлили маводҳои дар адабиётҳо овардашуда бармеояд, ки айни замон стратегияи рушди илмӣ-техникии минтақавӣ ва соҳавии саноатӣ мавриди татбиқ қарор нагирифта нашуда аст. Махсусан дар ягон минтақаи кишвар равишҳои методологии дорои муҳтавои стратегияи илмӣ-техникӣ дар соҳаи саноат ва ташаккули коркарди онро пайдо намудан ғайриимкон аст. Танҳо соли 2010 «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму технология барои солҳои 2011-2015» қабул гардида буд [5, с. 33].

Аз нигоҳи мо, бо дарназардошти ба миён омадани зарурати таҷдид ва бознигарии баромадани стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавӣ дар идомаи таҳқиқот муайян намудани заминаҳои асосии ташаккулёбӣ ва мураттабшавии стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, инчунин мавриди омӯзиш қарор додани методикаҳои ташаккулёбии он ва ироа намудани методикаи илман асоснок ба мақсадҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда комилан мувофиқат хоҳад кард. (расми 1).

Бояд қайд намоем, ки стартегияи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун асос маншаъ гирифта, самтҳои мухталафи фаъолияти самарабахши соҳаро фаро мегирад. Дар стратегия, пеш аз ҳама, арзёбии воқеии ҳолати рушди илмӣ-технологии саноатӣ дар минатқаҳо тариқи муайян сохтани мавҷудияти иқтидори илмиву техникӣ, сатҳи технологии корхона, то чӣ андоза вобаста будани онҳо аз воридоти таҷҳизоту технологияҳо аз берун, рақобапазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, фаъолияти инноватсионӣ, таъсиррасонии ин омилҳо ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минатқаҳо ва аҳолии кишвар дарҷ гардида, дар он натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод мегарданд ва нақшаҳои имконпазири рушди технологӣ муайян карда шуда, тартиботи технологияҳои афзалиятдор ташаккул дода мешавад. Ҳамчунин мақсад ва афзалиятҳои рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ муайян гардида, ташаккули системаи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатии минтақавӣ, ташкили корҳои илмӣ-тадқикотӣ ва коркардҳо дар минтақаҳо барои татбиқи технологияҳои пешқадам ва таъмин намудани ҷобаҷогузории онҳо пешниҳод гардида, дар ин замина даврaҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегияҳо, инчунин системаи назорати амалишавии қарорҳои қабулгардида ва тамоюлҳо инъикос карда мешаванд.

Агар ба таври кушод ироа кунем, дар тартиби сохтори стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, бояд инъикоси ҳолати воқеии рушди саноати минтақавӣ, вуҷуд доштани иқтидори илмӣ-техникӣ, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолӣ инъикос гардида, таъсири бевоситаи онҳо ба сатҳи некӯаҳволии аҳолии кишвар ва минтақаҳое, ки дар онҳо муҷтамаъҳо ҷойгир мешаванд, ба вазъи экологӣ ва, махсусан, ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Вобаста ба баҳоҳои гузошташуда натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ дар ҳар як минтақа ироа гардида, равандҳои имконпазири рушди технологӣ интихоб гардида, абзорҳои технологии афзалиятнок муайян карда мешаванд.

Баъд аз ин натиҷаҳои ташхисшудаи интихоби самтҳои афзалиятдори рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод шуда, ҳадафҳои стратегӣ ташаккул дода шуда, нақша ва роҳҳои рушди технологӣ муайян карда мешаванд. Дар ин замина пешниҳодҳои асоснок ва аз таҳлилу коркард гузаштаи ташаккулёбии системаи рушди илмиву технологӣ пешниҳод мегарданд, ки онҳо бояд ба самтҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои ба миён ниҳода мувофиқ бошанд. Вобаста ба ин фаъолгардонии корҳои илмиву тадқиқотӣ оид ба татбиқи технологияҳои пешқадам, дастарсӣ ба онҳо, истифодаи самараноки имкониятҳои онҳо инъикос карда мешаванд. Дар идома тадбирҳои оид ба таъмин кардани рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ бо мутахассисони варзидаи баландихтисос пешниҳод мегарданд.



Расми 1. Сохтори стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ташаккул дода шуда, даврањои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегия, иҷрои қарорҳои қабулгардида ва ғайра инъикос карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми коркард, стратегияи рушди илмиву техникии соҳаҳои саноатӣ бо як қатор хавфҳо низ рӯ ба рӯ шуданаш мумкин аст, ки онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд ва роҳҳои камтаъсир кардани онҳо ироа гарданд. Масалан, барои камтаъсир кардани хавфи номувофиқатии манфиатҳои тарафҳои иштирокдорони амалишавии стратегия, ҳангоми баргузории машваратҳо (бо гузаронидани ҳамоишҳои бузург) ва бевосита барои ноил гардидан ба қабули қарорҳое, ки ба иҷрои мақсаду нақшаҳо мусоидат мекунанд, бояд иштироки тарафҳои мухталиф таъмин гардад ва бад-ин васила ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ фароҳам оварда шавад [1, с.98].

Ҳамчунин бояд аз хавфи ғайрифаъол будани сатҳи инноватсионӣ ва қабули инноватсия сухан ронем, ки асли зуҳури чунин хавфҳо мароқ надоштани корхонаҳо ба рушди фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Таъсири чунин хавфҳоро бо тадбирҳои ҳавасмандкунонии рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Дар ин самт, Ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд равандҳоро пеш гирифта аст. Аз ҷумла бевосита аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду давра-16 январи соли 2018 ва 16 марти соли 2022 эълон намудани моратория ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ибтикори қобили қабул мебошад, ки мақсади он дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ буда, ба таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ равона гардида аст. Ғайр аз ин тадбирҳои озод намудани корхонаҳо аз андозбандӣ, пешниҳод намудани дастгирии давлатӣ фақат ба он корхонаҳое, ки таҷдидсозӣ ва рушди технологияҳои инноватсиониро ба роҳ мондаанд, бояд ба таври фаъол ба ҳаёт татбиққарда. Аз ҷониби дигар, афзалият барои гирифтани дастгирии давлатӣ ба он корхонаҳое дода шавад, ки дар онҳо амалисозии стратегияҳои технологӣ мавҷуд бошанд.

Дар навбати худ яке аз хавфи дигар метавонад хавфи марбут ба молия ва буҷет бошад. Барои аз чунин хавфҳо эмин мондан бояд пеш аз ҳама ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ вусъат бахшида шавад. Ҳамчунин ҷузъиёти талаботҳои аз буҷет маблағгирандагон ҳангоми хариди маҳсулот, кору хизматрасониҳо ба таври шаффоф муайян карда шуда, бо мақсади аниқ кардани хавфҳо ҳолати бахшҳои тиҷоратӣ мониторинг карда шавад. Махсусан ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ки ба хариди таҷҳизот, сохтмон, таъмир, ҷойгиркунии масолеҳи харидашуда ва ғайра равона мегарданд, назорати ҷиддиро талаб мекунад. Барои самаранок гардидани равандҳои ба кам кардани чунин намуд хавфҳо алоқаманд, таҷрибаи ҳамкориҳои ашхоси иҷрокунандаи вазоифи расмӣ бо ташкилоту созмонҳои илмиву консалтингӣ, ки ба таҳқиқи хавфҳо сарукор доранд, самарабахш хоҳад буд [2, с.99].

Норасоии мутахассисони баландихтисоси идоракунии технологияҳо ва равандҳои илмӣ-техникӣ имрӯз яке аз сабабҳои боздорандаи рушди илмиву технологӣ ба ҳисоб меравад. Барои эмин мондан аз ин авомил бояд равандҳои ҳавасмандгардонии илмомӯзон ва ҷалб намудани мутахассисони баланд маҳорат ба роҳ монда, ҳамчунин барои ҳамаҷониба истифода бурдани қобилияти онҳо ва тақвият ёфтани маҳорати онҳо шароит фароҳам оварда шавад [3, с.21].

Адабиёт

1. Водолажская Е.Л. Управление устойчивым развитием высокотехнологичных отраслей промышленности // Дисс. на соис. уч. степ. док-а экон. наук. 08.00.05. / Е.Л. Водолажская. – М., 2019. – 303 с.

2. Гамукин В.В. Бюджетные риски: группы, виды, примеры // Монография / В.В. Гамукин. - Тюмень: издательство Тюменского государственного университета, 2015. – 340 с.

3. Дыбов А.М. Возможности минимизации рисков в процессе инновационной деятельности//Вестник Удмуртского университета. Серия «Экономика и право». – Ижевск, 2012. – С.20-24.

4. http://wdi.worldbank.org/table/5.12 (санаи мурочиат ба сомона:12.09.2022)

5. https://www.anrt.tj/ru/nauchnye-issledovaniya/strategiya-rtv-oblasti-nauki-i-tekhnologij-na-2011-2015-gody (санаи мурочиат ба сомона 27.07.2022).

6. Фарайдунов, О. К. Искусственный интеллект и большие данные: новые горизонты для устойчивого развития цифровой экономики / О. К. Фарайдунов, С. П. Хаитов // , 16 декабря 2024 года, 2024. – С. 27-37. – EDN ZNGWOW.

7. Расширение сфер внедрения информационных технологий в условиях цифровой экономики / О. К. Фарайдунов, С. Д. Темурбекова, М. М. Аламшоева, А. Б. Гулов // Финансово-экономический вестник. – 2023. – № 4-2(39). – С. 120-136. – EDN DGSSZB.

8. Сулаймонзода, Ш. Ф. Рақамикунонӣ, хусусиятҳо ва таъсири он ба рушди бизнес-хизматрасониҳо / Ш. Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 3(37). – P. 120-131. – EDN VPAJXX.

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарипов Ҳ.А. – омӯзгори калони кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055. Тел. (+992) 987484497, E mail: Curbonova@list.ru

Дар равандҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии саноатӣ се омили таркибии асосӣ ҷудо карда мешавад: инноватсия, сохторӣ ва сармоягузорӣ. Хар кадоми онҳо як қисми органикии ин равандҳо ва дар айни замон соҳаи нисбатан мустақил ва муҳими фаъолият як навъ «сиёсати дар доираи сиёсат» тараққиёти саноат мебошад.Сиёсати инноватсионии давлат ба танзими муносибатҳои мутақобилаи корхонаҳо, ташкилотҳо, соҳибкорӣ ва корҳои илмию техникии корхона бо мақсади ташаккули ҳавасмандии инноватсионии фаъолияти хоҷагидории онҳо ва истифодаи дастовардҳои илму техника дар истеҳсолот барои навсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии он, гузаштан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва стратегияи рушди иқтисодӣ дар асоси дониш ва технологияҳои навтарин равона карда шудааст.

Калимаҳои калидӣ: саноат,инноватсия, корхона,истеҳсолот, сармоягузорӣ, сиёсати саноатӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРИОРИТЕТНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Шарипов Х.А. – старший преподаватель кафедры предпртнтмательства и экономики промышленности, Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, 734055. Тел. (+992) 987484497, E mail: Curbonova@list.ru

В процессах формирования и реализации государственной промышленной политики выделяют три основные составляющие: инновационную, структурную и инвестиционную. Каждый из них является органичной частью этих процессов, и в то же время относительно самостоятельной и важной сферой деятельности является своего рода «политика в рамках

политики» промышленного развития. Инновационная политика государства регулирует взаимоотношения между странами. предприятий, организаций, предпринимательства и научно-технической деятельности предприятия в целях формирования инновационной мотивации их сельскохозяйственной деятельности и использования научно-технических достижений в производстве для модернизации и повышения его эффективности, перехода к предпринимательской деятельности и стратегии экономического развития, основанной на направлены новейшие знания и технологии.

Ключевые слова: промышленность, инновации, предприятие, производство, инвестиции, промышленная политика.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF PRIORITY AREAS OF INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sharipov Kh. A. – senior lecturer, department of entrepreneurship and industrial economic of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, 734055, Republic of Tajikistan

In the processes of formation and implementation of state industrial policy, three main components are distinguished: innovation, structural and investment. Each of them is an organic part of these processes, and at the same time, a kind of "policy within the policy" of industrial development is a relatively independent and important area of activity. State innovation policy regulates the relationship between countries. enterprises, organizations, entrepreneurship and scientific and technical activities of the enterprise in order to form an innovative motivation for their agricultural activities and the use of scientific and technical achievements in production for modernization and increasing its efficiency, the transition to entrepreneurial activity and an economic development strategy based on the latest knowledge and technology.

Keywords: industry, innovation, enterprise, production, investment, industrial policy.

Дар равандҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии саноатӣ се омили таркибии асосӣ ҷудо карда мешавад: инноватсия, сохторӣ ва сармоягузорӣ. Хар кадоми онҳо як қисми органикии ин равандҳо ва дар айни замон соҳаи нисбатан мустақил ва муҳими фаъолият як навъ «сиёсати дар доираи сиёсат» тараққиёти саноат мебошад.

Сиёсати инноватсионии давлат ба танзими муносибатҳои мутақобилаи корхонаҳо, ташкилотҳо, соҳибкорӣ ва корҳои илмию техникии корхона бо мақсади ташаккули ҳавасмандии инноватсионии фаъолияти хоҷагидории онҳо ва истифодаи дастовардҳои илму техника дар истеҳсолот барои навсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии он, гузаштан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва стратегияи рушди иқтисодӣ дар асоси дониш ва технологияҳои навтарин равона карда шудааст.

Роҳи инноватсионии рушд бо ташаккули механизми танзиме имконпазир аст, ки ҳамкории илм, истеҳсолот ва давлатро тавассути ҳамгироии захираҳои зеҳнӣ, техникӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, ташкилии онҳо ва рушд ва такрори навоварӣ таъмин менамояд. Татбиқи ин роҳ ташаккули низоми муассисаҳо, аз ҷумла ду зерсистемаро талаб мекунад: аввал, маҷмӯи ташкилотҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба истеҳсол ва фурӯши тиҷоратии маҳсулоти баландтехнологӣ, донишҳои илмӣ ва технологияҳо ширкатҳои хурд ва калон машғуланд (корхонаҳо), донишгоҳҳо, лабораторияҳои истеҳсолии давлатӣ, паркҳои технологӣ ва инкубаторҳо, ки маҷмааи “таълим илм бизнеси истеҳсолӣ”-ро ташкил медиҳанд; дуюм, маҷмӯи институтҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иҷтимоии идоракунӣ, ки ҳавасмандии

иқтисодӣ ва шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқиро барои татбиқи равандҳои инноватсионӣ таъмин менамоянд (аз ҷумла, сухан дар бораи ширкатҳои ҳуқуқие меравад, ки ҳифзи моликияти зеҳниро таъмин менамоянд).

Сиёсати сохторӣ ҳавасмандгардонии байнисоҳавӣ, ва байниминтақавӣ буда воридшавии сармоя барои бо пул таъмин намудани тағйир додани сохти истеҳсолӣ ва ҳудудии саноат мувофиқи мақсадҳои сиёсати саноат. Афзалиятҳои ин тағйиротро ҳадафҳои стратегӣ ва тактикии сиёсати саноатӣ, вазъи воқеии заминаи саноатӣ, тамоюлҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва мавқеи геополитикии кишвар муайян мекунанд.

Афзалияти умумии саноат тараққӣ додани комплекси мошинсозӣ мебошад, ки вай талаботи истеҳсолотро қонеъ гардонда, дар дигар соҳаҳо ва соҳаҳои хоҷагии халқ ба кор таъмин менамояд. Гап, аз ҷумла, дар бораи эҳтиёҷоти соҳаҳои асосии саноат ба сектор « ибтидоии иқтисодиёт, комплекси бинокорӣ ва инфраструктураи таъминоти ҳаёт, соҳаи хизматрасонӣ, инчунин саноати истеҳсолкунанда (аз ҷумла худи мошнасозӣ), махсусан. соҳаҳои технологияи баланди доништалаб, ки рушди онҳо ба мо имкон медиҳад, ки дар раванди ҷаҳонии репродуктивӣ ҷойҳои алоҳидаро ишғол кунем. Комплекси муҳандисии доништалаб шарти зарурии рушди базаи моддии илм, пеш аз ҳама илми фундаменталӣ, инчунин маориф ва фарҳанг мебошад, ки асоси сиёсати инноватсиониро ташкил медиҳанд.

Сиёсати сохторӣ дар баробари ҷузъи истеҳсолӣ (соҳавӣ) ҷанбаи ҳудудӣ мушкилии ҷойгиркунии саноатро дар бар мегирад. Дар ин самт объектҳои сиёсати саноатӣ комплексҳои (кластерҳои) ҳудудии истеҳсолӣ мебошанд, ки дар доираи онҳо беҳтаргардонии фазоии иқтидорҳо тибқи меъёрҳои самаранокии иқтисодӣ ва баробарсозии сатҳҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо амалӣ карда мешавад. Он инчунин масъалахои сиёсати саноатӣ дар мамлакатхои ИДМ, аз чумла робитаҳои кооперация, стандартхои ягонаи технологию техникӣ ва мукаммал гардондани иктисодиёти миллиро дар бар мегирад.

Сиёсати сармоягузории давлат дар соҳаи рушди саноат ба фароҳам овардани шароити мусоид ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ нигаронида шудааст.

Вазифаҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ:

 ташаккул ва ба кор андохтани механизмҳое, ки воридшавӣ ва ҳачми умумии сармоягузориро ба саноат зиёд мекунанд (ресурсҳои давлатӣ, маблағхои худи корхонаҳои саноатӣ, маблағҳои қарз ва маблағҳои аҳолӣ);

 иштироки давлат (бевосита, саҳмгузори, суғурта, тавассути фармоишҳои давлатӣ, иҷораи давлатӣ ва кафолатҳо, бо роҳи ташкили ҳавасмандгардонӣ) дар равандҳои сармоягузори дар самтҳои афзалиятноки азнавсозии сохтории иқтисодиёт, аз ҷумла тавассути муассисаҳои махсус таъсисдода (фонди қарзи саноатӣ) ва андоз, аз ҷумла амортизатсия, танзим ва ғайра;

Таҳия ва татбиқи сиёсати саноат аз ҷониби давлат дар се сатҳ амалӣ карда мешавад.

Дар сатҳи макро ҳадафҳои стратегӣ ва тактикии рушди саноат муайян карда мешаванд, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои мақсадноки сиёсати саноатӣ (аз ҷумла дастгирии захиравии онҳо) ташаккул меёбанд, ҳамкории тиҷорати саноатӣ ва давлат дар ташаккул ва татбиқи сиёсати саноатӣ (алоқаҳои бевосита ва баръакс), салохиятҳо бо минтақахо ва чиҳатҳои сиёсати берунии сиёсати саноат аниқ карда шудаанд.

Дар сатҳи мезо ташкил ва фаъолияти комплексхои амудӣ ва (аз ҷумла трансмиллӣ) истеҳсолӣ-технологӣ, ки бо истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ алоқаманданд, комплексҳои ҳудудию истеҳсолӣ ба тартиб андохта мешаванд.

Дар сатҳи микро барои фаъолияти корхонаҳо ҳамчун субъектҳои бозории мустақил шароит муҳайё ва такмил дода мешавад (аз ҷумла қоидаҳои ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ, тартиби қабул, азнавташкилдихи ва ғайра).

Функсияҳо ва сохтори ташкилию идоравии мақомоти иҷроияи бояд ба самтҳо ва сатҳҳои зикршудаи сиёсати саноатӣ мувофиқат кунанд, ки бояд дар мазмуни ислоҳоти маъмурие, ки ҳукумат таҳия мекунад, инъикос ёбад.

Ташаббусҳои муштараки технологӣ сохторҳои қонунӣ ба расмият даровардашуда мебошанд, ки барои иҷрои вазифаҳое, ки дар доираи платформаҳои технологӣ таҳия шудаанд, пешбинӣ шудаанд. Эҷоди ташаббусҳои муштараки технологӣ барои суръат бахшидан ба тавлиди донишҳои нав дар соҳаҳои технологӣ ва санҷидани имкониятҳои тиҷоратии технологияҳои таҳияшуда мусоидат мекунад.

Дар шароити кунунӣ дар Тоҷикистон гузариш ба модели инноватсионии рушди саноат як интихоби зарурии стратегӣ мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 227 қабул карда шуд ин метавонад дар давраи миёнамӯҳлат барои рафъи бӯҳрони истеҳсолӣ, таҷдиди сохтори саноат ва пур кардани бозор бо маҳсулоти рақобатпазир мусоидат кунад. Дар дарозмуддат чунин стратегия бояд ба мамлакат барои барқарор кардани мавқеи худ дар ҷомеаи кишварҳои пешрафта, ки дар маҷмӯи маҳсулоти умумии он ҳиссаи соҳаҳои технологияҳои олӣ айни замон мутаасифона дарки инноватсияҳои технологӣ аз ҷониби сохторҳои тиҷоратӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсияҳои технологӣ дар кишварҳои тараққикарда, ба монанди Германия (71,8 фоиз), Белгия (53,6 фоиз), Эстония - (52,8 фоиз), Финляндия (52,5 фоиз) ва Шветсия (49,6 фоиз) то 72 фоизро ташкил медиҳад. [9].

Масъалан дар Иттиҳоди давлатҳои Аврупо инструменти асосии сиёсати саноатӣ “Гурӯҳи сатҳи баланд” ба ҳисоб меравад.[7], платформаҳои технологии Аврупо.[7], ташабусҳои якҷояи технологӣ. [8]

Гурӯҳҳои сатҳи баланд мақомоти машваратӣ мебошанд, ки ба ҷонибҳои манфиатдор (корхонаҳои саноатӣ, кишварҳои узв ва ғ.) барои таҳияи қарорҳои стратегӣ дар татбиқи сиёсати саноат маслиҳат ва манфиатҳои худро пешниҳод мекунанд. "Платформаҳои технологии аврупоӣ" лоиҳаҳое мебошанд, ки ба тадқиқоти афзалиятнок, таҳия ва татбиқи технологияҳои пешқадам бо тамаркузи кӯшишҳо ва захираҳои муштарак нигаронида шудаанд. Барои эҷоди платформаҳои технологӣ бояд чунин меъёрҳо риоя карда шаванд: аҳамияти стратегӣ ва имконияти ба даст овардани натиҷаи мушаххас, фоидаи ҷамъиятӣ, имкони дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо ҷорӣ намудани технология ва ғайра.[4. с. 53–55].

Дар Ҷопон рушди саноат тавассути сиёсати маъмурии машваратӣ дар шакли имтиёзҳои андозӣ, қарзҳо, кафолатҳо, грантҳо, субсидияҳо, иҷозатномаҳо ва ғайра идора карда мешавад. Самтҳои афзалиятноки сиёсати саноатии Ҷопон соҳаҳои доништталаб: робототехника, нимноқилҳо, электроника мебошанд. Ғайр аз ин, тараққиёти саноат дар асоси нақшаҳои тараққиёти ичтимоию иқтисодӣ, ки харочот барои тараққиёти соҳаҳои алоҳида пешбинӣ карда шудаанд. Дар тараққиёти саноат дар Ҷопон органхои давлатӣ, ки сиёсати саноат ва савдо, амнияти энергетикӣ ва назорат мекунанд, нақши калон мебозанд.

Дар Кореяи Ҷанубӣ рушди саноат аз ҷониби мақомоти давлатӣ назорат карда мешавад, ки он ба Вазорати стратегия ва молия табдил дода шудааст, вазифаи он идоракунии сиёсати иқтисодӣ, андоз ва молиявӣ мебошад.[3].

Дар Ҷумҳурии Халқии Хитой саноатро нақшаҳои миллӣ танзим мекунанд. Давлат чунин воситаҳоро ба монанди қарздиҳии банкҳои давлатӣ барои амалиёти содиротӣ ва ба даст овардани технология, субсидияҳои пинҳонӣ ва ошкоро барои содирот, истифодаи боҷҳои ҳифзии маҳсулоти саноатии воридотӣ, амалияи додани бозори фурӯши маҳсулот ба корпорацияҳои хориҷӣ бар ивази он истифода мебарад. барои таъмин намудани технологиям пешқадам.

Кӯшишҳои асосии давлат ба азнавтақсимоти захираҳои молиявӣ ба манфиати сармояи миллии Чин ва ба даст овардани технологияҳои пешрафта аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳаллӣ бо мақсади тағйир додани вазъи кунунии майдони истеҳсолӣ ва бозори фурӯши ширкатҳои ғарбӣ ба мақоми нав нигаронида шудааст. Ҳамчун як бозингари мустақил. Илова бар ин, Чин ҳамчун шарики танҳо барои корхонаҳои бузург бо назардошти манфиатҳои давлат баромад мекунад.[5].

Давлат механизмҳои зерини таъсиррасониро ба рушди саноат татбиқ менамояд: имтиёзҳои андоз, субсидияҳо ва маблағгузории бевоситаи илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷалби инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ, лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти кории саноат [4].

Ҳамин тариқ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои пешрафта механизмҳои муассири танзимро дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ, буҷети солона, ҷорӣ намудани инноватсияҳо, тамаркузи нерӯ ва захираҳо ба технологияҳои калидӣ истифода мебаранд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки фоидаи ҳадди аксар ба даст оранд. технологияҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таҳкими рақобатпазирии миллӣ мусоидат мекунанд.

Адабиёт

1. Ahrens, N. (2013). China's industrial policymaking process. Center for Strategic & International Studies.

2. Агенство по статистике сообщает об увеличении количества индивидуальных предпринимателей в Таджикистане. ДУШАНБЕ, 28.04.2024. /НИАТ «Ховар»/.

3. Anderson A. Report to the President on Ensuring American Leadership in Advanced Manufacturing // Executive office of the President. 2011.

4. Вишневский В. П., А моша А., Збаразская Л. А., Охтень А. А., Череватский Д. Ю. Промышленная политика и управление развитием промышленности в условиях системных дисбалансов: концептуальные основы. Донецк, 2013. 180 с.

5. Вишневский В. П., Амоша А., Збаразская Л. А., Охтень А. А., Череватский Д. Ю. Промышленная политика и управление развитием промышленности в условиях системных дисбалансов: концептуальные основы. Донецк, 2013. 180 с

6. Васильева А., Гурвич Е., Субботин В. И все-таки нагрузка снизилась! // Эксперт. – 2008. – № 23. – С. 40–45.

7. Kalmuratov, B., & Bekturdiev, M. (2021). The Formation of Innovative Development Strategy in Competitive Environment of the Construction Industries. Bulletin of Science and Practice, 7(6), 336-344. (in Russian). https://doi.org/10.33619/2414-2948/67/

8. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020. Вазъи соҳаи инноватсионӣ банди 3. қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354 тасдиқ шудааст

ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОРИИ ТОҶИКИСТОН

Хоҷахонова Г.К. –ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. тел.: +992934600351

Дар мақолаи мазкур муаллиф рушди соҳаи иқтисодӣ аз ҷумла қонеъгардонии пурраи эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, идоракунии комплекси озуқаворӣ, бартараф намудани номувозинатиҳои мавҷудбуда ва мушкилоти бехатараии озуқавоиро таҳлил намуда, таъсири онҳоро ба сохтори иқтисодиёти бозорӣ нишон медиҳад. Муаллиф дар доираи ақидаҳои олимони ватанӣ мушкилоти асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро дар таъминоти бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии иқтисодии ҳамаи табақаҳои ҷамъият ба озуқаворӣ нишон дода, барои асоснок намудани низоми соҳаҳои иқтисодиёт, ки комплекси озуқавориро ҳамчун низоми ибтидои ташкил мекунад, барои татбиқи вазифаҳои гузошташуда, равона менамояд.

Калидвожаҳо: бехатарии озуқаворӣ, маҳсулоти озуқаворӣ, амнияти озуқаворӣ, иқтисодиёти бозорӣ, устувории иқтисодӣ, рушди устувор, бехатарии озуқаворӣ, дастрасии озуқаворӣ.

ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫЙ БЕЗОПАСНОСТЬ В РЫНОЧНЫЙ УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

Ходжаханова Г.К. - ассистент кафедры мировой экономики Таджикской государственной финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. тел.: +992934600351

В данной статье автор анализирует развитие экономической сферы, включая полное удовлетворение потребностей населения в продуктах питания, управление продовольственным комплексом, устранение существующих дисбалансов и безопасность пищевых продуктов, проблемы и показывает их влияние на структуру рыночной экономики. Автор показывает основные проблемы социально-экономического развития страны с точки зрения взглядов отечественных ученых на обеспечение продовольственной безопасности и экономической доступности продовольствия для всех слоев общества, стремясь обосновать систему отраслей экономики, организующую пищевой комплекс как исходная система, для реализации поставленных задач.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, продовольственные товары, продовольственная безопасность, рыночная экономика, экономическая стабильность, устойчивое развитие, продовольственная комплекс, наличие продовольствия.

FOOD SECURITY IN THE MARKET CONDITIONS OF TAJIKISTAN

Khojakhonova G.K. -assistant of world economy and international trade department of the Tajik State Financial and Economic University of Tajikistan (Dushanbe), tel.:+992934600351

In this article, the author analyzes the development of the economic sphere, including the full satisfaction of the population's needs for food products, the management of the food complex, the elimination of existing imbalances and food safety problems, and shows their impact on the structure of the market economy. The opinions of domestic scientists indicate the main problems of

the socio-economic development of the country in the provision of food safety and economic access to food for all sections of the society, and aim to justify the system of economic sectors, which organizes the food complex as an initial system, for the implementation of the assigned tasks.

Keywords: food independence, food products, food safety, market economy, economic stability, sustainable development, food safety, food availability.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби асосии сиёсати таъминоти озуқаворӣ таъмини рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ, яъне таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Бо баробари ин муътадилии тағйирёбии истеҳсолот метавонад танҳо дар асоси ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафти илму техника дар соҳаи аграрӣ, инчунин дар соҳаҳои таъминкунандаи он дастрас гардад.

Марҳилаи рушди устувор дар ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам таъминоти сатҳи баланди хоҷагии қишлоқро бо воситаҳои моддию техникӣ бо дарназардошти номгӯи васеъи онҳо дар назар дорад. Ҳамаи ин алоқаҳои муайяни истеҳсолоти кишоварзиро бо дигар соҳаҳо аз рӯи самти таъминот бо воситаҳои моддию техникӣ, ва ҳам таъминот бо ашёи кишоварзӣ ва коркарди онро тақозо менамояд.

Тибқи таҳлилҳо, дар давраи муосир 80% фондҳои асосии истеҳсолии хоҷагии қишлоқ аз ҳисоби таъминоти саноатӣ таъсис дода мешаванд. Дар таъминоти хоҷагии қишлоқ бо воситаҳои истеҳсолот тақрибан 90 соҳаҳо ва зерсоҳаҳои иқтисодиёт иштирок менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисми зиёди ашёи хоми кишоварзӣ, пеш аз ба соҳаи истеъмолот гузаштан ба коркарди саноатӣ фаро гирифта мешаванд. Тақрибан се ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар замони муосир ба соҳаи саноати коркард ворид гардида, танҳо 20% он бевосита ба соҳаи истеъмолоти шахсӣ равона карда мешавад.

Бо вуҷуди ин бо мурури замон афзоиши эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ, инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, густариши тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ташккулёбии низоми нави иқтисодиро ба миён овард, яъне комплекси озуқаворӣ, ки бо гурӯҳи соҳаҳои баҳамалоқаманд тавсиф карда шуда, аҳолиро бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин менамоянд.

Таъмини амнияти озуқаворӣ – ин таркиби комплекси агросаноатии мамлакат ба ҳисоб рафта, вазифаи асосии он қонеъгардонии эҳтиёҷоти на танҳо озуқаворӣ, балки дигар неъматҳои истеъмолӣ мебошад, ки аз ашёи хоми кишоварзӣ истеҳсол карда мешаванд.

Комплекси озуқаворӣ бо вазни қиёсии баланди хароҷот барои итсеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ фарқ мекунад.

Барои истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ то 70% ҳаҷми умумии хароҷоти меҳнат дар комплекси агросаноатӣ рост омада, қисмати боқимонда ба соҳаи саноати комплекси агросаноатӣ, пеш аз ҳама ба саноати озуқаворӣ мувофиқат мекунад. Вазни қиёсии зиёди хароҷоти меҳнат барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бештар ба истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ рост меояд (30,1%); барои истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ (28,3%); истеҳсоли нон ва маҳсулоти нонӣ, аз он ҷумла ба истеҳсоли орд, донагиҳо, маҳсулотҳои ордӣ (макарон) ва қаннодӣ дар маҷмӯъ (15-16%).

Раванди ҳамгироии хоҷагии қишлоқ бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт на танҳо тавлиди комплекси озуқаворӣ, балки ба ташаккулёбии зеркомплексҳоро дар сохтори он мусоидат менамояд.

Зеркомплекс – ин муттаҳид намудани соҳаҳо, зерсоҳаҳо, намудҳои фаъолияти баҳамалоқаманд аз ҷиҳати иқтисодӣ ва технологиро дар раванди истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар назар дорад.

Ҳамчун низоми истеҳсолӣ-иқтисодӣ, зеркомлпекси озуқаворӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиро ифода мекунад, ки дар шакли алоқамандиҳои байни соҳаҳои махсусгардонидашуда оид ба истеҳсоли намудҳои аниқи маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди он ба маҳсулоти истеъмолии ниҳоӣ ва то ба харидор бурда расонидани онҳоро дар назар дорад. Ҷудо намудани маҳсулоти зеркомплексҳо дар асоси чунин нишондодҳо амалӣ карда мешавад:

- хусусиятҳои минтақавии тараққиёти ин ё он соҳаҳо;
- дараҷаи якҷинсии истеҳсолоти маҳсулоти ниҳоӣ, ки бо истифодабарии намуди муайяни ашёи хоми кишоварзӣ алоқаманд мебошад;
- мавҷудияти алоқаи технологӣ ва иқтисодии зич байни соҳаҳои ба таври амуди ҳамгироӣ шуда.

Асоси ташаккулёбии зеркомлпексҳои озуқавориро махсусгардонӣ ташкил медиҳад, ки ҳамчун натиҷаи пешрафти илму техника баромад мекунанд.

Сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии комплекси озуқаворӣ бо мураккабии худ фарқият дорад. Ин комплекс бахшҳои давлатӣ ва кооперативӣ, хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро дар бар мегирад.

Ба инкишофи комплекс ва зиннаи асосии он – хоҷагии қишлоқ бо қувваи махсус равандҳои баҳамтаъсиррасонии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Сатҳи инкишофи он мӯътадилии иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатро муайян менамояд.

Комплекси озуқаворӣ сохтори бисёрҷабҳа дорад, ки мураккабии махсуси идоракунии тараққиёти онро ба миён меорад.

Ҳар як ҷиҳатҳои сохтори комлпекс, ба монанди соҳавӣ-функсионалӣ, озуқаворӣ, минтақавӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ бояд ҳангоми коркарди дурнамои инкишофи он ва муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти озуқаворӣ ба инобат гирифта шуданаш лозим аст.

Афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҳама соҳаҳои комплекси озуқаворӣ метавонад дар шароити азнавсозии идоракунии он амалӣ карда шавад. Чунин муносибат дар назар дорад, ки комплекси озуқаворӣ бояд ба таври расмӣ ва ташкилӣ ҳамчун объекти идоракунии мустақили идоракунӣ дар ҳама сатҳҳо ба расмият дароварда шавад. Дар ин росто механизми хоҷагидории он барои чунин ҳадафҳо нигаронида мешавад:

- дастарсии натиҷаи ниҳоӣ;
- беҳтаргардонии ҳамзистии принсипҳои идоракунии соҳавӣ ва минтақавӣ;
- барои мустаҳкамгардонии усулҳои иқтисодии идоракунӣ;
- ҳавасмандгардонии мустақилият ва ибтикороти коллективи меҳнатӣ;
- беҳтаргардонии ташкили меҳнат ва манфиатнокии моддии кормандон.


Хислати стратегии сиёсати аграрии минтақавӣ, ба ақидаи профессор Самандаров И.Х. бояд барои ташаккулёбии комлпекси озуқавории ягона бо дарназардошти дар сатҳи минтақавӣ ҷудо намудани “нуқтаҳои рушд” таъинот дошта бошад, яъне соҳаҳои рақобатпазири зеркомплексҳои агроозуқавории минтақавӣ, ки инкишофи онҳо тараққиёти низомро дар умум таъмин менамояд[5].

Идоракунии комплекси озуқаворӣ ҳамчун воҳиди яклухт имкон фароҳам меоварад, ки тағйирёбии таносубҳои ба миён омадаро бартараф намуда, сиёсати нисбатан чандирноки сохториро амалӣ намяд ва барои бартараф намудани номувозинатиҳои мавҷудбуда, инкишофи босуръати он зинаҳои комплекс, ки аз инкишофи онҳо дар марҳилаи муосир ҳалли мушкилоти озуқаворӣ вобаста бударо таъмин намояд. (расми 1).

Аз нуқтаи назари профессор Қудратов Р.Р. яке аз мушкилотҳои асосии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ин таъминоти бехатарии озуқавории мамлакат ва дастрасии

иқтисодии ҳамаи табақаҳои ҷамъият ба озуқаворӣ мутобиқи сохтори оқилона ва меъёрҳои истеъмолот ба ҳисоб меравад[8].

Ҳамин тавр, муайян намудани вазифаи мақсаднок бояд барои асоснок намудани низоми соҳаҳои иқтисодиёт, ки комплекси озуқавориро ташкил медиҳанд ибтидоӣ ба шумор рафта, барои татбиқи вазифаҳои гузошташуда равона карда мешаванд.



Расми 1. Мушкилоти таъмини бехатарии озуқаворӣ

Мо дар он ақидаем, ки мушкилоти озуқаворӣ хислати комплексӣ дошта, аз се унсур иборат мебошад:

- мустақилияти озуқаворӣ;
- бехатарии озуқаворӣ;
- озуқавории бехатар.

Дар шароити муосир мушкилоти бехатарии озуқаворӣ ин муаммо, бе муҳовот гуфтан мумкин аст, ки хислати ҷаҳонишавӣ дорад. Ин мушкилот дар ин ё он дараҷа дар назди ҳама кишварҳои ҷаҳон бе истисно қарор дорад, махсусан дар кишварҳои тараққикардаистода, аз сабаби норасогии иқтидори озуқаворӣ ва инкишофнаёфтани умумии комплекси агросаноатӣ ба назар мерасад. Бинобар ҳамин мушкилоти таъминоти бехатарии озуқаворӣ метавонад на танҳо дар сатҳи миллӣ, инчунин дар сатҳи ҷаҳонӣ мушоҳида карда шавад. Бо баробари ин оид ба бехатарии озуқаворӣ сухан ронда, масъалаи таъминоти бехатарии озуқавории минтақавиро низ қайд намудан зарур аст.

Ақидаҳои олимонро ба назар гирифта қайд кардан ҷоиз аст, ки бехатарии озуқаворӣ яке аз самтҳои асосии таъминоти бехатарии мамлакат дар дурнамои миёнамӯҳлат, ҳамзамон омили нигоҳдорандаи давлатдорӣ ва истиқлолият, таркиби зарурии сиёсати демографӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои татбиқи афзалиятҳои стратегии миллӣ, яъне баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ баромад мекунад.

Адабиёт

1. Азизов Ф.Х., Умаров Х.У., Устойчивое развитие аграрного сектора экономики//Монография. Издательство «Экономическое образование». Москва, 2018, С. 62-71.

2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солона. Душанбе – 2022, саҳифаи 21-26. Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти хонаводагӣ.

3. Барномаи рушди озуқаворӣ барои солҳои 2015-2020. ФАО (созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ). Соли 2014. –с 121-140

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2022, Душанбе, «Шарки озод», 2023

5. Самандаров И.Х. Материалы международная научно-практическая Конференция «Концептуальные вопросы улучшения благосостояния населения»// Формирование социальной инфраструктуры-важный фактор развития сельских территорий. РУ. Термез - 2019г.

6. Продовольственная безопасность и бедность: информационный бюллетень. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе, 3 квартал 2011 г. С. 75-146 (http://stat.tj/ru/img/47a59275519273b17834815c7e8d0585_13238 60788.pdf).

7. Устойчивое развитие сельских территорий: вопросы стратегии и тактики. М.: Росинформагро- тех, 2004. 310 с.

8. Қудратов Р.Р. Проблемы обеспечения продовольственной безопасности в условиях малоземелья и трудоизбытоычности. Москва., МАКС Пресс., 2005, стр.214

9. Шарипов, С. Б. Основные направления углубления интеграционных процессов в рамках ШОС / С. Б. Шарипов // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 1(30). – С. 267-273. – EDN HKFFNQ.

10. Содиков, М. С. Особенности развития торгово-экономических отношений Республики Таджикистан в рамках ШОС / М. С. Содиков, С. Б. Шарипов // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 2(26). – С. 62-70. – EDN NKMYHK.

КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ - АСОСИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Ҳамидова М. М. - муаллимаи калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 907-18-40-04.

Муаллиф дар мақола корхонаҳои саноатӣ, ки асоси рушди иқтисоди миллии давлатҳои тараққикардаро ташкил намудааст мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамзамон нишондиҳандаҳои асосии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил кардааст. Бо рушди муносибатҳои бозорӣ арзёбии вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ аҳамияти калон пайдо мекунад, зеро он робита ва таъсири мутақобилаи намудҳои гуногуни хавфҳои молиявиро инъикос мекунад. Натиҷаи таъсири манфии онҳо паст шудани сатҳи даромаднокӣ, устувории молиявӣ, қобилияти пардохт, фаъолияти соҳибкории субъекти хоҷагидорӣ мебошад.

Калидвожаҳо: корхонаҳои саноатӣ, вазъи молиявӣ, устувории молиявӣ, саноат, рақобатпазирӣ, сатҳи даромаднокӣ.

ПРОМЫШЛЕННЫЕ ПРЕДПРИЯТИЯ – ОСНОВА РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Хамидова М.М. – старший преподаватель кафедры менеджмента Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 907-18-40-04.

В статье автор исследовал промышленные предприятия, составившие основу развития национальной экономики развитых стран. При этом он проанализировал основные показатели промышленных предприятий Республики Таджикистан. С развитием рыночных отношений оценка финансового положения хозяйствующих субъектов приобретает важное значение, поскольку отражает взаимосвязь и взаимодействие различных видов финансовых рисков. Результатом их негативного воздействия является снижение уровня рентабельности, финансовой устойчивости, платежеспособности, деловой активности экономического субъекта.

Ключевые слова: промышленные предприятия, финансовое положение, финансовая устойчивость, промышленность, конкурентоспособность, уровень рентабельности.

INDUSTRIAL ENTERPRISES ARE THE BASIS OF THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

Hamidova M.M. – Senior Lecturer, Department of Management, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe Highway, Nakhimov Street 64/14. Phone: 907-18-40-04.

In the article, the author examined industrial enterprises that formed the basis for the development of the national economy of developed countries. At the same time, he analyzed the main indicators of industrial enterprises of the Republic of Tajikistan. With the development of market relations, the assessment of the financial position of economic entities is becoming important, since it reflects the relationship and interaction of various types of financial risks. The result of their negative impact is a decrease in the level of profitability, financial stability, solvency, business activity of an economic entity.

Keywords: industrial enterprises, financial position, financial stability, industry, competitiveness, level of profitability.

Дар байни сохахои истехсолоти моддӣ саноат чои асосиро ишгол мекунад. Ва ин тасодуфӣ нест. Саноат яке аз бузургтарин музаффариятхои тамаддун мебошад. Давлати муосир бидуни саноати хеле тараккикарда ва дониш талаб наметавонад бой, обод, тавоно, худтаъминкунанда ва бонуфуз бошад.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ - пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимову иҷтисодӣ мебошад.

Саноат яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди мамлакатҳо ва тавлидкунандаи асосии неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, рушди он ба пешрафти бахшҳои дигари иқтисодиёт заминаи мусоид мегузорад ва нуфузу мавқеи давлатро дар арсаи байналмилалӣ устувор менамояд. Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ 26 декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии мамлакат саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон карданд.

Устувории рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳури бештар аз вазъи молиявии корхонаҳое, ки дар қаламрави он фаъолият мекунанд, вобаста аст. Равандҳои ислоҳот, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён доранд, дар рушди молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ пурра инъикос меёбанд. [6,с.16.].

Дар соҳаҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулоти инвеститсионӣ, молҳои истеъмолӣ пешбинӣ шудаанд, ки барномаҳои истеҳсолии онҳо хусусан дар асоси имкониятҳои молиявии мизоҷон ва талаботи самарабахши аҳолӣ ташаккул меёбанд, истеҳсолоти саноатӣ дар тӯли солҳо тағирёбии бештаре дорад.

Таҳти таъсири озодии нархҳо, тиҷоратикунонӣ, ки тақрибан ҳамаи соҳаҳоро дар бар мегирифт, вазъи молиявии иштирокчиёни фаъолияти молиявию иқтисодӣ боқӣ мемонад, баъзан зиддиятнок аст ва ислоҳоти идомадошта то ҳол боиси рафъи бӯҳрон ва гузариш ба рушди динамикӣ нашудаанд. [3,с.43.].

Дар замони муосир вобаста ба талабот ва пешрафти тараққиёт соҳаҳои энергетика, химия ва металлургияи ранга асоси тахассуси истеҳсолоти саноатиро дар Тоҷикистон ташкил менамоянд. Дар Тоҷикистон саноати мошинсозӣ ва металлкоркунӣ аз солҳои собиқ Ҳокимияти Шӯравӣ инкишоф ёфтааст. Ҳоло ин соҳа 758 корхонаи таъмиркунӣ ва мошинсозиро дар худ муттаҳид мекунад. Ҳама ин корхонаҳо бо истеҳсоли маҳсулоти гуногун махсус гардонида шудаанд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида саҳми соҳаи саноат дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ аз 12,1 фоизи соли 2014 ба 17,4 фоиз дар соли 2020 расонида шуд.

Рушди саноат ва истеҳсолоти миллӣ бо истифодаи ашёи хоми ватанӣ метавонад ба таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, гардиши дохилии молу маҳсулот, устувории низоми иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ ба таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ мусоидат намояд.

Вобаста ба ин, бахши коркарди ашёи хом ва то маҳсулоти ниҳоӣ расонидани он дар ҳамаи бахшҳои соҳаи саноати мамлакат яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, дар ин самт чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

Зарур аст, ки захираҳои дохилӣ — ашёи хоми мавҷуда то ба маҳсулоти истеъмолӣ расонида шуда, давра ба давра талаботи дохилӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ таъмин карда шавад. Ин тадбир дар баробари пешгирии хуруҷи асъори хориҷӣ давлати воридкунандаро бомаром ба давлати содиркунандаи маҳсулоти ниҳоӣ табдил дода, инчунин вобастагии мамлкатро аз таъсири омилҳои беруна коҳиш медиҳад. Дар сурати ноустуворӣ дар бозорҳои беруна, муътадилии низоми иқтисодӣ, аз ҷумла нархҳои маҳсулоти асосӣ дар бозори дохилӣ нигоҳ дошта мешавад. Айни ҳол, шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2274 адад расида, тибқи ҳадафҳои муайянгардида ин корхонаҳо ба маблағи беш аз 60 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

Аз ҷумла: дар ВМКБ 19 корхона, вилояти Хатлон 42 корхона, вилояти Суғд 91 корхона, дар ноҳияҳои тобеи марказ 39 корхона ва дар Душанбе 62 корхона ба истифода дода шуд. Ҳамчунин дар соли 2024 дар Тоҷикистон 251 корхонаи саноати ба фаъолият шурӯъ намуд. Ин нишондиҳанда натиҷаи хуби иқтисодӣ дар соли 2023 ва аввали соли 2024 гардид. Аз ин бар меояд, ки саноат яке аз соҳаи асосии иқтисодиёти мамлакат буда, қисми зиёди даромади миллиро ташкил медиҳад.

Истеҳсолоти саноатӣ назар ба дигар соҳаҳои иқтисод, аз ҷумла кишоварзӣ тадриҷан рушд намуда, саҳми он дар таъмини шуғли аҳолӣ, содироти маҳсулот, афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар маҷмӯъ рушди иқтисодии кишварҳо нақши бузург пайдо кардааст. Марҳилаҳои аввали ташаккули соҳаҳои саноат асосан ба давлатҳои ИМА ва Аврупои ғарбӣ рост омада, дар натиҷаи аз доираҳои миллӣ берун омадани истеҳсолоти саноатии ин мамлакатҳо рушди он дар дигар кишварҳо низ шурӯъ шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои заминаҳои воқеии рушди саноат, аз ҷумла захираҳои бойи табиӣ, қувваи корӣ, манбаҳои кофии энергияи сабз, мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, мавҷудияти

бозорҳои дохиливу хориҷӣ, иқлими мусоид барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар омилҳои пешбарандаи истеҳсолоти саноатӣ аст, ки барои тараққиёти босуръати тамоми бахшҳои он, бахусус саноати маъдан ва металлургия, мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, саноати сабук, хӯрокворӣ, дорусозиву кимиё ва дар ин замина ба рушди истеҳсолоти миллӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки баъди як қатор тадбирҳо дар корхонаҳои ин соҳа аз қисмҳои эҳтиётии мошину тракторҳо сар карда, то таҷҳизот ва дастгоҳҳои мураккаби бофандагӣ, мошинҳои хоҷагии қишлоқ, таҷҳизот барои муассисаҳои хизмати маишию савдо ва ғайра маҳсулот низ истеҳсол менамоянд.

Саноати Тоҷикистон серсоҳа ва инкишофи комплексӣ дошта, бо техникаю технологияи ҳозирзамон ҷиҳозонида шудааст. Дар ҳайати он бештар аз 90 соҳаҳои гуногун ва намудҳои истеҳсолӣ ҷамъ оварда шудаанд. Ҳангоми гузариш ба муносибатҳои бозарӣ ва хусусӣ гардонидани як қатор корхонаю муассисаҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои муштарак бо ҳамкорию дастгирии сармоягузорони дохилию хориҷӣ таъсис ёфтанд. Айни замон аз миқдори умумии корхонаҳои саноатии мамлакат 945 корхонаи ғайридавлатӣ, 156 ҷамъияти саҳҳомӣ ва 48 корхонаи муштарак ба қайд гирифта шудааст.

Соҳаҳои саноати Тоҷикистон ба хусусиятҳои мақоми нав мутобиқ шуда, дар доираи чорабиниҳои ташкилию техникии илман асоснокшуда, ки самаранокии истеҳсолотро бо устувории занҷири арзиши иловашуда ва баланд бардоштани дараҷаи коркарди маҳсулот аз ашё то ба маҳсулоти тайёр таъмин карда метавонад, фаъолият менамояд.

Мувофиқи хулосаи мутахассисони соҳа, вазъи соҳаи мошинсозӣ дар кишвар ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз солҳои 2000 - ум сар карда, рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар ин давра истеҳсоли зиёда аз 20 номгӯйи маҳсулоти нав, ба монанди трактор, мошинолот, профилҳои алюминийи рӯйпӯшшуда, арматураи сохтмонӣ, кунҷакҳои металлӣ, сими металлӣ, трансформаторҳои гуногун, ноқилҳои рӯйпӯшшуда, профилҳо ва зарфҳои пластмассӣ, ду намуд девори пенопролистиролӣ, қуттӣ барои мева ва сабзавот, гранули пластмассӣ, меҳҳои сохтмонии андозаашон гуногун, симтӯрҳои металлӣ ва амсоли инҳо ба роҳ монда шудааст. Мутаасифона баъзе аз корхонаҳои мошинсозии Тоҷикистон то ҳол фаъолияти пурра надоранд, ин корхонаҳо барои фаъолият намудан ба соҳибкорон ба иҷора дода шуда, имрӯз ҳамчун анбори маҳсулоти воридотӣ истифода мешаванд ва як қисми онҳо ба соҳибкорон барои ташкили коргоҳҳои хизматрасонӣ супорида шудаанд. Яке аз чунин корхонаҳо собиқ заводи яхдонбарории «Помир» мебошад, ки соли 1964 ба истифода супорида шуда, иқтидори истеҳсолии солонаи он истеҳсоли 176 ҳазор яхдонро дар бар мегирифт. Корхона аз 7 коргоҳ иборат буда, майдонҳои истеҳсолӣ ва ёрирасони он, дар маҷмӯъ, масоҳати 3,5 гектарро ташкил мекард. Пас аз хусусигардонӣ соҳибмулкони қаблӣ натавонистанд истеҳсолу фурӯши яхдонҳоро ба шароиту талаботи бозорӣ мутобиқ гардонанд. Мисоли дигар, Ҷамъияти саҳҳомии «Корхонаи арматурбарорӣ»-и шаҳри Душанбе мебошад, ки иқтидори лоиҳавии солонаи он коркарди 30 ҳазор тонна чӯян ва латуну алюминийро ташкил медод. Корхона соли 2006 хусусӣ гардонида шуда, аз соли 2007 то соли 2015 дарҳои оҳанӣ ва конструксияҳои металлӣ истеҳсол карда, қисме аз ҷойҳои кориро нигоҳ дошт.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди соҳаҳои мазкур аз 1 марти соли 2019 «Барномаи рушди соҳаи металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025» қабул гардид.

Дар Тоҷикистон барои рушди ин соҳаҳо ташкил намудани корхонаҳои саноати кӯҳӣ дар заминаи ашёи хоми маъдани кӯҳӣ ва истеҳсоли металҳои рангаю нодир яке аз соҳаҳои махсусгардонидашудаи хоҷагӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба талаботи маҳсулоти саноат ва

муносибатҳои бозорӣ соҳаҳои асосӣ дар ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот мавқеи хосро металлургияи ранга ишғол мекунанд, ки он 49,5 фоизро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо тамоюли болоравӣ дорад. Корхонаҳои «Зарафшон», «Пакрут», «Заринк» бо коҳиши ҳаҷми истеҳсоли тилло, ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ – саноатии Тоҷикистону Хитой» ба хокаи бойгардондашудаи руҳу мис ва корхонаи муштараки «Анзоб» ба хокаи сурма маълум аст. Маълум мегардад, ки бо истифода аз тамоми имконияти мавҷуда дар соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо дар кишвар ба 13,5 миллиард сомонӣ мерасад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа 32,1 фоизи ҳаҷми маҳсулоти умумии корхонаҳои саноатии кишварро ташкил медиҳад. Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли тилло - 115 фоиз, хокаи сурб – 144 фоиз, хокаи руҳ - 148 фоиз, хокаи сурма – 100,1 фоиз ва сурмаи металлӣ – 139,3 фоиз зиёд карда шуд.

Дар назар бояд дошт, ки танҳо тавассути ба роҳ мондани коркарди ашёи хом дар кишвар ва истеҳсоли металлҳои ранга арзиши баланди иловагӣ ба даст оварда, иқтидори содиротии кишварро ба таври назаррас афзоиш додан мумкин аст. Дар солҳои истиқлол дар соҳаи саноати маъдан 35 корхона, аз ҷумла 23 корхонаи истихроҷу коркард, 8 корхонаи заргарӣ ва 7 корхонаи истихроҷу коркарди сангҳои қимматбаҳо ва ороишӣ таъсис дода шудааст.

Ҳамин тариқ, соҳаҳои ояндадори мамлакат саноати коркарди металлургияи сиёҳ, ранга, мошинсозӣ ва химия мебошанд, ки ба истеҳсоли алюминийи аввалия, коркарди металлҳои сиёҳ ва ранга, истеҳсоли техникаи гуногун, тракторҳо, мошинолоти кишоварзӣ, автобусҳо дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсоливу электротехникӣ, маҳсулоти пластикӣ, маводи таркандаи саноатӣ, истеҳсоли таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётӣ барои хатҳои технологии истеҳсоли маъдан ва семент ба роҳ монда шудааст. Аҳамияти соҳаҳои мазкур барои кам кардани вобастагии кишвар аз маҳсулоти воридотӣ, таъмини соҳаҳои гуногун бо техникаи зарурӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва диверсификатсияи (гуногуншаклии) истеҳсолоти саноатӣ бисёр муҳим мебошад.

Адабиёт

1. Бадалова, А.Г. Управление рисками предприятий: практический инструментарий для менеджеров / А.Г. Бадалова. - М.: Янус-К, 2014.
2. Вяткин, В. Н. Управление риском в рыночной экономике / В.Н. Вяткин, Д, Хэптон, В.А. Гамза. - М.: Экономика, 2012. - 195 с.
3. Данилов, Н. Ф. Экономический анализ деятельности предприятия : курс лекций / Н. Ф. Данилова, Е. Ю. Сидорова. - М.: Экзамен, 2016.
4. Дж. К. Ван Хорн. Основы управления финансами: Пер. с англ. - М.: Финансы и статистика, 2006.
5. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016 - 2020, с 76 – 113.
6. Ковалев, В.В. Финансовый анализ: Управление капиталом. Выбор инвестиций. Анализ отчетности / В.В. Ковалев. - М.: Финансы и статистика, 1995. - 245 с.
7. Нуров Ш.С., Бегматов А.А., Сафаров Б.Г. //Идораи хавфҳои молиявӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе ДДМИТ 2019 – 320 – саҳ.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ 1991 – 2020 – 720 – саҳ

9. Қодиров, Ф. А. Ташаккули идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ - асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва рақобатпазирӣ / Ф. А. Қодиров, У. Ш. Халилзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 497-505. – EDN JVEORW.

10. Мирзоева, Е. Ш. Опыт развитых стран в формировании инновационной инфраструктуры промышленных предприятий / Е. Ш. Мирзоева // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 1(40). – С. 48-54. – EDN DJIZSH.

ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ МАҚОМОТИ ГУМРУК

Мираков Қ. М. – номзади илмҳои техникӣ,дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734041, ш. Душанбе, кӯчаи Б.Гафуров 48/1, ҳуҷраи 42.Тел. моб. 918941220. E-mail: mirakov54@mail.ru

Асрориддинзода Ф.А.– ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.Тел. моб. 909222223.

Муаллифон дар мақола муҳимияти такмили қонунгузории гумрукиро зарур ва саривақтӣ мешуморанд. Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки мақомоти асосиро дар таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд. Хамзамон, дар фаъол сохтан ва муайян намудани самтҳои асосии пешбурди соҳаи гумрук нақши калидиро Конвенсияҳои байналмилалӣ мебозанд.

Ба андешаи муаллифон санадҳои зикргардида заминаи ниҳоии таҳияи барномаю нақшаҳои рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат мебошанд.

Калидвожаҳо: шартномаҳо, созишномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории ягона, фаъолияти гумрукӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ҷиноятҳои гумрукӣ, транзити гумрукӣ, боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, танзими ғайритарифӣ ва шахси воқеӣ.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАМОЖЕННОГО ОРГАНА

Мираков К.М. – кандидат технических наук, доцент кафедры таможенного дела ТГФЭУ. Адрес: 734041, г. Душанбе, улица Б.Гафурова 48/1, кв.42. моб.тел. 918941220, e-mail: mirakov54@mail.ru

Асрориддинзода Ф. А.– ассистент кафедры таможенного дела ТГФЭУ. Адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Моб.тел. : 909099249. E-mail:

В статье авторы считают важность совершенствования таможенного законодательства необходимым и своевременным. В частности, отмечается, что ведущее место в правовом обеспечении таможенной деятельности принадлежит Таможенному кодексу Республики Таджикистан. При этом международные конвенции играют ключевую роль в активном создании и определении основных направлений развития таможенного сектора.

По мнению авторов, указанные законодательные акты являются окончательной основой для разработки программ и планов развития таможенных органов Республики Таджикистан на среднесрочную и долгосрочную перспективу.

Ключевые слова: договоры, международные договоры, единое законодательство, таможенная деятельность, административные правонарушения, таможенные преступления, таможенный транзит, таможенные пошлины, налоги, нетарифное регулирование и физическое лицо.

IMPROVING THE LEGISLATION OF THE CUSTOMS AUTHORITY

Mirakov K.M. – Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Customs activities of TSUFE. Address: 734041, Dushanbe, B. Gafurov street 48/1, apt. 42. Mobile: 918941220, E-mail: mirakov54@mail.ru

Asroriddinzoda F.A. - Teacher of the Department of Customs activities, TSUFE. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Mobile: 909099249. E-mail:

In the article, the authors respectfully believe that customs legislation is modern and timely. In particular, it is noted that the leading place in the legal support of customs activities belongs to the Customs Code of the Republic of Tajikistan. At the same time, international conventions play a key role in the active creation and determination of the main directions for the development of the customs sector.

According to the authors, these legislative acts are the final basis for the development of programs and plans for the development of the customs authorities of the Republic of Tajikistan for the medium and long term.

Keywords: treaties, international treaties, unified legislation, customs activities, administrative offenses, customs crimes, customs transit, customs duties, taxes, non-tariff regulation and an individual.

Фаъолияти савдои хориҷӣ шакли қадима тараққикардаи муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, то ба замони мо инкишоф ёфта омада расида аст. Айни ҳол тиҷорати савдои мамлакатҳо дар шаклу усулҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Ҳар як давлат бо мақсади танзими вазъи иқтисодии худ аз роҳу усулҳои гуногун истифода бурда, кушиши баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти дохилӣ ва баланд бардоштани потенсиали содиротиро пеш мегирад. Ин чунин маъно дорад, ки шароити имрӯзаи ҷаҳони муосир кушиши рафъи аз байн бурдани сатҳи камбизоатии аҳолии давлатҳои сусттаракқикардаро дорад.

Заминаи асосии ба мақсад расидан дар ичрои вазифахои муайянгардида ин дуруст ва дар сатҳи баланди касбӣ таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мебошад. Чунончи, дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ. Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои нави иқтисодӣ мақсаду вазифаҳои мақомоти гумрукро ба куллӣ тағйир додааст. Мақомоти гумрук ба яке аз сохторҳои марказӣ ва муҳими кишвар табдил ёфта, ба сиёсати иқтисодии кишвар фаъолона таъсир расонида, саҳми бузургро дар ташаккули буҷет мегузорад.


Қонунгузории ягонаи гумрукӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳокимияти ичроия иборат мебошад.

Дар таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ мақоми асосиро Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд, ки он 3 декабри соли 2004 қабул гардида аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор дода шудааст.

Мавриди амал қарор гирифтани таҳрири нави Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйироту иловахо ба он, заминаҳои зарурӣ барои ташаккули базаи ҳуқуқии амалан нави фаъолияти гумрукии ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ, ҳамчунин шароит барои муайян намудани афзалиятҳои рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам овардааст. Инчунин, Кодекси нави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, санади меъёрии ҳуқуқии

амалкунандаи мустақим ба шумор рафта мавқеи мақомоти гумрукро муайян мекунад ва муносибатҳои ҳуқуқии байни мақомоти гумрук ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба танзим медарорад. Ин имконият медиҳад, ки меъёрҳои он пурра ба фаъолияти гумрукӣ вобаста буда мустақиман дар амал истифода шаванд. Ин санади муҳими меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ пеш аз ҳама ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти гумрук ва шахсонеро, ки молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳанд, муайян мекунад. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни ватании фаъолияти иқтисодии хориҷӣ шахсоне мебошанд, ки молу воситаҳои нақлиётро тавассути сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳанд. Мутаносибан, дар Кодекси гумрук ҳолатҳое, ки мустақиман ба фаъолияти гумрукӣ дахл надоранд, дохил нагардидаанд. Масалан, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва тартиби татбиқи ҷазо барои онҳо, ҷиноятҳои гумрукӣ ва тартиби таҳқиқи чунин ҷиноятҳо ва ғайра.

Навгониҳои муҳиме, ки дар санади меъёрии ҳуқуқии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуданд дар нақшаи 1 нишон дода шудаанд.



Нақшаи 1. Навгониҳои муҳими дар санади меъёрии ҳуқуқии гумрукӣ дохилгардида

Инчунин, навгониҳои муҳими дигаре, ки ба Кодекси гумрук илова шудаанд ин:

- сода гардонидани тартиби арзкунии низоми транзити гумрукӣ, озод кардани молҳои транзитӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва истифодаи тадбирҳои танзими ғайритарифӣ;
- пешбинӣ гардидани истифодаи васеъи технологияҳои иттилоотӣ барои ба мақомоти гумрук фиристодани маълумот бо тарзи электронӣ мебошанд.

Бо мақсади иҷро намудани талаботи Созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба содагардонии расмиёти савдо дар Кодекси гумрук боби 81 -танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, яъне иштирокчии боэътимоди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, илова карда шудааст. Ворид гардидани боби нав санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мақомоти гумрукро ба принсип ва меъёрҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва содагардонии расмиёти гумрукӣ мутобиқ гардонида, ҷиҳати кам кардани монеаҳои маъмурию техникӣ ҳангоми интиқоли мол ва ба афзоиш ёфтани гардиши мол заминаи мусоид фароҳам меорад.

Мутобиқи талаботи байналмилалӣ гурӯҳи шахсони ҳуқуқии ватание ташкил мешавад, ки расмиёти содагардонидашудаи махсуси барасмиятдарории гумрукиро истифода мебаранд ва ба “рӯйхати сафед” ворид мешаванд. Ба иштирокчии боэътимоди бозор, ки ба “рӯйхати сафед” ворид мешавад ва дар Кодекси гумрук танзимгари ваколатдори иқтисодӣ номгузорӣ гардидааст, дар раванди барасмиятдарории гумруки содагардониҳои махсус пешниҳод карда мешавад. Чунончи,

 дар навбати аввал анҷом додани амалиёти гумрукӣ вобаста ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ;

 гузаронидани назорати гумрукӣ дар шакли азназаргузаронии гумрукӣ ё муоинаи гумрукӣ;

 нигаҳдории муваққатии мол дар биноҳо, майдончаҳои кушода ва дигар ва дигар ҳудудҳои худи танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

 иҷозати мол то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ;

 пешниҳод накардани таъмини иҷрои уҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми ҷойгир намудани мол таҳти расмиёти гумрукии транзити дохилии гумрукӣ.

Бо ҷорӣ гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нави гумрук масъалаҳои зерин ҳалли худро ёфтаанд:

 қонунгузории гумрукии Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалии соҳа мутобиқ гардонида шудааст;

  барасмиятдарории гумрукӣ сода ва зудиҷрошаванда гардидааст;

 таъсири омилҳои маъмурӣ дар танзими интиқоли молу воситаҳои нақлиёт паст карда шудааст.

Барои иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ содагардонӣ ва зудиҷрошавандагии барасмиятдарории гумрукӣ аҳамияти махсус дорад.

Суст гардидани фишори маъмурӣ ба онҳо аз тарафи мақомоти гумрук ва маъмуригардонии хадамоти гумрук ба таври зерин аҳамиятнок мебошад:

 маҳдуд гардонидани ҳуқуқи талаб намудани ҳуҷҷатҳои нав ва маълумотҳое, ки дар онҳо тартиби барасмиятдарории гумрукӣ барои ҳамаи даврaҳо аз гузариш аз сарҳад то иҷозати мол мутобиқи низоми гумрукӣ;

 маҳдуд намудани муҳлати барасмиятдарории мол то се рӯз, аз рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ, ҳамзамон аз рӯзи пешниҳод намудани мол;

 муқаррар гардидани имкониятҳои баровардани молҳо, то баохир расидани барасмиятдарории гумрукӣ, истифодаи расмиёти содагардонидашудаи махсуси барасмиятдарории гумрукӣ барои ашхоси алоҳида;

 дохил намудани ҷиҳатҳои муҳимтарини истифодабарии шартҳои идоракунии таваккал ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ, ки онҳо фаъолияти интихобии корманди гумрукро дар асоси таҳлили хавфҳо барои муайян намудани борҳо, воситаҳои нақлиёт, ҳуҷҷатҳо ва ашхосе, ки таҳти тафтиш қарор доранд ва дараҷаи ин тафтишро муайян мекунанд.

Дар солҳои қаблӣ Қонун «Дар бораи тарифи гумрукӣ» яке аз санадҳои асосии низоми гумрукию тарифӣ ба шумор мерафт. Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ сохтори тарифҳо, намудҳои боҷҳои гумрукӣ, тартиб ва усули ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, шароитҳои амалиёти муҳимтарини тиҷоративу иқтисодӣ ва амалҳои бо инҳо алоқаманди субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ, имтиёзҳо ва сабукихои тарифӣ муқаррар шуда буданд. Пас аз мавриди амал қарор гирифтани Кодекси нави гумрук муқаррароти асосии Қонуни дар боло зикршуда ба он дохил карда шуд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигаре, ки самтҳои асосии фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян месозанд, Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумрук барои солҳои 2020-2024 мебошанд [1,2,3].

Таҳлилҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки татбиқи мукаммали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташаккули системаи муосири таъминоти манфиатҳои давлат дар соҳаи

фаъолияти гумрукӣ, муқовимати муассири ба таҳдидҳои барои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон хатаровар, ҳаллу фасли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди барои фаъолияти доираҳои тиҷоратӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро таъмин хоҳад намуд.

Адабиёт

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31октябри соли 2008 таҳти № 525 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон».
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, № 537 «Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024».
3. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: КВД «Матбаа»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020. - 437 саҳ.
4. Фармоиши Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009 таҳти № 36 «Оид ба тасдиқ намудани Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон».
5. Мираков Қ.М. Назария ва амалияи фаълияти гумрук.Китоби дарсӣ// Қ.М.Мираков, А. Б.Муминов, О.Д.Шомудинов. –Душанбе: Матбааи “Баҳманруд”, 2020. -472 с.
6. Маҷаллаи «Гумрук», Нашрияи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 4 (12), 2022. Саҳ. 7 – 8.
7. Раҳмонов М. И. Расмиёти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Дастури таълимӣ/М.И.Раҳмонов. -Душанбе: Нашриёти ҶДММ «Сармад-Компания», 2010. – 192 саҳ.

ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мирзоев С.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Эраҷи М. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Юнусов Б.Д. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба вазъи ҳуқуқии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллифон баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигиро аз ҷониби субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ саривақтӣ ва зарурӣ меҳисобанд. Муаллифон ҷалби бештари субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсиро ба дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад ва рушди муносибатҳои соҳа меҳисобанд.

Калидвожаҳо: Конститутсия, хоҷагии ёрирасони шахсӣ, аъзои оила, шаҳрванд, эҳтиёҷоти худ, замин, ҳуқуқ, маърифати ҳуқуқӣ, қонун.

ПРАВОВОЙ СТАТУС ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЛИЧНОГО ПОДСОБНОГО ХОЗЯЙСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Мирзоев С.А. - кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, Таджикский государственный финансово-экономический университет

Эраджи М. - ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, Таджикский государственный финансово-экономический университет

Юнусов Б.Д. - ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, Таджикский государственный финансово-экономический университет

Данная статья посвящена правовому статусу деятельности личного подсобного хозяйства в Республике Таджикистан. Авторы считают своевременным и необходимым повышение правовой грамотности в вопросах эффективного использования земель приусадебного хозяйства субъектами личных подсобных хозяйств. Авторы рассматривают вовлечение большего числа субъектов личного подсобного хозяйства в понимание сущности норм Конституции и действующего законодательства Республики Таджикистан в соответствии с целью и развития отношений в этой отрасли.

Ключевые слова: Конституция, личное подсобное хозяйство, член семьи, гражданин, собственные нужды, земля, право, правовое просвещение, закон.

LEGAL STATUS OF ACTIVITY PERSONAL HARMLESS FARMING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Mirzoev S.A. - candidate of Law, associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Tajik State Financial and Economic University

Eraji M. – assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Tajik State Financial and Economic University

Yunusov B.D. - assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Tajik State Financial and Economic University

This article is devoted to the legal status of private farming activities in the Republic of Tajikistan. The authors consider it timely and necessary to increase legal literacy in matters of effective use of homestead lands by subjects of personal subsidiary plots. The authors consider the involvement of a larger number of subjects of personal subsidiary farming in understanding the essence of the norms of the Constitution and the current legislation of the Republic of Tajikistan in accordance with the purpose and development of relations in this industry.

Key words: Constitution, personal subsidiary plot, family member, citizen, own needs, land, law, legal education, law.

Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ҷумла тибқи моддаи 13 Конститутсия замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Мазмуну мундариҷаи моддаи мазкур ва асоси конститутсионӣ-ҳуқуқӣ доштани истифодаи самараноки замин вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани он дар қисми 1-и моддаи 9 лоиҳаи Кодекси замин чунин муқаррар шудааст: Замин ҳамчун дигар боигариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва ҳуқуқи ихтиёрдории он танҳо ба давлат тааллуқ

дорад, давлат истифодаи самараноки заминро ба манфиати халқ кафолат медиҳад [5, с. 31]. Муқаррароти мазкур саривақтӣ буда барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истифодабарандагони замин мусоидат хоҳад кард.

Ҳадафи асосии сиёсати ҳуқуқии кишвар масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар робита бо расидан ба мақсадҳо ва вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд аз ҷумла волоияти қонун ба ҳисоб меравад.

Ҳамасола Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 ироа гардид, ки дар замони соҳибистиқлолӣ 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба зиёда аз 1 миллиону 420 ҳазор оилаи кишвар барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда шуд, ки қисми асосии он ба оилаҳои ҷавон рост меояд. Ҳолати мазкур ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа ба ҳисоб рафта яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат дониста мешавад, зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд [7, санаи мурочиат: 26.10.2024].

Аз ин ҷо бар меояд, ки аҳолии кишварро зарур аст маърифати ҳуқуқии оқилонаю самаранок истифодабарии заминҳои таъиноти гуногунро аз мади назар дур насозанд ва ба онҳо эҳтиромона муносибат намоянд.

Яке аз субъектони истифодабарандаи замин шаҳрвандоне мебошанд, ки бо ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки қитъаи заминро бо мақсади хоҷагидорӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода мебаранд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими хоҷагии ёрирасони шахсиро қитъаи замин ҳамчун заминаи асосии фаъолияти он ташкил дода, хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳз қитъаи заминро истифода намуда, маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол менамояд. Барои ташкилӣ хоҷагии ёрирасони шахсӣ аввалан тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷудо намудани қитъаи замин зарур мебошад. Пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бе истифодаи қитъаи замин ғайриимкон аст, чунки замин дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сифати воситаи асосии истеҳсолот баромад менамояд [6, с. 76].

Дар ин росто аз ҷониби субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ доштани маърифати ҳуқуқии истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигиро саривақтӣ ва зарурӣ меҳисобем.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” аз санаи 08 декабри соли 2003 хоҷагии ёрирасони шахсӣ хоҷагиест, ки бо меҳнати шахсии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ гардонидани худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар пеш бурда мешавад.

Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, дар м. 2 Қонуни ФР «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 7 июли соли 2003, №112 ФЗ [2] пешбинӣ гардидааст, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ шакли фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ оид ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Беларус “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон” аз 11 ноябри соли 2002 чунин омадааст: “Хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон - шакли фаъолияти меҳнатӣ – хоҷагидорӣ оид ба истеҳсоли

маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки бо истифодаи қитъаи замини бо ҳамин мақсад мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи ҳифз ва истифодаи замини додашуда асос ёфтааст”.

Хоҷагии ёрирасони шахсӣ хоҷагиест, ки бо меҳнати шахсии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ асос меёбад. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ субъекти мустақили хоҷагидориест, ки субъектони он шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ ба ҳисоб меравад, яъне хоҷагии оилавӣ аст. Дигар шаҳрвандоне, ки аъзои оилаи шаҳрванд набуда, бо онҳо якҷоя зиндагӣ намекунанд аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ шуда наметавонанд. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар фаъолияти худ корманди кироя ҷалб карда наметавонад, чунки қонун ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ имконияти ҷалби корманди кирояро ба фаъолияти хоҷагидории хоҷагии мазкур пешбинӣ накардааст.

Мақсади хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсол намудани маҳсулоти кишоварзӣ ва қонгеъ намудани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тибқи мафҳуми зикршуда самти асосии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳсуб меёбад ва тавассути ин шаҳрванд эҳтиёҷоти худ ва аъзои оилаи худро бо озуқаворӣ ва дигар эҳтиёҷот таъмин менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ баъзе аз хусусиятҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешкаш карда мешавад. Ба ақидаи Н.Н. Веденин пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин фаъолият оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Ин хусусият онро аз дигар намудҳои соҳибкории инфиродӣ, ки ба соҳаи кишоварӣ дахл надоранд, фарқ мекунонад. Чун қоида пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо меҳнати шахсии аъзои ин хоҷагӣ асос меёбад ва воситаи асосии истеҳсолотро қитъаи замин, ки моликияти шаҳрванде мебошад, ки фаъолияти хоҷагиро пеш мебарад, ташкил медиҳад [3, с. 95].

Мувофиқи қисми якуми моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” шаҳрвандони қобили амали Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шах-сӣ дар сурати бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи замин ба истифодаи меросии якумра ё бемуҳлат гирифтани қитъаҳои замин ҳуқуқ пайдо мекунад.

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсиро танҳо шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳуқуқ ба ташкили чунин хоҷагиро надоранд. Ин Қоида аз муқаррароти м. 71 КЗ ҶТ бармеояд, ки мувофиқи он қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон аз ҷониби ҷамоати деҳот, шаҳрак ва шаҳрҳо мутобиқи қарори раисони шаҳр, ноҳия, вилоят ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ваколаташон, ки КЗ ҶТ муқаррар намудааст, ҷудо карда мешаванд. Муқаррароти мазкур танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигиро додааст. Ҳамчунин, аз меъёрҳои м. 11 ва 12 КЗ ҶТ низ муаян мегардад, ки ин намудҳои ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин танҳо ба шаҳрвандони ҶТ дода мешавад. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қобили амал бошад. Мувофиқи м. 22 КМ ҶТ қобилияти амалкунии шаҳрванд ин барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи маданӣ, барои худ муқаррар намудани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ ба миён меояд.

Шаҳрвандоне, ки дар деҳот муқими зиндагӣ менамоянд, ҳуқуқ доранд ба мақомоти дахлдор ҷиҳати аз фонди ягонаи замини давлатӣ ҷиҳати ҷудо намудани қитъаи замин барои ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ муроҷиат намоянд.

Қитъаи замин барои ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз ҳисоби заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҷудо карда мешавад. Барои ҷудо кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ

ба ҷамоъатҳо ва ҷамоъатҳо ба раиси ноҳия (шаҳр) муроҷиат менамоянд. Раиси ноҳия (шаҳр) тибқи салоҳияташ барои ҷудо намудани замин қарор қабул менамояд. Шаҳрвандони сокини шаҳр ва шаҳракҳо дар заминаи қитъаи замине, ки барои истифодаи меросии якумра ё бемуҳлат тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гирифтаанд, ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсиро доранд. Субъекти ҳуқуқ ба гирифтани китъаи замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахисӣ ҳар як шаҳрванд ҳамчун аъзои оилаи хочагии ёрирасони шахсиро пешбаранда ё худи хоҷагии ёрирасони шахси ҳамчун субъекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқии кишоварзӣ шуда метавонанд [1, с. 62].

Мувофиқи қисми якуми моддаи қонуни зикргардида қитъаи замин ба шаҳрванд барои ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз ҳисоби фонди ягонаи давлатии замин дар намудҳои зерин дода мешавад.

– қитъаи замин барои истифодаи бемуҳлат;

– қитъаи замин барои истифодаи меросии якумра.

Қитъаи замини наздиҳавлигӣ. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ, одатан дар шафати манзили истиқоматӣ ва ҳамчунин имкон дорад дуртар аз он воқеъ бошад. Қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон аз ҷониби ҷамоъати деҳот, шаҳрак ва шаҳрҳо мутобиқи қарори раисони шаҳрҳо, ноҳияҳо, вилоятҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҷудо карда мешаванд. Дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ бунёди сохтмони бинои истиқоматӣ, иморату иншоот ва шинонидани дарахто ни бисёрсола мумкин аст. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин барои сохтмони бинои истиқоматӣ, биноҳо, иншоотҳои шаҳрӣ, сохтмон, экологӣ, санитарӣ, сӯхтор ва дигар қоидаҳо истифода бурда мешавад.

Масоҳати ниҳоии қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва замини иловагӣ, ки барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҷудо карда мешаванд, мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи замин муқарар мегардад. Масоҳати ниҳоии қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар қ. 2 м 71 КЗ ҶТ ва қитъаи замини иловагии хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар қ. 2 м. 71 КЗ ҶТ пешбинӣ гардида аст. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба андозаи то 0, 12 гектар аз заминҳои обӣ ва ба андозаи то 0,25 гектар аз заминҳои обёршаванда, дар ноҳияҳои навкорам ва кӯҳӣба андозаи то 0,15 гектар аз заминҳои обӣ ва ба андозаи то 0,40 гектар аз заминҳои обёршаванда, ки масоҳати сохтмонҳо ва ҳавлӣ ба ҳамин ҳисоб дохил мешаванд, дода мешавад [8, с. 70].

Масоҳати ниҳоии қитъаи замини таъиноти гуногун дар лоиҳаи Кодекси нави замин чунин муқаррар шудааст:

1. Қитъаи замин ба оилаҳо барои ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо ҳуқуқи истифодабарии бемуҳлат, бе ҳуқуқи бегонакунӣ аз заминҳои корами обӣ то 0,15 гектар ва аз заминҳои обёринашаванда то 0,50 гектар дода мешавад (моддаи 113 лоиҳаи Кодекси замин).

2. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон барои бунёди хонаҳои истиқоматӣ ба андозаи то 0,8 гектар, ки масоҳати сохтмонҳо ва ҳавлӣ ба ҳамин ҳисоб дохил мешаванд, дода мешавад (моддаи 121 лоиҳаи Кодекси замин).

Яъне дар дар лоиҳаи Кодекси нави замин додани қитъаи замин барои ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз 0,40 гектар то 0,50 гектар дар маҷмӯъ муқаррар шудааст. Барои додани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон бошад аз 0, 12 гектар ба 0,8 гектар муқаррар шудааст, ки масоҳати сохтмонҳо ва ҳавлӣ ба ҳамин ҳисоб дохил мешаванд.

Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳуқуқ доранд дар моликияти худ молу мулк дошта бошанд, молу мулкро мерос гузоранд ва васият намоянд, ҳамроҳи дигар шаҳрванд ва шахсони ҳуқуқӣ шахси ҳуқуқӣ таъсис намоянд, ҳар гуна аҳди хилофи

қонуннабударо анҷом диҳанд ва уҳдадорию ҳуқуқҳои дигари молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ долшта бошанд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри соли 2023 бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668, ба имзо расид [9, санаи мурочиат: 26.10.2024].

Мақсад аз ба тавсиб расидани фармони мазкур, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумла субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (аз ҷумла субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ) дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Бинбар сабаби надоштани маърифати ҳуқуқии истифодабарии самараноку оқилонаи замин дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон баъзе ҳолатҳо ҳуқуқвайронкуниҳо ба чашм мерасад.

Аз ҷумла таҳлилҳои омории шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон нишон медиҳанд, ки дар давоми се моҳи аввали соли 2024 аз тарафи нозирони давлатии истифода ва ҳифзи замни шаҳру ноҳияҳои вилоят 1412 ҳолати вайронкунии қонунгузории заминро дар майдони умумии 3977,02 гектар ошкор намуда, барои дар маҳал бартараф намудани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории замин дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1412 дастур, 1261 протоколу қарорҳои ҷаримабандӣ ба маблағи 690274 сомонӣ қабул карда, ба суратҳисоби махсуси Кумитаҳои идораи замини шаҳру ноҳияҳо 511100 сомонӣ ворид шудааст, ки 74 фоизи ҷаримаҳои басташударо ташкил медиҳад [4, с. 36].

Ҳолати мазкур аз дарк накардани моҳияти моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Қайд кардан бо маврид аст, ки муносибатҳои вобаста ба замин оид ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва низоми ҳуқуқии чунин заминҳо тибқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла моддаи 13 Конститутсия), Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 712), меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ва дигар қонунгузории дахлдори соҳа ба танзим дароварда мешаванд.

Хулоса дар натиҷаи таҳлилҳои мушаххаси болозикр ба чунин андеша омадан мумкин аст:

1. Нақши маърифати ҳуқуқӣ дар пешгирии содиршавии ҷиноятҳо дар соҳаи заминистифодабарӣ (аз ҷумла риояи ҳамаҷонибаи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ ин чунин шакли маҳдудкунандаи рафтор мебошад, ки дар он рафтори зиддиҳуқуқӣ қатъ, маҳдуд ва нест мегардад. Аз ин лиҳоз, барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ (аз ҷумла субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ) дар шароити муосир, пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад, мувофиқи мақсад ва саривақтӣ мебошад.

2. Ҷалби бештари шаҳрвандон аз ҷумла субъектони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба дарки моҳияти моддаи 13-и Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа аз ҷумла

заминистифодабарӣ ва азбар намудани онҳоро мувофиқи мақсад ва рушди муносибатҳои соҳа меҳисобем.

3. Дар лоиҳаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори мафҳумҳои асосӣ мафҳуми қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсиро ба чунин маъно овардан мувофиқи мақсад меҳисобем: “Қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо меҳнати шахсии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ гардонидани талаботи худ ва эҳтиёҷоти дигар истифода бурда мешавад”.

Адабиёт

1. Бакирова Р.Т . Правовое регулирование деятельности личных подсобных хозяйств: дис. … канд. юрид. наук. – Оренбупг,2006. – С. 62.

2. В ред. Федеральных закон от 22. 07. 2008. - №141 – ФЗ, от 23. 07. 2008. - №160 – ФЗ, ОТ 30.12.2008. -№302 – фз, от 21.06.2011. -№147 –ФЗ.

3. Веденин Н.Н. Аграрное право. –М., 2000.- С. 95.

4. Диловар Пирзода. Ҳадаф ба роҳ мондани истифодаи мақсадноки замин // Маҷаллаи “Сарзамин” №43 январ-март. 2024. С. 36.

5. Исмаилов Ш.М. О реализации конституционных норм о земле // «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (13 октябри соли 2023). – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. С. 31.

6. Одиназода Ш.Х. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминистифодабарӣ дар фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ // «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (13 октябри соли 2023). – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. С. 76.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 26.10.2024).

8. Соҳибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Кодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Тафсири Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи хочагии ёрирасони шахси» : нашри аввал (тафсири оммавию илми ва амалӣ) // Зери тахрири Саидзода И.Х., директори Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ , дотсент. – Душанбе: «ЭР- граф», 2022- С.70.

9. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 // Ҷумҳурият [Манбаи электронӣ] – URL: https: // jumhuriyat.tj/uato/2334-tavzeot-ba-farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-soli-marifati-uu-jelon-namudani-soli-2024-az-30-dekabri-soli-2023-668.html (санаи муроҷиат: 26.10.2024).

РУШДИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР 33 - СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Начмиддиниён Ш.Н. - ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, ноҳияи Сино маҳаллаи Нахимов 64/14. E-mail: shamsullonajmiddinov@gmail.com Телефон: 937370572.

Қурбонов А.В. - ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, ноҳияи Сино кучаи Нахимов 64/14/ E-mail:kurbonovaliah...@gmail.com Телефон:988939910

Дар мақолаи мазкур муаллиф бештар ба ҳалли масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ , таъсири соҳа дар рушди иқтисодии кишвар, инчунин марҳилаҳои таърихии ташаккури фаъолияти гумрукӣ дар 33-соли истиқлолият диққат дода, тамоюли устувори расмиёти гумрукӣ ва назорати гумрукӣ таҳлил карда шуда, таваҷҷӯҳи давлату ҳукумат ба рушди фаъолияти гумрукӣ нишон дода шуда аст.

Калидвожаҳо: Истиқлолият, пойдевор, девон, ором, фаъолияти гумрукӣ, СИАЯ, АСИКУДА, гумрукҳо ва монанди инҳо.

РАЗВИТИЕ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ В 33-Й ГОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Наджмиддинян Ш.Н. - ассистент кафедры таможенной деятельности Государственного университета финансов и экономики Таджикистана. Адрес: ш. Душанбе, район Сино, микрорайон Нахимова 64/14. E-mail: shamsullonajmiddinov@gmail.comТелефон: 937370572.

Курбанов А.В. - ассистент кафедры таможенной деятельности Государственного университета финансов и экономики Таджикистана. Адрес: ш. Душанбе, район Сино, микрорайон Нахимова 64/14. E-mail:kurbonovaliah...@gmail.com Телефон:988939910

В данной статье автор уделяет большее внимание решению вопросов таможенной деятельности, влиянию отрасли на экономическое развитие страны, а также историческим этапам таможенной деятельности за 33 года независимости, устойчивой тенденции Проанализированы таможенные процедуры и таможенный контроль, показано внимание государства и правительства к развитию таможенной деятельности.

Ключевые слова: независимость, основание, деван, мир, таможенная деятельность, СИАЯ, АСИКУДА, таможня и тому подобное.

DEVELOPMENT OF CUSTOMS AUTHORITIES IN THE 33RD YEAR OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Nadjmiddinyan Sh.N.- Assistant of the Department of Customs Activities of the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: Dushanbe highway, Sino district, Nakhimov microdistrict 64/14 E-mail: shamsullonajmiddinov@gmail.com Phone: 937370572.

Kurbanov A.V.- Assistant of the Department of Customs Activities of the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: Dushanbe highway, Sino district, Nakhimov microdistrict 64/14. E-mail:kurbonovaliah...@gmail.com Phone:988939910

In this article, the author pays more attention to the solution of customs issues, the impact of the industry on the economic development of the country, as well as the historical stages of customs activities over 33 years of independence, a stable trend. Customs procedures and customs control are analyzed, the attention of the state and government to the development of customs activities is shown.

Keywords: independence, foundation, devan, world, customs activities, SIAYA, ASICUDA, customs, etc.

Дар таърихи навини тоҷикон 9- сентябри 1991 расман Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки он барои миллати тоҷик ҷашни муқаддас ба ҳисоб меравад.

Сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор аз он доранд, ки 33 сол қабл нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, ки имрӯз дар як фазои обод, орому осуда ва зери сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ пешвои миллат кору фаъолият намуда истодаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромаду суханрониҳои хеш Истиқлолиятро бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллӣ номида, аҳамияти ин масъалаи муҳимро баён менамоянд. Мардумро барои чун гавҳараки чашм ҳифзу нигоҳдории он роҳнамоӣ карда, истиқлолро тантанаи адолати таърихӣ ва идомаи силсилаи давлатдории чандинҳазорсолаи ниёгонамон ва пайвастани он ба оини далатдории навини миллиамон меноманд. Маҳз Истиқлолият ба мо имконият фароҳам оварда, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии хешро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем.

Бояд қайд намуд, ки пайдоиши гумруку ташакулёбии фаъолияти гумруки марҳилаҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст. Агар ба таърих назар андозем, мебинем, ки ҳанӯз дар асрҳои 6 7 пеш аз мелод фаровонии мол, заминҳои ҳосилхези киштбоб, захираҳои маъдании Осиёи Миёна боиси фаъол гардидани муносибатҳои тиҷоратӣ гардиданд, ки он вақтҳо дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна ягона гузаргоҳи гумрукии назораткунандаи мол аз сарҳади гумруки дар Иттиҳоди Шуравӣ ин дидбонгоҳи гумрукии Тирмиз буд. [1, с.113]

Инчунин 7 апрели соли 1987 Шуъбаи оперативии назоратии гумрукии "Панҷи Поён" таъсис дода шуд, ки аз ҷиҳати маъмурӣ ба гумруки Тирмиз тобеъ буд. Роҳбарии воҳидҳои номбурдаи гумрукӣ бевосита аз ҷониби Саридораи давлатии гумруки назди Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал бароварда мешуд.Ҳамин тариқ, 22 январи соли 1992 бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №14 Саридораи назорати гумрукӣ дар назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки асоси хадамоти гумруки имрӯзаро ба миён гузошт. Тибқи қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили фаъолияти Саридораи назорати гумрук ва воҳидҳои сохтории он тасдиқ карда шуд, ки шумораи умумии кормандони мақомоти гумрукӣ ҷумҳурӣ 242 нафарро ташкил дод. Дар ибтидо сохтори дастгоҳи марказии Саридораи назорати гумрукии назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз роҳбарият, котибот, як идораи ташкили назорати гумрукӣ, шуъбаи мубориза бар зидди қоҷоқ ва вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ ва як қатор шуъбаҳои ёрирасон ибо рат буд. Дар ин давра даҳҳо корхонаҳои муштарак таъсис дода шуда, зиёда аз 800 иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба қайд гирифта шуданд, ки дар муддати кӯтоҳ ҳаҷми мубодилаи молро даҳҳо маротиба афзун гардониданд. [2, с.86]

Баъд аз ин, 22 июни соли 1993 бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №228 масъалаҳои Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, Саридораи гумруки назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон таъғири ном кард. Низомномаи Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав тасдиқ карда шуд. Мутобиқи он ба зиммаи Кумитаи мазкур вазифаи таҳия ва тадбиқи сиёсати ягонаи гумрукӣ, таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмил ва фаъолияти самарабахши услуби гумрукӣ гузошта шуд. Дар баробари тағйиротҳои куллӣ шумораи кормандони мақомоти гумрук то 985 нафар расонида шуд.

Кумитаи давлатии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 1994 ба Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Маоши хизматӣ ва пардохтҳои дигари пулии роҳбарон, шахсони мансабдор ва ҳайати кории Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки 22 июни соли 1993 барои Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда буданд, нигоҳ дошта шуд. Тибқи талаботи қонунгузории соҳаи гумрук роҳбарии умумӣ ба фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардид. Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармоиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24уми январи соли 2002, таҳти №745 ба Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд ва он то 30 ноябри соли 2006 фаъолият намуд.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2006, таҳти №9 то инҷониб Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Дар асоси тағйиротҳои сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия Низомнома, сохтори Дастгоҳи марказӣ ва Нақшаи идоракунии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, шумораи ниҳоии кормандони Хадамоти гумрук ба 1030 нафар расид.

Инчунин мутобиқи моддаи 461 Кодекси гумрук сохтори мақомоти гумрук чунин муайян шудааст:

- Мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои гумрукӣ;
- Раёсатҳои минтақавии гумрукӣ;
- Гумрукхо;
- Дидбонгоҳҳои гумрукӣ.

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ аз 5-раёсатҳои минтақавии гумрукӣ иборат мебошад. Аз ҷумла, Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе, Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Хатлон, Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Турсунзода, Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд, Раёсати минтақавии гумрукӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. Миқдори умумии Гумрукхои дохила 18 – адад, гузаргоҳҳои автомобилӣ 25-адад, гузаргоҳҳои роҳи оҳан 4-адад, гузаргоҳи дарёӣ 1-адад, гузаргоҳҳои ҳавоӣ 5-адад, дидбонгоҳҳои гумрукии дохила 21-адад ва дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадӣ 37-ададро ташкил медиҳад.

Ташкили мақомоти махсуси ваколатдор дар соҳаи гумрук барои Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол дастоварди бузургӣ давлатӣ аст. Зеро ҳимояи истиқлолият, таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватани ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат инчунин мубориза бар зидди қочоқ маҳз бар дӯши мақомоти гумрук гузошта шудааст. [4, с.89]

Бояд зикр кард, ки дар тамоми давраҳои фаъолияти гумрукӣ ба Кодекси гумрук 3-маротиба таъғиру иловаҳо ворид гардидааст. Аз ҷумла, 25- ноябри соли 1992, 5- ноябри соли 1995 ва 3 -декабри соли 2004 қабул гардида, аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор гирифтааст.

Кодекси нави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси меъёрҳои умумиэътирофшудаи умумибашарӣ ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия гардида, барои рушди такомули соҳа марҳилаи нав ба шумор меравад. Дар амал ҷорӣ гардидани Кодекси нав, яке аз омилҳои асосии инкишофи иқтисодиёти кишвар гашта, барои қисман пур кардани буҷаи кишвар, фаъолгардонии соҳибкорӣ ва тиҷорат, инчунин, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Бо мақсади рушди фаъолияти минбаъдаи мақомоти гумрук ва аз байн бурдани монеаҳо ва гузаштан ба тадбиқи технологияи иттилоотии коммуникатсонӣ дар Хадамоти гумрук ба роҳ мондани СИАЯ ва Равзанаи ягона дар даврони соҳибистиқлоли падидаи нав мебошад.

Системаи (СИАЯ) мазкур шабакаи бовариноқ ва ҳимояшавандаи интиқоли маълумотро дар назар дошта, сохтани инфрасохтори ягонаро байни воҳидҳои сохтории минтақавии гумрукӣ ва Дастгоҳи марказии Хадамоти гумрук бо ташкили дастрасии истифодабарандагон ба захираҳои марказии дорои маҳзани маркази маълумот ва таъминоти барномавӣ дар бар мегирад.

Дар баробари ин, дар Хадамоти гумрук Корхонаи воҳиди давлатии Маркази "Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ" фаъолият менамояд. Низоми мазкур дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати суръат бахшидан ба фаъолияти мақомоти гумрук роҳандозӣ гардид.

Яке аз тадбирҳои маъмулие, ки ба рушди тиҷорати байналмилалӣ мусоидат мекунад, ташаккули механизми "Равзанаи ягона" мебошад, ки тавассути он иттилло ва ҳуҷҷатҳои тиҷоратие, ки барои иҷрои расмиёти давлатии марбут ба воридот, содирот ва транзит зарур мебошанд, ба низом як маротиба тариқи шабакаи ягона ворид мешаванд.

Бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо солҳои 2008-2013 ҷиҳати иштирок дар низоми "Равзанаи ягона" мақомоти соҳавӣ бо таҷҳизоти техникӣ таъмин шуда, аз тарафи ширкати "Интрасофт"и Юнон шакли аввалияи таъминоти барномавии низом таҳия гардид.

Аз соли 2013 дар доираи лоиҳаи "Ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ оид ба беҳтар намудани хизматрасониҳои наздисарҳадӣ", ки маблағгузораш Бонки Осиёгии Рушд аст, таҳлили қонунгузории соҳавӣ, механизм ва расмиёти маъмурии дохили идоравии Агентии "Тоҷикстандарт", Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Хадамоти алоқа, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молия, Палатаи савдо ва саноат ва дигар мақомоти ваколатдор оид ба додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, инчунин, талаботи техникӣ ҷиҳати таҳияи низоми иттилоотӣ коммуникатсионии дар боло зикр шуда аз ҷониби ширкати машваратии байналмилалии "Кроун Эҷентс"и Британияи Кабир ба анҷом расонида шуд. [5, с.134].

Дар ин замина шакли ниҳоии низом бо маҷмуи амалҳое, ки мақомоти ваколатдор бояд барои қабули дархост аз иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, мубодилаи иттилоот ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳию сертификат анҷом диҳанд, аз тарафи ширкати барномасози "АйЮНетворкс"и Арманистон омода гардида, давраи пилотии ҷорисозии он моҳи ноябри соли 2019 оғоз гардида буд.

Чунин низом дар минтақаи Осиёи Марказӣ нахустин таҷрибаи гузаштан ба усули электронӣ дар самти тиҷорати беруна маҳсуб ёфта, дар як макон дастрас кардани 22 ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз 11 мақомоти давлатию ҷамъиятӣ таҷрибаи муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҷорӣ намудани низоми "Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти гумрукии содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, таҳти №410 тасдиқ шудааст. Тибқи қарори мазкур аз 1 сентябри соли 2020 ин низом мавриди истифодаи расмӣ қарор дода шуд.

Тавре аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд " Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳамкорист ва ҳар пешниҳоде, ки дар арсаи минтақавӣ ва ё байналмилалӣ манзур мекунад, қобили ҳамкорист". [6, с.140].

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Созмони Умумиҷаҳонии Гумрукӣ ва иштирокчии зиёда аз 100 конвенсияҳои байналмилалӣ, шартномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ, байниидоравии бисёрҷониба ва дуҷониба дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мебошад. Сарчашмаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалӣ инҳо ба шумор меравад:

-Конвенсияи байналмилалӣ оид ба соддагардони ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото, соли 1973);

-Конвенсияи Киото аз 25 сентябри соли 1974 амал менамояд, равандҳои ҷаҳонишавӣ зарурияти ҳамоҳангсозии муқаррароти

-Конвенсияи мазкурро ба воқеия ти ҷаҳони муосир ба миён овард.

Аз ин рӯ, 26 майи соли 1999 дар ҷаласаи навбатии СУГ таҳрири нави Конвесияи Киото қабул гардид. Таҳрири нави Конвенсия по принсипҳои зерин асос меёбад:

Истифодаи самараноки системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳо дар расмиёти гумрукӣ;

Такмили усулҳои назорати гумрукӣ, гузаронидани онҳо дар асоси идораи таваккал;

Ҳамкории ҳамаҷонибаи мақомоти гумрук бо дигар мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои тиҷоратӣ, байналмилалӣ ва мутақобилаи хадамоти гумрук.

Конвенсияи гумрукӣ оид ба интиқоли байналмилалии бор бо истифодаи китобчаи боркашонии байналмилалии автомобилӣ (соли 1975 бо тағйиру иловаҳои соли 1997) аз 20 марти соли 1978 амал мекунад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори беш аз 50 давлати дунё аъзои Конвенсияи мазкур мебошад. Конвенсия интиқоли борро тавассути ҳама намуди нақлиёт аз гумруки маҳалли фиристонидани бор то гумруки таъйиноти мамлакати аъзо ба танзим медарорад. Моле, ки бо риояи қоидаҳои боркашонии байналмилалии автомобилӣ интиқол дода мешавад, дар гумрукҳои мобайни аз пардохти боҷҳои воридотӣ ва содиротӣ, инчунин, аз муоинаи гумрукӣ озод аст.

Конвенсия дар бораи воридоти муваққатии мол соли 1990 бо мақсади соддагардонии воридоти муваққатии молу воситаҳои нақлиёт қабул шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он моҳи декабри соли 1996 аъзо гардидааст.

Конвенсия байналмилалии ҳамоҳангшудаи тавсиф ва рамзгузории молҳо (соли 1983) ба имзо расида аз пешгуфтор, 20 модда ва замимаҳо иборат аст. Низоми ҳамоҳангшудаи тавсиф ва рамзгузории молҳо мавқеъ, зермавқеъ ва зер-зермавқеъи мол, рамзҳои рақамии онҳо, эзоҳи фасл, гурӯҳ ва инчунин, қоидаҳои асосии таснифро дар бар мегирад. Ҳуҷҷати мазкур давлатҳои аъзоро вазифадор менамояд, ки номгӯи омори гумрукии худро бо низоми ҳамоҳангшуда мувофиқ созанд. Давлатҳои рӯ ба тараққӣ метавонанд татбиқи зермавқеъҳои низом ё қисми онҳоро ба муҳлати зарурӣ тамдид намоянд.

Конвенсия байналмилалӣ оид ба ҳамкории мутақобила дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ (Конвенсияи Найроби, соли 1977) ба давлатҳои аъзо имкон медиҳад, ки дар самти ҳимояи иқтисодиёти миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба роҳ монанд. Конвенсия аз 21 майи соли 1980 мавриди амал қарор дорад ва беш аз 40 давлати дунё онро ба тасвиб расонидааст.

Конвенсия оид ба таъсиси Шурои ҳамкориҳои гумрукӣ соли 1950 17 давлати Аврупо дар Брюссел Конвенсияро оид ба таъсиси Шурои ҳамкориҳои гумрукӣ имзо карданд. Вазифаи Шурои ҳамкориҳои гумрукӣ аз инҳо иборат буд;

Ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шуро дохиланд. Конвенсия оид ба таъсис Шурои ҳамкориҳои гумрукӣ 4 ноябри соли 1952 мавриди амал қаррор гириф. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия мазкур соли 1997 ҳамроҳ шуд. Алҳол ба Созмони Умумиҷаҳонии Гумрукӣ 174 давлати дунё, аз ҷумла давлатҳои ИДМ аъзоанд ва беш аз 90 % гардиши тиҷорати ҷаҳонӣ ба давлатҳои аъзои Конвенсия рост меояд.

Дар баробари ин, бо дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ба монанди Иттиҳоди Иқтисодии Авру Осиё, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук, Иттиҳоди Аврупо “Бомка/Кадап”, Иттиҳоди Аврупо “ Трасека”, Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ “USAID”, Агентии Ҷопон оид ба рушди байналмилалӣ (JICA), Созмони

амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Раёсати Созмони Миллали Муттаҳид оид ба мубориза бо маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ (UNODC), Бонки Осиёии Рушд, Ҳукумат ва департаменти давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (giz) ҳамкориҳои судманди байналмилалиро ба роҳ мондааст.

Инчунин бо мақсади тадбиқи сиёсати гумрукӣ, барои автомати кунонии интиқоли ҳуҷҷату маълумотҳо ва дар сатҳи баланд бароҳ бондаи амалиётҳои гумрукӣ “Созишнома доир ба пешниҳод ва гузариш ба низоми нави гумрукии АСИКУДА ва амалишавии ислоҳоти гумрукӣ”, ки санаи 22 июни соли 2022 миёни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфиренсияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба Савдо ва Рушд, масъалаҳо доир ба тадбиқи ҳадафҳо вобаста ба Лоиҳаи АСИКУДА-и Ҷаҳонӣ, аз ҷумла андешидани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори кадрии кормандони мақомоти гумрук, ширкатҳои брокерӣ ва дигар иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таҳияи системаи нави иттилоотӣ, содагардонии равандҳои тиҷоратӣ тариқи рақамикунонии онҳо ва бароҳ мондани ҳамкориҳо созишномаи дутарафа ба имзо расонида шуд. Инчунин, дар рафти муҳокимаи масъалаҳо оид ба пешрафт ва дурнамои лоиҳа ба нақша гирифта шудааст.

Адабиёт

1. Мираков Қ.М.Назария ва амалияи фаъолияти гумрукӣ (Китоби дарсӣ), - Душанбе: нашриёти “Баҳманруд”, 2020. – 472 с.

2. А.Х. Катаев, П.Ф. Нидоев, Системаи гумрукӣ дар дастгирии инфрасохтор Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Монографияи илми), - Душанбе “Ирфон”, 2010, 156 с.

3. П.Ф. Нидоев., Мафҳумҳо ва қоидаҳои асосӣ дар фаъолияти гумрукӣ (Воситаи таълимӣ). – Душанбе: “Ирфон”, 2011, 196 с.

4. Нидоев. П.Ф., Ҷаборова А.С. Ташкил ва идоракунӣ дар мақомоти гумрук (Воситаи таълимӣ - методӣ) Душанбе: “Ирф

РУШДИ ИЛМИВУ ТЕХНОЛОГИИ МУҶТАМАЪҲОИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нуриддинова М.И. - н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail: nuriddinova-1970@mail.ru

Дар мақола оид ба ташаккулёбии методикаи стратегияи рушди илмӣ-техникӣ ва технологии комплекси саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафта, аз ҷониби муаллифон оид ба марҳилаҳои ташаккулёбии стратегияи рушди илми-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа гардидаанд. Дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми коркарди стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пайдарпайии мантиқии татбиқшавӣ бояд ба инобат гирифта шавад, чун он заминаи асосии системаи банақшагирии стратегии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Умуман мафҳуму мундариҷаи стратегия бояд мураккаб набошад, ҳамчунин раванди ташаккули барномаҳои дар заминаи стратегия омода шаванда низ сода ва дастрас бояд бошанд ва бояд танҳо фарогири масоили мубрам ва мушаххаси технологияҳои афзалиятнокро дар бар гиранд. Бо дарназардошти он, ки фаъолияти инноватсиониву илмӣ ва технологӣ тамоми соҳаҳои иқтисодиётро фарогирӣ менамояд, ба ташаккули системаи идоракунии равандҳои илмиву технологӣ диққати махсус додан зарур аст. Зеро дар омодасозии чунин асноди муҳим ба монанди стратегияи рушд, барномаҳои рушди соҳаҳо ва масоили онҳо, иштироки васеъи кормандони илмӣ, ниҳодҳои

марбута, муассисаҳои олии таълимӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазоратҳо ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ зарур мебошад. Танҳо дар ҳолати ҳамаҷониба ва дар якҷоягӣ ба коркарди онҳо диққат додан ба мақсадҳои стартегӣ ва рушди соҳаҳо ноил гардидан имконпазир мегардад.

Калидвожаҳо: Стратегияи рушди саноат, рушди техникӣ-технологӣ ва илмӣ, саноат, марҳилаҳои рушд, ташаккулёбӣ, татбиқ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои соҳавӣ, барномаҳо, инноватсия, муҷтамаъҳои саноатӣ.

НАУЧНО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННЫХ СООБЩЕСТВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Нуриддинова М.И. - к.э.н., доцент кафедры мировой экономики ГОУ “Худжандский государснвенный университет имени Б. Гафуров”, г. Худжанд. e-mail: nuriddinova-1970@mail.ru

Данная статья посвящается формировании стратегии научно-технического и технологического развития промышленного комплекса Республики Таджикистан, и авторами предложены конкретные предложения по этапам формирования стратегии научно-технологического развития промышленного комплекса Республики Таджикистан. Ожидается, что при разработке стратегии научно-технического развития промышленных комплексов следует учитывать логическую последовательность реализации, так как она является основной системы стратегического планирования экономического развития. В целом концепция и содержание стратегии не должны быть сложными, а процесс формирования программ, подготовленных на основе стратегии, должен быть простым и доступным, включать только критические и конкретные вопросы приоритетных технологий. Учитывая тот факт, что инновационная, научно-техническая деятельность охватывает все отрасли экономики, необходимо уделить особое внимание формированию системы управления научно-технологическими процессами. Из этого следует, что при подготовке таких важных документов, как стратегия развития, программы развития отраслей и их вопросов, необходимо широкое участие научных работников, смежных учреждений, высших учебных заведений, НАН РТ, министерств и научно-исследовательских учреждений. Достижение стратегических целей и развитие отраслей возможно только в случае всестороннего и совместного внимания к их разработке.

Ключевые слова: Стратегия развития промышленности, научно-тоническое и технологическое развитие, промышленность, этапы развития, формирование, внедрение, нормативно-правовые акты, отраслевые акты, программы, инновации, промышленные комплексы.

SCIENTIFIC AND TECHNOLOGICAL DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL COMMUNITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Nuriddinova V.B. – c.e.s., associate professor of the department world economy

This article is devoted to the formation of a strategy for the scientific, technical and technological development of the industrial complex of the Republic of Tajikistan, and the authors have proposed specific proposals for the stages of formation of a strategy for the scientific and technological development of the industrial complex of the Republic of Tajikistan. It is expected that when developing a strategy for the scientific and technological development of industrial

complexes, one should take into account the logical sequence of implementation, since it is the main system of strategic planning for economic development. In general, the concept and content of the strategy should not be complicated, and the process of developing programs prepared on the basis of the strategy should be simple and accessible, including only critical and specific issues of priority technologies. Given the fact that innovative, scientific and technical activities cover all sectors of the economy, it is necessary to pay special attention to the formation of a management system for scientific and technological processes. From this it follows that in the preparation of such important documents as the development strategy, programs for the development of industries and their issues, the broad participation of scientists, related institutions, higher educational institutions, the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, ministries and research institutions is necessary. The achievement of strategic goals and the development of industries is possible only in the case of comprehensive and joint attention to their development.

Keywords: Industry development strategy, scientific and technological development, industry, development stages, formation, implementation, legal acts, industry acts, programs, innovations, industrial complexes

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои соҳавӣ, стратегияҳо ва дигар аснод ҷузъи муассири равандҳои фаъолияти соҳаҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он мебошанд. Барномаҳо ва санадҳои ба рушди технологӣ, илмӣ ва иқтидории муҷтамаъҳои саноатӣ равона гардида, ба ҳайси ҳуҷҷатҳои асосии стратегию банақшагирӣ баромад менамоянд, ки онҳо барои даврaҳои дарозмуддат таҳия карда мешаванд. Дар навбати худ, онҳо стратегия, усулҳо ва барномаҳои дарозмуддати ҳам мақомоти идоракунанда ва ҳам роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои илмиву тадқиқотӣ мебошанд, ки дар маҷмуъ ташаккул додани чунин стратегияҳо масъалаи хело мураккаб ба ҳисоб меравад.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ зарурати мутобиқ гардидани модели рушди иқтисодӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонии илмиву технологӣ ва дар ин асно зарурияти қабули санадҳои меъёрию барномаҳои соҳавии афзалиятҳои рушди илмӣ-техникии иқтисодиёти миллиро фарогиранда ба миён омад ва то ба ҳол якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, мавриди татбиқ қарор гирифтаанд. □2, с.105□. Ин боиси ба қадри имконият афзудани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар қаламрави кишвар гардид (ҷадвали 3.1). Аз ҷумла дар давраи солҳои 2010-2021 ҳаҷми иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ 3,8 маротиба афзоиш ёфта, дар маҷмуъ 85,6 млн. сомониро ташкил дода аст. Аз ин шумора корҳои илмӣ -техникӣ нисбат ба соли 2010 63,2 млн. сомонӣ ё 3,8 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 1. Динамикаи иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор сомонӣ

Солҳо	2010	2015	2016	2018	2020	2021	2021 нисбат ба	
							2020	2010
I	22027,0	52799,8	58434,0	66788,4	75292,7	85625,6	113,7	3,8 мар.
II	21887,3	52287,2	57937,7	64892,6	74907,1	85091,0	113,6	3,8 мар.
III	17987,3	51935,6	57547,2	56650,3	68295,8	77996,9	114,2	4,3 мар.
IV	8508,7	8806,2	10465,9	12363,1	9157,2	11056,6	120,7	1,3 мар.
V	22,8	319,0	351,4	220,3	575,0	600,0	104,3	26,3 мар.
VI	3867,2	32,6	39,1	5664,3	5990,8	6465,7	107,9	1,7 мар.
Эзоҳ: I - ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол; II - корҳои илмӣ-техникӣ; III - -корҳои илмӣ -таҳқиқотӣ; IV - корҳои бунёдӣ; V - -корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ; VI - -корҳои хизмати илмӣ - техникӣ;								

Эзоҳ: I - ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол; II - корҳои илмӣ-техникӣ; III - -корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ; IV - корҳои бунёдӣ; V - -корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ; VI - -корҳои хизмати илмӣ - техникӣ;

Ҳисоби муаллиф аз рӯи: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 112.

Корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ зиёда аз 26,3 маротиба афзун гардида, дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми хизматҳои илмӣ – техникӣ 5,9 млн. сомониро ташкил додаанд, ки аз нишондиҳандаи соли 2010 1,7 маротиба зиёд мебошад. Вале нишондиҳандаҳои иҷрои корҳо нисбат ба соли 2020 афзоиши кам ёфта, ҳамагӣ 1,1 млн. сомониро ташкил додаанд. Аз ин миқдор дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 корҳои бунёдӣ 20,7 % ва корҳои лоиҳакашӣ бошанд 4,3 % афзун гардидаанд.

Аммо бо вуҷуди мавҷудияти асноди зикргардида, ба рушди босуръати соҳавӣ ноил гардидан ва ба тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ баробар гардидан, дар дараҷаи кифоягӣ набуда, бархӯрди ҷиддии мукаммалсозӣ ва таҷдидсозии аснодҳову стратегияҳоро талаб менамояд. Масалан тибқи маълумотҳои омории пешниҳоднамудаи Бонки ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар маводҳои таҳлилии пешниҳоднамудаи муассисаи мазкур (ниг. ба ҷадвали 5.12-и ҳисоботи бонк), дар радабандии нишондиҳандаҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ба миқдори 62 млн. доллари ИМА маҳсулоти технологияи баланд содир кардааст. Соли 2021 бошад якбора ин нишондиҳанда коҳиш ёфта, ба 2 млн. доллар расида аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози ба рушди технологиву илмӣ нисбат ба кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд дар радабандӣ хело қафомонда арзёбӣ карда мешавад. □3,с. 112□.

Бояд қайд намоем, ки чунин ҳолат бо сатҳи пасти ҳавасмандкунии тиҷорат нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ, афзоиш ёфтани рақобатпазирӣ дар ҷаҳон ва суст идора шудани равандҳои таҷдидсозиву инноватсиякунонии фаъолияти соҳаҳои саноат аз ҷониби сохторҳои давлатӣ алоқамандӣ дошта, тақозои таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавиро дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи хеле ки дар бахшҳои пешинаи таҳқиқоти диссертатсионӣ зикр гардида буд, як қатор асноди ба равишҳои фаъолияти саноатӣ дахлдошта мавҷуд бошанд (масалан яке аз асноди асосӣ – ин «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030») ҳам, аз таҳлили маводҳои дар адабиётҳо овардашуда бармеояд, ки айни замон стратегияи рушди илмӣ-техникии минтақавӣ ва соҳавии саноатӣ мавриди татбиқ қарор нагирифта нашуда аст. Махсусан дар ягон минтақаи кишвар дар соҳаи саноат ва ташаккули коркарди он равишҳои методологии дорои муҳтавои стратегияи илмӣ-техникиро пайдо намудан ғайриимкон аст. Танҳо соли 2010 «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму технология барои солҳои 2011-2015» қабул гардида буд.□1, с.15-20 □.

Аз нигоҳи мо, бо дарназардошти ба миён омадани зарурати таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавӣ дар идомаи таҳқиқот муайян намудани заминаҳои асосии ташаккулёбӣ ва мураттабшавии стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, инчунин мавриди омӯзиш қарор додани методикаҳои ташаккулёбии он ва ироа намудани методикаи илман асоснок ба мақсадҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда комилан мувофиқат хоҳад кард.

Бояд қайд намоем, ки стартегияи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун асос маншаъ гирифта,

самтҳои мухталафи фаъолияти самарабахши соҳаро фаро мегирад. Дар стратегия, пеш аз ҳама, арзёбии воқеии ҳолати рушди илмӣ-технологии саноатӣ дар минатқаҳо тариқи муайян сохтани мавҷудияти иқтидори илмиву техникӣ, сатҳи технологии корхона, то чӣ андоза вобаста будани онҳо аз воридоти таҷҳизоту технологияҳо аз берун, рақобапазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, фаъолияти инноватсионӣ, таъсиррасонии ин омилҳо ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минатқаҳо ва аҳолии кишвар дарҷ гардида, дар он натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод мегарданд ва нақшаҳои имконпазири рушди технологӣ муайян карда шуда, тартиботи технологияҳои афзалиятдор ташаккул дода мешавад. □4, с.30□. Ҳамчунин мақсад ва афзалиятҳои рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ муайян гардида, ташаккули системаи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатии минтақавӣ, ташкили корҳои илмӣ-тадқикотӣ ва коркардҳо дар минтақаҳо барои татбиқи технологияҳои пешқадам ва таъмин намудани ҷобаҷогузории онҳо пешниҳод гардида, дар ин замина даврaҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегияҳо, инчунин системаи назорати амалишавии қарорҳои қабулгардида ва тамоюлҳо инъикос карда мешаванд.

Адабиёт

1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, № 227; Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354.

2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - №392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. – 105 с.

3. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 112.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 272). ш. Душанбе, 18 майи соли 2017, № 384; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 272). Душанбе, 16 Апрел, 2012, № 822.

5. Мирзоева, Е. Ш. Опыт развитых стран в формировании инновационной инфраструктуры промышленных предприятий / Е. Ш. Мирзоева // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 1(40). – С. 48-54. – EDN DJIZSH.

6. Сулаймонзода, Ш. Ф. Асосҳои назариявии таҳқиқи хизматрасониҳо дар иқтисодиёти муосир / Ш. Ф. Сулаймонзода // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2023. – No. 1(270). – P. 121-132. – EDN MSPUZB.

НАҚШИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТАДБИҚИ ҲАДАФИ СТРАТЕГИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

Файзуллоева С.Ҷ.- н.и.и. кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ДДМИТ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба саҳми минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар раванди саноатикунонӣ баррасӣ гардидаанд. Инчунин, муаяйн карда шудааст, ки дар фаъолияти корхонаҳои саноатии мамлакат аз фаъолияти самараноки минтақаи озоди иқтисодӣ амакунанда вобастагии зиёд дорад. Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шудааст, ки дар рушди саноати истеҳсолӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ нақши асосӣ бозида, фаъолияти

самараноки онҳо махсусан, ба рушди иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ мусоидат мекунад. Инчунин,қайд кардан зарур аст, ки нақши минтақахои озоди иқтисодии “Суғд“ ва минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” дар амалишавии ҳадафи саноатикунонии кишвар нишон дода шудааст. Ҳаҷми истеҳсолоти саноатии минтақаи озоди иқтисодии Суғд ва минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” мавқеи он нисбат ба дигар минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Калидвожахо: минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, саноат, иқтисодиёт, саноатикунонии босуръат, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, стратегияи мамлакат.

РОЛЬ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИЧЕСКОЙ ЦЕЛИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ

Файзуллоева С.Дж. – к.э.н. кафедра мировой экономики ТГФЭУ

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с ролью свободных экономических зон (СЭЗ) в процессе индустриализации. Также доказано, что деятельность промышленных предприятий страны во многом зависит от эффективного функционирования СЭЗ. В результате анализа определено, что СЭЗ играют ключевую роль в развитии обрабатывающей промышленности, а их эффективная деятельность, в частности, способствует развитию национальной и региональной экономики. Также стоит отметить, выделена роль СЭЗ «Сугд» и СЭЗ «Дангара» в реализации целей индустриализации страны. Проанализированы объем промышленного производства СЭЗ «Сугд» и СЭЗ «Дангара» ее положение по отношению к другим свободным экономическим зонам страны.

Ключевые слова: свободные экономические зоны, промышленность, экономика, инвестиции, ускоренная индустриализация, свободные экономические зоны, государсвенное стратегия

THE ROLE OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE IMPLEMENTATION OF THE STRATEGIC GOAL OF ACCELERATED INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY

Fayzulloeva S.J. – c.e.s. department of world economy TSUFE

The article dwells on the issues related to the role of free economy zones (FEZs) in the process of industrialization. There is also shown the standard of power supply in reference to industry and its role in industrial development of the country. It has been proved that the role of energetics in the activities of industrial outfits of the country is very great. According to the result of analysis it was determined that FEZs play a key role in the development of processing industry and their effective functioning actively promotes national and regional economy development. There is underlined the role of "Sughd" FEZ in the achievement of industrialization goals of the country.

Key-words: free economy zones, industry, investments, economy, accelerated industrialization, government strategy.

Ҷаҳонишавӣ ва густариши бемисли равобити бурунмарзӣ чун шакли афзалиятнок ҷараён гирифта, фаъолияти кишварҳоро дар ин самт бениҳоят фаъол гардондаанд.

Бояд қайд намуд, ки қонунҳо соҳибмулкону сармоягузоронро аз тартиботи ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ қисман озод намуда, ба онҳо сабукҳо мебахшанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он ба низоми хоҷагии бозорӣ ва сиёсати давлатии

«дарҳои боз» асос ёфтааст, таъсиси минтақаҳои озод қобили ҷонибдорӣ буда, ба ҳадафу вазифаҳои стратегияи миллии рушд мувофиқат мекунад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар такмили муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди кишварҳои ҷаҳон нақши намоёнро соҳиб шуда истодаанд. Давлатҳои ҷаҳон барои иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат роҳҳои ғайрианъанавии иштироки худро пешкаш намуда, модели нави тараққиёти иқтисоди миллиро, ки ба бозорӣ хориҷӣ нигаронида шудааст, интихоб менамоянд.

Дар инкишофи иқтисодии давлатҳо махсусгардонии содиротӣ яке аз тадбирҳои стратегияи иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифода меёбад. Ҳоло ин гуна минтақаҳо дар шумораи зиёди кишварҳои ҷаҳон амал намуда, ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии онҳо таъсири назаррас мерасонанд.

Ҳадафи асосии ташкили онҳо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, инкишофи содирот, афзоиши воридшавии даромади арзӣ, ба даст овардани таҷриба ва технологияи навин, беҳсозии тавозуни пардохти мамлакат ва бо ҳамин роҳҳо таъмин намудани инкишофи иқтисоди миллӣ ва воридшавӣ ба хоҷагии ҷаҳон мебошад.

Қабул ва мавриди истифода қарор ёфтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иқдоме буд, ки барои инкишофи муносибатҳои минтақавию байналмилалии кишвар мусоидат менамояд. Қонуни мазкур ба асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилию иқтисодии таъсис, фаъолият ва барҳамдиҳии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон поягузорӣ намуда, масъалаҳои маблағгузорӣ ва фаъолияти соҳибкориро дар минтақаи озоди иқтисодӣ ба танзим медарорад.

Фикр мекунем, ки таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ гарчанде зарурати воқеӣ дорад, аммо амалӣ намудани ин иқдом бе бунёди асосҳои ҳуқуқии он, кафолатҳои давлати қабулкунанда муяссар намешавад. Аз ин рӯ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ин гуна кафолатҳои давлатӣ қатъиян чунин иброз дошт: «Имрӯз потенсиали захираҳои Тоҷикистон ва зербинои қонунгузории мавҷуд, ки ба шароит ва талаботи иқтисоди ҷаҳонии нав созгорӣ доранд, кишвари моро ба минтақаи мусоид барои сармоягузорӣ табдил додаанд. Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти ҳамаи ононеро, ки мехоханд ба фаъолияти иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бипардозанд, замонат медиҳанд» [7, с.4].

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ сохтори ташкилию иқтисодие мебошанд, ки ҳоло дар ҷаҳон густариши васеъ ёфта, дар кишварҳои зиёди дунё, новобаста аз иқтидори иқтисодӣ ва сатҳу сифати рушди иҷтимоии онҳо, бунёд гардидаанд ва бо ин васила барои ҳамгироии давлатҳо ва субъектҳои иқтисодӣ мусоидат намуда, ба рушди низоми равобити ҷаҳонӣ боис мегарданд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифодакунандаи инкишофи робитаҳои тиҷоратию молиявӣ, истеҳсолию технологии давлатҳо буда, ба макони густариши муносибатҳои бозорӣ, рушди соҳибкорӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва санъати идоракунӣ мубаддал гаштаанд. Маълум аст, ки минтақа чун қисми алоҳидаи ҷудокардашудаи қаламрави давлат нисбат ба қаламрави боқимондаи он аз баъзе имтиёзҳо бархӯрдор ме¬шавад, молҳои ба он воридшаванда аз боҷи гумрукӣ, андози воридотӣ, инчунин, аз баъзе намудҳои назорати гумрукӣ озод карда мешаванд.

Дар қаламрави боқимондаи мамлакат нисбат ба молҳои воридотӣ аз рӯйи қонунгузории амалкунанда низоми дигари гумрукию андозгузорӣ ҷорӣ мешавад. Аммо дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки қонунгузорӣ дар минтақаи озод сармоягузорон ва соҳибони молҳоро аз ҳама

гуна уҳдадориҳо ва тартиботи иқтисодии вуҷуддошта озод намекунад. Бинобар ин, «озодӣ» дар минтақа на ба маънои мутлақ, балки ба маънои нисбӣ фаҳмида мешавад, яъне ба тариқи пешниҳоди имтиёзҳое, ки соҳибкориро ҳавасманд мегардонанд, ба мизоҷон сабукиҳо дода мешаванд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақа¬ҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин таърифи ин минтақаҳо дар моддаи 1 зикр шудааст: «Минтақаи озоди иқтисодӣ – қисми алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҳудуди он на фақат низоми махсуси гумрукию андозӣ, балки тартиби содакардашудаи рафтуомади ғайрирезидентҳо ва меъёрҳои имтиёзноки истифодаи захираҳои табиӣ амал мекунад» [1, с.4]..

Аз ин лиҳоз, таърифи мафҳуми мавсуф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ақидаи мо, бояд чунин ифода гардад: минтақаи озоди иқтисодӣ - қисми алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави кишвар мебошад, ки дар ҳудуди он давлат ба ҷараёни иқтисодӣ интихобан камтар дахолат менамояд, низоми махсуси гумрукию андозӣ, тартиби содакардашудаи рафтуои ғайрирезидентҳо ва меъёрҳои имтиёзнок дар фаъолиятбарии хоҷагидорӣ ва истифодаи захираҳои табиию истехсолӣ амал мекунанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ усули таҳкими сармоягузорӣ буда, ба самтҳои асосии инкишофи равобити хориҷӣ созгор мебошанд. Маълум аст, ки иқтисоди бозаргонӣ зарурати муайян сохтани стратегияи дохилшавии ҷумҳуриро ба хоҷагии ҷаҳонӣ тақозо менамояд. Барои он ки самаранокии истеҳсолот аз ҳисоби иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат баланд бардошта шавад, дар асоси рақобат ва ҳамкорӣ дар бозорӣ ҷаҳонӣ нишондиҳандаҳои беҳтарини сифатии маҳсулот, ҳосилнокии меҳнат, азхудкунии комёбиҳои дастёбшудаи инкишофи илму техника, ташкили истеҳсолот, маркетинг ва ғайраро амалӣ намуда, иқтисодиёти миллӣ характери воқеан кушодро соҳиб шавад.

Инкишофи робитаҳои берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо густариши ҳамкориҳои вобаста бо миграцисяи сармоя вобаста буда, аз рӯйи вазъи иқтисодии мамлакат, ки таҷдиди истеҳсолот ва дар баъзе соҳаҳо пурра аз нав кардани технологияро талаб мекунад, ба маблағгузориҳои бениҳоят зиёд эҳтиёҷ дорад. Муҳайё намудани ин маблағ дар муддати кӯтоҳ аз дохили мамлакат ғайриимкон мебошад.

Гузашта аз ин, дар шароити ҳозира раванди гардиши байналмилалии сармоя ба таври васеъ бо истифодаи комёбиҳо дар соҳаи фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ, технология, менеҷмент ва амсоли онҳо алоқаманд аст. Мавқеи муҳимтаринро ба сифати омили равнақи иқтисодиёти бозорӣ, пайвастаии иқтисодиёти кишвар бо хоҷагии ҷаҳонӣ, истифо¬даи усулҳои нави идора, густариши рақобат байни субъектҳои хоҷагидорӣ сармояи хориҷӣ мебозад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қисми қаламрави мам¬лакат барои гузоштани сармояи хориҷӣ поягузорӣ намуда, дар айни ҳол ба яке аз шаклҳои муборизаи рақобатноки мамлакатҳо барои ҷалб кардани сармояи хориҷӣ мубаддал мегарданд.

Бояд зикр намоем, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ва густариши бемисли равобити берунмарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани минтақаҳо аз қабили Минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд», «Панҷи поён», «Ишкошим», «Данғара» ва «Кӯлоб» ҷорӣ карда шудааст, аммо таваҷҷуҳи сармоягузорони дохилу хориҷӣ вобаста ба мавқеи ҷуғрофии онҳо сурат мегирад.

Бояд қайд намоем, ки мавҷудияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои рушди кишвар муҳиму муфид арзёбӣ мешаванд. Зеро дар минтақаҳо бунёди корхонаҳои саноатӣ –истеҳсолӣ зиёд гардида, ҷойҳои нави корӣ бештар мешавад. Сол ба сол дар минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” ва “Суғд” фаъолият пурсамартар мегардад. Дар ин ҷо корхонаҳои муосири

ресандагию бофандагӣ, нассоҷӣ, коргоҳҳои рангсозию рангомезӣ ва дигар намуди фаъолият ба чашм мерасанд.

Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти муносибатҳои иқтисодӣ, равобити беруна, ҳамкориҳои байналмилалӣ ба истифодаи усули ҷалбкунии сармоя тавассути минтақаҳои озод шуруъ намуд ва ин иқдом дар оянда бояд густариш ёбад.

Ислоҳот дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ тақозо мекунад, ки ҳамаи воситаҳои бозорӣ, аз ҷумла имкониятҳое, ки аз таъсисдиҳӣ ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ бармеоянд, самаранок истифода шаванд.

Бояд инро қайд намуд, ки барои расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар нақши минтақахои озоди иқтисодӣ (МОИ) хело ҳам муҳим мебошад. Дар минтақаи озоди иқтисодӣ бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, ашёи хоми ватанӣ ва қувваи корӣ баҳри рушди иқтисоди миллӣ ва афзун гардидани номгӯи маҳсулоти ватанӣ ва ҳаҷми он шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад.

Дар Паёми Пешвои миллат (26.12.2019) чунин қайд гардидааст: «Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт». Вобаста ба ин, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» пешбинӣ шудааст, ки то соли 2030 ҳиссаи саноат ба 22 фоиз расонида мешавад [7, с.4].

Чунин шуморидан мумкин, агар тамоюли рушди соҳаи саноати кишвар дар заминаи фаъолияти босамари минтақаҳои озоди иқтисодӣ босуръат амалӣ шуда, давоми ҳар сол ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ афзун гардад, ҳатман ба ҳадафи миллӣ ноил мегардем.

Бинобар ин, дар мархилаи рушди иқтисодиёти миллӣ ва мунтазам амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар амали саривақтист [4, с.4].

Мақсад аз эълон гардидани ҳадафи мазкур, пеш аз ҳама, дар кишвар, хусусан дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ, ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, алалхусус хӯрокворӣ ва ба содирот нигаронидани он, ташкил кардани корхонахои нави саноатӣ ва дар ин замина, бо ҷойи кори ҳарчи бештар таъмин намудани аҳолӣ, рақобатпазир кардани маҳсулоти дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва афзун гардонидани истеҳсоли махсулоти ватании воридотивазкунанда дар раванди саноатикунонии кишвар самтҳои афзалиятнок ба шумор мераванд.

Дар ин асос маҳз дар ҷараёни саноатикунонӣ тайғироти назаррас ба миён омада, дар натиҷа бозори ҷаҳонии маҳсулот ва ҳамаи намуди хизматрасониҳо ташаккул ёфта, дар навбати худ, ҳавасмандии сармоягузорӣ ва рушди минбаьдаи иқтисодёт авҷ мегирад. Ин амал ба он оварда мерасонад, ки бахшҳои алоҳидаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ афзун гардад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки механизми минтақаҳои озоди иқтисодӣ имтиёзҳоро дар се самти асосии тиҷорат пешбинӣ мекунанд: имтиёзҳои андоз ва гумрук, маблағгузории давлатии инфрасохтор ва коҳиши монеаҳои маъмурӣ.

Инкишофи робитаҳои берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо густариши ҳамкориҳои вобаста бо миграцсияи сармоя буда, аз рӯйи вазъи иқтисодии мамлакат, ки таҷдиди истеҳсолот ва дар баъзе соҳаҳо пурра аз нав кардани технологияро талаб мекунад, ба маблағгузориҳои бениҳоят зиёд эҳтиёҷ дорад. Муҳайё намудани ин маблағ дар муддати кӯтоҳ аз дохили мамлакат ғайриимкон мебошад. Гузашта аз ин, дар шароити ҳозира раванди

гардиши байналмилалии сармоя ба таври васеъ бо истифодаи комёбиҳо дар соҳаи фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ, технология, менеҷмент ва амсоли онҳо алоқаманд аст. Мавқеи муҳимтаринро ба сифати омили равнақи иқтисодиёти бозорӣ, пайвастани иқтисодиёти кишвар бо хоҷагии ҷаҳонӣ, истифодаи усулҳои нави идора, густариши рақобат байни субъектҳои хоҷагидорӣ сармояи хориҷӣ мебозад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қисми қаламрави мамлакат барои гузоштани сармояи хориҷӣ поягузорӣ намуда, дар айни ҳол ба яке аз шаклҳои муборизаи рақобатноки мамлакатҳо барои ҷалб кардани сармояи хориҷӣ мубаддал мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузорӣ айни ҳол панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ фарогири фаъолиятанд: Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”, минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”, минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”, Минтақаи озоди иқтисодии “Панҷи поён” ва минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб”, ки нақши онҳо дар рушди соҳаи саноати кишварамон хело бузург мебошад.

Оиди таъсис ва фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии амалкунанда дар ҳудуди ҷумҳури каме маълумот медиҳем.

Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" шакли истеҳсолию инноватсионӣ, соли 2009 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст [1,с.4].

Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар қисмати ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” 320 гектарро ташкил медиҳад. Дар ин қисмати шаҳр дар оянда аз ҳисоби заминҳои холӣ то 2000 гектар васеъ намудани ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” имконият ҳаст.

Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”дорои 24 субъект (20-то истехсолӣ, 4-то хизматрасонӣ) [6,с.-13].

Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”№700 аз 25.03.2011 ва бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №545 аз 20 январи соли 2010 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст [1, с.2].

Намуди минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” саноатӣ – инноватсионӣ буда, ба муҳлати 25 сол (тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”то 49 сол) дар масоҳати 521,32 гектар ташкил шудааст.

Ҳадафи умумииқтисодӣ – ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва технологияи муосир, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, истифодаи неруи корӣ, захираҳои табиӣ ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар мебошад. Дорои 27 субъект (21-то истеҳсолӣ, 6-то хизматрасонӣ [6, с.-13].

Минтақаи озоди иқтисодии “Панҷи поён” ” дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” №700 аз 25.03.2011 ва бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1545 аз 29 октябри соли 2008 тасдиқ шудааст [1, с.3]

Минтақаи озоди иқтисодии “Панҷи поён” дар вилояти Хатлони ноҳияи Қумсангири Панҷи поён соли 2008 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраргардида таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст.

Намуди минтақаи озоди иқтисодии “Панҷи поён” комплексӣ буда, ба муҳлати 25 сол (тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”то 49 сол) дар масоҳати 401,6 гектар ташкил шудааст.

Яке аз мақсадҳои асосии таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Панҷи поён» ин афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, беҳтар кардани сифати идоракунӣ, таъмини самараноки истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир ва фаъолгардонии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва минтақаҳо мебошад.

Ҳадафи умуми иқтисодӣ – ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва технологияи муосир, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, истифодаи нерӯи корӣ, захираҳои табии ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар мебошад.

Шоҳроҳи байналмиллалӣ бевосита аз назди даромадгоҳи асосии минтақаи озоди иқтисодии “Панҷи поён” мегузарад. дорои 17 субъект (13-то истеҳсолӣ, 4-то хизматрасонӣ [6, с.-465].

Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” №700 аз 25 марти соли 2011 бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1545 аз 29 январи соли 2010 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраргардида таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст [1, с.4].

Намуди минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» - истеҳсолию тиҷоратӣ буда, ба муҳлати 50 сол ташкил шудааст. Дорои 3 субъект (1-то истехсолӣ, 2-то хизматрасонӣ [6, с.465].

Соли 2019 минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" таъсис дода шуд, ки шакли фаъолияташ истеҳсолӣ буда, ҳадафи асосии таъсиси Минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои нави кори, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтарсозии қобилияти харидорӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоии минтақа маҳсуб меёбад. Мавзеи ҷойгиршавии минтақаи озоди иқтисодии мазкур барои бунёди корхонаҳои саноатӣ ва рушди инфрасохтори минтақа нақши муҳим бозида, дар масофаи 70 км аз Ҷумҳурии исломии Афғонистон, 250 км аз Ҷумҳурии Узбекистон, 500 км Қирғизистон ва 800 км аз Чин қарор доштани он барои ҷалби сармояи дохилию хорҷӣ ва содироти маҳсулоти истеҳсолгардида ба кишварҳои ҳамсоя заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар баробари ин, дар масофаи наздик ба минтақаи иқтисодии мазкур қарор доштани Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб (1,5 км) истгоҳи роҳи оҳан (18 км) роҳи автомобилгарди байналмилалӣ “Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хум” (14 км) ва роҳи минтақавии “Восеъ-Ховалинг” 7км метавонад барои пешбурди фаъолияти минбаъдаи он ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоя заминаи устувор гузорад. Дорои 1 субъект мебошад [9, с.3].

Қайд намудан бамаврид аст, ки фаъолияти пурра ва устувори минтақаҳои озоди иқтисодӣ имконият медиҳад, ки мушкилоти дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, хусусан дар тамоюли босуръати рушди иктисодӣ-иҷтимоӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, ташкил додани ҷойҳои нави кории инноватсионӣ, муҷаҳҳаз шудан бо техника ва технологияи муосир ва ғайра ҷойдошта ҳал карда мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло равшан аст, ки барои ноил шудан ба фаъолияти оптималию самараноки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро бояд анҷом дод.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки барои беҳтар намудани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ ва рушду нумуи онҳо, як қатор мушкилот низ ҷой доранд.

Estevadeordal and Taylor (2013)	1975-2004	Тарифи миёнаи воридотӣ (агрегиронӣ, ғайриагрегиронӣ)	44 кишварҳои рӯ ба тараққӣ	Суръати рушд тақрибан 1,0%, афзоиши даромад 15-20% баъд аз 20 сол
Feyrer and Irwin (2019)	1950-2015	Нишондоди азнавшудаи Нишондоди Wacziarg-Welch, нишондоди ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва дигарҳо	125 кишварҳои рӯ ба тараққӣ	Афзоиши даромадҳои ба 10-20% баъди 5-10 сол.
Усули назорати синтетикӣ дар чорчӯбаи модели сабабӣ-оқибатии Рубин				
Billmeier and Nannicini (2013)	1963-2005	Нишондоди Wacziarg-Welch	30 кишварҳои рӯ ба тараққӣ	Самараи мусбат вале муваққатӣ аз таъсири савдои озод ба рушди иқтисодӣ
Billmeier and Nannicini (2011)	1993-2005	Нишондоди Wacziarg-Welch	5 кишвари бо иқтисодиёти гузариш буда	Самараи мусбат вале муваққатӣ аз таъсири савдои озод ба рушди иқтисодӣ
Тадқиқотҳои Эмпирикӣ ва миқдорӣ				
Connally and Yi (2015)	1962-1989	Тарифҳо ва маҳдудиятҳои миқдорӣ	Кореяи Ҷанубӣ	17% афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандон аз сабаби паст намудани

				тарифҳо

Сарчашма: *Irwin, D. A. Does Trade Reform Promote Economic Growth? A Review of Recent Evidence [Захираи электронӣ] / D. A. Irwin // NBER Working Paper :. – 2019. – Реҷаи дастрасӣ:* https://www.nber.org/papers/w25927.pdf.

Озодии савдои беруна барои баландшавии суръати рушди иқтисодӣ тақрибан ба 1-2,7% мусоидат карда, бо баробари ин ҷоиз ба қайд аст, ки чунин рушд танҳо дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат таъмин карда мешавад. Бо баробари ин кишварҳо аз рӯи миқёси ислоҳотҳои худ ва шароитҳо фарқият доштанд, ки дар марҳилаи муайян амалӣ карда мешуданд.

Озодшавии савдои беруна дар нимаи дуюми асри XX фаъолона амалӣ карда шуда, қисми таркибии ҷаҳонишавӣ гардид. Дар ин марҳила савдои озод барои офаридани арзишҳои иловагӣ ва ҷоришавии тарафайнии сармоя мусоидат намуд, ки кишварҳоро бо ҳам алоқаманд ва вобаста гардонид. Ин ҷараён дар ҳолати азоишёбии ширкатҳои фаромиллӣ ба миён омада, силсилаҳои истеҳсолиро дар тамоми гӯшаи ҷаҳон мутаҳид намуд [9].

Ҷоиз ба гуфтанист, ки афзоиши савдои байналмилалӣ ба зарурати ҳамгироии зич бо бозорҳои нав барои васеъшавии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат менамояд, ки дар натиҷаи он ҳамкориҳои иқтисодӣ васеъ ба роҳ монда мешаванд. Бо баробари зарурат ва омоддагии субъектони хоҷагидорӣ вусъатёбии ҳамгироӣ то марҳилаи иттиҳоди гумрукӣ, бозори ягона ва ё иттиҳоди иқтисодии комил бо фазои ягонаи макроиқтисодӣ ва асъори умумӣ ба назар расиданаш мумкин аст.

Назария ва амалияи савдои берунаи озод дар доираи вусъатёбии ҳамгироии иқтисодӣ як қатор унсурҳои фарқкунандаро дорад, аз он ҷумла омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо. Чунин фарқият пеш аз ҳама аз фарқгузории низомҳои иқтисодӣ ба миён меояд. Мавҷудияти чунин омилҳо барои таъсисдиҳии монеъаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ мусоидат менамояд, ки ба савдои озод маҳдудият эҷод менамоянд. Мавҷудияти савдои берунаи озод ба дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ диққати махсус зоҳир менамояд, зеро дар шароити васеъ паҳн гаштани озодии савдои беруна ҳодисаҳои рақобати ноадолатона ба назар мерасад. Бинобар ҳамин ҳамгироии кишварҳо ба низоми алоқаҳои хоҷагиҳои ҷаҳонӣ бо дарназардошти бартараф намудани монеъаҳо, ишғол намудани мавқеъи мувофиқ дар бозори ҷаҳонӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватантӣ аз таъсироти рақобати ноадолатонаи беруна амалӣ гаштанаш зарур ва ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилии чунин ҳамгироиро дар маълумоти шомилшавии кишвар ба ТУС (ташкилоти умумиҷаҳонии савдо) баҳо додан мумкин аст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. - Мӯҳлат ва нишондодҳои ӯҳдадориҳои низомии ҳамроҳшавии як қатор кишварҳои хориҷӣ ба ТУС баъд аз соли 1995

Мамлакат	Соли ҳамроҳшавӣ	Давомнокии ҳамроҳшавӣ	Ҳаҷми маърӯза (саҳифа)	Шумораи ӯҳдадориҳо дар маърӯза
Қирғизистон	1998	камтар аз 3 сол	62	29
Гурҷистон	2000	4 сол	57	29
Молдавия	2001	7,5 сол	83	28
Хитой	2001	15,5 сол	183	82
Арманистон	2003	зиёда аз 8 сол	80	39
Арабистони Саудӣ	2005	12 сол	135	59

Ветнам	2007	12,5 сол	198	70
Украина	2008	14,5 сол	237	64
Россия	2012	зиёда аз 19 сол	771	164
Тоҷикистон	2013	тақрибан 12 сол	135	40
Казоқистон	2015	тақрибан 20 сол	447	118
Афғонистон	2016	12,5 сол	138	37

Сарчашма: *Багдасарян К. М. Пахомов А.А. Проблемы участия государств ЕАЭС в деятельности ВТО // Экономическое развитие России. – 2016.– Т. 23, № 11. – С. 31-37.*

Аз ҷадвали мазкур мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба ғайр аз кишварҳои Қирғизистон ва Гурҷистон, дар дигар кишварҳо ҷараёни ҳамроҳшавӣ ба ТУС зиёда аз 7 солро дар бар гирифтааст. Яъне барои ҳамроҳшавии ин кишварҳо ба ТУС муддати тӯлонӣ барои омодагӣ сарф шудааст.

Савдои байналмилалӣ яке аз фишангҳои зарурии тақсимоти некуаҳволӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, зеро он ҷараёни ҳаракати молҳо, хизматҳо ва технологияҳоро муайян менамояд, ки аз онҳо афзоиши некуаҳволии миллӣ вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин ҳар як мамлакат кӯшиш мекунад, ки мавқеъи худро дар бозорҳои ҷаҳонӣ барои мубодилаи самараноки молҳо ва хизматҳо мустаҳкам намуда, ба технологияҳои муосир дастрасӣ пайдо намояд. Дар ин самт фурӯши маҳсулоти истеҳсолкунандагони дохилӣ бо шароитҳои беҳтарин дар савдои беруна ба афзалиятҳои танзими давлатии савдои беруна шомил мешаванд [4; 5]. Бо баробари ин ҳама иштирокчиёни савдои байналмилалӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва бехатарии миллӣ, бахшҳои осебпазири иқтисодиёти худро ба воситаи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо ҳифз менамояд.

Мақсади асосии савдои беруна ин тараққиёти мутасил ва мусбати иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки ба воситаи ба роҳ мондани алоқаҳои савдоӣ-иқтисодӣ бо дигар кишварҳо таъмин карда мешавад. Бо баробари ин савдои озод худ ба худ ба таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ мусоидат наменамояд. Аксар кишварҳои пасошӯравӣ дар натиҷаи гузариш аз низоми хоҷагидории маъмурӣ-фармондеҳӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ, имконияти савдои озодро аз рӯи қоидаҳои умумии ТУС пайдо карданд, вале амараи мусбати иқтисодиро дар афзоиши некуаҳволии аҳолиро инчунин рушди иқтисодии самранокро ба пуррагӣ дастрас карда натавонистанд. Зеро шароитҳои гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ бо бӯҳрони трансформатсионӣ ҳамрадиф буд ва рақобатпазирии молҳои дар дохили кишвар истеҳсол мешуда дар бозори беруна дар сатҳи паст қарор дошт. Дар натиҷа тавозуни савдои беруна доимо бо нишондоди манфӣ арзёбӣ мегардад. Новобаста ба ин дар кишварҳои пасошӯравӣ сиёсати савдои озод барои зиёд намудани ҳамкорони байналмилалӣ ва то андозае ба таъмини рушди иқтисодӣ мусоидат намуд.

Масъалаи баратафсозии маҳдудиятҳо барои савдои байналмилалӣ ва таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ яке аз мушкилотҳои марказӣ барои тадқиқоти иқтисодиёти байналмилалӣ дар тӯли даҳсолаҳои охир гаштааст. Дар таҳлилҳо бештар механизми таъсири сиёсати савдои беруна ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар сатҳи корхона, соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ фаро гирифта мешаванд. Дар корҳои илмӣ бештар оид ба таъсири сиёсати савдои озод ба нишондиҳандаҳои ММД, ҳачми гардиши савдои беруна, истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳо, ҷараёни инвеститсиякунӣ, тадбиқи навовариҳо дар истеҳсолот, ҳосилнокӣ, фоиданокии корхонаҳо, вазъи содирот ва воридот, сатҳи нархҳо дар дохили

кишвар ба назар мерасад [1; 7; 8; 10; 12; 13; 14]. Одатан оид ба зарурати сиёсати савдои озод ва маҳдудиятҳои имконпазири он мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Назарияҳои классикии савдои байналмилалӣ бештар аз ҳисоби маълумотҳои дастрас, оқибатҳои савдои озодро дар сатҳи соҳаҳо мушоҳида менамояд. Масалан, модели таъминоти нисбӣ бо омилҳои истеҳсолоти Хекшер-Олин баландшавии самаранокиро ҳангоми савдои озод аз ҳисоби азнавтақсимкунии захираҳои байни соҳаҳо нишон медиҳад. Ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти кушод нархҳои молҳои савдошаванда ба нархҳои ҷаҳонӣ баробар мешаванд. Дар натиҷаи тағйирёбии нархҳои дохилӣ, истеҳсоли молҳои нисбатан арзоншуда диққатҷалбкунандагии худро гум мекунад ва ин гуна молҳо ворид карда шуда, молҳое, ки нархи онҳо баланд шудаанд бештар ба содирот нигаронида мешаванд. Дар натиҷа ин ҷараён ба афзоиши истеъмоли молҳои воридотӣ дар кишвар оварда мерасонад, зеро нархи молҳои воридотӣ нисбатан паст мебошанд. Бинобар ҳамин ҳангоми тадбиқи сиёсати савдои озод ба таносуби истеҳсолоти дохилӣ барои содирот ва истеъмолоти дохилӣ аҳамияти бештар зоҳир намудан лозим аст. Махсусан чунин чораҳо барои иқтисодиёти кушоди хурд хос аст. Дар чунин низоми иқтисодӣ бартараф намудани монеъаҳо ба молҳои савдошаванда ба пастшавии нархи молҳои воридотӣ ва коҳишёбии захираҳо барои барқарор намудани тавозуни савдо оварда мерасонад. Таъминоти фоидаи зиёдатӣ аз амалиётҳои содиротӣ рақобатро барои дастрасии захираҳо пурзӯр мегардонад. Пурра бартараф намудани маҳдудиятҳои барои воридот метавонад ба пастшавии некуаҳволӣ оварда расонад, зеро дар ин ҳолат коҳишёбии истеҳсолот, зиёдшавии шумораи бекорон ва коҳишёбии сатҳи музди меҳнат ба миён омада, бозори дохилӣ бо молҳои воридотӣ пур карда мешавад. Бинобар ҳамин дар ҳолати аъзогӣ дар ТУС низ ба кишварҳои аъзо имконият дода мешавад, ки ба гурӯҳи муайяни молҳо барои воридот дар муддати муайян маҳдудиятҳо истифода шаванд

Таҷрибаи аксарияти кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ба афзалиятҳои савдои озод нигоҳ накарда, дар ин мамлакатҳо сиёсати ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони дохилӣ амалӣ карда мешавад. Бо ибораи дигар стратегияи воридотивазкунӣ бо дарназардошти унсурҳои протексионизм амалӣ карда мешавад, ки истифодабарии васеъи танзими тарифӣ ва ғайритарифиро дар бар мегирад.

Маълум аст, ки чораҳои тарифӣ ба нархи молҳо таъсири мустақим расонида, дар ҳаҷми содирот ва воридот ифодаи худро меёбанд. Танзими ғайритарифӣ бошад, ба ҳаҷми савдои беруна ба таври ғайримустақим таъсир расонида бештар барои ҳавасмандгардонии содирот ва маҳдуд намудани воридот истифода мешаванд. Ҳамзамон ин усулҳои танзими савдои беруна ҳамчун сарчашмаи даромади давлатӣ баромад мекунад.

Самти амалигардонии сиёсати савдои беруна пеш аз ҳама дар дастгирӣ намудани истеҳсолоти дохилӣ равона карда шавад. Дар шароити тавозуни манфии амалиётҳои ҷорӣ сиёсати савдои беруна барои густариш додани истеҳсолоти ивазкунандаи воридот нигаронида шуда, дар чунин ҳолат зарурати маҳдудкунии ҳаҷми воридот ва ҳавасмандгардонии ҳаҷми содирот амалӣ карда шавад. Дар ин ҷода истифодабарии механизмҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ истифода шуданаш мумкин аст. Оид ба танзими тарифии савдои беруна ҷоиз ба қайд аст, ки ин механизм ҳамчун фишанги самараноки тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт махсусан дар шароити иқтисодиёти кушоди хурд самаранокии зарурӣ надорад [6. С.210]. Дар ҳақиқат, танҳо бо истифода аз механизмҳои танзими тарифӣ таъмини коҳишёбии ҳаҷми воридот ва инкишофи истеҳсолоти дохилиро таъмин намудан имконнопазир аст. Бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти манфии тавозуни амалиётҳои ҷорӣ таҷдиди соҳаҳои истеҳсолоти дохилӣ, таъмин намудан бо воситаҳои гардон, таъсис додани шароитҳо барои инкишофи рақобатнокӣ, инфрасохтори

бозорӣ ва ғайраҳо аз амалҳои зарурӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар ин ҷода олим-иқтисодчии рус Исаченко Т.М. дар китоби худ “Сиёсати савдои Иттиҳоди Аврупо” дуруст қайд менамояд, ки “кишварҳое, ки барои ҳифзи соҳаҳои иқтисодиёти худ ба маҳдудкунии воридот такя карда буданд, нисбат ба дигар кишварҳои сатҳи тараққиёташон наздики сиёсати савдои озодро тадбиқ мекарда бо суръати сустар тараққи карданд. Ҳамзамон дар шароити коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот дар ин кишварҳо чораҳои ҳимоякунанда амалӣ карда мешаванд”75F [2. С.19].

Тадқиқотҳои назариявӣ собит менамоянд, ки истифодабарии усулҳои тарифии танзими савдои беруна дар шароити муосир ва ҳамгироии кишварҳои зиёд дар доираи ТУС ба таври мустақилона наметавонад истеҳсолкунандагони дохилиро аз таъсири рақибони хориҷӣ эмин нигоҳ дорад. Бинобар ҳамин барои амалигардонии сиёсати савдои беруна дар шароити муосир ба усулҳои ғайритарифӣ мансуб дониста мешавад. Яъне дар тадбиқи сиёсати савдои беруна ва ҳавасманд намудани истеҳсолоти ивазкунандаи воридот ҳамзистии усулҳои тарифӣ ва ғайритарифии танзими савдои беруна метавонанд натиҷаҳои назаррасро таъмин намоянд. Дар ин самт истифодабарии квотакунонии воридот барои коҳиш додани ҳаҷми воридоти барзиёд ва ҳавасмандгардонии афзоиши истеҳсолоти дохилӣ самараи мусбат дода метавонад. Яъне барои танзими самараноки савдои беруна ва амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ имкониятҳои истеҳсолоти дохолӣ муайян карда шуда, ҳамасола ҳаҷми квота барои молҳои воридоти дақиқ карда шавад. Боиси қайд аст, ки мавҷудияти молҳои воридоти дар бозори дохилӣ истеҳсолкунандагони дохилиро барои баланд намудани рақобатпазирӣ такон медиҳад. Доир ба чунин вазхият Ҷон Итуэлл хулосаи нисбатан дуруст мекунад, ки мутобиқи он “агар ҳангоми васеъшавии талаботи дохилӣ қисми он ба хориҷи кишвар ба воситаи чораҳои протексионистӣ роҳ дода нашавад, дар чунин ҳолат пасандозҳои дохилӣ ва пардохтҳои андозӣ барои молиягузории инвеститсияҳои дохилӣ равона карда мешаванд. Ҳамзамон фоиданокии истеҳсолоти аз рақобати хориҷӣ ҳимоя шуда афзоиш ёфта, барои инвеститсияҳои минбаъда равона мешаванд ва дар натиҷа рушди иқтисодӣ хислати устуворро пайдо менамояд” [2; С.431].

Ҳамин тавр дар шароити муосири тараққиёти иқтисодӣ сиёсати савдои беруна бо дарназардошти вазъияти кишварҳо амалӣ карда шавад. Дар шароити барзиёдии воридот нисбат ба содирот ва вобастагии воридотӣ афзалият ба сиёсати ҳимоякунандаи савдои беруна зоҳир карда мешавад, ки барои инкишофи соҳаҳои муайяни иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамоянд ва қобилияти иҷро намудани нақши калидиро дар тадбиқи стратегияи воридотивазкунанда доранд. Дар амал тадбиқ намудани чунин сиёсат, иқтисодиёти миллӣ бо хароҷоти муайян дучор мешаванд, ки бо коҳишёбии рақобатпазирии корхонаҳои миллӣ алоқаманд мебошад. Лекин дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат чунин хароҷот аз ҳисоби инкишофи истеҳсолоти дохилӣ рӯйпӯш карда шуда, барои иштироки самараноки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. Багдасарян К. М. Пахомов А.А. Проблемы участия государств ЕАЭС в деятельности ВТО // Экономическое развитие России. – 2016.– Т. 23, № 11. – С. 31-37.

2. Джон Итуэлл Импортозамещающий и экспортоориентированный экономический рост. // Экономическая теория. Под ред. Дж. Итуелла, М. Милгейта, П. Ньюмена. – М. Инфра-М, 2004. – XII, 931с. – (New Palgrave). С. 431.

3. Исаченко Т.М. Торговая политика Европейского союза. М.: Издательский дои ГУВШЭ, 2010. 684с.

4. Кадочников, П. А. Открытость российской экономики как источник экономического роста / П. А. Кадочников, А. Ю. Кнобель, С. Г. Синельников-Мурылев // Вопросы экономики. – 2016. – № 12. – С. 26-42.53,

5. Кадочников, П. А. Протекционизм и либерализация внешней торговли в России и ведущих странах мира / П. А. Кадочников // Российский внешнеэкономический вестник. – 2015. – № 3. – С. 3-13.

6. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2005. 386 с.

7. Antras, P. Multinational firms and the structure of international trade / P.Antràs, S. R. Yeaple // Handbook of international economics. – 2014. – Vol. 4. – P. 55-130.

8. De Loecker, J. Firm performance in a global market / J. De Loecker, P. K. Goldberg // Annual Review of Economics. – 2014. – Vol. 6, № 1. – P. 201-227.

9. Global Value Chains and Development. Investment and value added trade in the global economy [Захираи электронӣ] // United Nations Publication. – 2013. – Реҷаи дастрасӣ: https://unctad.org/en/PublicationsLibrary/diae2013d1_en.pdf.

10. Harrison, A. Recent perspectives on trade and inequality / A. Harrison, J. McLaren, M. McMillan // Annual Review of Economics. – 2011. – Vol. 3, № 1. – P. 261-289.

11. Irwin, D. A. Does Trade Reform Promote Economic Growth? A Review of Recent Evidence [Захираи электронӣ] / D. A. Irwin // NBER Working Paper:. – 2019. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.nber.org/papers/w25927.pdf.

12. Melitz, M. J. Heterogeneous firms and trade / M. J. Melitz, S. J. Redding //Handbook of international economics. – 2014. – Vol. 4. – P. 1-54.

13. Rodríguez-Clare, C. A. Trade Theory with Numbers : Quantifying the Consequences of Globalization / C.A. Rodríguez-Clare // Handbook of International Economics. – Elsevier, 2014. – P. 197-261.

14. Shu, P. The impact of trade liberalization on firm productivity and innovation / P. Shu, C. Steinwender // Innovation Policy and the Economy. – 2019. – Vol. 19, № 1. – P. 39-68.

15. Smith, A. An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations /A. Smith. – University of Chicago Press; UK ed. Edition, 1977. – 1152 p.

16. Trade, Growth and World Affairs Trade Policy as a core component of the EU's 2020 Strategy [захираи электронӣ] // EUROPEAN COMMISSION: –2010. – Реҷаи дастарӣ: http://aei.pitt.edu/38021/1/COM_(2010)_612.pdf. 309

ХУСУСИЯТИ МУРОФИАВИИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАҲО ОИД БА СИТОНИДАНИ ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ БА ТАРИҚИ МУРОФИАИ ИҚТИСОДӢ

Табаров Н.А. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе)

Дар мақола хусусияти мурофиавии баррасии парвандаҳо оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба тариқи мурофиаи иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад. Қайд карда шудааст, ки мувофиқи қисми 1 моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад. Дар таҳти пардохтҳо ҳамчунин пардохтҳои гумрукӣ низ фаҳмида мешавад. Дар ҳолате, ки агар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ машғуланд, аз ихтиёран пардохт намудани пардохтҳои пардохтҳои гумрукӣ саркашӣ менамоянд, мақомоти гумрук,

ки тибқи қонун ваколати назоратро доро мебошанд, метавонанд ба суди иқтисодӣ бо ариза оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ аз шахсоне, ки фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодиро ба амал мебароранд, муроҷиат намоянд.

Калидвожаҳо: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумрук, Кодекси мурофиавии иқтисодӣ, суди иқтисодӣ, ариза, истеҳсолоти даъвогӣ, ҳалнома.

ПРОЦЕССУАЛЬНЫЙ ХАРАКТЕР РАССМОТРЕНИЯ ДЕЛ О ВЗЫСКАНИИ ТАМОЖЕННЫХ ПЛАТЕЖЕЙ В РАМКАХ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА

Табаров Н.А. - кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансового и экономического университета.

В статье рассматривается процессуальный характер рассмотрения дел о взыскании таможенных платежей в экономическом процессе. Было отмечено, что в соответствии с частью 1 статьи 45 Конституции Республики Таджикистан уплата налогов и сборов, определенных законом, является обязанностью каждого. Под платежами понимаются также таможенные сборы. В случае, если юридические и физические лица, осуществляющие предпринимательскую и иную экономическую деятельность, уклоняются от добровольной уплаты таможенных платежей, таможенные органы, наделенные по закону надзорными полномочиями, могут обратиться в экономический суд с заявлением о взыскании таможенных платежей с лиц, осуществляющих предпринимательскую и иную экономическую деятельность.

Ключевые слова: Конституция Республики Таджикистан, Таможенный кодекс, экономический процессуальный кодекс, экономический суд, заявление, производство иска, решение.

THE PROCEDURAL NATURE OF THE CONSIDERATION OF CASES ON THE COLLECTION OF CUSTOMS PAYMENTS WITHIN THE FRAMEWORK OF THE ECONOMIC PROCESS

Tabarov N.A. - Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State Financial and Economic University.

The article examines the procedural nature of the consideration of cases on the collection of customs duties in the economic process. It was noted that in accordance with part 1 of Article 45 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the payment of taxes and fees determined by law is the responsibility of everyone. Payments are also understood as customs duties. In the event that legal entities and individuals engaged in entrepreneurial and other economic activities evade the voluntary payment of customs duties, the customs authorities, endowed by law with supervisory powers, may apply to the economic court with an application for the collection of customs payments from persons engaged in entrepreneurial and other economic activities.

Keywords: Constitution of the Republic of Tajikistan, Customs Code, economic Procedural Code, economic court, statement, claim, decision.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад. Бояд қайд кард, ки дар таҳти пардохтҳо ҳамчунин пардохтҳои гумрукӣ низ фаҳмида мешавад. Ба пардохтҳои

гумрукӣ тибқи қисми 1 моддаи 340 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] дохил мешаванд:

1) боҷи гумрукӣ;

2) андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад;

3) аксиз, ки ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад.

Пардохткунандагони боҷҳои гумрукӣ ва андоз декларантҳо ё шахсони дигаре мебошанд, ки дар асоси Кодекси гумрук вазифаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба уҳдаи онҳо гузошта шудааст. Декларант шахсе мебошад, ки молро декларатсия мекунад ё аз номи ӯ мол декларатсия карда мешавад. Декларатсияи гумрук ҳуҷҷати дорои шакли муайян мебошад, ки дар он тибқи Кодекси гумрук маълумоти барои мақомоти гумрук зарурӣ зикр карда мешавад. Агар мол аз тарафи брокери гумрук (намоянда) декларатсия карда шавад, ӯ мувофиқи қисми 2 моддаи 144 ҳамин Кодекс барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шахси масъул ҳисоб меёбад.

Ҳангоми риоя нашудани муқаррароти Кодекси гумрук дар бораи истифодабарӣ ва ихтиёрдории мол ё иҷрои дигар талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс барои татбиқи расмиёти гумрукӣ ва низоми гумрукӣ, ки мазмуни онҳо пурра ё қисман аз супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод карданро пешбинӣ менамояд, шахсони барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ, соҳиби анбори гумрукӣ, интиқолдиҳанда, шахсоне, ки ба зиммаи онҳо масъулияти риояи низомҳои гумрукӣ гузошта шудааст, ҳисоб мешаванд.

Ҳангоми насупурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла ҳангоми нодуруст ҳисоб кардан ва (ё) дер супурдани онҳо дар назди мақомоти гумрук шахсе ҷавобгар аст, ки масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андозро ба зимма дорад.

Ҳангоми интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба уҳдаи шахси интиқолдиҳандаи ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ва ба зиммаи шахсе мебошад, ки дар интиқоли ғайриқонунӣ иштирок мекунад, агар онҳо аз чунин интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт огоҳ буданд ва ё бояд огоҳ мебуданд, ҳангоми воридот бошад, инчунин шахсоне масъуланд, ки молу воситаҳои нақлиёти ғайриқонунӣ воридшударо барои худ харида гирифтаанд ва ё моликияти худ қарор додаанд, ба шарте ки ҳангоми харидан ғайриқонунӣ ворид шудани онҳоро медонистанд ё худ бояд огоҳ мебуданд, ки ин ваҷҳ ба таври зарурӣ тибқи тартиби муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Агар шахсони номбаршуда дар содироту воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ба сифати декларант амал карда бошанд, онҳо барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, чунин масъулиятро ба зимма доранд.

Боҷҳои гумрукӣ ва андоз то қабули декларатсияи гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ё ҳамзамон бо он, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси гумрук, пардохт мешаванд.

Ҳангоми воридоти мол боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд дар давоми 15 рӯзи пешниҳоди мол ба мақоми гумрук дар маҳали расидани он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз рӯзи анҷом ёфтани транзити дохилии гумрукӣ пардохта шаванд, ба шарте агар мол дар маҳали воридшавии он декларатсия карда нашавад.

Ҳангоми содироти мол боҷи гумрукӣ бояд дар муҳлати на дертар аз рӯзи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ пардохта шавад, ба шарте агар Кодекси гумрук тартиби дигарро муқаррар накарда бошад.

Дар сурати тағйир ёфтани низоми гумрукӣ боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд то рӯзе, ки Кодекси гумрук барои анҷом додани амали низоми гумрукии тағйирёбанда муқаррар кардааст, пардохта шаванд.

Ҳангоми ба мақсади дигар истифода кардани моли шартан иҷозатдодашуда на бо мақсаде, ки вобаста ба он имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод шуда буданд, барои ҳисоби фоизҳо (моддаи 393) муҳлати супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз рӯзи аввале ҳисоб меёбад, ки шахс талаботи маҳдудият барои истифодабарӣ ва ихтиёрдории молро вайрон кардааст. Агар муайян намудани ин рӯз имконнопазар бошад, рӯзи аз тарафи мақомоти гумрук қабул шудани декларатсияи гумрукӣ ба ин гуна мол рӯзи оғози муҳлати супурдани боҷу андозҳо ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоми вайрон кардани талабу шартҳои расмиёти гумрукӣ, ки мутобиқи Кодекси гумрук шахсро ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз вазифадор месозад, муҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ барои ҳисоби фоизҳо рӯзи содир шудани чунин қонуншиканӣ ҳисоб мешавад. Агар муайян кардани чунин рӯз имконнопазир бошад, рӯзи оғози амали расмиёти дахлдори гумрукӣ муҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шуморида мешавад.

Муҳлати пардохти боҷи гумрукӣ ва андози моле, ки шахсони воқеӣ барои истифодаи шахсӣ интиқол медиҳанд, дар муросилоти байналмилалии почта, тавассути қубурҳо ва хатҳои барқ интиқол дода мешавад, моли муваққатан воридкардашуда ва қисман аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод кардашуда, моли ғайриқонунӣ воридкардашудае, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз харидорони он пайдо карда шудаанд (созмонҳои машғули тиҷорати яклухт ё чаканаи моли воридшуда) тибқи Кодекси гумрук муайян карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 392 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати дар муҳлати муқарраршуда насупоридан ё пурра напардохтани боҷи гумрукӣ, андоз мақомоти гумрук боҷҳои гумрукӣ ва андозро маҷбуран, тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меситонанд. Ситонидани маҷбурии боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати шахсони барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул ё аз ҳисоби арзиши моле, ки боҷҳои гумрукӣ ва андози он супорида нашудааст, анҷом дода мешавад. Ситонидани маҷбурии боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз шахсон бо роҳи ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз ҳисоби маблағҳои дар суратҳисобҳои дар бонкҳо будаи пардохткунанда ё аз ҳисоби амволи дигари пардохткунанда тибқи тартиби судӣ анҷом мегирад. Мақоми гумрук пеш аз истифодаи чораҳои вобаста ба ситонидани маҷбурии боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба шахси масъули пардохткунандаи онҳо талаби супоридани пардохтҳои гумрукиро пешниҳод мекунад.

Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз огоҳномаи мақоми гумрук аст, ки ба таври хаттӣ дар бораи дар муҳлати муқарраршуда насупоридани маблағи боҷи гумрукӣ ва андоз, инчунин уҳдадориҳои супоридани маблағи боҷи гумрукӣ, андоз ва фоизҳо дар муҳлатҳои дар ин талабнома омадаро дар бар мегирад. Талабномаи супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд маълумотро дар бораи маблағи пардохтшавандаи боҷи гумрукӣ ва андоз, андозаи фоизи дар рӯзи пешниҳоди талабнома ҳисобшуда, муҳлати супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз мувофиқи Кодекси гумрук, муҳлати иҷрои талабнома, ҳамчунин тадбирҳои маҷбурии ситонидани боҷи гумрукӣ, андоз ва таъмини ситонидани онҳоро, ки дар сурати насупоридани боҷу андозҳои гумрукӣ аз тарафи пардохткунанда истифода мегарданд, инчунин дар бораи асосҳои пешниҳоди талабномаро дар бар гирад.

Талабнома дар бораи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба пардохткунанда бояд дар давоми 10 рӯзи баъд аз ошкор шудани далели насупоридан ё пурра насупоридани боҷи гумрукӣ ва андоз фиристода шавад. Муҳлати иҷрои шартҳои талабнома дар бораи

супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз на зиёда аз 20 рӯзро аз рӯзи қабули талабнома ташкил медиҳад. Ҳангоми иҷро накардани талабномаи мазкур мақомоти гумрук дар бобати маҷбуран ситонидани боҷи гумрукӣ ва андоз мувофиқи талаботи Кодекси гумрук чора меандешанд.

Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба роҳбар ё шахси ваколатдори намояндаи ташкилот ё шахси воқеӣ бо имзои шахсӣ ё ба тариқи дигар, ки далели гирифтан ва рӯзи гирифтани онро тасдиқ менамояд, супорида мешавад. Агар шахсони мазкур аз гирифтани талабномаи мазкур саркашӣ намоянд, пас он тавассути почта бо мактуби фармоишӣ фиристода мешавад. Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз баъд аз шаш рӯзи фиристодани мактуби фармоишӣ дастрасшуда ҳисоб меёбад.

Ҳангоми дар муҳлати пешбинишуда иҷро накардани шартҳои талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз мақомоти гумрук тадбирҳои пешбининамудаи моддаи 395 Кодекси гумрукро амалӣ менамоянд. Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба пардохткунанда сарфи назар аз ҷалби ӯ ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ фиристода мешавад. Муҳлати даъво бо талаби мақомоти гумрук нисбати пардохти маблағи боҷи гумрукӣ, андоз ва фоизҳо аз ҷониби пардохткунанда аз рӯзи ба анҷом расидани барасмиятдарории мол ҳисоб карда шуда, панҷ солро ташкил медиҳад.

Дар ҳолати аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ машғуланд, саркашӣ кардан аз ихтиёран пардохт намудани боҷи гумрукӣ ва андоз мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд бо талаботҳо оид ба ситонидан аз чунин шахсоне, ки аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз қарздоранд ба суди иқтисодӣ мурочиат намоянд.

Ҳангоми ба суди иқтисодӣ додани ариза дар бораи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук бояд талаботҳои моддаҳои 124, 125, 193, 194 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] риоя карда шавад.

Дар ариза бояд талаботи зайл дарҷ карда шаванд:

- номгӯи пардохте, ки бояд ситонида шавад, андоза ва ҳисоби маблағи он;
- меъёрҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки пардохтро пешбинӣ кардаанд;
- фиристонидани маълумот дар бораи ихтиёран пардохт кардани маблағ.

Баррасии парвандаҳо оид ба ситонидани пардохтҳои ҳатмӣ, аз он ҷумла гумрукӣ ва муҷозот (санксия) бо боби 23 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст.

Проблемаи муҷозот (санксия) на хусусияти мурофиавӣ, балки моддӣ-ҳуқуқии вобаста ба равшан кардани таносуби меъёрҳои Кодекси андоз ва дигар қонунҳое, ки ҳам муҷозоти молумулкӣ (чун қоида, хусусияти ҷаримавӣ) ва ҳам муҷозоти дигар навъро нисбати субъектони фаъолияти иқтисодӣ барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ пешбинӣ менамоянд, дорад[4, С. 451-453; 5, С. 257-259; 6, С. 247-249; 7, С. 478-490; 8, С. 208-210].

Парвандаҳо оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ аз тарафи судя танҳо дар муҳлати на бештар аз як моҳи баъди дохилшавии ариза ба суди иқтисодӣ, бо дохил кардани муҳлати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва қабули ҳалнома оид ба парванда, баррасӣ мешавад.

Суди иқтисодӣ оид ба вақт ва маҳалли баргузории парванда шахсони иштироккунандаи мурофиаро хабардор мекунад. Ҳозир нашудани шахсоне, ки аз вақт ва маҳалли баргузории маҷлиси судӣ огоҳ буданд, монеъи баррасии парванда намешаванд, агар суд иштироки онҳоро ҳатмӣ нашуморида бошад.

Суди иқтисодӣ метавонад иштироки шахсони иштироккунандаи мурофиаи судиро ҳатмӣ шуморида, барои додани баёнот дар мурофиаи судӣ онҳоро даъват намояд. Ҳозир

нашудани шахсони зикргардида ба мурофиаи судӣ бе сабабҳои узрнок барои ситонидани ҷарима аз рӯи тартиб ва андозае, ки дар боби 11 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, асос мегардад.

Уҳдадории исбот кардани ҳолатҳое, ки асос барои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ мегардад, ба зиммаи аризадиҳанда (мақомоти гумрук) вогузор карда мешавад.

Дар сурати пешниҳод накардани далелҳо оид ба баррасии парванда ва қабул кардани қарор аз тарафи аризадиҳанда, суди иқтисодӣ метавонад онҳоро бо ташаббуси худ талаб намояд.

Дар вақти баррасии парванда оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ суди иқтисодӣ дар маҷлиси судӣ мавҷуд будани асосҳои ситонидани маблағи қарзӣ, ваколати мақомоти муроҷиаткунандаро оид ба талаби рӯёниш муқаррар намуда, дурустии ҳисоб ва андозаи маблағи ситонидашавандаро месанҷад.

Ҳалномаи суди иқтисодӣ оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ аз рӯи тартиби муқарраркардаи боби 20 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

Ҳангоми қонеъ гардонидани талабот оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ бояд дар қисми хулосавӣ ин чизҳо дарҷ карда шаванд:

- номи шахсе, ки маблағи қарзро бояд супорад, ҷои ҷойгиршавӣ ё маҳалли зист ва маълумот дар бораи қайди давлатии он;

- ҳаҷми умумии маблағи ситонидашаванда дар алоҳидагӣ бо муайян кардани қарзи асосӣ ва муҷозот.

Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо).

2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 2, мод. 703, мод. 704 (бо тағйиру иловаҳо).

3. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 1, к. 1, мод. 4, мод. 5 (бо тағйиру иловаҳо).

4. Арбитражный процесс: Учебник / Под ред. проф. М.К. Треушникова. – М.: ООО «Городец-издат», 2003. – С. 451-453.

5. Григорьева Т.С., Савольева Т.А., Струнков С.К. Арбитражный процесс. Учебно-методический комплекс. – М.: Норма, 2006. – С. 257-259.

6. Иброҳимов С.И., Табаров Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии судии иқтисодӣ. Комплекси (маҷмӯаи) таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2009. – С. 247-249.

7. Особенности рассмотрения дел в арбитражном процессе: Практическое пособие / Отв. ред. А.А. Арифулин и И.В. Решетникова. – М.: Норма, 2006. – С. 478-490.

8. Сидиқова Н.Н., Табаров Н.А., Шарифзода Т., Шарипов У.А. Ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Полиграф групп», 2023. – С. 208-210.

РОҶЕЪ БА МАСОИЛИ МУБРАМИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯИ МОЛИЯВӢ: ЧОЛИШҲО ВА ДУРНАМО

Убайдуллоев Ф. К. - н.и.и., дотсент, ДДМИТ

Мақолаи мазкур ба баррасии баъзе аз мушкилоти низоми муосири молияи ҷаҳон, ки дар асари равандҳои шиддатёбандаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадаанд, бахшида шудааст. Муаллиф масъалаи ташаккули низоми яккутбаи пешсафӣ, ташаккули иқтисоди нав ва аз

бахши воқеӣ ҷудо шудани бахши молиявиро пайгирӣ кардааст. Дар мақола масъалаи пайдоиши зиддиятҳо зимни ҳамгироии молиявӣ дар байни кишварҳои рушдкардаи постиндустриалӣ ва кишварҳои рушдёбандаи ба марҳилаи индустриалии рушд воридшаванда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамин гурӯҳ шомил мешавад, таҳлил шудааст.

Калидвожаҳо: ҷаҳонишавии молиявӣ, иқтисоди нав, ширкатҳои фаромиллӣ, бахши воқеӣ, бахши молиявӣ, бозори молияи ҷаҳонӣ, ҳамгироӣ, деривативҳо, либерализатсия, холдингҳои молиявӣ

ОБ АКТУАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМАХ ФИНАНСОВОЙ ГЛОБАЛИЗАЦИИ: ВЫЗОВЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Убайдуллоев Ф. К. – к.э.н., доцент, ТГФЭУ

Данная статья посвящена рассмотрению некоторых проблем современной мировой финансовой системы, вызванных усиливающимися процессами глобализации. Автор проследил проблему формирования однополярной системы лидерства, формирования новой экономики и отделения финансового сектора от реального. В статье анализируется проблема возникновения противоречий при финансовой интеграции между постиндустриально развитыми странами и развивающимися странами, вступающими в индустриальную фазу развития, к которой относится Республика Таджикистан.

Ключевые слова: финансовая глобализация, новая экономика, транснациональные компании, реальный сектор, финансовый сектор, глобальный финансовый рынок, интеграция, деривативы, либерализация, финансовые холдинги

ON THE CURRENT PROBLEMS OF FINANCIAL GLOBALIZATION: CHALLENGES AND PROSPECTS

Ubaydulloev F. K. – Candidate of Economics, Associate Professor, TSFEU


This article is devoted to the consideration of some problems of the modern global financial system caused by the increasing processes of globalization. The author traced the problem of the formation of a unipolar leadership system, the formation of a new economy and the separation of the financial sector from the real one. The article analyzes the problem of contradictions in financial integration between post-industrial developed countries and developing countries entering the industrial phase of development, which includes the Republic of Tajikistan.

Keywords: financial globalization, new economy, multinational companies, real sector, financial sector, global financial market, integration, derivatives, liberalization, financial holdings

Ҷаҳонишавӣ як раванди бисёрҷанба аст, ки сайёраи моро ба куллӣ тағйир медиҳад ва онро бештар ба ҳам алоқаманд ва вобаста мегардонад. Ин падида ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҳаётро фаро гирифта, ҳам имкониятҳои назаррас ва ҳам мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Яке аз ҷанбаҳои калидии ҷаҳонишавӣ рушди босуръати тиҷорат ва сармоягузории байналмилалӣ мебошад. Бартараф кардани монеаҳои савдо ва ташкили минтақаҳои озоди савдо мубодилаи молҳо ва хизматҳоро байни кишварҳо ҳавасманд намуда, ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ мусоидат мекунад. Ҷаҳонишавии молиявӣ, дар навбати худ, ҳаракати сармояро дар саросари ҷаҳон осон мекунад ва барои сармоягузорӣ ва рушд имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Ҷаҳонишавӣ ба муҳоҷирати аҳолӣ мусоидат мекунад, ки ба мубодилаи фарҳангӣ ва ташаккули ҷомеаи ҷаҳонӣ оварда мерасонад. Паҳн кардани иттилоот тавассути васоити ахбори омма ва рушди сайёҳӣ ин равандро метезонад. Аммо, дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ҷаҳонишавӣ метавонад ба ҳифзи ҳувияти миллӣ ва гуногунии фарҳангӣ таҳдид кунад. Гарчанде ҳамгироии сиёсӣ нисбат ба ҳамгироии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сусттар рушд мекунад, нақши созмонҳои байналмилалӣ дар танзими равандҳои ҷаҳонӣ мунтазам меафзояд. СММ ва дигар институтҳои байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, камбизоатӣ ва баэътидолории муноқишаҳо нақши муҳим доранд.

Ҷаҳонишавӣ ба пайдоиши занҷирҳои ҷаҳонии таъминот оварда расонд, ки дар онҳо истеҳсоли маҳсулот байни кишварҳои гуногун тақсим карда мешавад. Корпоратсияҳои фаромиллӣ дар ин раванд нақши калидӣ доранд ва шабакаҳои ҷаҳонии худро барои оптимизатсияи истеҳсолот ва кам кардани хароҷот истифода мебаранд. Ҷаҳонишавии молиявӣ бошад, як раванди мураккаб, баҳсбарангез ва бебозгашт аст, ки ба ҳаёти мо таъсири амиқ мерасонад аст, ки муносибати мутавозин ва ҳамкории байналмилалиро талаб мекунад. Фаҳмидани табиат ва оқибатҳои он калиди қабули қарорҳои мутавозин дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мебошад.



Расми 1. Сохтори занҷирҳои истеҳсолии ҷаҳонӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Аз расм дида мешавад, ки ташаккули низоми молияи ҷаҳонӣ маҳсулу самараи ҷаҳонишавӣ мебошад. Ба ин, аз як тараф, суръати баланди рушди технологияҳои иттилоотӣ сабаб шуда бошад, аз тарафи дигаро, афзорҳои бозори молиявӣ низ бошиддат рушд карда, ҳаҷми додугирифти бозори мазкур дар як рӯз аз миллиардҳо доллар ҳам гузашта рафт (тибқи рақамҳои оморӣ ҳаҷми муомилоти рӯзона дар бозорҳои молиявии дунё аз 2 трлн долл.ИМА зиёд аст).

Ҳосилаҳои молиявӣ ё ба истилоҳ деривативҳо афзоре шуданд, ки барои коҳиш додани хавфҳои зиёди дар бозорҳои молиявии дунё баамаломада василаи самарабахши хубе

гардиданд. Ҳосилаҳои молиявӣ ба дороиҳои базавӣ, яъне, меъёри фоиз, асъор, коғазҳои қиматнок, мол, ҳатто маълумоти оморӣ ва ғайра асос ёфта, амалеро мефаҳмонанд, ки тибқи қарордоди тасвибшуда нисбат ба дороиҳои мазкур аз ҷониби яке аз тарафҳо татбиқ карда мешавад. Рушди бесобиқаи бозорҳои молиявӣ дар дунё ба он оварда расонид, ки тадриҷан вобастагии онҳо аз истеҳсолот гусаста шуда, сари чанд вақт ба истилоҳ “пуфакчаҳо” ё “ҳубобҳои рӯйи об” пайдо шудан гирифтанд. Барои арзёбии объективии оқибатҳои ҷаҳонишавӣ баррасии ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои мусбат ва манфӣ зарур аст. Натиҷаҳои чунин таҳлилро дар шакли ҷадвал пешниҳод кардан мумкин аст, ки оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонишавиро ба низом медарорад (расми 2).



Расми 2. -Таснифоти оқибатҳои мусбии иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонишавии молиявӣ


Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ин аз як тараф, ба табиати даврагӣ доштани рушди иқтисод, аз ҷумла соҳаи молия гувоҳ бошад, аз тарафи дигар, манфиатдор будани гурӯҳҳои молиявиро ба амалиёти ҳаннотӣ нишон медиҳад. Ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ, ки бо либерализатсияи танзими бонкӣ ҳамроҳ сурат гирифт, ба институтҳои молиявӣ имкониятҳои васеъ барои фаъолият фароҳам оварда. Ин дар хусусигардонии васеи дороиҳои молиявӣ, коҳиши гаронии андоз ба амалиёти молиявӣ ва рушди фаъоли марказҳои бонкии оффшорӣ ифода ёфтааст.

Чуноне аз расми 2 дида мешавад, ҷаҳонишавии молиявӣ, дар баробари паҳлуҳои зиёди позитивӣ, инчунин, баъзе мушкилотро низ дар пай дорад. Онҳоро бо такя ба расмҳои боло чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: танзими бозорҳои ҷаҳонӣ, адолати иҷтимоӣ, рушди устувор ва идоракунии хавфҳои ҷаҳонӣ. Яъне, имрӯзҳо зарурати эҷоди механизмҳои муассири танзими бозорҳои ҷаҳонӣ барои пешгирии сӯиистифода ва таъмини адолат, ҷустуҷӯи роҳҳои коҳиш додани оқибатҳои манфии иҷтимоии ҷаҳонишавӣ ва таъмини тақсимоти одилонаи манфиатҳои он, якҷо ба роҳ мондани рушди иқтисодӣ бо устувории экологӣ ва пешрафти иҷтимоӣ фаро расидааст. Бояд стратегияҳои муассири идоракунии хавфҳои ҷаҳонӣ ба монанди пандемия, тағйирёебии иқлим ва муқовимат бо терроризм таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Зиддиятҳо байни кишварҳои постиндустриалӣ ва тоиндустриалӣ падидаи мураккабест, ки решаҳои он ба фарқиятҳои амиқи низомҳои иқтисодӣ, сатҳи рушд ва инчунин тақсимоти захираҳои ҷаҳонӣ рост меояд. Сабабҳои асосии шиддат гирифтани низоъ, чуноне дар боло қайд кардем, пеш аз ҳама дар рушди нобаробари кишварҳост. Кишварҳои постиндустриалӣ, ки ба дониш ва навоварӣ асос ёфтаанд, афзоиши нуфузи иқтисодӣ ва сиёсии худро идома медиҳанд. Кишварҳои тоиндустриалӣ, дар навбати худ, аксар вақт аз содироти захираҳои ашёи хом вобастагӣ доранд ва дар диверсификатсияи иқтисодиёт мушкилот доранд. Омили дигар ин рақобат барои захираҳо мебошад. Бо афзоиши аҳолӣ ва истеъмол, бахусус дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, рақобат барои захираҳои маҳдуди табиӣ, аз қабили нафт, газ, минералҳо афзоиш меёбад. Ин боиси ихтилофи манфиатҳо байни кишварҳои содиркунанда ва кишварҳои воридкунанда мегардад. Ҷозеф Стиглитс, яке аз маъруфтарин мунаққидони ҷаҳонишавии неолибералӣ, таъкид мекунад, ки ҷаҳонишавии молиявӣ аксар вақт боиси афзоиши нобаробарӣ ва ноустуворӣ мегардад. Вай чунин мешуморад, ки институтҳои байналмилалии молиявӣ бояд ислоҳ карда шаванд ва қоидаҳои одилонаи бозӣ эҷод карда шаванд [2].

Ҳамин тариқ, ҷаҳонишавии молиявӣ аз як тараф, ба рушди иқтисодӣ мусоидат кард, аммо аз тарафи дигар, нобаробарии байни кишварҳо ва минтақаҳоро афзоиш дод. Кишварҳои тоиндустриалӣ аксар вақт мавриди истисмори корпоратсияҳои фаромиллӣ қарор мегиранд ва дар ҳимояи манфиатҳои миллии худ мушкилот доранд. Тағйирёбии иқлим ба кишварҳои тоиндустриалӣ, ки ба ҳодисаҳои обу ҳаво осебпазиртаранд, таъсири номутаносиб мерасонад. Ин ба нооромиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ оварда мерасонад ва ташаннуҷро дар муносибатҳои байни кишварҳо афзоиш медиҳад (расми 3).



Расми 4. Гурӯҳбандии кишварҳо ва зиддияти онҳо вобаста ба сатҳи рушд. / Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҷаҳонишавӣ боиси парокандагии амиқи истеҳсолот гардид, ки марҳилаҳои гуногуни эҷоди маҳсулот байни кишварҳои гуногун тақсим карда мешаванд. Ин боиси афзоиши тиҷорати байналмилалӣ, бахусус дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ гардид, гарчанде ки арзиши асосии иловашуда ҳанӯз дар кишварҳои пешрафта тавлид мегардад. Дар натиҷа, кишварҳо на он қадар ба истеҳсоли молҳои ниҳоӣ, балки ба марҳилаҳои муайяни раванди истеҳсолот тахассус пайдо карданд, ки ин сатҳи рушди технологии онҳоро инъикос мекунад.

Дар ин байн нобаробарии технологӣ низ боиси афзоиши зиддияти байни давлатҳои дар сатҳи гуногуни рушд қарордошта мегард. Тафовут дар рушди технологӣ байни кишварҳои постиндустриалӣ ва тоиндустриалӣ афзоиш меёбад. Ин ҳамгироии кишварҳои гурӯҳи дуюмро ба занҷираҳои истеҳсолии ҷаҳонӣ мушкилтар мекунад ва рақобатпазирии онҳоро коҳиш медиҳад. Амартия Сен, иқтисоддони ҳиндӣ, барандаи ҷоизаи Нобел, аҳамияти рушди инсон ва адолати иҷтимоиро таъкид мекунад. Вай таваҷҷуҳи аз ҳад зиёдро ба рушди иқтисодӣ бар зарари дигар ҷанбаҳои некуаҳволӣ танқид мекунад [1]. Бо ҳамин, маҳдуд будани захираҳо адолати тақсимотиро ба мадди аввал мебарорад [4, с.54-63].

Дар натиҷаи ин зиддиятҳо суръати рушди иқтисоди ҷаҳон коҳиш ёфта, зиддиятҳои тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои протексионизм ба тиҷорат ва сармоягузории ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонанд ва низоъҳои байни кишварҳо метавонанд муносибатҳои байналмилалиро ноором кунанд ва ба буҳронҳои минтақавӣ оварда расонанд. Мубориза барои захираҳо метавонад боиси кам шудани захираҳои табиӣ ва бад шудани вазъи экологӣ гардад.

Дар расми боло Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ тасниф шуда, нишонаҳои индустриализатсияро дар афзоиши истеҳсолоти саноатӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва дастгирии давлатии саноат нишон медиҳад. Аммо, як қатор омилҳо пешрафти онро бозмедоранд: а) сатҳи пасти ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва ҳиссаи зиёди кишоварзӣ дар иқтисодиёт зарурати диверсификатсияро нишон медиҳанд; б) сатҳи баланди камбизоатӣ ва инфрасохтори суст

рушдёфта барои рушди саноат монеаҳои иловагӣ эҷод мекунанд; в) вобастагӣ аз кумаки беруна мустақилии сиёсати иқтисодиро маҳдуд мекунад; г) захираҳои маҳдуди молиявӣ, норасоии кадрҳои баландихтисос ва инфрасохтори суст рушдёфта арзиши истеҳсолотро баланд мебардоранд ва дастрасиро ба бозорҳо маҳдуд мекунанд; д) таъсири омилҳои беруна ба монанди тағйирёбии нархи молҳо ва вазъи иқтисодии ҷаҳонӣ низ таъсири назаррас доранд.

Ба андешаи мо, саноатикунонии бомуваффақияти Тоҷикистон аз омилҳои зерин вобаста аст: 1) сиёсати самараноки давлатӣ (тадбирҳо оид ба дастгирии саноат, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди сармояи инсонӣ); 2) ҷалби сармоягузорӣ (Воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба навсозии истеҳсолот ва инфрасохтор имкон медиҳад); 3) рушди сармояи инсонӣ (Сармоягузорӣ ба таҳсилот ва таълими касбии кадрҳо калиди баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мебошад); 4) муқовимат ба таконҳои беруна (Иқтисодиётро диверсификатсия кардан вобастагиро аз омилҳои беруна кам мекунад).

Хулоса, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муҳими рушди худ қарор дорад. Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, кишвар барои саноатикунонӣ иқтидори назаррас дорад. Муваффақияти ин раванд аз қобилияти кишвар барои бартараф кардани мушкилоти мавҷуда ва истифодаи самараноки захираҳои худ муайян карда мешавад.

Адабиёт

1. Амартия Сен. Идея справедливости. — М.: Изд-во Института Гайдара; Фонд «Либеральная Миссия», 2016. — 520 с. — ISBN 978-5-93255-457-9.

2. Джозеф Стиглиц. Цена неравенста. Чем расслоение общества грозит нашему будущему? [Электронный ресурс]. / Изд.: Эксмо. 2015. ISBN 978-5-699-72540-3. Режим доступа: https://www.livelib.ru/book/1002359/editions.

3. Маркс К., Энгельс Ф. Соч., 2-е изд. Т.13. С.6-7.

4. Убайдуллоев Ф.К. Ретроспективный анализ интерпретации дистрибутивной справедливости как экономической категории / Ф. К. Убайдуллоев // Финансово-экономический вестник. – 2020. – № 3(23). – С. 54-63. – EDN LMHAAW.

ВНЕШНЕЕ ФИНАНСИРОВАНИЕ И ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

Усмонов П.Н. - кандидат экономических наук, доцент кафедры международных финансово-кредитных отношении Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14, тел.:(+992) 917-09-04-64. E-mail:parviz.usmonov.77@bk.ru.

В данной статье раскрыта сущность внешнего финансирования, выявлены основные проблемы экономической безопасности страны, предложены основные формы внешнего финансирования для обеспечения экономической безопасности. Автором определены основные угрозы экономической безопасности, выделены ключевые методы поддержки национальной экономики.

Ключевые слова: международная экономика, внешнее финансирование, экономическая безопасность, экономический рост, иностранные инвестиции, внутренние сбережения, официальная помощь, внешняя задолженность.

МАБЛАҒГУЗОРИИ БЕРУНА ВА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТ

Усмонов П.Н. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалии молиявӣ-кредитии донишгоҳи давлатии молиявии Тоҷикистон Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,Шаҳри Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14, тел.: (+992) 917-09-04-64. E-mail:parviz.usmonov.77@bk.ru.

Дар мақолаи мазкур моҳияти маблағгузории хориҷӣ асоснок гардида, масъалаҳои асосии бехатарии иқтисодии мамлакат муайян карда шуда, шаклҳои асосии маблағгузории хориҷӣ барои таъмини бехатарии иқтисодиёти мамлакат пешниҳод гардидааст. Аз ҷониби муаллиф хафҳои асосие, ки барои таъмини бехатарии иқтисодиёт таҳдид менамоянд, муқаррар гардида, усулҳои калидии дастгирии иқтисодиёти миллӣ ҷудо карда шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти байналхалқӣ, маблағгузории хориҷӣ, бехатарии иқтисодиёт, рушди иқтисодӣ, сармоягузории хориҷӣ, пасандози дохилӣ, кӯмаки расмӣ, қарздории беруна.

EXTERNAL FINANCING AND ENSURING ECONOMIC SECURITY OF THE COUNTRY

Usmonov P.N. - Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik State Financial University Address:734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov str., 64/14, tel.:(+992) 917-09-04-64. E-mail:parviz.usmonov.77@bk.ru .

This article reveals the essence of external financing, identifies the main problems of the country's economic security, suggests the main forms of external financing to ensure economic security. The author identifies the main threats to economic security, highlights key methods of supporting the national economy.

Keywords: international economy, external financing, economic security, economic growth, foreign investment, domestic savings, official assistance, external debt.

Теория и практика международной экономики показывает, что все попытки изучить процессы развития в развивающихся и переходных странах без учета роли внешнего финансирования, ко¬торые прямо или косвенно способствуют этим процессам или тормозят их, являются бесполезными. В «Докладе о развитии мира» в 1991 г. го¬ворится: «Целью развития ... является улучшение качества жизни. Улучшение качества жизни, особен¬но в беднейших странах означает, прежде всего, увеличение доходов, но не только это. Оно включает в себя, в частности, лучшее образование, питание и здравоохранение, сокращение масштабов нищеты, оздоровление окружающей среды, равенство возможностей, расширение личной свободы и более насыщенную культурную жизнь».

Международная практика показывает, что по источникам внешнего финансирования страны-должники подразделяются на три группы. К первой группе относятся страны, получающие в основном финансирование от официальных кредиторов. Ко второй группе относятся страны, финансирование которых осуществляется из частных источников и, наконец, третья группа стран получает смешанное финансирование.


В экономической литературе сложилась общепринятая точка зрения, что основными причинами, вынуждающими развивающиеся и переходные страны брать взаймы

Аз ҷиҳати техникӣ тариф воситаи асосии давлат буда, имкони истифодааш дар Кодекси гумрукӣ муқаррар шудааст ва ҳаҷми муайяни боҷро ифода мекунад, ки ҳангоми убури сарҳади ҳудудӣ бояд пардохта шавад. Андозаи боҷҳо бо истифода аз номенклатураи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян карда мешавад, ки он ҳам санксияҳо ва ҳам преференсияҳоро ба назар мегирад, ки ин имкон медихад муносибатҳои сиёсӣ бо мамлакатҳои гуногун барпо карда шавад. Илова бар ин, тасҳеҳи нишондиҳандаҳо ба мӯътадил шудани вазъ дар бозори дохилӣ, пешгирии зиёдатӣ ё норасогии маҳсулот мусоидат намуда, ба нигоҳ доштани нархгузории муносиб, ки аз нуқтаи назари ташаккул ва нигоҳ доштани талаботи истеъмолӣ аҳамият дорад, мусоидат мекунад.

Таърифҳое, ки аз нуқтаи назари одамони оддӣ як падидаро тавсиф мекунанд, дар асл аз ҷиҳати мазмун якхела нестанд. Дар мавриди аввал сухан дар бораи хироҷи муайяне меравад, ки аз ҳар як маҳсулоте, ки аз сарҳадҳои территориявии давлат мегузарад, сарфи назар аз хусусияти хоси боркашонӣ — содирот, воридот ё транзит ситонида мешавад. Ин аслан як воситаи андози фискалӣ мебошад, ки бо меъёрҳои қонунгузорӣ танзим шуда, сари вақт пурра кардани буҷетро кафолат медиҳад, ки андозаи он дар асоси ҳаҷми пешбинишудаи муомилоти мол бо кишварҳои гуногун муайян карда мешавад.

Тарифи гумрукие, ки дар доираи танзими савдои беруна истифода мешавад, феҳристи маҳсулоти тиҷоратӣ мебошад, ки нисбати онҳо боҷҳо татбиқ карда мешаванд.

Хулоса таҳлили назариявии тарифи гумрукӣ бояд дар асоси як қатор принсипҳои мушаххас анҷом дода шавад. Чунин принсипҳо унсури муҳими методологияи махсуси

омӯзиши ҳам тарифҳои гумрукии миллӣ ва ҳам фаромиллӣ мебошанд. Ин ҳам ба тарифи воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам ба тарифи ягонаи гумрукӣ комилан дахл дорад.

Тарифи гумрукӣ ин низоми меъёрҳои боҷи гумрукӣ мебошад, ки шумораи онҳо ба шумораи зербандҳои номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ баробар аст. Принсипи ин ҷо хеле оддӣ аст: ҳар як зербанди номугӯи моли фаъолияти иқтисодии берунӣ (маҳсулоти инфиродӣ) меъёри боҷи гумрукии мувофиқ дорад.

Адабиёт

1. Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ((тағйир иловаҳо), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020, № 1746).
2. Единый таможенный тариф Таможенного союза (по состоянию на 19.08.2010 г.). - М.: ФТС России, 2010. - 571 с.
3. Таможенный тариф Российской Федерации. - М.: ФГУП «РОСТЭК», 2006. - 568 с.
4. Таможенное дело: Учебное пособие (Коллектив авто-ров)/Под ред. В.Ф. Салийчука.- Курган: Изд-во Курганского гос. ун-та, 2007.- 265 с.
5. Миляков Н.В. Таможенная пошлина. - М.: Финансы и статистика, 2004. - 256 с.
6. Внешняя торговля: таможенные аспекты регулирования: Межвуз. сборник научных трудов /Под ред. В.Ф. Салийчука.- Курган: Изд-во Курганского гос. ун-та, 2005.162 с.
7. Кругман П.Р., Остфельд М. Международная экономика.- 5-е изд. - СПб: Питер, 2004. - С.218.
8. Тарарышкина, Л.И. Таможенные платежи как инструмент регулирования внешнеэкономической деятельности / Л. И. Тарарышкина // Финансовый сектор экономики. – 2016. – С. 85–90.
9. Набирушкина, И. С. Финансово-правовое регулирование уплаты и взимания таможенных платежей : дис. на соискание ученой степени к-та юрид. наук : 12.00.04 / И. С. Набирушкина. – Саратов, 2014. – 212 л.
10. Букач В. Г., Синьков Б. Б. Экономическая сущность таможенных платежей. 2019

ТАШАККУЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МУОСИРИ ЛОГИСТИКӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҳикматов М.Н. – докторанти курси 3 – юми ихтисоси молия, муомилоти пулӣ ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ аҳамият ва нақши логистика дар хизматрасониҳои бахши иҷтимоии аҳолӣ ва корхонаҳо нақши ҳалкунандаро мебозад. Соҳаи хизматрасонӣ қисми муҳими иқтисодиёти муосири босуръат рушдёбанда мебошад. Логистикаи хизматрасонӣ як соҳаи нисбатан нав аст, ки барои муваффақият дар ин соҳа ҳарчи бештар талош кардан лозим мебошад.

Калимаҳои асосӣ: логистика, хизматрасониҳои логистикӣ, тиҷорати электронӣ, саривақтӣ, идоракунии хароҷот, тақсимоти мол ва хизматрасонӣ.

ОРГАНИЗАЦИЯ СОВРЕМЕННЫХ ЛОГИСТИЧЕСКИХ УСЛУГ В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ И ВОЗМОЖНОСТИ ЕЕ РАЗВИТИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Хикматов М.Н. - докторант 3-го курса по специальности Финансы, денежно-кредитное обращение Таджикского государственного финансового и экономического университета

В условиях глобализации экономических и социальных отношений решающую роль играет значение и роль логистики в обслуживании социальной сферы населения и предприятий. Сфера услуг является важной частью быстро развивающейся современной экономики. Сервисная логистика – относительно новая сфера, требующая все больше усилий для достижения успеха в этой сфере.

Ключевые слова: логистика, логистические услуги, электронная коммерция, пунктуальность, управление затратами, распределение товаров и услуг.

ORGANIZATION OF MODERN LOGISTICS SERVICES IN GLOBAL CONDITIONS AND ITS DEVELOPMENT OPPORTUNITIES IN TAJIKISTAN

Hikmatov M.N.- 3rd-year doctoral student in Finance, Monetary Circulation at the Tajik State University of Finance and Economics

In the conditions of globalization of economic and social relations, the importance and role of logistics in the services of the social sector of the population and enterprises plays a decisive role. The service sector is an important part of the rapidly developing modern economy. Service logistics is a relatively new field, which requires more and more efforts for success in this field.

Key words: logistics, logistics services, e-commerce, punctuality, cost management, distribution of goods and services.

Хизматрасонии логистикӣ фаъолиятест, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои истеъмолкунандагон тавассути расонидани маҳсулоти зарурӣ ба миқдори зарурӣ, дар ҷои лозима, дар вақти лозима бо нархи камтарин расонидани онҳо мебошад. Логистикаи хизматрасонӣ дорои хусусиятҳои ба худ хосест, ки онро аз логистикаи молӣ фарқ мекунад[1].

Мақсади хизматрасонии логистикӣ дар бахши савдо ин таъмини гардиши муассири муштариён мебошад. Ин сохтори шабакаи нуқтаҳои савдои чакана, таъсиси каналҳои оптималӣ ва занҷирҳои таъминот, ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагон, оптимизатсияи равандҳои анбор ва таъмини инфрасохтори самараноки нақлиётро дар бар мегирад.

Логистикаи хизматрасонӣ дар дигар соҳаҳои хизматрасонӣ ҳадафҳои шабеҳ дорад. Фахмидан зарур аст, ки бе ҷори намудани таъминоти моддию техникӣ самараи сохаи хизматрасонӣ қариб имконнопазир мегардад.

Логистикаи хидматрасонӣ як соҳаи нисбатан нав аст, ки дар иқтисодиёти муосир аҳамияти ҳарчи бештар пайдо мекунад, ва алоқамандии худро бо хизматрасониҳои рақамӣ тақвият бахшида нақш ва мақоми худро боло мебардорад.

Соҳаи хизматрасонӣ доираи васеи фаъолиятҳоро дар бар мегирад, аз нақлиёт ва алоқа то маориф ва тандурустӣ мебошад. Дар кишварҳои пешрафта, хизматрасонӣ қисми зиёди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва шуғлро ташкил медиҳад.

Хизматрасониҳо дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд, ки онҳоро аз мол фарқ мекунанд. Онҳо ғайримоддӣ, ҷудонашаванда, тағирёбанда мебошанд ва нигоҳ дошта намешаванд[3].

Беҳсозии бахши хизматрасонӣ метавонад дар самтҳои гуногун, аз ҷумла такмили таъминоти моддию техникӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, такмили равандҳои расонидани хизмат ва такмили идоракунии кадрҳо сурат гирад.

Логистикаи хизматрасонӣ, мувофиқи хусусиятҳои худ, мураккабӣ ва гуногунии назаррасро нишон медиҳад. Фарқи байни бозорҳои хизматрасонӣ ва молҳо зарурати муносибати махсусро ба логистикаи хизматрасонӣ ба вуҷуд меорад. Муҳаққиқони логистикаи ғарбӣ аллакай ду равишро муайян кардаанд: логистикаи гардиши мол (CRL – Commodity Response Logistics) ва логистикаи ҷараёни хизматрасонӣ (SRL - Service Response Logistics), ки фарқиятҳои онҳоро қайд карда, аммо саволҳои кушодро дар бораи татбиқи амалии ин равишҳо ба намудҳои гуногуни хизматрасонӣ бояд фаҳимд. Хизматрасонии логистикӣ бинобар хусусияти беназири хизматрасониҳо ҳамчун мол ва тафовути доимии онҳо ба мушкилот дучор мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки навъҳои классикии ҷараёнҳои таҳқиқшаванда дар логистика (молӣ, иттилоотӣ, молиявӣ), инчунин дар логистикаи хизматрасонӣ мебошанд, вале вобаста ба намуди хизматрасонӣ муқаррароти онҳо фарқ мекунанд. Масалан, дар хизматрасонии сайёҳӣ чизи асосӣ ҷараёни туристӣ ва дар хизматрасонии таълимӣ ҷараёни таълимӣ, иттилоотӣ, молӣ ва молиявӣ ҳамчун ҷараёни хизматрасонӣ хизмат мекунанд. Ин ҳоло принсипи гардиши логистикаи хизматрасонист, ки ҷараёни асосӣ хусусияти ҷараёнҳои хизматрасониро дар ҳар як намуди мушаххаси хизмат муайян мекунад.

Умуман, логистикаи хизматрасонӣ як ҷанбаи муҳими рушди соҳаҳои хизматрасонӣ мебошад, ки бинобар гуногунрангии шадид ва мушаххаси онҳо таваҷҷӯҳро тақозо мекунад.

Иқтидори логистикӣ дар заминаи логистикаи хизматрасонӣ муҳим аст ва он ҳамчун иқтидори максималии ҷараёни асосӣ афзоиш меёбад, пешгӯӣ ва воқеӣ мешавад. Ин консепсия самаранокии системаи логистикии хизматрасониро барои мубориза бо андозаи ҷараёни бартарият нишон медиҳад.

Дар асоси гуфтаҳои боло вазъ ва нишондиҳандаҳои ситемаи логистикӣ дар асоси маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ дар ҷадавали 1. чунин оварда шудааст.

Ҷадвали 1. - Ғолибони номинатсияҳо аз рӯи меъёрҳои Бонки ҷаҳонӣ “Рейтинги логистикӣ”

Вазъи соҳаи логистика	Давлатҳо
Аз руйи беҳтарин ва саривақтарин хизматрасонҳо системаи логистикаи гумрукӣ	Сингапур
Аз руйи беҳтарин инфрасохтори логистикаи нақлиётӣ	Германия
Дастрасӣ ба беҳтарин бозигарони байналмилалӣ дар соҳаи логистика	Люксембург
Аз руйи хизматрасониҳои монтиоринги интиқол	Шветсия
Аз руйи хизматрасониҳои сарвақтии таҳвили молу маҳсулот	Люксембург
Аз руйи хизматрасониҳои сифатнокӣ дар соҳаи логистика	Германия

Сарчашма: https://supplychains.ru/2016/08/02/luchshie-strany-po-logistike/

Муваффақияти соҳаи хизматрасонӣ ба ташкили самарабахши ҳамаи соҳаҳои корхона, аз ҷумла таъминоти моддию техникии он вобаста аст. Логистикаи хизматрасонӣ раванди идоракунии гардиши захираҳои моддӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ мебошад, ки барои расонидани хизматрасонӣ ба мизоҷон заруранд.

Беҳтарсозии соҳаи хизматрасонӣ такмили тамоми ҷанбаҳои фаъолияти он, аз ҷумла таъминоти логистикиро дар бар мегирад. Ин метавонад боиси афзоиши самаранокӣ, ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии корхонаҳо гардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба самти ташкили хизматрасониҳои логистикӣ КВД “Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои логистикӣ” ва шуъбаи зертаркиби он “Шуъбаи рушди хизматрасониҳои логистикӣ, лоиҳаҳо ва равобити байналмилалӣ” машғул мебошад.

- идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои дохили ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ дар самти хизматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ;

- иштирок ва ҳамкорӣ дар таҳияи нақшаи рушди соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи онҳо дар асоси барномаҳо ва лоиҳаҳои мақсадноки давлатӣ, миллӣ ва байналмилалӣ;

- иштирок ва ҳамкорӣ бо мақомоти марбутаи давлатӣ ва бахши хусусӣ дар банақшагирӣ ва мониторинги барномаҳое, ки ба истифодаи рақобатнок ва самарабахши захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии кори системаи хизматрасонии нақлиётӣ мусоидат мекунанд;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба ташаккул ва такмили фаъолияти соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ;

- таъмини ҳуҷҷатҳои асосии интиқоли бор дар самти байналмилалӣ (борхат ва роҳхатҳои намунаи байналмилалии 5Б-БМ, CMR, тахографи рақамӣ ва ғ.);

- гузаронидани таҳлилҳо ҷиҳати муайян намудани эҳтиёҷоти инвеститсионии соҳаҳои хизматрасонии нақлиётӣ ва логистика, иштирок дар таҳияи барномаҳои дарозмӯҳлати давлатии сармоягузорӣ;

- мусоидат ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ дар бозори байналмилалию дохилӣ ва ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ;

- мусоидат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ[9].

Хулоса муносибгардонии соҳаи хизматрасонӣ барои корхонаҳое, ки мехоҳанд самаранокӣ, маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии худро баланд бардоранд, як мушкили муҳим аст. Он метавонад дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла такмили таъминоти логистика, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, оптимизатсияи равандҳои расонидани хизматрасонӣ ва такмили идоракунии кадрҳо амалӣ карда шавад.

Адабиёт

1. Қурбонализода Д.Т., Логистика, (китоби дарсӣ)/Қурбонализода Д.Т., Нурализода А.Н., Наҷмуддинов А.М./// Душанбе – 2020, 434с.

2. Қурбонализода Д.Т., Нақши логистика дар рушди ҳадафҳо стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон/“Инноватсияи технологӣ” (Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявии конфренсиявии Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе-25.12.2020) саҳ.43-48.

3. Логистические услуги. URL: http://bor-ger.ru/articles/45 (дата обращения: 05.06.2014).

4. Логистика: учебник / А.А. Гайдаенко, О.В. Гайдаенко. 3-е изд., стер. М.: Кнорус, 2011. 268 с.

5. Бауэрсокс Д. Логистика: интегрированная цепь поставок / Д. Бауэрсокс, Д. Клосс; 2-е изд. - М.: ЗАО «Олимп-бизнес», 2017. - 640 с.

6. Гаджинский А.М. Логистика учебник для бакалавров. - М.: Дашков и К, 2016. -419 с.

7. Симонова Л.Н. Рынок логистического аутсорсинга 2018. - [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://ma-research.ru/research/item/153-rynok-logisticheskogo-autsorsinga-2017.html (дата обращения: 19.04.2020)

8. CURRENT STATE AND PROSPECTS OF LOGISTICS SERVICE DEVELOPMENT O.V. Markova, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor Moscow International University (Russia, Moscow)

9. https://www.logistic.tj/tj/pages/26#

10. Сулаймонзода, Ш. Ф. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди маҳмӯи бизнес-хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш. Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 1(21). – P. 161-167. – EDN CDVHFS.

ТАКМИЛДИҲИИ РОҲҲОИ СИТОНИДАНИ ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Назарзода М.Ш. – магистранти курси 2 – юми ихтисоси хадамоти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Саъдуллоев С.Д. – магистранти курси 2 – юми ихтисоси хадамоти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мавзӯи тадқиқот меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти гумрук буда, роҳои такмлидиҳии ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ нигаронида шудааст. Сабаби кам шудани ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва самаранокии нокифояи мақомоти гумрук дар интиқоли маблағҳои идорашаванда ба буҷет дар шароити коҳиши ҳаҷми савдои хориҷӣ барои таҳқиқоти мазкур аҳамияти хоса дорад. Муаллифон ба муҳимтарин меъёрҳои ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намуда, вариантҳои ҳалли вазъиятҳои проблемавиро пешниҳод намуда, хулоса мебарорад.

Калимаҳои асосӣ: фаъолияти гумрукӣ, мақомоти гумрук, кодекси гумрук, пардохтҳои гумрукӣ, низомҳои гумрукӣ, боҷҳои гумрукӣ, хироҷҳои гумрукӣ.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СПОСОБОВ ВЗИМАНИЯ ТАМОЖЕННЫХ ПЛАТЕЖЕЙ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

Назарзода М.Ш. - магистр 2-го курса по специальности таможенная служба Таджикского государственного финансового и экономического университета

Садуллоев С.Д. - магистр 2-го курса по специальности таможенная служба Таджикского государственного финансового и экономического университета

Предметом исследования являются правовые нормы, регулирующие деятельность таможенных органов, и оно направлено на пути совершенствования собираемости таможенных платежей в условиях рыночной экономики. Особое значение для данного исследования приобретает причина снижения собираемости таможенных платежей и недостаточной эффективности работы таможенных органов в перечислении управляемых средств в бюджет в условиях снижения объемов внешней торговли. Авторы обращают внимание на важнейшие правовые нормы, предлагают варианты решения проблемных ситуаций, делают выводы.

Ключевые слова: таможенная деятельность, таможенные органы, таможенный кодекс, таможенные платежи, таможенные системы, таможенные пошлины, таможенные сборы.

IMPROVING THE METHODS OF COLLECTING CUSTOMS PAYMENTS IN A MARKET ECONOMY

Nazarzoda M.S. - 2nd year Master's degree in Customs Service of the Tajik State Financial and Economic University

Sadulloev S.D. - 2nd year Master's degree in Customs Service of the Tajik State Financial and Economic University

The subject of the research is the legal norms regulating the activities of the customs authorities, and it is aimed at the ways of improving the collection of customs payments in the conditions of the market economy. The reason for the decrease in the collection of customs fees and insufficient efficiency of the customs authorities in the transfer of managed funds to the budget in the context of the decrease in the volume of foreign trade is of particular importance for this study. The authors pay attention to the most important legal standards, offer options for solving problematic situations, and draw conclusions.

Key words: customs activities, customs authorities, customs code, customs payments, customs systems, customs duties, customs fees.

Пардохтҳои гумрукӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодии хориҷии ҳар як кишвар нақши муҳим дошта онҳо хусусияти хазинафизоии буҷети давлатро таъмин мекунанд. Низоми муқарраршудаи пардохтҳои гумрукӣ шарти зарурии мавҷудияти давлати тавоно ва нишондиҳандаи дахлдори рушди иқтисодӣ дониста мешавад.

Пардохтҳои гумрукӣ ҷузъи муҳими фаъолияти гумрукӣ буда, ҳамчун воситаи асосии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ баромад мекунанд. Қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ ташаккул меёбад. Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ нақши пардохтҳои гумрукӣ дар танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва таъмини даромади буҷети давлатӣ пурзӯр мегардад.

Ҷамъоварии боҷҳои гумрукӣ воситаи танзими мубодилаи мол дар қаламрави гумрукии давлат, инчунин яке аз воситаҳои танзими гумрукии муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ мебошад.

Мувофиқи моддаи 340 – Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтҳои гумрукӣ ва намудҳои онҳо чунин мебошанд.

1. Ба пардохтҳои гумрукӣ дохил мешаванд:

а) боҷи гумрукӣ;

б) андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии ҷумҳурии тоҷикистон ситонида мешавад;

в) аксиз, ки ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии ҷумҳурии тоҷикистон ситонида мешавад;

г) пардохти махсуси гумрукӣ[1].

2. Пардохтҳои гумрукӣ ситонида мешаванд, агар онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда бошанд.

3. Боҷҳои махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд, тибқи қоидаҳои пешбининамудаи Кодекси гумрукӣ нисбати ситонидани боҷҳои гумрукии воридотӣ пардохт карда мешаванд.

4. Пардохткунандагон, тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳоеро, ки марбут ба пардохтҳои гумрукианд, қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои пешбининамудаи Кодекси гумрукӣ муайян менамояд[1].

Пардохти махсуси гумрукӣ намуди пардохти гумрукие мебошад, ки меъёри он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридот ва/ё содироти моли муайян муқаррар карда мешавад.

Дар сурати муайян намудани пардохти махсуси гумрукӣ пардохтҳои гумрукии дигаре, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, ситонида намешаванд.

Боҷҳои гумрукӣ ҳангоми декларатсия кардани мол дар низомҳои гумрукие, ки шартҳои таҳти ин низом ҷойгиркунони супурдани боҷҳои гумрукиро таъмин мекунанд, мувофиқи ҳамин Кодекс пардохта мешаванд.

Меъёрҳои боҷҳои гумрукиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд ва мувофиқи моддаи 4 Кодекси гумрукӣ эътибор пайдо мекунад[1].

Меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

1) адвалорӣ - ба арзиши гумрукии моли мавриди андозбанди қароргирифта бо фоиз ҳисоб карда мешаванд;

2) махсус - тибқи ҳаҷми муқараршудаи воҳиди моли мавриди андозбанди қароргирифта ҳисоб карда мешаванд;

3) омехта - ҳар ду навъи зикршудаи меъёрҳои пардохти гумрукиро дар бар мегиранд[1].

Боҷҳои хоси гумрукӣ (махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ) нисбат ба молҳои воридотӣ метавонанд муваққатан мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон татбиқ карда шаванд[1].

Ба ҳамин хотир сиёсати гумрукӣ оид ба пардохтҳои гумрукӣ ҳамеша як мавзӯи муҳим боқӣ монда, имрӯз ҳам аҳамияти худро нигоҳ медорад, зеро ҳар сол маблағе, ки аз пардохти онҳо ба буҷети давлатӣ ворид мешавад, меафзояд.

Аҳамияти таъсири боҷхои гумрукиро ба танзими муносибатхои иҷтисодии байни давлатҳо қайд кардан лозим аст. Истифодаи самарабахши онҳо омили муҳими тараққиёти иқтисодиёт ва шарти зарурии мавҷудияти давлат мебошад.

Дар маҷмуъ мафҳуми «пардохтҳои гумрукӣ»-ро метавон андозҳо, боҷҳо, инчунин дигар пардохтҳоеро, ки мақомоти гумрук ҳангоми гузаронидани молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ситонида мешаванд, муайян мекунад, инчунин аз тарафи субъектҳо иҷро намудани амалҳои муайяне, ки бо чунин ҳаракат ҳамроҳ мешаванд.

Пардохтҳои гумрукӣ бо баъзе хусусиятҳо хосанд:

1. Пардохти гумрукӣ ҳатмист;

2. Пардохтҳои гумрукӣ ҳамчун манбаи пуркунии буҷет баромад мекунанд, ки ба онҳо доимӣ таъин карда мешаванд ва пурра ба он ҳисоб карда мешаванд;

3. Муқаррар намудани боҷҳои гумрукӣ раванди мураккаб буда, дар доираи он меъёрҳои ҳам қонунгузории гумрукӣ ва ҳам андоз истифода мешаванд;

4. Пардохтҳои гумрукӣ хусусияти фаромарзӣ доранд;

5. Пардохти боҷҳои гумрукӣ бо қувваи маҷбурии давлатҳо таъмин карда мешавад[3].

Бо ташкили равнақи пардохтҳои гумрукӣ имкон дорад, ки барои рақобат байни молҳои ватанӣ бо молҳои хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Ҳамин тариқ, давлат ду вазифаи асосиро ба миён мегузорад: пур кардани буҷети кишвар, инчунин таъмини манфиатҳои давлат тавассути муқаррар намудани боҷҳои баланди гумрукӣ, тарифҳо ва маҳдудиятҳои гуногун ва баръакс, дар сурати номукаммал будани механизми танзими гумрукӣ давлат метавонад хисороти зиёд расонад.

Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар айни замон таваҷҷӯҳи давлат ҳам ба пардохтҳои гумрукӣ ва ҳам дар маҷмӯъ ба қонунгузории гумрук афзудааст. Ҳамин тариқ, пардохтҳои гумрукӣ ҷузъи муҳими низоми танзими иқтисодии ҳаракати молҳо буда, ҷузъи системасозанда дар пур кардани буҷет буда, дар танзими фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар ва иқтисоди давлат нақши муҳим мебозанд.

Адабиёт

1. Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ((тағйир иловаҳо), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020, № 1746).

2. Тарарышкина, Л.И. Таможенные платежи как инструмент регулирования внешнеэкономической деятельности / Л. И. Тарарышкина // Финансовый сектор экономики. – 2016. – С. 85–90.

3. Набирушкина, И. С. Финансово-правовое регулирование уплаты и взимания таможенных платежей : дис. на соискание ученой степени к-та юрид. наук : 12.00.04 / И. С. Набирушкина. – Саратов, 2014. – 212 л.

4. Букач В. Г., Синьков Б. Б. Экономическая сущность таможенных платежей. 2019

РУШДИ НИЗОМИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО НАЗАРДОШТИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ САНОАТӢ

Зокир Х. - н.и.и., муаллими калони кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. E-mail: z.hushmuhammadzoda@tgfeu.tj, тел: 93-408-99-39

Мусофирова Ф. С. - ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. E-mail: musofirova1991@gmail.com, тел: 988-24-80-35

Мақсади омодаи мақолаи мазкур ин таҳлил ва пешниҳод намудани чораҳо ҷиҳати рушди низоми саноатӣ ва афзун намудани иқтидорҳои содиротӣ. Таҳлилҳо аз руи маълумотҳои омори расмӣ ва бо назардошти таҳқиқотҳои муаллифони дигар дар ин бахш гузаронида шудааст. Албатта чуноне ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, баланд гардидани иқтидорҳои содиротӣ ба фаъол гардидани корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ зич алоқаманд мебошад. Пешниҳодҳои овардашуда аз натиҷаи ин таҳқиқот метавонад ба ҷоннок гардидани фаъолияти низоми саноати кишвар ва амалӣ шудани ҳадафи стратегии кишвар мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: иқтидори содиротӣ, қобилияти рақобатнокӣ, рушди устувори иқтисодӣ, саноатикунонии кишвар, гардиши савдои хориҷӣ, манбаъҳои имконпазир.

РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С УЧЁТОМ УПРАВЛЕНИЯ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА

Закир Х. - к.э.н., старший преподаватель кафедры информационных систем и технологий в экономике ТГФЭУ. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64\14. Электронная почта: z.hushmuhammadzoda@tgfeu.tj, Тел: 93-408-99-39.

Мусофирова Ф.С. - ассистент кафедры информационных систем и технологий в экономике ТГФЭУ. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64\14. Электронная почта: musofirova1991@gmail.com, телефон: 988-24-80-35.

Целью данной статьи является анализ и предложение мер по развитию промышленной системы и увеличению экспортного потенциала. Анализы проводились на основе официальных статистических данных и с учетом исследований других авторов данного тема. Конечно, как показывает практика, увеличение экспортных мощностей тесно связано с активизацией отрасли производственных предприятий. Предложения, представленные в результате данного исследования, могут быть содействовать для улучшения

функционирования промышленной системы страны и реализации стратегических цели государства.

Ключевые слова: экспортный потенциал, конкурентоспособность, устойчивое экономическое развитие, индустриализация страны, внешнеторговый оборот, возможные источники.

DEVELOPMENT OF THE INDUSTRIAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN TAKING INTO ACCOUNT THE MANAGEMENT OF EXPORT POTENTIAL

Zokir Kh.- candidate of economic sciences, Senior Lecturer, Department of Systems and Information Technologies in Economics, TSFEU E-mail: z.hushmuhammadzoda@tgfeu.tj, Tel: 93-408-99-39

Musofirova F.S.- assistant, Department of Systems and Information Technologies in Economics, TSFEU E-mail: musofirova1991@gmail.com, Tel: 988-24-80-35

The purpose of this article is to analyze and propose measures to develop the industrial system and increase export potential. The analyses were conducted on the basis of official statistics and taking into account the research of other authors on this topic. Of course, as practice shows, increasing export capacity is closely related to the activation of the manufacturing industry. The proposals presented as a result of this study can contribute to improving the functioning of the country's industrial system and the implementation of the state's strategic goals.

Keywords: export potential, competitiveness, sustainable economic development, industrialization of the country, foreign trade turnover, possible sources.

Механизми идоракунии рушди иқтидори содиротии низоми саноат маҷмӯи қоидаҳо ва расмиёти қабули қарорҳо мебошад, ки ба ташаккул ва истифодаи самараноки иқтидори содиротии онҳо нигаронида шудаанд. Идоракунии рушди низоми саноатӣ як ҷараёни хеле мураккаб бо сатҳи баланди номуайянӣ мебошад. Рушди низоми саноатӣ ба баланд гардидани иқтисодри содиротии кишвар таъсири мусбӣ мерасонад. Аммо, чунон ки маълум аст, иштирок дар фаъолияти иктисодии берунӣ ба назар гирифтани шумораи бештари омилҳоеро, ки ба натиҷаи ниҳоии иқтисодӣ таъсир мерасонанд, дар назар дорад.

Идоракунии низоми саноатӣ аз самтҳои зерини рушди иқтидори содиротии худ вобастагӣ дорад:

самти молӣ, яъне рушди навъҳои мавҷудаи маҳсулоти саноатӣ дар назар дошта мешавад. Масалан, аз ҳисоби баланд бардоштани қобилияти рақобатнокӣ, васеъ намудани навъҳои гуногуни маҳсулоти саноатӣ, зиёд кардани силсилаи параметрии маҳсулоти истеҳсолшаванда ё азхудкунии навъҳои нав;

самти ҷуғрофӣ, яъне васеъшавии ҷуғрофии бозорҳои фуруш тавассути ба даст овардани бозорҳои нав ё ворид шудан ба сегментҳои нави мавҷуда мебошад. [3]

Яке аз механизмҳои марҳила ба марҳила баҳодиҳии ҳамаҷонибаи иқтидори содиротии кишвар ин таъсис ва рушди соҳаҳои саноат бо назардошти технологияи баланд мебошад, ки метавонанд арзиши изофаи маҳсулоти саноатиро афзоиш диҳанд ва ҳамзамон устувории рушди иқтисодӣ ва сифати баланди ҷараёнҳои истеҳсолӣ-технологиро таъмин намоянд.

Чи тавре Икромов Д.З. дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, “...мавқеи ҷойгиршавии кишвар дар “фазои маҳсулот” ва сабади содиротии он имкон медиҳад бифаҳмем, ки корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ чӣ истеҳсол карда метавонанд, кадом маҳсулотҳо дар масофаи

кутоҳ ҷойгир ҳастанд, ки аз навовариҳо вобастагӣ доранд ва ба ин васила роҳҳои диверсификатсияи саноатро муайян мкунанд. Аз ин ру барои кишваре, ки ба маҳсулоти камарзиш ва начандон меҳнатталаб махсус гардонда шудааст, гузаштан ба истеҳсоли мадсулоти дигари баландарзиш душвортар мешавад". [2]

Муаллифон Васильева З.А., Филимоненко И.В., Москвина А.В., Михайлова С.В. дар таҳқиқоти худ қайд менамоянд, ки "...афзоиши иқтидори содиротии минтақа ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ аз муносибати методологӣ дар интихоби навъҳои афзалиятноки маҳсулоти саноатӣ дар сатҳи минтақавӣ, бо назардошти арзёбии дурнамои тағйир додани занҷирҳои мавҷудаи ташаккули арзиши баланди изофа, имкониятҳои фаъолият дар бозори ҷаҳонӣ ва ташаккули бозорҳои нави маҳсулот вобастагӣ дорад". [1]

Ҳамчунин муаллифи ҷавон Сафин А. Ф. дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки "... дар шароити муосири иқтисодӣ, ки бо равандҳои мураккаби сиёсӣ ва иқтисодӣ хос аст, диверсификатсияи иқтидори содиротии кишвар зарур аст, зеро нигоҳ доштани сохтори содирот, ки ба ашёи хом нигаронида шудааст ва афзоиши беасос дар ҳаҷми савдои хориҷӣ метавонад боиси ба осебпазирии давомдор ва номутаносибии номатлуб дар иқтисодиёт гардад". [6]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд эълон гардидани саноатикунонии кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ, низоми саноати ҷумҳурӣ бо суръат рушд ёфта, ба афзоиш ёфтани иқтидорҳои содиротӣ мусоидат намуда истодааст. Дар солҳои охир дар кишвар номгу ва ҳаҷми молҳои содиротӣ зиёд шуда истодааст, чи тавре аз Ҷадвали 1 бар меояд:


Ҷадвали 1. - Содироти молҳои саноатӣ аз руи гурухҳои молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. доллари ИМА)

Номгуи молҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Чорвои зинда ва маҳсулоти чорвопарварӣ	0,6	0,9	1,0	0,4	0,9	4,1	3,4
Маҳсулоти растанӣ	25,9	20,1	26,9	26,0	39,9	62,4	51,2
Маҳсулоти саноати хурокворӣ	5,0	3,8	5,1	8,8	7,1	8,2	14,1
Маҳсулоти маъданӣ	487,1	544,4	459,3	275,6	619,4	894,4	535,0
Маҳсулоти саноати кимиё	2,8	8,0	8,01	5,9	12,2	15,9	36,1
Пластмасса ва маснуоти он	0,8	0,5	0,9	0,5	1,8	1,6	1,4
Пусти хом, чарм, муина, муинаи хом ва маснуот аз онҳо	2,5	2,5	2,7	2,9	4,1	3,9	5,3
Қоғазпораҳо	0,1	0,9	1,2	0,6	0,8	4,0	5,4
Нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ	181,8	226,4	200,5	196,3	279,3	277,9	296,3
Филизоти арзонбаҳо	229,4	235,4	217,9	187,1	266,0	319,4	302,6
Мошинаҳо, дастгоҳҳо, механизмҳо, қисмҳои онҳо	14,9	10,6	7,0	5,3	10,1	7,8	42,6
Дигар молҳо	213,8	2,0	225,6	689,8	896,7	529,8	1141,9

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди ПҶТ, с.2024 [5]

Аз рақамҳои дар ҷадвал буда, мушоҳида кардан мумкин аст, ки содироти баъзе намуди маҳсулоти саноатӣ аз қабили маҳсулоти растанӣ, маҳсулоти саноати хурокворӣ, маҳсулоти маъданӣ, маҳсулоти саноати кимиё, пусти хом, чарм, муина, муинаи хом ва маснуот аз онҳо, қоғазпораҳо, нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ, филизоти арзонбаҳо, мошинаҳо, дастгоҳҳо, механизмҳо, қисмҳои онҳо ва дигар молҳои саноатӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, ки ин раванд боиси зиёд гардидани иқтидорҳои содиротӣ ва кам гардидани тавозуни манфии гардиши савдои хориҷӣ гардидааст. Ҳамаи ин дастовардҳо дар натиҷаи фаъол гардидани

низоми саноати кишвар ба вуҷуд омадааст, ки дар Расми 1 нишондиҳандаҳои он оварда шуда аст:



Расми 1. Нишондиҳандаҳои асосии бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди ПҶТ, с.2024 [4]

Тавре аз расм аён аст, дар тули 7 соли охир ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) афзун гардида истодааст, ки аз бунёди корхонаҳои нави саноатии дар расм овардашуда ва фаъол гардидани низоми саноати кишвар ҳосил гардидааст. Суръати афзоиши воқеии ин бахш дар ин давраҳо ба ҳисоби миёна 13,3 %-ро ташкил менамояд, ки хеле нишондиҳандаи баланд арзёбӣ мегардад.

Ин равандҳои мусбии низоми саноат замина гузоштааст, ки иқтидорҳои содиротӣ афзун гардад ва вобастагии кишварро аз молҳои беруна камтар намояд.

Ҳоло ҳам имкониятҳои истеҳсолии бахши саноат хеле зиёд ҳастанд, аммо бинобар норасогии қувваи барқ, хусусан дар фасли сармо ҷараёни бунёду барқарор намудани корхонаи нави саноатиро суст менамояд. Гарчанде истеҳсоли қувваи барқ сол то сол зиёд шуда истода бошад ҳам, аммо дар қиёс бо зиёд гардидани талабот нокифоя боқӣ мемонад. Дар Ҷадвали 2 ҳаҷми истеҳсоли қувваи барқ ва талабот ба он дар солҳои 2017-2023 оварда мешавад:

Ҷадвали 2. - Ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли қувваи барқ дар солҳои 2017-2022

	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Истеҳсоли қувваи барқ (млн. кВт.с)	18144	19742	20677	19771	20624	21400	21861
Қувваи барқ истеъмол карда шудааст (млн. кВт.с)	13949	14274	15141	15420	13829	14711	15341

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди ПҶТ, с.2024 [5]

Нишондиҳандаҳои омории ҷадвали мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки афзоиши талабот ба қувваи барқ ба ҳисоби миёна дар ду соли охир 5,3% ва истеҳсоли он ба ҳисоби миёна 3,0 %-ро ташкил медиҳад, яъне афзоиши талабот аз истеҳсолот пеш гузашта истодааст.

Аз таҳлилҳои овардашуда чунин хулосабарорӣ намудан лозим аст:

- ҳар чи тезтар андешидани чораҳои зарурӣ нисбати истеҳсоли қувваи барқ аз дигар манбаъҳои имконпазир (ба монанди неруи офтоб, шамол) ва сарфаи онҳо барои иншоотҳои камистеъмоли қувваи барқ;
- барқарор ва азнавсозии хати истеҳсолии маҳсулотҳое, ки дар ҷумҳурӣ имкони истеҳсоли он вуҷуд дорад (ба монанди истеҳсоли маҳсулотҳои нассоҷӣ, дузандагӣ,

пойафзолҳои чармин, молҳои маишӣ ва ғайра) ва ба ин васила кам намудани воридоти ин молҳо;

• омода намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати назорати қатъӣ аз болои суъектҳои хоҷагидорие, ки андозбандии имтиёзӣ пешбинӣ шудаанд, хусусан бахши истеҳсолии низоми саноати кишвар;

• ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштараки корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ бо молистеҳсолкунандагони шинохта (брендҳо) ҷиҳати истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазир.

Адабиёт

1. Васильева З.А., Филимоненко И.В., Москвина А.В., Михайлова С.В. Выбор приоритетных товарных групп промышленной продукции для формирования экспортного потенциала региона // Креативная экономика. – 2023. – Том 17. – № 9. – С. 3231-3252. – doi: 10.18334/ce.17.9.118745.

2. Икромов Д.З. Экспортный потенциал Республики Таджикистан: проблемы и возможные пути их решения // Вопросы инновационной экономики. – 2021. – Том 11. – № 1. – С. 391-414. – doi: 10.18334/vinec.11.1.111564.

3. Марабаева Л.В., Кузнецова Т.Е. Формы и методы управления коммуникациями на предприятии // Вестник Российского университета кооперации. 2017. № 3(29). С. 54-60

4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.

5. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024.

6. Сафин, А. Ф. Экспортный потенциал отраслей РФ: инструменты развития / А. Ф. Сафин. — Текст : непосредственный // Молодой ученый. — 2016. — № 11 (115). — С. 964-967. — URL: https://moluch.ru/archive/115/30356/ (дата обращения: 15.11.2024).

7. Урунова, С. С. Масъалаҳои назариявии қарздиҳии хурд дар шароити муосир / С. С. Урунова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 402-409. – EDN MYIVAY.

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ МАҚОМОТИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Насриддинов Ш.М. - ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. Те: 200667731

Нурмаҳмадова Р.М. – мутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи. Нахимова 64/14, Телефон: 933042255.

Дар мақола нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар рушди мақомомти гумруки кишвар баррасӣ шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлил таъкид мекунад, ки дар шароити муосир барои таъмини амният ва рушди иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла дар самти рушди мақомоти гумрук, чораҳои зарурие дида шуда истодааст, ки муҳимтарини он чор ҳадафи стратегии пешгирифтаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Калидвожаҳо: Пешвои миллат, мақомоти гумрук, истиқлол, амнияти иқтисодӣ, амнияти миллӣ, манфиатҳои иқтисодии давлат, сиёсати гумрукӣ.

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В РАЗВИТИИ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Насриддинов Ш.М. – ассистент кафедры таможенная деятельность Таджикский государственный финансово-экономический университет Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел: 200667731

Нурмахмадова Р.М. – специалист кафедры науки и инноваций Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, Телефон: 933042255.

В статье рассматривается роль Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Э Рахмона в развитии таможенных органов страны. На основе анализа автор отмечает, что в настоящее время для обеспечения безопасности и развития экономики страны, в том числе в части развития таможенных органов, реализуются необходимые меры, важнейшим их которых являются четыре стратегических целя, провозглашенные Основателем мира и национального единства - Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном.

Ключевые слова: Лидер нации, таможенные органы, независимость, экономическая безопасность, национальная безопасность, экономические интересы государства, таможенная политика.

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE DEVELOPMENT OF CUSTOMS AUTHORITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Nasriddinov Sh.M. – assistant of the department of customs activities, Tajik State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14. Tel: 200667731

Nurmakhmadova R.M. – specialist of the Department of Science and Innovation of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, s. Dushanbe, st. Nakhimova 64/14, Phone: 933042255.

The article considers the role of the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan E Rahmon in the development of customs authorities of the country. Based on the analysis, the author notes that nowadays necessary measures are being implemented to ensure security and development of the country's economy, including the development of customs authorities, the most important of which are four strategic goals proclaimed by the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon.

Key words: Leader of the Nation, customs authorities, independence, economic security, national security, economic interests of the state, customs policy.

Нақшу мавқеи гумрукро барои як давлати мустақил касе аз Пешвои миллат хубтар ифода карда натавонистааст. Воқеан ҳам, дар бораи фаъолияти касбии макомоти гумрук Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле пуртаъсир гуфтаанд: “ Гумрук дар ҳаёти ҳар як давлати соҳибистиқлол аҳамияти фавқулодда дорад ва гузашта аз ин дарвозаи ҳар як давлат аст. Зеро аз кори мақомоти гумрук на танҳо таъмини молявии соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат, балки бехатарии иқтисодӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва экологии он вобастагии бевосита дорад”.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ мақомоти гумрук вазифаҳои ҳаётан муҳим, ба монанди таъмини амнияти иқтисодии кишвар, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҳифзи сарватҳои моддиву фарҳангӣ, таҳкими сиёсати тиҷорати хориҷи ва ғани гардонидани буҷети ҷумҳуриро ба уҳда дошт ва то имрӯз ин вазифаҳоро сарбаландона иҷро мекунад.

Кормандони гумрук медонанд, ки таъмини амнияти миллату давлат, ҳифзи марзу буми Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат ва тақвияти неруи мудофиавии он вазифаи муқаддас, пурифтихор ва пуршарафест, ки иҷрояш ба зиммаи онҳо гузошта шудааст.

Давлати соҳибистиқлоли мо маҳз бо шарофати фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз мушкилотҳои гарони иқтисодӣ баромада, рӯй ба самти рушд намудааст, ки он аз таъмини бехатарии иқтисодиёти давлати мо дарак медиҳад.

Дар шароити муосир барои таъмини амният ва рушди иқтисодиёти миллӣ чораҳои зарурие дида шуда истодааст, ки муҳимтарини он чор ҳадафи стратегии пешгирифтаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор мераванд.

Ҳадафҳои дар боло зикршуда бо унвонҳои “Таъмини истиқлолияти энергетикӣ”, “Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ”, “Ҳифзи амнияти озуқаворӣ” ва “Саноатикунонии босуръати кишвар” маҳсуб меёбанд, ки аз афзалиятноктарин ва беҳтарини нақшаҳои давлатӣ дар роҳи таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди он ба шумор рафта, ба амал баровардани онҳо ба зиммаи мақомотҳои дахлдор, бахусус ба зимаи мақомоти гумрук вобаста гардонида шудаанд.

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар саҳми босазое мегузорад. Ин ҳам бошад, пешбурди назорати гумрукӣ, ситонидани пардохт ва хироҷҳои гумрукӣ дар таҳкими иҷрои талаботи қонунгузориҳои гурукӣ, таъмини буҷа амнияти иқтисодӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Дар баробари чунин вазифаҳои арзишманд, мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои интиқоли молу ашёҳои безарарро бо амалӣ намудани расмиётҳои гумрукӣ дар амал татбиқ намуда, ҳифзи соҳибистиқлолии давлат, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи манфиятҳои дохилиро дар фаъолияти иқтисоди берунӣ танзим ва ба роҳ мемонад.

Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон макомоти гумрук ба сохтори мукаммали давлатӣ ва такягоҳи буҷети кишвар мубаддал гардидааст. Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти гумрук дар доираи салоҳияташ ҳимояи соибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодии кишвар, таъмини дурусти барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёти аз сарҳади гумрукӣ интиколёбанда мебошад.

Дар зарфи соҳибистиклолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози моддию маънавӣ тавассути маблағҳои дохилӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ таъмин карда шуд.

Танҳо дар зарфи соҳибистиқлолии кишвар аз ҳисоби маблағҳои махсуси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 иншооти нав ба истифода дода шуда, зиёда аз 100 иншоот таъмиру тачдид гардидааст. Дар давоми ин солҳо дидбонгоҳҳои гумрукии “Панҷи Поён” дар масоҳати 24 га, “Қулма”, “Қизил-Арт”, “Қарамиқ”, “Айвоҷ”, “Қӯштегирмон”, “Тем”, “Рузвай”, “Ишкошим”, “Нов”, “Пролетар”, “Пахтаобод”, “Хошадӣ”,

“Патар” ва Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумрук бунёд ва мавриди истифода карор дода шуд, 8 иншооти гумрукӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуд.

Дар Хадамоти гумрук Лоиҳаи “Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ оид ба беҳтар намудани хадамоти наздисарҳадӣ” амалӣ гардида истодааст. Дар доираи лоиҳаи мазкур сохтмон, азнавсозӣ ва таъмини таҷҳизоти дидбонгоҳи гумрукии “Гулистон” пурра ба анҷом расонида шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №410 шурӯъ аз 1 сентябри соли 2020 низоми “Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ” бо фарогирии 11 мақомоти ба низом шомилшуда мавриди истифодаи расмӣ қарор гирифт ва ин яке аз дастовардҳои асосии мақомоти гумрук дар соли 2020 ба шумор меравад. Бо баробари дар истифодаи расмӣ қарор гирифтани низоми “Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ” бошад, муомилоти ҳуҷҷатҳои қоғазӣ дар самти барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ аз байн рафта, дархост ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификат, инчунин мубодилаи иттилоот байни сохторҳои ваколатдор тариқи электронӣ ба роҳ монда шуд. Инчунин, ҷиҳати таъмин гардидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо истифода аз таҷҳизотҳои муосири пардохти электронӣ, дар дидбонгоҳҳои гумрукии “Терминали шаҳри Душанбе”, “Терминали шаҳри Турсунзода”, “Терминали шаҳри Хуҷанд”, дидбонгоҳҳои наздисарҳадии “Дӯстӣ”, “Фотеҳобод” ва гумруки Хуҷанди вилояти Суғд терминалҳои худкор насб ва мавриди истифода карор дода шуд.

Дар баробари ин, дастоварди дигаре, ки ба кормандони гумрук муяссар гашт, ин ҷониби гурӯҳи кории олимону мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёт ва гумрук таҳия ва ба нашр расонидани Тафсири илмии Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар таҳия ва ба нашр расонидани тафсири илмии ин санади меъёрии ҳуқуқии соҳаи гумрук бевосита нақши Ҳукумати мамлакат ва саъю талошҳои роҳбарияти Хадамоти гумрук бузург аст.

Дар самти таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, аз ҷониби Хадамоти гумрук як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардиданд.

Боиси қаноатмандист, ки имруз кормандони мақомоти гумрук барои пешбурди фаъолияти хизматиашон бо таҷизоти муосири коргузорӣ, муоина ва назорати гумрукӣ пурра таъмин карда шудаанд.

Дар хадамоти федералии гумруки Федератсияи Россия барои омодасозӣ ва баланд бардоштани такмили ихтисоси кормандони мақомоти гумруки Тоҷикистон дар заминаи Академияи гумруки Россия Созишнома ба имзо расонида шудааст, ки ҳамасола дар ин муассисаи таълимӣ донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шуда, хатмкунандагони ин Акадаемия дар воҳиди сохтори мақомоти гумруки кишвар хизмат доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мувофиқи муқарароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023” бо маблағи 7408,8 млрд сомони пешбини гардида баъдан бо дарназардошти ворид шудани тағйиру иловаҳо нақшаи аниқшудаи пардохтҳои гумрукӣ дар ин давра маблағи 8,08 млрд сомониро ташкил дод.

Нақшаи ситонидани пардохтҳои гурукӣ аз ҳисоби воридоти мол ва воситаҳои нақлиёт 7 408,8 млн. сомини, иҷроиш 9079 млн. сомони ё худ 122,6 % нақшаи аниқшуда 8008,8 млн. сомони иҷроиш 9079,6 млн. сомони ё худ113,3 % дар маҷмум 9079,6 млн. сомони, аз ҷумла нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 1670,7 млн сомони зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 1070,7 млн. сомони зиёд пардохтҳои ҷамоваришуда нисбат ба соли 2022 1708,5 млн. сомони зиёд таъмин гардид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Хадомоти гумрук таҳти сиёсати харидмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини амнияти иқтисодӣ ва таҳкими фаъолияти гумрукӣ бо дарки дурусти вазъи иқтисодии кишвар як қатор чораҳои маъмуригардонии заруриро низ нисбат ба масъалаҳои пешгирии воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт, дуруст муайян намудани арзиши гумруки ва гузронидани муоинаи гумрукии мол, ба роҳ мондани корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ бо соҳибкорон ва пурзӯр намудани назорати баъди барасмиятдаррии гумрукӣ андешида, тамоми захираву имкониятҳои ташкиливу идоракуниро ҷиҳати дарёфти роҳҳои баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ сафарбар намуда истодааст.

Адабиёт

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019 таҳти № 537 «Дар бораи тасдиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022».
2. Фармоиши Сардори хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 151- ф аз 12 августи соли 2011 Қоидаҳои муваққатии пешниҳод ва қабули декларатсияи электронӣ, инчунин дигар намудҳои мубодилаи маълумоти электронӣ вобаста ба расмиёти содирот, воридот ва транзит. Душанбе. Нашриёти КВД «Матбаа» - и Хадамоти гумрук, 2010. – 42 саҳ.
3. Мақомоти гумрук: Се даҳсола ва се раҳ. /Бахшида ба 30 солагии таъсисёбии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: 2022. – 300 саҳ.
4. Мираков Қ.М. Назария ва амалияи фаълияти гумрук/Қ.М.Мираков, А.Б. Муминов, О.Д.Шомудинов О.Д.. Китоби дарсӣ. –Душанбе: Матбааи “Баҳманруд”, 2020. -472 с.

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ НАКЛИЁТИ МУСОФИРБАРӢ МЕГАПОЛИС ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ: МУАММОҲО ВА ДУРНАМОИ РУШД

Файзуллоева С.Ҷ.- н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДМИТ Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 981-01-06-20).

Юсупова Ҳ.Ҳ. - муаллимаи калони кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992)935114023

Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии мукаммалнамоии низоми ташкилии хизматрасонии аҳолӣ бо нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дида баромада шудааст. Баробари нашъунамо ва ободонии шаҳр сарбории наклиёти ҷамъиятӣ зиёд шуда, дар бобати ба ахолӣ расондани хизмати наклиёт ногузир проблемаҳо ба миён меоянд. Ташкили самарабахши идораи наклиёти мусофирбарии шаҳрӣ бояд ба ба назар гирифтани манфиатҳои корхонаҳои боркашонӣ дар баробари баланд бардоштани дараҷаи сифати хизматрасонии наклиёт нигаронида шавад.

Дар мақола самти муҳимтарини беҳтар намудани хизматрасонии нақлиётӣ муайян карда шудааст, ки аз инҳо иборатанд аз: фароҳам овардани шароит барои рушди низоми хизматрасонӣ дар бозори нақлиёти автомобилии мусофирбарии шаҳр. Фароҳам овардани шароит барои ҷалби интиқолдиҳандагони алтернативӣ ва баланд бардоштани нақши онҳо

дар баланд бардоштани сифати хизматрасонии нақлиёти автомобилии мусофирон дар бозор аз ҷониби соҳибони гуногун.

Калидвожаҳо: хизматрасонии нақлиётӣ, самаранокӣ, нақлиёти мусофирбарӣ, иқтисоди бозорӣ, нишондиҳандаҳои сифатии нақлиёти мусофирбарӣ, воситаҳои нақлиёт.

ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ПАССАЖИРСКОГО ТРАНСПОРТА В ДУШАНБИНСКОМ МЕГАПОЛИСЕ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

Файзуллоева С.Дж. – к.э.н., Таджикский государственный финансово-экономический университет, Адрес: 734067 Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 981-01-06-20).

Юсупова Х.Х. - старший преподователь кафедры системные и информационные технологии в экономике Таджикский государственный финансово-экономический университет, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. (+992)935114023

В данной статье рассматриваются основные направлении развития городского пассажирского транспорта в условиях рыночных отношений. Нормальное функционирование городского пассажирского транспорта важно для развития социальной и производственное экономической сферы любого города. В связи с ростом и развитием города увеличивается нагрузка на общественный транспорт, неизбежно возникают проблемы, связанные с оказанием транспортных услуг населению. Эффективная организация управления городским пассажирским транспортом должна быть ориентирована на учёт интересов предприятий перевозчиков при повышении уровня качества предоставляемых транспортных услуг.

2. Раҳимов З.А. Системаҳои коркарди автоматонии ахбори иқтисодӣ. Душанбе Ирфон. 1994.
3. Раҳимов З.А. Каримов Б.Х. Равандҳои ахбориҳо технологии иқтисодёт.Душанбе Сино. 1996.
4. Семенов М.И., Трубилин И.Т., Лойко В.И., Барановская Т.П., Автоматизированные информатсионные технологии в экономике, М.: Финансы и статистика, 2001.
5. Титоренко Г.А.«Автоматизированные информатсионные технологии в банковской деятельности» под ред, М.: Финстатинформ, 2003.
6. Под ред. проф. Рожнова В.С.,Автоматизированные системы обработки экономической информатсий, М.: Финансы и статистика,2001.
7. Банки и банковское дело/ Под ред. И.Т. Балабанова. - СПб.: Питер, 2001
8. Молияи корхона ва технологияи нави иттилоотӣ Раҳимов З.А. Раҳимов Ф.С.Хоркашев И.С. Душанбе Ирфон 2012.сах.304
9. Низоми иттилотӣ дар иқтисодиёт Раҳимов З.А. Раҳимов Ф.С. Душанбе Ирфон 2012.сах.314
10. www.google.com.tj
11. www.parlament.tj
12. www.rambler.ru

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ АРЗЁБИИ РУШДИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ

Умарзода Н.Н. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14. Тел: (+992) 918959393

Фатҳиддинзода Қ.Қ. - ассистенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14. Тел: (+992) 909553305

Дар мақолаи мазкур, асосҳои назариявии арзёбии рушди субъектҳои соҳибкори саноатӣ таҳқиқ шудааст.

Дар раванди таҳлили илмии мақола, аз тарафи муаллиф, таҳқиқ ва омӯзиши таҷрибаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ, услуб ва мақоми соҳибкории ва тиҷоратӣ дар соҳаи соҳибкории

саноатӣ ва ғ. равшанӣ додашудааст. Алалхусус, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар шароити муосир бахши соҳибкорӣ дар низоми иқтисодиёт мақоми муҳимро ишғол намуда, ба ҳолати омилҳои рушди соҳибкори саноатӣ таъсиррасон мебошад.

Калидвожаҳо: Соҳибкорӣ, рушди иқтисодӣ, низоми андоз, қарзҳои хурд, рақобатпазирӣ, қарзи хурд, соҳибкории истеҳсолӣ, соҳибкории инфиродӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОЦЕНКИ РАЗВИТИЯ СУБЪЕКТОВ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Умарзода Н.Н. - кандидат экономических наук кафедры налоги и страхование Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес 734067, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14 Тел: (+992) 918959393

Фатхиддинзода К.К. - ассистент кафедры налоги и страхование Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес 734067, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14 Тел: (+992) 909 55 33 05

В данной статье исследованы теоретические основы оценки развития субъектов промышленного предпринимательства.

В процессе научного анализа статьи автором, исследования и изучения опыта зарубежных и отечественных ученых, стиля и статуса предпринимательства и бизнеса в сфере промышленного предпринимательства и т.д. уже выделено. В частности, автор предполагает, что в современных условиях предпринимательский сектор занимает важное место в экономической системе, влияя на состояние факторов развития промышленного предпринимательства.

Ключевые слова: инновационный бизнес, экономика, конкурентоспособность, управление предприятием, деловая активность.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE ASSESSMENT OF THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

Umarzoda N.N. - Candidate of Economic Sciences, Department of taxes and insurance, Tajik State University of Finance and Economics Address: Sino district, Nakhimov street 64/14 Tel: (+992) 909553305

Fatkhiddinzoda K.K. - Assistant, Department of taxes and insurance, Tajik State University of Finance and Economics Address: Sino district, Nakhimov street 64/14 Tel: (+992) 909553305

This article examines the theoretical foundations of the assessment of the development of industrial enterprises.

In the process of scientific analysis of the article by the author, research and study of the experience of foreign and domestic scientists, the style and status of entrepreneurship and business in the field of industrial entrepreneurship, etc. has already been highlighted. In particular, the author suggests that in modern conditions, the business sector occupies an important place in the economic system, influencing the state of factors of industrial entrepreneurship development.

Keywords: innovative business, economy, competitiveness, enterprise management, business activity.

Мафҳуми рушди стратегии субъектҳои соҳибкории саноати мафҳуми мураккаб аст, ки барои омӯзиши он таҳияи асосҳои муайяни методологӣ талаб карда мешавад. Таҳлили адабиёт оид ба таҳлили системавӣ, фалсафа, синергетика, идоракунии стратегӣ, психология

имкон дод, ки схемаи сохторӣ-мантиқии тадқиқоти мафҳуми таҳлилшаванда ва фарзияи корӣ дар бораи фаҳмиши рушди стратегии субъектҳои соҳибкори саноат ҳамчун раванди синтетикии тағир додани фаъолият ва самаранокии онҳо таҳия карда шавад.

Марҳилаи якум ибтидоии ҷустуҷӯи далелҳои фарзияи дар боло овардашуда бо асоснок кардани зарурати истифодаи усули системавӣ ҳамчун воситаи эътирофшудаи ҳалли мушкилоти зиеди рушд алоқаманд аст. Истифодаи методологияи системавӣ барои таҳқиқи мушкилоти рушд мавҷудияти фаҳмиши дақиқи мундариҷаи мафҳуми "система" ва усулҳои тавсифи онро дар назар дорад. Ба ҷамъбасти таҷрибаи қаблӣ дар фаҳмиши системаҳо ва татбиқи яке аз аввалин кӯшишҳои ташаккули асосҳои назарияи умумии системаҳо корҳои Л.Берталанфи бахшида шудаанд. Ин муаллиф системаҳоро чунин муайян мекунад:

Мувофиқи ин, системашиносӣ ҳамчун илми ташаккулефта ва рушдебанда се намуди асосии тавсифи системаҳоро ҷудо мекунад: морфологӣ, функсионалӣ ва иттилоотӣ. Ҷанбаи иттилоотии тавсифи системаҳоро берун аз таҳқиқот гузошта, қайд мекунем, ки таҳлили морфологӣ ба ҷудо кардан ва тавсифи унсурҳои система нигаронида шудааст ва таҳлили функсионалӣ омӯзиши таъсири мутақобилаи байни унсурҳои система ва муҳити берунаро дар бар мегирад. Синергетикаи дар миенаи асри гузашта ташаккулефта, ки методологияи он барои омӯзиши системаҳои гуногун, аз ҷумла иҷтимоӣ-иқтисодӣ бомуваффақият истифода мешавад, маҳз ба ҳамкорӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Тасодуфӣ нест, ки дар тарҷумаи возеҳ истилоҳи синергетика маънои амали муштарак-ро дорад ва асосгузори ин консепсия, Г. Хакен, синергетикаро ҳамчун таълимот дар бораи 4 ҳамкорӣ"

Асосҳои таҳлили системавӣ ва синергетика бо вуҷуди ин як қатор заминаҳои муҳими методологиро барои фаҳмидани моҳият ва таҳлили равандҳои рушд ташаккул медиҳад. Масалан, яке аз самтҳои таҳлили системавӣ ҷудо кардани зерсистемаҳое мебошад, ки ба муҳаққиқ таваҷҷӯҳ доранд. Усули классикии ҷудо кардани зерсистемаҳо бо ҷудо кардани якчанд унсурҳои ҳамкорӣ аз система алоқаманд аст. Баъзе равиши ғайрианъанавӣ имконпазир аст, ки аз тақсимоти системаи таҳлилшаванда ба ду зерсистема иборат аст: зерсистемаи таркиби элементӣ ва зерсистемаи ҳамкорӣ. Тақсимоти система ба ду зерсистемаи зикршуда имконияти таҳлили ҷудогонаи моҳияти рушди онҳоро (таҳлил) бо ҷамъбасти минбаъдаи натиҷаҳои таҳлил ба як навъ тамомият (синтез) мекушояд. Дар ин ҷо мо бо изҳороти ин фарзия маҳдуд мешавем ва минбаъд кӯшиш мекунем ки далелҳоро ба манфиати мақсаднокии татбиқи ин равиш ба таҳқиқи мушкилоти рушди субъектҳои соҳибкорӣ пайдо кунем

Таҳқиқи мушкилоти рушди стратегии субъектҳои соҳибкори саноати аз баррасии муқаррароти бунёдӣ, ки асоси мафҳуми "рушд" - ро ошкор мекунанд, оғоз кардан мақсаднок аст. Ин сатҳи зарурии сифати раванди омӯзиши хусусиятҳои рушди корхонаҳои саноатиро ҳамчун ҳолати махсуси рушд дар фаҳмиши васеи он таъмин мекунад. Тадқиқи мафҳуми рушдро аз системасозӣ ва сохтори муайяни меъерҳои мавҷудаи рушд оғоз кардан мувофиқи мақсад аст, ки тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо вазифаи гузошташударо ҳал кардан мумкин аст.

Масъалаҳои муайян кардани моҳият, аҳамият, шаклҳои соҳибкорӣ, инчунин идоракунии рушд ва танзими он дар системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ яке аз ҷойҳои марказии илмҳои муосири иқтисодӣ ва идоракуниро ишғол мекунанд. Ва ин сарфи назар аз он, ки кӯшиши фаҳмидани соҳибкорӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Аввалин корҳо оид ба ҷудо кардани фаъолияти соҳибкорӣ ба категорияи мустақили илмӣ бо шарофати иқтисоддони фаронсавӣ ва шотландӣ Р.Кантильон ба асри XVII рост меояд. Дар рушди назарияи соҳибкорӣ А. Смит, Ж. Сэй, Й. Шумпетер, Л. Мизес, Ф. Хайек, Ф. Найт, П.

Друкер, Б. Карлоф, Б. Санто, И. Адизес, Г. Пиншот, Р. Хизрич, М. Питерс, А. Хоскинг, Х. Варнеке ва ғайра.

Вобаста ба рушди соҳибкорӣ масъалаҳои нишон додани моҳияти фаъолияти соҳибкорӣ, шаклҳои падидаҳои он, усулҳои таҳлил ва арзёбӣ, воситаҳои идоракунӣ ҷойгоҳи муҳим доранд.

Ин таърифи фаъолияти соҳибкорӣ дар рисолаҳои фалсафӣ, назарияи иқтисодӣ, микро-, мезо - ва макроиқтисодиёт, сиёсатшиносӣ, сотсиология ва масъалаҳои идоракунӣ пайдо мешавад. Дар ин соҳаҳои илм роҳҳои ба фаҳмиш, омӯзиши ин падида амалӣ карда мешаванд ва равишҳо ва назарияҳо ташаккул меёбанд. Дар онҳо, дар навбати худ, пайдоиши он, тағирёбии сохтор, шаклҳои мавҷудият ва ғайра Муносибати нтизомӣ ба омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ, бо назардошти принсипи иловагӣ, албатта муҳим ва муфид аст, зеро он амиқӣ, зарурии коркарди шаклҳои гуногуни зуҳуроти онро таъмин мекунад. Дар айни замон, ин аҳамияти гузаронидани равишҳои байнисоҳавиро дар таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба ноил шудан ба фаъолияти маърифатӣ имкон медиҳад, бекор намекунад.

Зарурати ҳамоҳангсозии хулосаҳои назариявӣ ва амалии назарияи иқтисодӣ ва назарияи идоракунӣ махсусан хуб ба назар мерасад. Аз ҷумла, О.Уилямсон зарурати ташаккули муносибати ягонаи иқтисодиро аз нуқтаи назари назарияи иқтисодӣ ва назарияи ташкилот қайд мекунад. Р. Коуз таъсиси "пул" - ро, ки назарияи неоклассикӣ ва назарияи идоракуниро пайваст мекунад, муҳим мешуморад .

Дар фалсафа мафҳуми фаъолият ҳамчун хосияти универсалӣ ва умумии модда баррасӣ карда мешавад, ки чунин аст: "меъёри равонашудаи амалӣ"; "ҳолати ҳаяҷонбахши объект, ки таъсири баръаксро амали менамояд"; "қобилияти объектҳои моддӣ барои ҳамкорӣ бо дигар объектҳо". Нуқтаи калидии фаҳмиши фалсафии фаъолият ин ба хосияти умумии модда нисбат додани он ва тасвири он тавассути истилоҳоти якранг: амал, таъсир, ҳамкорӣ мебошад. Муҳим он аст, ки дар таърифҳои фаъолият самти муайяни амал таъкид карда мешавад.

Эътирофи умумӣ ин аст, ки манбаъҳои фаъолият ниёзҳо ва инчунин ангезаҳо ҳамчун шакли падидаи охирин мебошанд. Мушкилоти ниезҳо ва ангезаҳо асосан дар сотсиология ва психология таҳқиқ карда мешаванд.

Бо риояи ин асосҳои методологӣ, мо кӯшиш мекунем, ки мазмуни мафҳуми фаъолияти соҳибкориро ошкор намоем, ки асоси он, ба назари мо, баъзе системаи мутақобилаи мақсаднок (амалҳо) мебошад, ки ба системаи ниёзҳо ва ангезаҳо асос ёфтаанд. Дар ин ҳолат, муайянкунии мақсадноки фаъолияти соҳибкорӣ хусусияти ғайримустақим дорад ва масалан, ҳангоми арзёбии сатҳи он метавонад ба назар гирифта нашавад.

Пеш аз он ки мо ба ҳалли ин масъала шурӯъ кунем, мо бояд ба масъалаи дигари хусусияти истилоҳотӣ диққат намоем. Дар ин ҳолат бояд ба ақидаи В Радаев розӣ шуд, ки ҳангоми таҳқиқи дастгоҳи категориявии назарияи соҳибкорӣ онро ҳамчун "олами мафҳумҳои бадҷудошуда" тавсиф кардааст.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки коргарони музднок ва пеш аз ҳама менеҷерон низ интиқолдиҳандагони эҳтимолӣ ва аксар вақт воқеии фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд. "Дар ҳолате, ки маҷмӯи салоҳиятҳо оид ба қабули қарорҳо дар соҳибмулк мутамарказ карда шуда бошад, он соҳиби бевоситаи соҳибкорӣ хоҳад буд. Вақте ки чунин гурӯҳ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ паҳн мешавад ва татбиқи функсияи соҳибкорӣ танҳо дар сурати сафарбар кардани кӯшишҳои тамоми коллектив имконпазир мегардад, пас соҳибкорӣ ба фаъолияти коллективӣ табдил меёбад, ки онро ташкилоти тиҷоратӣ интиқол медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки, "корхонаи таъсисдодашуда ба идоракунии касбии он ниёз дорад.

Агар соҳибкор ин вазифаҳоро худаш иҷро кунад, пас ӯ ҳамчун менеҷер амал мекунад. Аксар вақт соҳибкор вазифаи роҳбари техникӣ ва роҳбарии корхонаро иҷро мекунад, ба менеҷерони касбӣ ва кироя дода мешавад . Аз ин рӯ: "дар бисёр соҳаҳои иқтисодиёт соҳибкори классикӣ аз байн рафт ва иҷрои вазифаҳои соҳибкорӣ ба менеҷерони касбӣ гузашт.

Дар ин ҳолат, дар шакли каме пӯшида дутарафагии функсияҳои аз ҷониби соҳибкор татбиқшаванда тасдиқ карда мешавад: худи идоракунӣ ва соҳибкорӣ Р. Коуз дар мақолаи машҳури Худ "Табиати ширкат" муносибати байни ташаббус идоракуниро чунин муайян мекунад. Ташаббус маънои пешбиниро дорад ва тавассути механизми нархҳо тавассути бастани шартномаҳои нав амал мекунад. Идоракунӣ ба маънои аслии калима танҳо ба тағирёбии нархҳо аксуламал нишон медиҳад ва омилҳои назоратшавандаи истеҳсолотро мувофиқан аз нав тартиб медиҳад. Он чизе, ки соҳибкор одатан ҳарду вазифаро ба ҳам мепайвандад, натиҷаи равшани харочоти бозории дар боло баррасӣ шуда мебошад.

Монандии функсияҳо барои менеҷерон низ хос аст, ки бо тақсимоти вазифаҳои соҳибкорӣ дар боло қайд карда шудааст. Тасодуфӣ нест, ки ҳангоми омӯзиши масъалаҳои рушди иқтидори идоракунии ташкилот меъёрҳои зерини менеҷери касбӣ ва менеҷери соҳибкор ҷудо карда мешаванд: "Меъёрҳои" менеҷери касбӣ" тавассути қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба тағйир додани равандҳои бизнес, ташкили истеҳсолот, идоракунии ҳамкории кормандони ба равандҳои бизнес дохилшуда, инчунин муайян кардани вектор дар рушди корхона ва таҳияи стратегияи рушди он зоҳир мешаванд. Меъерҳои "менеҷер-соҳибкор" қобилияти ӯро дар пешгӯии тағйироти стратегӣ дар ташкилот, ки бо тағирёбии намуди асосии фаъолияти корхона алоқаманд аст, тавсиф мекунанд тамаркуз ба навоварӣ; таҳияи сохтори оқилонаи ташкилии корхона; рушди коммуникатсия дар муҳити дохилӣ ва берунии корхона. Баррасии бодиққат ба меъёрҳои зикршуда инчунин имконияти дуализми функсионалии менеҷеронро тасдиқ мекунад. Шахси марказӣ, ки қодир аст рушди динамикӣ ва самараноки корхонаро таъмин кунад, соҳибкор аст (ҳар ҷойе, ки дар қатори иштирокчиёни раванди ташаккул ва татбиқи қарорҳои соҳибкорӣ - директор, менеҷер, роҳбари корхона ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Муқаддима ба таҳлили проблемаҳои рушди даврӣ имкон медиҳад, ки дар марҳилаҳои гуногуни давраи ҳаёти ширкатҳо таносуби "ҳаҷми" функсияҳои соҳибкорӣ ва идоракунии татбиқшаванда тағйир ёбад. Дар марҳилаҳои давраи ҳаёт табдил додани сохторҳои соҳибкорӣ ба сохторҳои анъанавии тиҷоратӣ бо ивазкунии мувофиқи вазифаҳои соҳибкорӣ бо идоракунӣ сурат мегирад. Дар ҳамин сатҳ масъалаҳои марбут ба ошкор кардани аломатҳои умумӣ ва фарқиятҳои асосии сохторҳои соҳибкорӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ мавҷуданд. Илова бар ин, дар ин бора андешаҳои муаллиф мавҷуд аст, ки қатъиян изҳор медоранд, ки "соҳибкорӣ аз тиҷорат танҳо бо як хусусияти муҳим фарқ мекунад-навоварӣ, ки ба вайроншавии тавозуни бозор оварда мерасонад.

Дар фаҳмиши мо, сохторҳои соҳибкорӣ ва сохторҳои тиҷорӣ танҳо дар назария вуҷуд доранд. Дар асл, ба ин ё он гурӯҳ дохил кардани онҳо на бо мавҷудияти (набудани) хосиятҳо, функсияҳо ё аломатҳои дигар, балки бо бартарии онҳо муайян карда мешавад. Дар амал, пайдо кардани сохторҳои тиҷоратие, ки дар ин ё он шакл ин ё он навовариро амалӣ намекунанд, хеле душвор аст: технологӣ, ташкилию иқтисодӣ, маҳсулот, маркетинг ва ғайра. аз тарафи дигар, ҳама гуна сохтори инноватсионии соҳибкорӣ вазифаҳои анъанавӣ ва асосан муқаррариро амалӣ мекунад.

Бо ин роҳҳо омӯзиши масъалаҳои баҳодиҳии паҳншавии фаъолияти соҳибкорӣ дар байни кормандони ташкилот осон карда мешавад. Дар шакли умумӣ ин вазифа аз сохтори

кормандони ташкилот аз рӯи дараҷаи фаъолияти идоракунӣ ва соҳибкории он иборат аст. Дар аввал соҳибкоронро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Соҳибкоре, ки танҳо бо мушкилоти бозор машғул аст ва танҳо фаъолияти соҳибкориро амалӣ мекунад;

2. Соҳибкоре, ки фаъолияти идоракунӣ ва соҳибкориро нишон медиҳад;

3. Менеҷере, ки танҳо бо мушкилоти муҳити дохилии корхона машғул аст ва танҳо фаъолияти идоракуниро амалӣ мекунад;

4. Менеҷере, ки фаъолияти идоракунӣ ва соҳибкориро нишон медиҳад.

Дар айни замон, мавқеъе мавҷуд аст, ки асосҳои муайян дорад ва муҳити дохилии ташкилот низ соҳаи татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки асоси ин изҳорот норавшании мавқеи байни корхона ва бозор мебошад, ки бо ворид шудани механизмҳои бозории фаъолият ба муҳити дохилии корхона тасдиқ карда мешавад.

Адабиёт

1. Аакер Д. Стратегическое рыночное управление / Д. Аакер ; пер. с англ. ; под ред. С. Г. Божук. - СПб. : Питер, 2007. - 496 с.

2. Автономов, В. С. Модель человека в экономической науке / В. С. Автономов; С.-Петерб. гос. ун-т экономики и финансов, Высшая школа экономики. - СПб. : Экономическая школа, 1998. - 230 с.

3. Агеев, А. И. Предпринимательство / А. И. Агеев. - М. : Институт экономических стратегий : РУБИН, 2016. - 536 с.

4. Ансофф, И. Новая корпоративная стратегия / И. Ансофф. - СПб. : Питер, 2009. - 344 с.

5. Лазарев В. Н. Управление стратегическим развитием предприятия: трансдисциплинарный теоретико-методологический подход монография. Ульяновск : УлГТУ, 2008. С. 98.

6. Хакен Г. Тайны природы. Синергетика: учение о взаимодействии. М.; Ижевск: Институт компьютерных исследований, 2003. С. 187.

7. Милованов В. П. Неравновесные социально-экономические системы: синергетика и самоорганизация. М Эдиториал УРСС, 2001.С. 14.

8. Базоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ / Ш.Ш. Базоров. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 365с.

9. Фатхуддинов Р.А. Стратегическая конкурентоспособность. Учебник. /Р.А. Фатхуддинов– М.: «Экономика», 2005. – С. 227.

РОҶЕЪ БА МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА ВАЗИФАҲОИ АНДОЗ

Солиев Н.А. - муаллими калони кафедраи фаъолияти биржавии ДДМИТ суроға: 734067, ҶТ, г. Душанбе, куч. Нахимов 64/14. тел: +992 908833845. E-mail: nodir@listl.ru

Дар мақолаи мазкур назарияҳои гуногуни муайянсозии маҳияти андоз ва вазифаи он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар мақола таъкид шудааст, ки оид ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва аз лиҳози назариявӣ асосноккунии масъалаҳои категорияҳои иқтисодӣ, аз ҷумла андозҳо, дар асари олимони классикӣ баён шуда, то имруз такмил ёфтаанд. Ҳамчунин дар асоси таҳлили таҳаввули ақидаҳо оид ба хусусияти андозҳо муаллиф андешаи худро баён сохтааст.

Калидвожаҳо: муносибатҳои андозӣ, андозбандӣ, рентаи замин, боҷу хироҷ, андозбандии ғайримустақим, харочот, буҷет, молия.

К ВОПРОСУ ОБ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СУЩНОСТИ И ФУНКЦИИ НАЛОГА

Солиев Н.А. – старший преподаватель кафедры биржевой деятельности ТГФЭУ адрес: 734067, РТ, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: +992 908833845. . E-mail: nodir@listl.ru

В данной статье исследованы различные теории определения содержание налога и её задачи. В статье подчеркивается, что деятельность хозяйствования и теоретическое обоснование вопросов экономических категорий, в том числе налогов, получили объяснение в трудах ученых-классиков и совершенствуются до сих пор. А также на основе анализа эволюции взглядов оссобенности налога, автором дана своё точка зрения.

Ключевые слова: налоговые отношения, налогообложения, рента земли, пошлены, косвенное налогобдожения, расход, бюджет,фифнансы.

ON THE ISSUE OF THE ECONOMIC ESSENCE AND FUNCTION OF TAX

Soliev N.A. – senior lecturer of the department of exchange activities of TSFEU address: 734067, RT, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 908833845. E-mail: nodir@listl.ru

This article examines various theories for determining the content of a tax and its objectives. The article emphasizes that business activities and theoretical justification for issues of economic categories, including taxes, were explained in the works of classical scientists and are still being improved. And also based on an analysis of the evolution of views on the peculiarities of tax, the author gives his own point of view.

Key words: tax relations, taxation, land rent, duties, indirect taxation, expenditure, budget, finances.

Муносибатҳои андозӣ ба шакли андозҳои пулӣ дар натиҷаи пайдо шудани давлат, дар як вақт ба миён омадаанд. Ин албатта табиӣ мебошад, чунки давлат бе захираҳои молиявӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Пайдоиши шаклҳои давлатдорӣ ва дар ин замина низоми андозу андозситонӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна ба охири ҳазораи III пеш аз милод рост меояд, ки дарбаргирандаи оғози ҷараёни фурӯпошии ҷомеаи ибтидоӣ аст. Шаклҳои нахустини давлатдорӣ дар намуди пароканда, аммо муттаҳид дар атрофи ягон иншооти обрасони ҳамшафат дар доираи як қабилаи алоҳида амал мекарданд. Дар он даврони пуртазод, ки марзҳои давлат ноустувор буданд ва инфрасохтор рушди доимиро талаб мекард, онҳо нақши калидӣ доштанд. Дар ҳимояи давлат онҳо ҳамзамон ба некӯаҳволии он ғамхорӣ мекарданд, кори бефосилаи системаҳои обтаъминкуниро таъмин мекарданд ва дар сохтмони иншооти нав иштирок мекарданд, ки ба таҳкими давлат ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум мусоидат мекард. Баъдтар ҷараёни муттаҳидгардонии давлатҳо дар як маркази муайян ва ташкили давлати бузург дар ин замина ба вуҷуд омад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, дар он давра давлатҳои «Хоразми бузург» (иттиҳодияи қабилаҳои эронии шарқӣ), Шоҳигарии Бохтар - мавзеи пайдоиши зардуштия ва навишта шудани баъзе бахшҳои Авесто вуҷуд доштанд. Нахустин давлати бузург дар таърихи башарият Давлати Элам мебошад, ки

дар минтақаи ҷанубу ғарбии Эрон дар нимаи дуюми ҳазорсолаи III пеш аз милод пайдо шудааст.

Бинобар ин, андоз ва андозбандӣ дар Осиё Миёна аз охири ҳазораи III то милод бо пайдоиши давлат ба вуҷуд омаданд. Хусусияти хоси ин давра дар он буд, ки нахустин ташкилотҳои давлатмонанди Осиёи Миёна, ки то ворид шудан ба ҳайати Давлати Ҳахоманишиён (асри VI пеш аз милод) на давлатҳои ғуломдорӣ, балки давлатҳои мустақили истибдодии дорои тарзи истеҳсолоти «осиёӣ» буданд. Ҳатто фармонфармоии давлатҳои муқтадири ҷаҳон (Ҳахоманишиён, Юнониён, Форсҳо) тарзи хоҷагидории Осиёи Миёна, тарзи истеҳсоли осиёиро, ки дар он аз замонҳои қадим вуҷуд дошт, аз байн бурда натавонистанд. К. Маркс ин гуна давлатҳоро тавсиф намуда, қайд кардааст, ки онҳо шаклан ба ҳамдигар монанданд, барҳам бихӯранд ҳам, боз ба ҳамон шакл аз нав ба миён меоянд ва ҳатто номашон тағйир намеёбад. Ба сохтори ин гуна давлатҳо ҳеҷ гуна ҳодисаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсир расонида наметавонистанд.

Тарзи истеҳсолоти «осиёӣ»-ро таҳлил намуда, Исломов Т.С., Шукуров С.М.,чунин хусусиятҳои асосии онро қайд мекунанд:

- моликияти давлат будани замин ва иншооти обрасон;

- бевосита аз ҳисоби омилҳои воқеӣ ва табиӣ таъмин намудани маҳсулнокии меҳнат яъне то ҳадди имкон ба кор андохтани «мошинаи атокардаи табиат» - замин;

- тавассути мақомоти иттиҳодия то ҳадди имкон ситонидани рента-андоз аз истеҳсолкунандагони асосӣ, ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо.

Шакли асосии андоз, мувофиқи тарзи истеҳсолоти «осиёӣ», ин рента-андоз аз истеҳсолкунандагони асосӣ, инчунин ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо мебошад.

Нахустин маротиба оид ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва аз лиҳози назариявӣ асосноккунии масъалаҳои категорияҳои иқтисодӣ, аз ҷумла андозҳо, дар асари олимони давраи қадим Аристотел, Ксенофонт ва дигарон ақидаҳо баён шудаанд.

Дар асрҳои миёна, ки равишҳои фалсафӣ, теологӣ ва сиёсӣ бартарӣ доштанд, ба омӯзиши принсипҳои иқтисодӣ бештар ба ахлоқу одоби насронӣ такя мекарданд. Масъалаҳои иқтисодиро аз нуқтаи назари таълимоти насронӣ оид ба адолат баррасӣ намуда, дар китоби худ «Илоҳиёти умумӣ» файласуф ва илоҳиётшиноси маъруф Фомаи Аквинсӣ (1226-1274) андозро ҳамчун як шакли ҳуқуқии ғоратгарӣ шарҳ додааст. Ин тафсири Аквинсӣ нисбат ба андоз зарари моддӣ ба афроди супоранда будани ин амалро нишон медиҳад. Ҳамин тавр, дар аксар мавридҳо ин тафсирро аввалин мафҳуми андоз ҳисоб мекунанд.

Дар Шарқ нахустин рисолаи ба молиёти давлатӣ бахшидашуда ин «Китоби-ал-хироҷ»-и Қозӣ Абуюсуф - шогирди аршади Имом Абуҳанифа мебошад, ки дар асоси гуфтаҳои Имоми Аъзам дар асри VIII таълиф ёфтааст. То асри XIII зиёда аз 20 рисолаи калонҳаҷм оид ба андозситонӣ, тартиби бароҳмонии молиёти давлатӣ, уҳдадориҳои андозии раъият ва муносибатҳои андозии байни давлату раъият аз тарафи ниёгони мо навишта шудааст .

Дар асри XIII олими бузурги тоҷик Н. Тусӣ дар таҳқиқотҳои алоҳидаи худ ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ дар ҷамъияти феодалӣ диққат додааст. Аз ҷумла, дар асари худ «Молиёт», ки дар он қариб зиёда аз 30 намуди андозҳо оварда шудааст, асоси сиёсати молиявии давлати феодалиро дида мебарояд.

Масъалаҳои андозбандӣ дар ҷамъияти деринаи феодализм дар мисоли Аморати Бухоро дар як қатор асарҳои бадеи С.Айни, аз ҷумла «Одина», «Ёддоштҳо» мавриди таҳлил қарор гирифта, бештар аз 100 навъи андозҳои мухталиф дар аҳди Аморати Бухоро ба тасвир

омадааст, ки дар он давра низоми мураккаби боҷу хироҷҳои ғайримустақим, молиёт ва дигар уҳдадориҳо амал мекард.

Таъсиси низоми иқтисодии капиталистӣ дар Аврупо боиси бозбинии афкори молиявӣ гардида, ба таври мушаххас омӯхтани моҳияти андозҳо, асоснокнамоии принспиҳои адозбандӣ замина фароҳам овард. Дар ин роҳ қадамҳои аввалинро меркантилистон гузоштанд.

«...давлат ба ҳама чиз даст дароз мекунад: ба хурдтарин ҷузъиёти тарзи ҳаёти тобеони худ дохил мешавад ва боварӣ ҳосил мекунад, ки ҳар кас дар хӯрок ва сару либос аз молу мулк ва вазъи иҷтимоии худро дар назар дорад» - омадааст дар рисолаҳо оид ба идоракунии давлатӣ дар давраи оғози капитализм (асри XVII).

Зимнан, дар ибтидои рушди худ шаклҳои капиталистии хоҷагидорӣ талабгори дастгирии давлат буданд, вале фаъолияти худро мустаҳкам намуда, онҳо тадриҷан сатҳи вобастагии худро ба роҳбарии давлат пасттар карданд. Зеро дахолати давлат ба рушди минбаъдаи шаклҳои капиталистии хоҷагидорӣ монеа мегузошт. Дар ин замина идеологияи либерализми иқтисодӣ ба вуҷуд омад, ки мувофиқи мафкураи он, «давлат уҳдадор аст, ки танҳо ба рушди иқтисодӣ шароитҳои мусоид фароҳам орад, вале ба фаъолиятҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва молиявии субъектҳои худ набояд дахолат кунад». Ин андешаро бори аввал физиократҳо зимни таҳқиқи характери объективӣ доштани қонунҳои иқтисодӣ пешниҳод намуда буданд, ки он мавқеи устувор касб карда, дар солҳои баъдӣ (дар асри XIX ва ҳатто асри XX) мувофиқи мақсад дониста мешуд. Намунаи намоёни он андози ягона аз рентаи замин аст, ки он аз тарафи иқтисодшиноси амрикоӣ Генри Ҷорҷ (1839-1897) дар нимаи дуюми асри XIX пешниҳод гардид.

Яке аз намояндагони шинохтаи мактаби физиократҳо иқтисодшиноси франсуз Ф.Кенэ (1694-1774) аз ҳама пеш дар ҷадвали иқтисодии тартибдодааш, ки Tableaan Economique ном дорад, алоқа дар байни андозҳо ва ҷараёни такрористеҳсолро масъалагузорӣ кард. Ҳарчанд он аз фарзияе беш набуд, вале аз замони худ пеш гузашта, вазифаи танзимгари молиявии давлатро барои тадқиқоти илмӣ заминагузорӣ кард.

Иқтисодшиноси англис В.Петти (1623-1687) дар асарҳояш консепсияи тартиби табиӣ дар андозбандиро ба баррасӣ гирифтааст. Тавре номбурда дар асараш «Арифметикаи сиёсӣ» менависад: «...он чизеро, ки бояд танҳо аз тарафи табиат, урфу одатҳои кадим ва созиши умумибашарӣ идора мешуд, қонун танзим мекунад» . Петти дар таълифоти худ дар атрофи андозҳо ва пардохтҳо сухан ронда, хароҷоти давлатро ба шаш соҳа тақсим кардааст: соҳаи мудофиа, соҳаи ҳукумат, соҳаи адлия, соҳаи маориф, соҳаи нигоҳубини ятимону маъюбон ва соҳаи инфрасохтор.

Омӯзиши таърихи андозҳо нишон медиҳад, ки ғояҳои мо дар бораи онҳо зери таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ташаккул ёфта, динамикаи муносибатҳои байни давлат ва шаҳрвандони онро инъикос мекунанд.

Бо таҳлили таҳаввули ақидаҳо оид ба хусусияти андозҳо, инчунин нуқтаҳои назари муосир оид ба андозҳо метавон қайд намуд, ки ҳар як муаллиф онҳоро дар асоси назарияи мутлақ ё нисбӣ баррасӣ менамояд, ки ба он огоҳона ё бешуурона риоя мекунад. Бисёр таърифҳо, ки ба ҷанбаҳои гуногун нигаронида шудаанд, ҳамдигарро пурра мекунанд. Ба фикри мо, муайян кардани моҳияти андоз аз нуқтаи назари муносибатҳои ҳақиқатан мавҷудаи пулие, ки дар рафти аз тарафи давлат тасарруф гардидани як қисми ММД барои хароҷоти буҷет зоҳир мегардад, ба мақсад мувофиқтар аст.

Адабиёт

1.Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав – Душанбе: Нашриёти муосир , 2020.- С.91.

2.Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение., 2-е изд., т. 23.-С.371.

3.Исломов Т.С., Шукуров С.М., Назарияи илмӣ оид ба пайдоиши андоз ва андозбандӣ дар Тоҷикистони имрӯза//Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - 2017. - №2 (10).-С.

4.Майбурд Е.М. Введение в историю экономической мысли. От пророков до профессоров. – М.: Дело, Вита–С. 178.

5.Цит. по: Все начиналось с десятины: Пер. с нем. / Общ. ред. и вступ.ст. Б.Е. Ланина. – М.: Прогресс, 1992. – С.166.

6.“Китаб-ал-харадж”-книги об управлении государственными финансами/ Ф.К. Убайдуллоев, Л.Х. Саидмуродзода,//Финансово-экономический вестник.-2021.-№4 (28). – С.7-18.-EDN XSXZHK.

7.Ниг.: Исломов С.И. Афкори иқтисодии мутафаккурони тоҷик дар аҳди Эҳёи Аҷам.- Душанбе, 1998,-С.159-161.

8.Ниг.: Исломов С.И. Экономическая система восточного феодализма и её отражение в трудах таджикских мыслителей . - Душанбе: Ирфон, 2000.- С.296-304.

9.Пушкарева В.М. История финансовой мысли и политики налогов: учебное пособие. – М.: ИНФРА – М, 1996. – С.23.

10.Groves Harold M. Tax Philosopher: (Two Hundred Years of Thought in Great Britain and the United States). – Wisconsin: The University of Wisconsin Press, 1974. – 123-130 p.

11.Блауг, Марк. Економічна теорія в ретроспективі / Пер. з англ. І. Дзюб. – К.: Вид-во Соломії Павличко "Основи", 2001. – С.43.

12. Саидаҳмадов, Ф. Самтоҳи асосии такмили низоми давлатии фаъолияти андозбандӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ / Ф. Саидаҳмадов, Ф. Б. Муродова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 167-174. – EDN GPBXFW.

НАҚШ ВА МАҚОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУМРУКӢ ВА РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ОН ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Акобирзода А.М. - ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14

Расулзода Ҳ.М. - ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14

Дар шароити муосир муайян намудани саҳми хадамоти гумрук дар таъмини рушди иқтисоди байналмилалӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Ташаккул ва рушди низоми гумрукӣ дар давлати ҷавони соҳибистиқлол як раванди хеле мураккаб буда, таҳияи тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии танзимкунандаи муносибатҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои таҳкими танзими давлатии иқтисоди хориҷӣ аҳамияти калон пайдо кард, ки ин яке аз вазифаҳои асосии сиёсати имрӯзаи иқтисодиву молиявӣ мебошад. Дар ин бобат як катор

қонунҳое қабул карда шуданд, ки хизмати гумрук ва фаъолияти иқтисодии берунии кишварро танзим мекунанд.

Калидвожаҳо: Гумрук, байналмилалӣ, интиқол, танзим, хориҷӣ, меъёрӣ, боҷ, хироҷ.

РОЛЬ И СТАТУС ТАМОЖЕННЫХ СЛУЖБ И ПУТИ ИХ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В ОБЕСПЕЧЕНИИ РАЗВИТИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Акобирзода А.М.- ассистент кафедры экономики предприятий и предпринамательство. Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

Расулзода Ҳ.М.- ассистент кафедры экономики предприятий и предпри-намательство. Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

В современных условиях определение вклада таможенных служб в обеспечение развития международной экономики считается одной из проблем, требующих решения.

Становление и развитие таможенной системы в молодом независимом государстве – очень сложный процесс, включающий в себя разработку всех законодательных и нормативных документов, регулирующих связи внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан.

С достижением государственной независимости Правительство Республики Таджикистан проявляет большое значение для усиления государственного регулирования внешней экономики, что является одной из основных задач текущей экономической и финансовой политики. В связи с этим принят ряд законов, регулирующих таможенную службу и внешнеэкономическую деятельность страны.

Ключевые слова: Таможня, международная, морская, нормативная, иностранная, нормативная, пошлина, сбор.

THE ROLE AND STATUS OF CUSTOMS SERVICES AND WAYS TO IMPROVE THEM IN ENSURING THE DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL ECONOMIC ACTIVITY

Akobirzoda A.M. - assistant of department of economics of enterprises and entrepreneurship. Tajik State University of Finance and Economics. Adress. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

Rasulzoda H.M. - assistant of department of economics of enterprises and entrepreneurship. Tajik State University of Finance and Economics. Adress. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

In modern conditions, one of the most pressing problems is determining the contribution of customs services to ensuring the development of international economic activity.

The formation and development of the customs system in a young independent state is a very complex process that involves the development of a set of all legislative and regulatory documents regulating the foreign economic relations of the Republic of Tajikistan.

With the acquisition of state independence, the Government of the Republic of Tajikistan has been paying great attention to strengthening state regulation of foreign economic activity, which is

one of the main tasks of the state's economic and financial policy. In this regard, a number of laws have been adopted that regulate customs services and the country's foreign economic activity.

Keywords: Customs, international, transportation, regulation, foreign, regulatory, duty, fee.

Дар шароити муосир яке аз проблемаҳои ҳалталаб, ин муайян намудани саҳми хизматрасониҳои гумрукӣ дар таъмини рушди фаъолияти иқтисоди байналмиллалӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккул ва инкишофи низоми гумрук дар давлати ҷавони соҳибистиқлол ҷараёни басо муракабест, ки таҳияи маҷмӯи тамоми асноди қонунгузорию меъёрии танзимкунандаи робитаҳои иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад .

Бо баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ки яке аз вазифаҳои асосии сиёсати иқтисодию молиявии давдат мебошад, аҳамияти муҳим зоҳир намуда истодааст. Дар ин самт, як қатор қонунҳо қабул гардиданд, ки хизматрасониҳои гумрукӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷии кишварро ба танзим медароранд.

Татбиқи принсипҳои танзими гумрукии фаълияти иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарифи гумрукӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва дигар асноди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Фаъолияти иқтисодии берунӣ аз интиқоли анвои гуногуни молу хизматрасониҳо тавассути сарҳади давлатӣ, яъне дар байни кишварҳои гуногун иборат аст. Баҳри танзими мубодилаи мол як қатор мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ амал менамоянд, ки дар байни онҳо нақши асосиро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, яъне Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои минтақавию маҳаллии он мебозад. Хуллас, фаъолияти гумрукӣ бо соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ алоқаи ногусастанӣ дошта, ба ширкаткунандагони ин фаъолият хизмат мерасонад. Фаъолияти иқтисодии хориҷиро наметавон бидуни истифодаи асосҳои фаъолияти гумрукӣ анҷом дод, зеро гузаштан аз сарҳади давлат ва интиқол додани борҳои гуногун аз он ҳамеша бо системаи гумрукӣ ҳамрадиф мебошад . Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ фаъолияти гумрукӣ ба сифати яке аз қисматҳои асосии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ шинохта шудааст.

Системаи гумрукии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо роҳҳои зерин татбиқ мегардад:

- таъсиси хадамоти гумрук ҷиҳати таъмини риояи асноди ҷории қонунгузорӣ ва меъёрии ҷумҳурӣ, қоидаҳои байналхалқии савдо, конвенсияи бисёртарафа ва шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ;
- ситонидани боҷу хироҷи гумрукӣ ва андозҳои мукаррарнамудаи тартиби содироту воридоти мол:
- иҷрои маъну маҳдудиятҳо барои интиқоли навъҳои муайяни мол аз сарҳади гумрукӣ
- истифодаи низоми ҳамоҳанги тасвир ва бо рамз ифода кардани мол, ки номгӯи ягонаи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷумлаи инҳост;
- арзёбии дурусти гумрукии мол;
- роҳ надодан барои расонидани зарари иқтисодӣ ба манфиатҳои давлат.

Бояд тазаккур дод, ки иштироки Тоҷикистон дар ташкилотҳои бонуфуз ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ метавонад ба мамлакати мо бартариҳои зиёд диҳад, аз ҷумла :

 беҳтар шудани шароити мавҷуда барои дастрасии маҳсулоти ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ (барҳам хӯрдани шароитҳои дискриминатсионӣ нисбати як қатор гурӯҳҳои мол);

  дастрасӣ ба механизмҳои байналмилалии ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ;

 ташкили иқлими мусоиди сармоягузории хориҷӣ тавассути мутобиқ намудани системаи қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо;

 васеъ намудани имкониятҳои сармоягузорони ватанӣ дар кишварҳои аъзои Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо, аз ҷумла дар соҳаи бонкӣ;

 ташкил намудани шароит барои беҳдошти сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар натиҷаи зиёд намудани миқдори молҳои хориҷӣ, хизматрасониҳо ва сармоягузорӣ дар бозори дохилӣ;

 иштирок дар таҳияи қоидаҳои байналмилалии тиҷорат бо назардошти манфиатҳои миллӣ;

 беҳтар намудани нуфузи Тоҷикистон дар ҷаҳон ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқи фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ.

Танзими гумрукии амалиёти содироту воридотро аз рӯи нақша тасаввур кардан мумкин аст.

Аз ин нақша маълум мешавад, ки танзими гумрукӣ аз низоми тамоми тадбирҳои ташкилию амалӣ, амалҳои мақомоти гумрук ва мақомоти дигари давлатие, ки барои иштирок дар ҷараёни ин танзим ваколатдоранд, иборат аст.

Зимни интиқоли мол ё ашёи дигар аз қаламрави гумрукии давлат танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо роҳи татбиқи низоми назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ ба амал бароварда мешавад.

Рукни асосии назорат ва барасмиятдарории гумрукии мол декларатсиякунонии молу ашёи дигар, инчунин муайян намудани шакли муомилоти моли интиқолшаванда мебошад.

Шакли муомилоти молҳои интиқолшаванда аз мақсади истифодаи он вобастааст. Агар моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда бо мақсади тиҷорат истифода гардад, шакли муомилот муомилоти савдо номида мешавад. Интиқоли мол бо мақсади ғайритиҷоратӣ, дар сурати мвҷуд набудани санади хариду фурӯш ва нагирифтани фоидаи иқтисодӣ, муомилоти ғайрисавдо номида мешавад. Системаи гумрукии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавассути чораҳои танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ ба амал бароварда мешавад.

Танзими ғайритарифӣ – ин системаи чораҳое мебошанд, ки мутобиқи усулҳои маъмурӣ ва иқтисодии танзимии давлатии фаолияти иқтисодии хориҷӣ дар мавриди барасмиятдарории гумрукии амалиёти содироту воридот истифода мешаванд. Ба ин чораҳо маҳдудиятҳои миқдорӣ, экспертизаи қарордодҳо, квотаю литсензиякунонӣ ва монеаҳои техникӣ дохил мешавад. Чораҳои ғайритарифӣ, на ҳамеша, вале метавонанд боиси маҳдуд сохтани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ гардад. Системаҳои мухталифи назорат ба содироту воридот ва чораҳои дигаре, ки ҷомеаи ҷаҳонии онҳоро – ҳамчун маҳдудкунии тиҷорати хориҷӣ арзёбӣ менамояд, мисоли чунин чораҳо мебошанд.

Танзими тарифӣ – ин системаи чораҳои танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад, ки бо ситонидани боҷу хироҷи гумрикӣ бо роҳи истифодаи мизонҳои тарифӣ асос меёбад . Тарифи гумрукӣ ҳамчун воситаи муҳимтаринӣ танзими гумрукӣ маҷмӯи мунтаззами мизони бочу хироҷӣ гумрукиест, ки мутобиқи номгӯи молҳои фаолияти иқтисодии хориҷӣ нисбати молҳои аз қаламрави кумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда, татбиқ мегардад. Таърифи гумрукӣ инчунин усулҳои муайян намудани арзиши гумрукии мол ва

ситонидани боҷу хироҷи гумрукӣ, механизми ҷорӣ намудан, тағйир додан ва бекор кардани онҳо қоидаҳои муайян намудани кишвари асли баромади молро дар бар мегирад. Дар ҷумҳурии мо он мутобиқи Қонуни Ҷумуҳрии Тоҷикистон “Дар бораи тарифи гумрукӣ” танзим карда мешавад.

Тарифи гумрукӣ аз лиҳози иқтисодӣ категорияи арзишӣ, танзими бозоргонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад. Танзими тарифӣ бо роҳи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба амал бароварда мешавад.

Яъне танзими гумрукию тарифӣ маҷмӯи табирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиест, ки мувофиқи тартиби муқарранамудаи қонун аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ гардида, ба танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ равона гардидааст.

Мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳолатҳои дигар пардохтҳои гумрукии зерин супорида мешавад :

- боҷи гумрукӣ;
- андози арзиши иловашуда (ААИ);
- аксиз ва хироҷҳои гумрукӣ
- барои барасмиятдарории гумрукӣ;
- барои нигоҳдории мол дар анбори мақомоти гумрук;
- хироҷи гумрукӣ барои мушоияти гумрукӣ мол;
- хироҷи гумрукӣ барои додани шаҳодатномаи тахассусӣ.

Боҷу хироҷ мутобиқи низоми гумрукии муайянкунандаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад. Боҷу хироҷи гумрукӣ – навъи пардохтест, ки аз ҷониби мақомоти гумрук ҳангоми ворид сохтани мол ба қаламрави гумрукии кишвар ё содир намудани мол аз ин қаламрав ситонида шуда, шакли чунин воридот ё содирот мебощад.

Ҳангоми содирот ва воридот мутобиқан боҷу хироҷи содиротӣ ва воридотӣ супорида мешавад. Онҳо қисми муҳими таркибии системаи танзими иқтисодии содирот ва воридотӣ мол ба хориҷӣ кишвар буда, аз ҷониби давлат барои ҳавасмандгардонии таҳвили савдои хориҷии мол, ки дар вусъатёбии содиротии он давлат манфиатдор аст, татбиқ мешаванд.

Боҷу хироҷи гумрукӣ воситаи муҳимтарини танзими нархи молҳои содиротӣ ва воридотӣ мебошад.

Яке аз мафҳумҳои асосие, ки ҷиҳатҳои ҳудудии системаи гумрукро ифода менамояд, қаламрави гумрукӣ мебошад. Ин қаламравест, ки дар он бо пуррагӣ қонунгузории гумрукии кишвар амал менамояд. Қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қаламрави ягонаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми қаламрави хушкӣ, дохилӣ ва фазоӣ ҳавоии Тоҷикистонро дарбар мегирад, қаламрави хушкӣ ҳам хушкии дар ҳудуди сарҳади хушкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бударо дарбар мегирад . Бо обҳои дохилӣ ҳама обҳои дарёҳо, қуллаҳо, обанборҳо, ки соҳилҳои онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, дохил мешаванд. Ба таркиби қаламрави гумурк метавонанд ҳамчунин ҷазираҳои сунъӣ, сохтмон ва иншоот, ки дар минтақаҳои иқтисодӣ ҷойгиранд, дохил шаванд.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, ки мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудданд ва қисмати ҳудудии гумрукии Тоҷикистон мебошанд, ҷойгир бошанд ва биноҳое, ки дар дохили чунин минтақаҳо ҷойгиранд, ҳамчун берун аз қаламрави гумрукӣ, бо мақсади қабули гумуркӣ, андозҳо ва ҳамчунин мамнуъият ва маҳдудиятҳои хусусияти иқтисодӣ дошта баррасӣ мегардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст.

Танзими давлатии ФИБ бо воситаи усулҳои гуногун амалӣ гардонда мешавад, ки вобаста ба ченакҳои таснифотӣ ва иктисодӣ, маъмурӣ - тарифӣ ва ғайритарифӣ ҷудо мешавад.

Усулҳои иқтисодии танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба истифодабарии воситаҳои иқтисодӣ сиёсати тиҷорат, пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо (андози арзиши иловашуда, аксизҳо) ва ҷамоварии гумрукӣ такя менамояд . Ин воситаҳоро истифода бурда давлат ба манфиятҳои иқтисодии субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мувофиқан ба рафтори онҳо таъсир мерасонад ва дар баробари мустақилияти пурраи оперативии (фаврии) онҳоро нигоҳ медорад. Онҳо ба табиати муносибатҳои созгорӣ мувофиқ буда дар танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд.

Усулҳои маъмурии қоидаҳои давлатӣ меъёрҳо ва маънкуниҳоро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо давлат бевосита (мустақиман) ба фаъолияти субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ таъсир расонида, паҳлуҳои гуногуни фаъолияти онҳоро ба манфиати ҷомеа танзим менамояд. Усулҳои маъмурӣ дар бисёр ҳолатҳои ба табиати муносибатҳои бозорӣ мухолиф аст ва бинобар ин доираи истифодабарии онҳо торафт маҳдуд мегардад.

Усули тарифӣ асоси танзими иқтисодии ФИБ мебошад (қисми дигари усулҳои иқтисодиро андозҳои гумрукӣ дар бар мегиранд).

Мавқеи хосаи тарифҳои гумрукӣ дар танзими ФИБ зуруранд. Танзими тарифӣ афзалияти барои ҳимояи бозори дохилӣ аз рақобати хориҷӣ равона карда шудааст. Дар низоми танзими тарифӣ мавқеи ҳалкунандаро боҷҳои гумрукии воридотӣ ва боҷҳои содиротӣ мувофиқи манфиати бозори дохилӣ мебозанд. Ки онҳо мувофиқи иттиҳдияҳои байналхалқию минтақавӣ ва шартномаҳо доир ба истифодабарии онҳоро дар тиҷорати байналхалқӣ мавриди амал қарор мегиранд.

Номгӯи молҳои ФИБ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар интиқол меёбанд бисёр гуногун буда доимо онҳо такмил меёбанд. Бисёри онҳо ба молҳои аз рӯи таъминоти хусусиятҳои истеъмолӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагон интиқол дода мешаванд . Як қатори онҳо ба бозори Тоҷикистон танҳо аз дигар кишварҳо ворид карда мешавад. Ба онҳо дохил мешаванд кофе, какао, каучуки натуралӣ, таҷҳизот, дастгоҳ, аксари машинаҳои иттилоот ва ғайраҳо.

Дар аксари мавридҳо молҳои воридотӣ ба маҳсулоти ватанӣ монанданд ва ба онҳо рақобат менамоянд. Боҷҳои гумрукии воридотӣ ба ин молҳо бояд дар асоси баинобатгирии таносуби байни хароҷотҳо ва корҳои ҷаҳонӣ ва миллӣ ба он муайян карда шаванд. Дар ҳолатҳои маҳдуд будани номгӯи молҳои овардашаванда оиномавияти воридот сатҳи боҷи гумрукӣ барои маснуоти мушахас метавонад ба таври инфиродӣ ва ё дар асоси ченакҳои асосӣ муайян карда шавад.

Масалан: боҷи гумрукӣ барои автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт дар асоси баҳисобгирии ҳаҷми силиндрҳои муҳаррик (дар тарифи гумрукӣ ҳаҷми ҳадди болоӣ ва поёнӣ нишон дода мешавад) ва миқдори сол аз рӯи истеҳсоли он ки ҳамчун нишондиҳандаи хурдашавии ҷисмонӣ ва маънавии он хизмат мекунад, муайян карда мешавад. Ҳангоми воридоти молҳое, ки пеш дар истифода буданд ва ба хурдашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ рӯ ба рӯ шудан, истифодабарии сатҳи баланди боҷҳои гумрукӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин имконият медиҳад, ки овардани чунин молҳо маҳдуд карда шавад, чунки онҳо ба прогреси илмӣ - техникии ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Боҷҳои гумрукӣ муҳимтарин танзимкунандаи иқтисоди ФИБ мебошад, ки ба воситаи он сиёсати техникии давлат дар мубодилаи берунии иқтисодӣ амалӣ гардонида мешавад ва барои ин сатҳи боҷҳои воридшаванда наметавонанд нисбати сатҳи техникӣ ва ҳолати

ҷисмонӣ воситаи нақлиёт ва таҷҳизотҳои воридшаванда бетафовут бошад ва илова ба ин барои воридоти мошинҳо ва таҷҳизотҳои фарсудашуда бартариятҳо муҳайё намояд.

Қобили қайд аст, ки васеъ гардидани алоқаҳои иқтисодӣ, зиёд гардидани ҳаҷми амалиёти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, тараққиёти туризми байналмилалӣ ва шаклҳои дигар, яъне тамоми он самтҳое, ки ба фаъолияти давлатии гумрукӣ муносибат доранд, аз самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук вобастагӣ доранд. Дар робита ба ин, бо мақсади беҳтару хубтар шудани хизматрасониҳои гумрукӣ ва фаъолияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо намудем, ки онҳо аз қисматҳои зерин иборат мебошанд:

- мукаммал намудани базаи моддию техникии озмоишгоҳи гумрукӣ;
- ҷорӣ намудани воситаҳои ҳозиразамони техникии гузаронидани назорати гумрукӣ ва ғ.
- азнавсозии объектҳои мавҷудаи гумрукӣ дар қаламрави гумрукӣ;
- пурзӯр намудани муносибати мутақобила ва ҷорӣ намудани технологияи нави боркашонию мусофиркашонӣ бо мақсади сари вақт гузаронидани назорати гумуркӣ;
- ташаккули низоми “Равзанаи ягона;
- мукаммалгардонии механизми батанзимдарории тарифию гумрукии ФИБ ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки амалӣ намудани ин тадбирҳо имконият медиҳад, ки сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар кишвари мо беҳтар гардида, рушди устувори фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардад.

Адабиёт

1. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. М. Оймамадов. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С.232-238.

2. Раҷабов Р.К., Алиев М.Б. Саҳми хизматрасониҳои гумрукӣ дар таъмини рушди фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ дар шароити муосир / Р.К. Раҷабов, М.Б. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2016 -№ 2/8 (215). – С. 78–81.

3. Раҷабов Р.К., Алиев М.Б. Саҳми хизматрасониҳои гумрукӣ дар таъмини рушди фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ дар шароити муосир / Р.К. Раҷабов, М.Б. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2016 -№ 2/8 (215). – С. 78–81.

4. Гулов Қ.М., Маҷнунова М.Ҳ. Нақш ва мақоми танзими гумрукию тарифӣ дар низоми танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ/ Қ.М. Гулов, М.Ҳ. Маҷнунова // Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ – омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи Конференсияи илми-назарявии ҷумҳуриявӣ, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хисрав, Қӯрғонтеппа, 12–13 майи соли 2017. – С. 50–53.

5. Факеров Х.Н., Раджабов Р.К., Хикматов С.И., Раджабова Н.Р. Танзими тарифи фаъолияти иқтисодии беруна. –Душанбе: Ирфон, 2008.-190с.

6. Факеров Х.Н., Раджабов Р.К., Хикматов С.И., Раджабова Н.Р. Танзими тарифи фаъолияти иқтисодии беруна. –Душанбе: Ирфон, 2008.-190с.

7. Раҳимов, Ф. С. Суғурта ҳамчун нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ / Ф. С. Раҳимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 136-142. – EDN ZHSKTT.

ВКЛАД ОСНОВАТЕЛЬ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА - ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В РАЗВИТИИ СФЕРЫ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Акдодова Н. - Таджикский государственый финансово - экономический университет Ph.D. докторант, ассистент кафедры мировой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект Нахимова 64/14 Тел: (+992) 93-466-76-36) E-mail: akdodova1992@mail.ru

В этой статье автор упоминает, что туризм является одной из крупнейших и быстро растущих индустрий в мире и дает больше всего рабочих мест. Во многих развивающихся странах отрасль туризма находится в числе лидеров по генерируемому доходу и традиционно включается в повестку дня при разработке стратегии развития. Значение туризма для национальной экономики в то же время в силу преимуществ, которые он приносит стране, для успешного развития и, прежде всего, увеличения доходов и благосостояния населения, роста рабочих мест не только в самой отрасли, но и в соответствующих отраслях услуг велико.

Ключевые слова: туризм, туристический экспорт и импорт, инфраструктура туризма, турагентства и туристские компании, политика в сфере туризма.

The article talked about the development of the region and defined the ways of its development, such as improving the business environment, creating conditions for the use of local resources for the development of the economy, comprehensive support for attracting investment and creating new jobs. Also, it is noted that all the above factors can contribute to reducing the level of poverty and providing high-quality social services to the population.

In the conclusion of the article, the authors specified that in case of overcoming these obstacles, the regions will develop rapidly.

Keywords: obstacles, commercial entrepreneurship, priority directions, regional development, sustainable development, state strategies.

Яке аз мақсадҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ ин таваҷҷуҳ намудани тамоми қишри ҳокимияти давлатӣ ба рушди минтақаҳо мебошад, ки бо равона намудани таваҷҷуҳ ба он масъалаҳои асосии иқтисоди миллӣ роҳи ҳалли худро ба осонӣ пайдо менамояд. Пеш аз ҳама барои бартараф намудани мушкилоти аввалиндараҷа дар иқтисодиёт ин муайян ва ҳал намудани мушкилотҳои минтақаҳои алоҳидаи кишвар мебошад. Яъне, ҳангоми банақшагирии рушди иқтисодиёт ба назар гирифтани мушкилотҳои минтақа ва роҳҳои бартараф намудани он афзалиятҳои рушди малакатро боз ҳам зиёдтар мегардонад. Бинобар ин, рушди минтақа асоси рушди иқтисодиёти кишварро таъмин намуда, бе он пешравии иқтисодиёти миллиро тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Аз рӯи барномаву стратегияҳои давлатӣ муайян намудан мумкин аст, ки ҳамеша тавассути ҷалби бахши хусусӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ суръати рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷумла рушди иқтисодиёти минтақаҳои алоҳидаи мамлакатро таъмин намудан имконпазир мегардад. Инчунин, зарур аст ки барои бартарафсозии мушкилоти мавҷуда дар сатҳи минтақа, яъне беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ, шароит фароҳам овардан баҳри истифодаи захираҳои маҳаллӣ ҷиҳати пешрафти иқтисодиёт, мусоидати ҳамаҷониба барои ҷалби сармоягузорӣ ва ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расондан зарур аст. Ҳамаи ин метавонад ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмин намудани хизматрасонии босифати иҷтимоӣ ба аҳолӣ саҳмгузор бошад.

Чи тавре ки дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 қайд гардидааст: “Рушди минтақаҳои мамлакат яке аз самтҳои бунёдии пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун заминаи устувор дар таъмини дараҷаи зарурии

амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имкониятҳои инфрасохторию коммуникатсионии мамлакат ва фарогир кардани шуғли пурмаҳсул дар саросари кишвар арзёбӣ мегардад” [3].

Дар ҳақиқат агар мушкилотҳои дар сатҳи минтақабуда ҳал карда шуда, рушди он ба қадри кофӣ таъмин карда шавад, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки иқтисодиёти мамлакат низ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст. Чунки, минтақа ҳамчун ячейкаи мамлакат ва иқтисодиёти минтақа бошад зерсохтори иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин манбаъҳои иқтисодии минтақа асоси иқтисодиёти миллиро ташкил медиҳанд.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 оварда шудааст, ки “Манбаъҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, ҷангал, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ, ки дар воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор воқеанд, ҳамчунин моликияти коммуналӣ ва дигар шаклҳои моликият низ, ки сарчашмаи даромади мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоию иқтисодии аҳолии воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор мебошанд, ташкил медиҳанд” [8].

Бояд қайд намуд, ки барои рушди иқтисодиёти минтақа захираҳо ва имкониятҳои дохилӣ бояд самаранок ва оқилона истифода бурда шавад. Чунки самаранок истифода намудани захираҳои дохилии минтақа ба баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсолӣ заминагузор буда, барои ҳал намудани мушкилотҳои мавҷудаи минтақа аз қабили кам будани ҷойҳои кории холӣ, сифати пасти хизматрасонии иҷтимоӣ, баланд будани сатҳи камбизоатӣ ва ғайра саҳми арзандаи худро мегузорад.

Ба ҳамаи ин, яъне, оқилона ва самаранок истифода намудани захираҳо сатҳ ва сифати дониши мутахассисони маҳаллӣ нақши асосӣ дорад. Тадбирҳои андешидашуда баҳри боз ҳам хубтар намудани шароити зисти аҳолӣ, ташкил ва таъсис додани корхонаҳои нави истеҳсолию хизматрасонӣ, баланд намудани сифати хизматрасониҳо, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ равона гардидааст.

Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки “Дар давраи минбаъда рушди сармояи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бахши иҷтимоӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул, рушди «иқтисоди сабз» ва иқтисоди рақамӣ ҳамчун ҳадафу афзалиятҳои рушди иқтисоди кишвар муайян гардидаанд” [1].

Барои расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои дарпешгузошта, инчунин ҳадафҳои дар барномаҳои махсуси соҳавӣ дарҷшуда ҳар як масъулинро зарур аст, ки ба омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилӣ аҳамияти хоса зоҳир намуда, хусусиятҳои мусоидаткунанда ва маҳдудкунандаи рушдро дақиқ муайян намоянд. Ин гуна муайянкунӣ тавассути SWOT-таҳлил доир ба самтҳои асосии рушд ба амал бароварда мешавад, ки онро дар ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

Ҷадвали 1. - Таҳлили вазъият дар минтақаҳо (SWOT)

Тарафҳои қавӣ	Тарафҳои заиф
− Мавҷуд будани захираҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок; − Шароити хуби иқлими барои рушди зироатҳои растанипарварӣ ва боғдорӣ; − Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти	− Маҳдуд будани имконият барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ; − Ба иқтидори пурра кор накардани корхонаҳои саноатӣ ва шумораи маҳдуди корхонаҳои хурду миёна;

кишоварзӣ дар бозори дохилию берунӣ; − Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод дар шаҳр; − Мавҷуд будани мавзеъҳои диққатҷалбкунанда; − Вуҷуд доштани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ; − Дастрас будани инфраструктураи аввалиндараҷа; − Мавҷуд будани коммуникатсияи роҳи оҳан ва ҳавоӣ бо бозорҳои бузург; − Иқтидори нигоҳдошташудаи қувваи кории соҳибихтисос; − Мавҷуд будани қувваи кории соҳибихтисос; − Захираҳои замин; − Қувваи кории нисбатан арзон;	− Набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз; − Сатҳи баланди бекорӣ; − Ҳиссаи ночизи соҳаҳои инноватсионии саноат дар сохтори иқтисод; − Сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти бештари истеҳсолшаванда; − Дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ − Фоизи баланди захираҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ; −Фарсуда ва корношоям будани таҷҳизотҳои корхонаҳои саноатию КАС; −Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои дохилӣ, дастрас набудан ба интернет, нарасидани барқ; −Норасогии оби нӯшокӣ ва полезӣ; −Норасогии инфрасохтори муосири сайёҳӣ.
Имкониятҳо	**Хатарҳо**
− Васеъ намудани заминҳо ва бунёди боғҳои нав аз ҳисоби заминҳои назди соҳилӣ; − Дар доираи барномаҳои соҳавӣ беҳтар намудани инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоӣ; − Ташкили шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна; − Ҷалби сармояи хориҷӣ дар доираи Созишномаҳои байниҳукуматӣ; − Ҳаҷми назарраси интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирон; − Захираҳои назарраси фароғатӣ; − Дастгирии ислоҳот ва барномаҳо аз ҷониби ҳамёрони рушд дар соҳаҳои афзалиятнок; − Беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ дар минтақа ва афзоиши мутаносиби соҳибкорӣ.	− Баста шудани сарҳад ва ба миён омадани муноқишаҳои наздисарҳадӣ; − Обхезии дарёҳо ва шуста шудани заминҳои назди соҳил, таъсири офатҳои табиӣ; − Таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ба рушди корхонаҳо; −Аз бозорҳои калон ва марказҳои логистикӣ дур будани минтақаҳо; −Хароҷоти калони нақлиётӣ ҳангоми ҳамлу нақли дохилӣ; −Вобастагӣ аз воридоти нерӯ; −Таҳдид ба амнияти озуқаворӣ (вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ); −Рафтани кадрҳои соҳибихтисос; −Офатҳои табиӣ; −Кам шудани интиқоли сармоя аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2016-2020, Вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб.

Аз рӯи ҷадвали муайян намудан мумкин аст, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар тарафҳои қавӣ ва имкониятҳо зиёд буда, барои рушд додани соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа ва мамлакат саҳмгузор шуда метавонанд. Аммо бар замми ин тарафҳои заиф ва

хатару таҳдидҳо низ зиёд ба чашм мерасанд, ки бартараф кардани онҳо метавонад ба фоидаи кор бошад. Масъалаҳое, ки ба тарафҳои қавӣ оварда шудаанд, асосан ба самти кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ ва ғайра тааллуқ дошта, дар он ҷо имкониятҳои истифодаи онҳо низ оварда шудааст. Масъалаҳои тарафи заиф ва хатарҳо бошад ба монанди тарафи қавӣ ҳаст, аммо дар он ҷо камбудиҳои ин самт бо хатарҳои он муайян карда шудааст.

Бо вуҷуди он ки сатҳи иқтисодию иҷтимоии мамлакат рӯз аз рӯз боло рафта истодааст, аммо масъалаҳои ҳалношуда ва қисман ҳалшуда дар ин сатҳ то ба ҳол боқӣ мондааст. Яке аз масъалаи муҳим ин дар сатҳи муайян баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад, ки ин на танҳо аз дастгирии давлатӣ вобаста аст, балкӣ ташкили соҳибкории хурду миёна ва ташкили ҷойҳои корӣ холӣ низ ба ин таъсири бевосита расонида метавонад.

Дар баробари ин дигар масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ низ вуҷуд доранд, ки онҳо баҳри ҳал ба дастгирии давлатӣ ва сармоягузорӣ ниёз доранд. Ба ин масъалаҳо беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои тандурустӣ ва маориф, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, суръат бахшидан ба рушди бахшҳои алоҳидаи афзалиятнок, ҳифзи муҳити зист ва ғайра дохил мешаванд.

Монеаи асосие, ки ба паст шудани суръати афзоиши иқтисодиёти мамлакат таъсири амиқи худро расонида метавонад, ин иқтисодиёти ҷаҳон мебошад. Чунки паст шудани суръати афзоиши он ба пастшавии суръати рушди иқтисодии мо низ бетаъсир намемонад. Ин таҷрибаро дар солҳои охир аксарияти давлатҳои ҷаҳон мушоҳида намуданд ва ба онҳо ҳушдор дод то аз чораҳои муҳофизатӣ истифода намуда, бештар ба сармоягузории дохилӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Бар замми ҳамаи ин таъсири иқтисодиёти ҷаҳон ба баъзе масъалаҳои иқтисодӣ аз қабили аз давлат баромадани захираҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани интиқоли маблағ аз хориҷа, боло рафтани фоизи қарзи бонкҳо ва ғайра бетаъсир намемонад.

Ҳоло рушди минтақаҳои кишвар нобаробар амалӣ шуда истодааст, ки сабабҳои асосии он ҷойгиршавии нобаробари захираҳои табиӣ, фарқият дар шароити иқлимӣ, ҳаҷми ҷалби сармоя ва сармоягузорӣ, даромади аҳолӣ, мавқеи минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва шохиси рушди неруи инсонӣ ба ҳисоб мераванд[3].

Дар ҳақиқат ба сохтори минтақа омилҳои гуногун таъсири худро расонида метавонанд, ки ба инҳо пеш аз ҳама ҷойгиршавии минтақа аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, соҳаҳои иқтисодии махсуси ба ҳамин минтақа вобасташуда, шароити мусоиди минтақа оид ба ягон самти истеҳсолӣ ё хизматрасонӣ ва ғайраро дохил намудан мумкин аст.

Асоси сохтори имрӯзаи иқтисодиёти минтақаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан соҳаи кишоварзӣ ташкил менамояд. Ҳарчанд ки самти иқтисодиёти имрӯзаи мо ба аграрию саноатӣ равона карда шудааст, аммо то ба ҳол самти аграрӣ бартарии зиёдро дорост. Аммо, саноат низ бо маром рушд намуда истодааст, ки ин асосан дар самти саноати истихроҷи маъдан бартарии бештар дорад. Чунки захираҳои табиии кишвар ба андозаи зарурӣ кофӣ буда, ҳатто он барои таъмини талаботи минтақа ва ҷаҳон равона карда мешавад.

Бо максади мунтаззам нигоҳ доштани вазъияти муътадили иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақа пеш аз ҳама таъмин намудани он ҷо бо маводи озукаворӣ ва махсулоти нимтайёру тайёр лозим буда, инчунин низоми молиявиро низ дар сатҳи баланд нигоҳ доштан зарур мебошад.

Яке аз проблеммаи асосӣ ва назаррас ин дар сатҳи маҳал ба қадри зарурӣ рушд наёфтани соҳибкории истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ мебошад, ки баҳри ҳал намудани ин ҳатман дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷумла самтҳои афзалиятноки он дар маҳалҳо зарур мебошад. Яъне, дар сатҳи маҳал соҳибкории тиҷоратӣ ба қадри зарурӣ рушд намудааст ва бояд қайд намуда, ки онро бевосита шахсони алоҳида бе дастгирии давлатӣ низ метавонанд

ба роҳ монанд. Аммо, махсусан барои ташкил намудани соҳибкории истеҳсолӣ ҳатман дастгирии давлатӣ зарур мегардад. Чунки, давлат метавонад ба воситаи додани имтиёзҳои андозӣ, дастгирии молиявӣ ба воситаи маблағгузориҳои буҷавӣ, ташкили фондҳои махсус барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва додани имтиёзҳо барои қарз ба рушди ин таъсиргузор бошад.

Чи тавре ки маълум аст, соҳибкории истеҳсолӣ ин фаъолияти иқтисодие, ки ба субъектҳои иқтисоди бозорӣ манфиати зиёд оварда, ба болои нархи мол арзиши иловаро зам мегардонад. Мақсади асосии он истеҳсоли мол буда, барои ба даст овардани даромади зиёд ба истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешавад. Бинобар ин, тамоми сармоягузорон барои сармоягузорӣ намудани соҳибкории истеҳсолӣ ҳавасмандии бештар доранд. Давлат низ барои пешрафт ва тараққиёти иқтисодиёти худ, аз ҷумла дар сатҳи минтақа ба ин намуди соҳибкорӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Талаботи замони муосир, ки вобаста ба шароит иқтисодиёти бозаргонӣ ташкил карда мешавад, аз ҳар як низоми идоракунӣ талаб менамояд, ки низоми самарабахши рушди иқтисодиётро ба амал бароранд. Дуруст ба роҳ мондани ин низом аз рушди минтақаҳои кишвар вобастагии зиёд дошта, дар навбати худ он метавонад ба рушди минтақаҳо заминаи устувор гузорад. Вобаста ба ин зарур аст ки хусусиятҳои хоси ҳар як минтақаи алоҳидаи кишвар, инчунин имкониятҳо ва бартариятҳои онҳо ба инобат гирифта шавад. Яъне, ҳангоми алоқаи байниякдигарии иқтисодиёти миллӣ бо иқтисодиёти минтақаҳо пешбурди ҳамаҷонибаи иқтисодиётро таъмин намудан мумкин аст.

Дар баробари ин рушди ноустувор ва истифодаи бесамари механизмҳои батанзимдарории иқтисодиёти бозаргонӣ ва диверсификатсияи сусти истеҳсолот метавонад ба таъсири манфӣ расонад.

Новобаста аз ин, ҳоло ҳам хавфҳои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҳанӯз дар сатҳи баланд боқӣ мемонанд. Аксари вақт соҳибкорон бо мушкилоти асосии зерин рӯ ба рӯ мешаванд:

- норасоии захираҳои молиявӣ, мукаммал набудани механизмҳои дастгирии молиявию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, шароитҳои номусоиди қарздиҳӣ, рушди нокифояи механизми лизинг;
- дастрасии маҳдуди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва биноҳои бекорхобидаи корхонаҳо;
- номукаммалии қонунгузории андоз, самарабахш набудани назорати андоз;
- баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани онҳо (махсусан дар самти соҳибкории истеҳсолӣ);
- мушкилоти алоқаманд бо таъмини боэътимоди корхонаҳои истеҳсолӣ бо нерӯи барқ ва дигар захираҳои нерӯ, бахусус дар фасли зимистон.
- сатҳи баланди ришвахӯрӣ ва монеаҳои назаррас дар системаи иҷозатномадиҳӣ;
- хусусияти ҷазодиҳандагӣ доштани расмиёти тафтишҳо;
- кам будани бизнес - инкубаторҳо;
- мавҷуд набудани ҳифзи иҷтимоии боэътимод ва амнияти соҳибкорон[2].

Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, аз қабили таъмини нерӯи барқи минтақа, иқтидори бозори дохилӣ, таъмини инфрасохтори минтақа, мавҷудияти шабакаи васеи коммуникатсионӣ (нақлиёт, алоқа, технология), мавқеъи ҷуғрофӣ (масалан, вазъи сарҳадии минтақа), истеҳсолӣ, иқтидори молиявӣ, вазъи демографии минтақа, сатҳи маърифат ва фарҳангии аҳолӣ, фароҳам овардани заминаи устувори ҳуқуқӣ,

ташаккули андозу қарзи мусоид, муҳити зист (дар назар дорад, ки омилҳои номбаршуда ба омилҳое монанданд, ки дар маҷмӯъ фазои сармоягузории кишварро тавсиф мекунанд) [9].

Мушкилоти асосии рушди фазои ягонаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бартараф кардани бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, тағйирёбии низоми пулӣ, таъмини устувории пули миллӣ мебошад. Рушду ташаккули бозори меҳнат ва танзими шуғли аҳолӣ дар байни минтақаҳо низ аҳамияти хоса пайдо мекунад[5].

Ба ақидаи Гранберг А.Г. хусусиятҳои асосии сифатии минтақаҳои мушкилотдор инҳоянд:

1. Бӯҳрони мушаххасе, ки дар зуҳуроти ин ё он проблемаи асосӣ ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар, суботи сиёсӣ ва мувозинати иқтисодӣ таҳдид мекунад;

2. Мавҷуд будани потенсиали захиравӣ (истеҳсолӣ, илмию техникӣ, меҳнатӣ, табиӣ), ки истифодаи онҳо барои хоҷагии халқ махсусан муҳим аст;

3. Аҳамияти махсуси мавқеъи геополитикӣ ва геоиқтисодии минтақа барои манфиатҳои стратегии кишвар;

4. Набудани захираҳои молиявии худ барои ҳалли мушкилоти дорои аҳамияти миллӣ ва ҷаҳонӣ[6].

Ҳалли масъалаҳои мазкур, ки ба баланд бардоштани сатҳи рушди минтақа вобаста ҳастанд, аз доираи салоҳият ва имкониятҳои минтақа берун баромада, дастгирӣ ва маблағгузории он дар сатҳи давлатӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Бо назардошти ин, масъалаҳо ҳалталаб бо ҷалб ва сафарбаркунии маблағгузориҳои давлатӣ ва хориҷӣ дар сатҳи минтақавӣ роҳи ҳалли худро метавонанд пайдо намоянд.

Инчунин дар як қатор минтақаҳои Тоҷикистон бо сабаби минтақаи куҳӣ будан аз оддитарин имкониятҳои рушд бархурдор набуда, ҳатто ба он монеа низ эҷод мекунанд. Ба ин мисол шуда метавонад ҷойгиршавии минтақаҳои аҳолинишин дар баландкуҳҳо, ки ин дастрасиро ба бозор ва инфрасохтори гуногун маҳдуд месозад. Дар баробари ин иқлими ноустувори куҳӣ низ метавонад ба тараққиёти бисёр соҳаҳои афзалиятнок дар ин минтақаҳои аҳолинишини куҳӣ халал расонад. Ин минтақаҳо асосан минтақаҳои деҳотнишин буда, дар онҷо одатан сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ баланд мебошад. Бинобар ин аҳолии дар ин минтақа истиқоматкунанда дар бисёр ҳолат ба хизматрасониҳои тиббӣ, маориф ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ дастрасии маҳдуд доранд.

Аксарияти камбудиҳои ҷойдошта дар минақаҳои мазкур ин ба хизматрасонии нақлиётӣ ва дар ҳолати хуб қарор надоштани роҳҳо вобастагии зиёд дорад. Чунки, дар ҳолати хуб қарор надоштани роҳ ин ба ҳаракати одамон ва интиқоли молу маҳсулоти зурурӣ ба ин митақаҳо мушкилӣ меорад.

Дар баробари мушкилотҳои ҷойдошта норасоии барқ низ яке аз проблемаҳои асосӣ дар минтақаҳои номбаршуда мебошад, ки он дар замони муосир метавонад ба рушди аксарияти соҳаҳои афзалиятнок монеаи асосӣ бошад. Зеро ки аксарияти хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба қувваи барқ вобаста буда, бе он ташкил намудани нуқтаҳои хизматрасоӣ дар минтақаҳо ғайриимкон аст.

Ин мушкилотҳои ҷойдошта на танҳо ба аҳолии деҳот таъсири манфии худро мерасонанд, балки ҳавасмандии сармоягузоронро нисбат ба сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ коста гардонида, барои соҳибкорони маҳаллӣ низ мушкилӣ эҷод менамоянд. Ҳамаи ин ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва буҷети мамлакат ва дар маҷмуъ ба пешрафти иқтисодии мамлакат таъсири манфии худро мерасонад.

Адабиёт

1. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. [захираи электроннӣ]. - URL:https://prezident.tj/event_by_theme/internal_politics/national_ develop ment_council/37754 (санаи мароҷиат: 20.08.2024).

2. Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020, С.23.

3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, Душанбе – 2021.-С.23.

4. Велкова В.А. Региональное развитие и управление комплексным социально-экономическим развитием дотационного региона// Вестник Чувашского университета. 2009. — №4. Стр.105.

5. Горбова И.Н. Региональные проблемы развития и пути их решения в Российской Федерации. Вестник государственного и муниципального управления №1, 2013 г. С.108.

6. Гранберг А.Г.Основы регионарной экономики: учебник для вузов / 2 изд. М.: «ГУ ВШЭ», 2001.

7. Каримова, М. Т. Проблемы региональной дифференциации в Республике Таджикистан / М. Т. Каримова. - Текст : непосредственный // Актуальные вопросы экономических наук : материалы III Междунар. науч. конф. (г. Уфа, июнь 2014 г.). - Т. 0. - Уфа : Лето, 2014. - С. 146-148. - URL: https://moluch.ru/conf/econ/archive/95/5723/

8. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 339; соли 2006, №11, мод. 472; соли 2009, №12, мод.814, с.2010, №12, қ. 1 мод.800, ҚҶТ аз 19.03.2013с. №960; ҚҶТ аз 22.07.2013с. №1012), Маҷлиси намояндагон 3-юми марти соли 2004 қабул кардааст Маҷлиси миллӣ 29-уми апрели соли 2004 ҷонибдорӣ намудааст. С.9.

9. Павлов К. В. Территориальные особенности развития предпринимательства в разных регионах России. 5(32) – 2006. Региональная экономика: теория и практика. С.31.

ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Саидов М.Э. – магистри бахши 2-юми Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Дар мақола моҳияти идоракунии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият пешниҳод гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки мақсади асосии ислоҳоти низоми молиявӣ аз он иборат аст, ки дар натиҷаи такмили идоракунии молияи давлатӣ, механизми банақшагирӣ ва иҷрои буҷет, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва низоми арзёбии натиҷаҳои истифодаи захираҳои буҷетӣ самаранокии истифодаи молияи давлатӣ такмил дода шавад.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ дар доираи ислоҳоти молиявӣ ва таҷдиди сохтори идоракунии давлатӣ ҳуҷҷатҳои муҳим, аз қабили Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ, Стратегияи рушди бозори қағозҳои қиматнок ва дигарҳо қабул гардиданд, ки мутобиқи ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ идоракунии молияи давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ба кулли тағйир ёфта, дар шакли нави тараққиёт татбиқ карда мешавад.

Калидвожаҳо: низоми молиявӣ, буҷети давлатӣ, макроиқтисодиёт, муносибатҳои бозорӣ, захираҳои молиявӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, бехатарии озуқаворӣ, стандартҳои байналмилалӣ, ва ғ.

УПРАВЛЕНИЕ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМОЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

Саидов М.Э. - магистр 2-го курса Института экономики и демографии НАНТ

В статье представлена сущность управления финансовой системой Республики Таджикистан в эпоху независимости. Следует отметить, что основной целью реформирования финансовой системы является повышение эффективности использования государственных финансов в результате совершенствования управления государственными финансами, механизма планирования и исполнения бюджета, внедрения международных стандартов финансовой системы. отчетность и система оценки результатов использования бюджетных средств.

Следует отметить, что сегодня в республике в рамках финансовых реформ и реструктуризации государственного управления были приняты такие важные документы, как Стратегия сокращения бедности, Стратегия управления государственными финансами, Стратегия управления государственным долгом, Стратегия развития рынка ценных бумаг. и другие, согласно этим стратегическим документам, управление государственными финансами в среднесрочной и долгосрочной перспективе будет полностью изменено и реализовано в новой форме развития.

Ключевые слова: финансовая система, государственный бюджет, макроэкономика, рыночные отношения, финансовые ресурсы, валовой внутренний продукт, безопасность пищевых продуктов, международные стандарты и др.

MANAGEMENT OF THE FINANCIAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE

Saidov M.E. – Master of the 2nd Department of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan

The article presents the essence of managing the financial system of the Republic of Tajikistan in the era of independence. It should be noted that the main goal of reforming the financial system is to increase the efficiency of use of public finances as a result of improving public financial management, the mechanism for planning and budget execution, and the introduction of international standards of the financial system. reporting and system for assessing the results of using budget funds.

It should be noted that today in the republic, as part of financial reforms and restructuring of public administration, such important documents as the Poverty Reduction Strategy, the Public Finance Management Strategy, Strategy for managing public debt, Strategy for developing the securities market. and others, according to these strategic documents, public financial management in the medium and long term will be completely changed and implemented in a new form of development.

Key words: financial system, state budget, macroeconomics, market relations, financial resources, gross domestic product, food safety, international standards, etc.

Баъди дар сессияи 16-и Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сардори давлат интихоб гардидани Президенти кишварамон Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Рахмон дар кишвар вазъияти сиёсиву иқтисодӣ муътадил гардида, барои инкишофи муносибатҳои бозорӣ заминаи зарурии ҳуқуқӣ гузошта шуд. Маҳз дар ҳамин давра раванди ислоҳоти иқтисодӣ оғоз гардид, ки ин ба устувор гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодии давлат мусоидат намуд.

Моҳи майи соли 1995 асъори миллӣ-рубли тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ ҷорӣ карда шуд ва натиҷаҳои он нишон доданд, ки ислоҳоти мақсадноки иқтисодӣ, таҳти сарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, барои раҳоӣ аз бӯҳрони иқтисодӣ ва беҳдошти вазъи молиявӣ, ба нишондодҳои мусбӣ дар бобати мӯътадил гардонидани иқтисодиёт, молия ва буҷети ҷумҳурӣ мусоидат намуданд.

Соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди амалӣ намудани чорабиниҳо ҷиҳати гузариши иқтисодиёти кишвар ба муносибатҳои бозаргонӣ оғоз гардид. Аз ҷумла, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи якуми ислоҳоти иқтисодиро қабул намуд, ки он аз тарафи Хазинаи Байналхалқии Асъор ва Бонки ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфт.

Бо мақсади такмили додани банақшагирӣ ва истофодаи самарабахши захираҳои молиявӣ, пурзур намудани назорат аз рӯи даромаду хароҷоти Буҷети давлатӣ, ҳамчунин идоракунии қарзи давлатӣ соли 1996 дар сохтори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарраёсати хазинадорӣ ва Сарраёсати идоракунии қарзҳои берунӣ ташкил карда шуд.

Мӯътадилшавии вазъияти сиёси ва суръатгирии ислоҳоти иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар соли 1997 аввалин маротиба аз ибтидои истиқлолият, ба болоравии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбати соли пешин ба ҳаҷми 1,7 % мусоидат намуд.

Давраи дигар ислоҳоти иқтисодӣ аз охири соли 1997 то ибтидои соли 1998-ро дар бар мегирад. Ҳангоми омодасозии буҷети давлатии соли 1998 Вазорати молия ба Ҳукумати ҷумҳури як қатор лоиҳаҳоро оид ба мустаҳкам намудани сиёсати молияи давлатӣ пешниҳод намуд, ки баъдан онҳо аз тарафи Маҷлиси Олӣ қабул шуданд ва аз 1 январи соли 1998 мавриди амал қарор дода шуданд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Андоз аз фӯруш» қабул карда шуда, ба қонунҳои «Андози сарикасӣ аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суғуртаи иҷтимоии давлатӣ», «Сохтори оддии андозситонии субъектҳои соҳибкории хурд», «Дар бораи фонди роҳ» ва Кодекси замин Ҷумҳурии Тоҷикистон таъғиротҳо ворид карда шуд.

Барои мӯътадил сохтани фаъолияти молиявии корхонаву ташкилотҳо меъёри андоз аз фоида аз 40% то 30%, андози иҷтимоӣ аз 38% то 30% ва минбаъд 25% ҳамчунин қарзҳои фонди роҳ 50% кам карда шуд.

Бо мақсади амалсозӣ ва бомуваффақият пеш бурдани ислоҳоти молиявӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкори бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода намуд, ки аз 1 январи соли 1999 ба амал оғоз намуд.

Аз соли 2000-ум инҷониб дар доираи ҳуҷҷатҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияҳои идоракунии молявии давлатӣ рушди бозори қағозҳои қиматнок, идоракунии қарзи давлатӣ ва барномаҳо оид ба механизми нави маблағгузории соҳавӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, кишоварзи, нақлиёт ва коммуникатсия) қабул карда шудаанд ва амалӣ гардидани ин стратегияҳо имрӯз ҳам идома дорад. Аз соли 2000-ум таҳия ва иҷрои буҷет аз рӯи гуруҳбандии нави буҷети даромад ва хароҷат амалӣ мегардад, ки он сохтори буҷетро аз рӯи принсипҳои иқтисодӣ ва вазифавӣ муайян намуда, ба меъёрҳои байналхалқӣ мувофиқ гардонид.

Яке аз воқеаҳои хеле муҳим ва фараҳбахше, ки дар даврони истиқлол ба вуқуъ пайваст, ин бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муомилот баровардани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиётӣ мамлакат ва раҳоии кишвар аз буҳрони иқтисодӣ инчунин беҳдошти ҳолати молиявии он таъсири мусбат расонида, дар самти муътадил гардонидани буҷети ҷумҳурӣ ва вазъи иқтисодиву молявии он, беҳдошти вазъияти байналхалқиву сиёсии кишвар мусоидат намуд.

Дар ин давра ҷиҳати таҳкими сиёсати молиявиву иқтисодии мамлакат як қатор қонунҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои молияи давлатӣ» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои назорати молиявии давлатӣ», Кодексиҳои андозу гумрук, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаолияти аудиторӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» ва ғ қабул карда шуданд. Дар маҷмӯъ дар давраи истиқлолият танҳо дар самти таҳкими сиёсати молиявӣ ва андозу буҷет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 қонун санадҳои ҳуқуқӣ - меъёрӣ таҳия ва қабул карда шуданд, ки татбиқи амалии онҳо ба таъмин намудани мустақилияти ягонаи молиявии миллии ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Бо мақсади боз ҳам такмил додани системаи андозбандӣ соли 2013 кодексҳои нави андоз ва гумрук таҳия ва қабул карда шуданд. Дар кодексҳои нав нуқтаҳои муҳимтарини сиёсати андоз ва маъмуригардонии андоз, зарурати барпо кардани сохтори ягонаи андозситонӣ, оддӣ ва оммафахм намудани тарзи пардохт ва ситонидани андозҳо ва аз байнн бурдани андозҳои бесамар ба инобат гирифта шуданд. Инчунин бо мақсади ҳавасманд намудани соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ амалиётҳои марбутаи воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии он бораи ташаккул ё пурра кардани фонди оиномавии корхонаҳо ва азнавтаҷҳизонии техникаи истеҳсолотии фармосевтӣ, таҷҳизоти тиббӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумруки озод карда шуданд. Ғайри аз ин корхонаҳои наве, ки бораи истеҳсоли молу маҳсулот таъсис меёбанд, бо назардошти ҳаҷми сармояҳои вориднамудаашон ба муҳлатҳои муайян аз пардохти андоз аз фоида озод гардиданд.

Соли 2006 дар ҷумҳурӣ бори аввал буҷети давлатии миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои се соли оянда таҳия гардид, ки дар асоси он татбиқи ислоҳоти молиявӣ дар соҳаи сиёсати андозу буҷети ҷумҳурӣ давом дода шуда, амалӣ намудан Барномаи миёнамуҳлати хароҷотӣ давлати. Стратегияи кам кардани қарзи хориҷӣ ва татбиқи Барномаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳамасола зиёд намудани хароҷоти буҷети ба соҳаҳои иҷтимоӣ амалӣ карда шуданд.

Дар тӯли 30 соли Истиқлолият дар ҷуҳуриамон иншоотҳои муҳимми дорои аҳамияти давлатӣ аз қабли Нерӯгоҳҳои барқии обии «Помир-1», «Сангтуда-1», фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Кулоб, роҳи оҳани «Курғонтеппа-Кулоб», конигази «Хоҷасартез», таҷдид ва сохтмони роҳҳои автомобилгарди Душанбе – Қурғонтеппа - Данғара-Кулоб, Кулоб - Қальаи-Хумб - Мурғоб-Кулма, шохроҳи Қароқум - Шкев-Зиғар, Шоғун - Зиғар марҳилаи 1 ва 2, Душанбе - сарҳади Қирғизистон (марҳилаи 1 ва 2) нақби автомобилгарди «Анзоб», хатҳои баландшиддати «Лолазор-Хатлон», «Ҷануб ва Шимол», нақби «Шар-шар» сохта ба

истифода дода шуданд. Таҷдиди роҳҳои автомобилгарди «Душанбе-сарҳади Қирғизистон», марҳилаи 3, Душанбе-Чанок, Душанбе-Қулма, марҳилаи 1-и давраи 2, Қитъаи Душанбе-Данғара ва Неругоҳи обӣ-барқии «Сангтуда-2» НБО Роғун нақбҳои Чормағзак ва Шаҳристон ва дигар иншоотҳои муҳими давлатӣ босуръат идома дорад, ки дар кори сари вақт бо маблағ таъмин намудани ин иншоотҳои азим саҳми кормандони Вазорати молия бағоят калон мебошад.

Ташаккули низоми иқтисодии бозорӣ дар ҷумҳурӣ, фаро гирифтани соҳаҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ бо муносибатҳои бозорӣ, пурзӯр гардидани раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ ва зарурати самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ тақозо менамояд, ки низоми молиявию қарзии мамлакат мутобиқи талаботҳои муосир дигаргун сохта шавад. Ислоҳоти низоми молиявии мамлакат дар асоси стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2018, ки аз 20 марти соли 2009, №639 тасдиқ гардидааст, сурат мегирад. Дар ду соли охир дар доираи ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», «Дар бораи хазинадор», «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», «Дар бораи бозори қоғозҳои қиматнок», «Дар боари суғуртаи давлатӣ», дар таҳрири нав ва қонунҳои Ҷуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохили дар бахши давлатӣ» «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлати», «Дар бораи палатаи ҳисобот» қабул гардиданд. Онҳо имконият медиҳанд, ки сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди интегратсияи ҷаҳонӣ пурра шомил гардад ва идоракунии молияи давлатӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шавад, ки ин шаффофияти буҷети давлатӣ, мақсаднок ва самаранок истифода бурдани маблағхои буҷетиро дар асоси механизми нави маблағгузори таъмин менамояд.

Дар баробари ин мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» сар карда, буҷети давлатӣ барои се соли молиявӣ таҳия мегардад. Дар доираи ислоҳотҳои мазкур сиёсати минбаъдаи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо мақсад татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба даст овардани истиқлолияти энергетикаӣ, раҳо намудани ҷумҳурӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ, ки афзалиятнокии онҳоро Президинти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ муайян намудаанд, равона мегардад.

Адабиёт

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.(ш.Душанбе,22 декабри соли 2017).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Душанбе, 2011.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2010 – 2018

4.Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007.

5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Минтақаҳои Озоди иқтисодӣ Душанбе-2006

6.Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи муносибатҳои иқтисодии беруна». Душанбе, 27 декабри 1993г. » № 870.

9. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, экономическое сотрудничество. Душанбе: Ирфон, 2003.-250 с.

10.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

11.Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан..(Под общей редакцией Л.Х. Саидмурадова).- Душанбе: «Ирфон», 2006.

12.Молия ва қарз. Қитоби дарсӣ\Миразизов А.М. ва диг. -Душанбе, 2010

13.Ташаккул ва рушди молияи давлатии Чумҳурии Тоҷикистон. Душанбе., 2018.

14.Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. -Душанбе, 2011

15. Махшулов, С. Ҷ. Таҳлили вазъи сиёсати пулию қарзӣ ва таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, В. Н. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 177-184. – EDN ISCJHM.

16. Аҳадов, И. Қ. Масъалаҳои актуалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / И. Қ. Аҳадов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 3(37). – P. 262-271. – EDN OSOZTI.

САРМОЯГУЗОРИҲО БА ИСТИФОДАИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ-ТАБИӢ -ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ

Самадов С.С. - унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.

Дар мақола сармоягузориҳо ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар шароити минтақа мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Инчунин, самтҳои асосии такмили механизми маблағгузорӣ ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва беҳдошти муҳити зист мавриди омӯзиш қарор гирифааст. Масъалаи ҷалби сармоягузориҳо ба минтақаҳои мамлакат ва дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, бахусус, заминҳои кишти кишоварзӣ дар шароити минтақа оварда шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти минтақа, иқтидори захиравӣ-табиӣ, сармоягузориҳо, захираҳои молиявӣ, самаранокии истифодаи заминиҳои кишти кишоварзӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ.

ИНВЕСТИЦИИ В ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИРОДНО-РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА - КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Самадов С.С. - соискатель Таджикский государственный финансово-экономический университет.734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14

В статье анализируется привлечения инвестиции в использование природно-ресурсного потенциала. Предложены основные направления совершенствования механизм финансирования эффективного использования природно-ресурсного потенциала и охраны окружающей среды. Рассмотрены проблемы привлечения инвестиции в регионах страны и на его базы обеспечения продоволственной безопасности, и эффективность использование природно-ресурсного потенциала, особенно земель сельскохозяйственного назначения в условиях регионах.

Ключевые слова: региональная экономика, природно-ресурсный потенциал, инвестирование, финансовые ресурсы, эффективность использования сельскохозяйственные земель, обеспечения продовольственной безопасности.

INVESTMENTS IN THE USE OF NATURAL RESOURCE POTENTIAL AS AN IMPORTANT FACTOR IN ENSURING FOOD SECURITY

Samadov S.S. - applicant Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14

The article analyzes the attraction of investments in the use of natural resource potential. The main directions of improving the financing mechanism for the use of natural resource potential and environmental protection are proposed. The problems of attracting investments in the regions of the country and its food security bases, as well as the effective use of natural resource potential, especially agricultural land in the regions, are considered.

Keywords: regional economy, natural resource potential, investment, financial resources, efficiency of agricultural land use, food security.

Яке аз ҳадафҳои асоси сиёсати иқтисодии давлат дар рушди минтақаҳо ин ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, беҳдошти вазъи муҳити зист, махсусгардонии истеҳсолоти соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва ҷори намудани техникаю технологияҳои нав ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳалли масъалаҳои мазкур зарурияти баҳои самаранокии ҷалби сармояҳоро ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва об ва таъмини бехатарии озуқавориро дар минтақаҳои кишоварзӣ тақозо менамояд. Таҳқиқ ва ҳалли масъалаҳои мазкур дар шароити гузариш аз модели аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-индустриалӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар сатҳи соҳавӣ ва минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақаҳои мамлакат муҳим ва дар мадди аввал боқӣ мемонад, ки тайи даҳсолаҳои охир ин муаммо ба яке аз масъалаҳои муҳим дар сатҳи минтақавӣ табдил меёбад. Ҳатто чунин ақидае мавҷуд ҳаст, ки аз самаранок истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои замину об дар минтақаҳои кишоварзӣ, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Ин ҷо, самара аз қарорҳои сармоягузорӣ дар як давраи муайян баҳогузорӣ гардида, ба хатар ва номуайянии фаъолияти соҳибкорӣ рӯ ба рӯ мегардад...» .[15]

Иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди иқтисодиёти минтақа яке аз ченакҳои (маҳаки)-ӣ асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ, ҳамчун ҷамъи захираҳои табиӣ, ки барои истифода дар минтақаҳои кишвар ва азхуднамоии захираҳои нав бо назардошти омилҳои табиӣ-иқлимӣ, соҳавӣ ва хусусиятҳои минтақавӣ муайян ва баҳогузорӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар тамоми кишварҳои дунё муҳим ва омили асосии рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳо масҳуб меёбад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки сармоягузориҳо ба истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа ҳамчун унсури муҳимми бехатарии озуқаворӣ ва қисмати асосии бехатарии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ва «...таҳти лоиҳаи сармоягузорӣ хароҷотҳо барои

[15]Музафаров Б.С. Пути повышения инвестиционной активности предприятий аграрного сектора // диссер. на соис. уч. ст. к.э.н. - Душанбе, 2013. -С.123.

истеҳсол, ташаккули воситаҳои истеҳсолот ва афзоиши захираҳои молиявӣ-моддӣ фаҳмида мешавад...» [16] ва вайро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоие баҳогузорӣ менамоянд, ки раванди таъмини аҳолиро бо маводҳои ғизоӣ, дар мутобиқат ба меъёру миқдор ва сифати маҳсулотҳои озуқаворӣ таъмин менамояд.

Ин ҷо, омили афзоиши аҳолӣ ва камчинии заминҳои кишти кишоварзӣ дар минтақаҳои мамлакат дар навбати худ, ба норасоии маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ва сифати пасти онҳо мусоидат менамояд. Дар шароити кунунӣ норасоии маҳсулоти асосии озуқаворӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон бо назардошти меъёри физиологӣ аз 20 то 60%-ро ташкил медиҳад ва истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳаи кишоварзӣ, ба мисли: гӯшт, шир ва тухм ҳамасола 8,7, 25,4 ва 5,7%-и талаботи аҳолии минтақаҳоро ташкил медиҳад, ки он ҳамазамон талаботи дохилии аҳолиро таъмин карда наметавонад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ), ҳазор тонна

Зироатҳо	Солҳо							2023/ 2010, бо %
	2010	2014	2016	2018	2020	2022	2023	
Ғалладона	1261,1	1317,8	1435,8	1296,2	1561,4	1756,4	1754,9	139,2
Картошка	760,1	853,7	898,1	964,6	1022,5	1094,4	1144,9	150,6
Сабзавот	1412,6	1549,5	1748,3	2119,4	2479,4	2714,8	3026,2	212,2
Полезиҳо	482,4	545,7	594,2	641,7	756,9	842,6	1099,9	228,0
Меваҷот	225,3	341,3	364,1	447,9	467,8	512,0	669,3	294,9
Ангур	124,2	188,8	214,7	241,9	239,1	245,7	361,6	291,1

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикстон. Омори солонаи кишоварзӣ //Маҷмӯаи оморӣ.- Душанбе.- 2024.- С. 14-16.

Маълумоти ҷадвали мазкур гувоҳи он аст, ки дар минтақаҳои мамлакат истеҳсоли ками баъзе аз маҳсулоти озуқаворӣ ба сари аҳолӣ ба назар мерасад, ки он аз меъёри физиологии баъзе маҳсулотҳои ғизоӣ пасттар мебошад. Ҳамзамон, талаботи рӯзафзуни аҳолии минтақаҳо ба маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ, ки дар навбати худ, зарурати самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, махсусан заминҳои кишти кишоварзиро тақозо менамояд. Аз ин хотир, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаҳои кишвар буда, истеҳсоли зироатҳои асосии кишоварзӣ 3-5 маротиба бояд баланд бардошта шавад.

Яке аз самтҳои асосии самаранокии истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳо ин ҷалби сармоягузориҳо ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ мебошад ва татбиқи амалии стратегияи рушди устувори минтақаҳои кишвар низ маҳз аз истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои замин ва об сахт вобастагӣ дошта, бе ҷалби фаъоли сармоягузориҳо ба рушди соҳаи кишоварзӣ ғайриимкон мебошад. Дар ин самт, яке аз фишангҳои муҳим ин ҷалби бештари маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ ва сармояи хориҷӣ ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ масҳуб меёбад. Аз ин хотир, ҷалби фаъоли сармоягузориҳо ба рушди корхонаҳои коркарди ашёи хоми кишоварзӣ дар минтақаҳо муҳим мебошад.

[16]Мадаминов А. А. и др. Микрофинансирование сельских товаропроизводителей - основа устойчивого развития аграрного сектора // Кишоварз, ТАУ. – Душанбе, 2004, №1. -121с.

Дар ин раванд сиёсати минтақавии сармоягузорӣ принсипҳои мавҷудаи он бояд такмил ёфта, шарту шароитҳои нав ва ҷалби технологияи пешқадами инноватсионирo ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ дар маддӣ аввал гузошта мешавад. Танзими давлатӣ дар ин мавриd то ҷое муҳим мебошад, ки бахши мазкур ба ҳадди ақалл рушд намуда, мақомотҳои давлатиро дар маҳаллҳо лозим аст, ки ба рушди кластерҳои агросаноатӣ, бахусус занҷираи истеҳолӣ ва хизматрасониҳои низоми комплекси агросаноатӣ бештар диққат диҳанд. Барои татбиқи амалии он сиёсати минтақавӣ бояд стратегияи рушди давлатиро дар ин бахш куллан тағйир дода, он бояд ба талаботи самаранокии ҷалби сармоягузориҳо ҷавобгӯ буда, дар амали намудани стратегияи рушди иқтисодиёти миллии кишвар нақши калони худро бозад.

Амалгирадонии сиёсати сармоягузорӣ зарурати ҳалли мақсадноки рушди минтақаҳои кишоварзӣ ва паҳлуҳои мусбӣ ва манфиии ҷазобияти сармоягузориро тақозо менамояд, ки муҳимтаринаш инҳо мебошад:

- истифодаи тадбирҳои дастаҷамъона оиди такмили муҳити институтсионалии фаъолгардонии ҷалби сармояҳо ва фаъолияти сармоягузорӣ, ва дар заминаи он таъмини ҷойҳои нави корӣ дар деҳот;

- гузариш ба низоми нави муносибатҳои заминдорӣ ва технологияи каммасрафи парвариш ва истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ ва саноатӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии молу маҳсулотҳои ватанӣ, истифодаи технологияи безарари экологӣ ва беҳдошти муҳити зисти одамон;

- рушди барномаҳои мақсадноки ҷумҳурияӣ ва минтақавии сармоягузорӣ ва дастгирии корхонаҳои кишоварзӣ ва занҷираи истеҳсолии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, шаклҳои гуногуни бизнеси аграрӣ дар минтақахои мамлакат ва то ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулотҳои агросаноатӣ;

- сармоягузорӣ, дар навбати аввал, ба истеҳсоли маҳсулотҳое, ки дар сохтори содироти мақоми аввалиндараҷа доранд (меваҳо, ангур, пиёз, сабзавотҳо, асал ва ғайра).

Ҳамин тавр, ҳалли амалии чораҳои дастҷамъонаи молиявӣ-иқтисодӣ ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар маҷмуъ мувофиқат менамояд. Рушди ояндаи ҷалби сармоягузорӣ ба таъмин ва такрористеҳсоли молу маҳсулотҳои озуқаворӣ, беҳтаршавии вазъи экологии минтақаҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати шоистаи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. Безопасность России. Правовые, социально-экономические и научно-технические аспекты. Продовольственная безопасность. Раздел 1. - М.: МГФ «Знание», 2007. - 544 с.

2. Зиеёв, Б.С. Эффективность использования земельных ресурсов / Б.С. Зиеёв //Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «Сино», 2014. -№2/6 (144). - С.46-47.

3. Киёмидинов Х.К., Усманова М.А. Импортозамещание и продоволственная безопасность/Х.К. Киёмиддинов., М.А. Усманова //Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Таъмини маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамоҳангии кишварҳои Осиёи Миёна” Қисми 2. -Душанбе: 2019.С.56-60.

4. Мадаминов А. А. и др. Микрофинансирование сельских товаропроизводителей - основа устойчивого развития аграрного сектора // Кишоварз, ТАУ. – Душанбе, 2004, №1. - 121с.

5. Музафаров Б.С. Пути повышения инвестиционной активности предприятий аграрного сектора. // Диссер. на соис. уч. ст. к.э.н. - Душанбе, 2013. -С.123.

5. Паёми Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз 26 декабри соли 2018 //[Электронный ресурс]: http://www.president.tj/ru/node/19089.

6. Пириев, Дж.С. Региональные проблемы сельскохозяйственного развития Таджикистана /Дж. С.Пириев . - М.: МАКСПресс, 2004. - 54 с.

7. Шералиев Э. Н., Ҷанбаҳои экологӣ-иқтисодии ислоҳоти замин - қисмати муҳими рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ // Паёми Донишгоҳи миллӣ (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иқтисодӣ. №1 (33). - Душанбе: «Сино», 2007. - С. 213-216.

8. Абдуалимзода, Ҳ. А. Ҷанбаҳои назариявии амнияти молиявӣ ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти иқтисодии давлат / Ҳ. А. Абдуалимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-1(33). – P. 5-15. – EDN NWCDLC.

9. Абдуалимзода, Ҳ. А. Амнияти иқтисодӣ дар шароити муосир: муҳимтарин омилҳои таҳкими пояҳои иқтисодӣ / Ҳ. А. Абдуалимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. S2.1(31). – P. 5-13. – EDN PGLRIF.

ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРИРАҲОИ ТАБИӢ ҲАМЧУН ШАРТИ МУҲИМИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Зуҳуров Б.И. - унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 918-80-93-51.

Дар мақола масъалаҳои назариявии истифодабарии захираҳои табиӣ ҳамчун омили рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар баррасӣ мегардад. Қайд карда мешавад, ки мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ ва истифодаи оқилонаи он барои таъмини рушди босуботи кишвар ва воридоти муваффаққона ба хоҷагии умумии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Инчунин, дар мақола таҳқиқи масъалаҳои назариявию таҷрибавии истифодаи захираҳои табиии кишвар гузаронида шудааст. Вобаста бо рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ ва пешрафти илму техника ошкор гардидааст, ки проблемаи истифодабарии захираҳои табиӣ боз ҳам васеъ мегардад ва дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ пояи устувор мегузорад.

Калидвожаҳо: захираҳои табиӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, муҳити зист, муносибатҳои иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҳадафҳои стратегӣ, таъмини рушди босубот, пешрафти илму техника, иқтисодиёти бозоргонӣ, макроиқтисод, объекти сарватҳои табиӣ ва омили рушди иқтисодӣ.

ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ КАК ВАЖНОЕ УСЛОВИЕ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ХОЗЯЙСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Зухуров Б.И. – аспирант кафедры мировой экономики Государственного финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14, г. Душанбе. Телефон: (+992) 918-80-93-51.

В статье рассматриваются теоретические вопросы использования природных ресурсов как фактора развития экономической деятельности страны. Отмечается, что наличие богатых природных ресурсов и их рациональное использование способствуют стабильному развитию страны и успешному импорту в мировую экономику. Также в статье рассматриваются теоретические и практические вопросы использования природных ресурсов страны. В связи

с развитием экономических отношений и прогрессом науки и техники выяснилось, что проблема использования природных ресурсов еще больше расширится и заложит прочную основу для обеспечения развития экономической стабильности.

Ключевые слова: природные ресурсы, экономическая деятельность, окружающая среда, экономические отношения, макроэкономические показатели, стратегические цели, обеспечение устойчивого развития, научно-технический прогресс, рыночная экономика, макроэкономика, объект природных ресурсов и фактор экономического развития.

EFFECTIVE USE OF NATURAL RESOURCES AS AN IMPORTANT CONDITION FOR THE DEVELOPMENT OF NATIONAL ECONOMY IN MODERN CONDITIONS

Zuhurov B.I. – postgraduate student of the Department of World Economy of the State Financial and Economic University of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14, Dushanbe. Phone: (+992) 918-80-93-51.

-муайян намудани шароит барои ҳавасмандгардонии таҳия ва татбиқи инноватсияҳо тавассути ташаккули механизмҳои дахлдори ташкилию иқтисодӣ (имтиёзҳои андоз, ҳавасмандӣ, грантҳо ва ғайра);

-дар стратегияи рушди давлат ба инобат гирифтани хусусиятҳои маҳаллӣ, аз қабили шароити табиӣ, инфрасохтори мавҷуда, таъминот бо кадрҳо, мавқеъи ҷуғрофӣ, мавҷудияти захираҳои табиӣ, омилҳои демографӣ, таъмини захираҳо ва ғайра.

Марҳилаи муҳими татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди фаъолияти инноватсионӣ худи корхона мебошад. Тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки гузаштан ба роҳи рушди инноватсионии корхона дар марҳилаи омодасозии илмию техникии истеҳсолот сурат мегирад, ки марҳилаи рушд ва ташаккули рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилиро пешакӣ муайян мекунад. Дар ин ҷо муҳимтарин нишондихандаҳои ракобатнокӣ, ба монанди сифати боркашонӣ, нарх ва мӯҳлати ба бозор баровардани маҳсулоти нав таҳия карда мешаванд. Ҳамин тариқ, дар ин марҳилаи рушди инноватсионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ҳадафи асосӣ интенсификацияи равандҳои эҷод ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар асоси ташкили рақобат ва таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсати инноватсионӣ, идоракунии давлатӣ имкон медиҳад, ки иқтидори инноватсионии корхонаи нақлиёти автомобилӣ истифода шавад.

Таҳлили адабиётҳои илмӣ нишон дод, ки потенсиали инноватсионии корхонаро метавон маҷмӯи шартҳое донист, ки қобилияти инкишоф ва рушди фаъолияти инноватсиониро доранд. Дар баробари ин, сатҳи дахлдори идоракунӣ ва роҳи инноватсионии рушди корхона бояд дар ҳамкорӣ бошад, ки онро дар иқтисодиёти муосир мушоҳида кардан мумкин аст ва метавонад аз рӯи принсипи равиши системавӣ амалӣ карда шавад, ки мавҷудияти пайвастҳои мустақим ва баръакс дорад.

Ба ҳамин тариқ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷорӣ намудани навоварӣ интенсификатсияи раванди инноватсиониро пешакӣ муайян мекунад, ки ин дар навбати худ барои инкишофи иқтидори инноватсионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ имконият фароҳам меоварад, чунин механизми ташкилию иқтисодии ҷорӣ намудан ва

инкишоф додани навоварӣ, яъне, маҷмӯи механизму усулҳои иқтисодие, ки ба амалӣ гардондани фаъолияти инноватсионӣ имкон медиҳанд, барои ҷорӣ намудани ҷараёни паҳн ва дар истеҳсолот истифода бурдани комёбиҳои ҳозиразамони илму техника ва технология шароит фароҳам оварда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки механизми идоракунии баррасишаванда махсусан барои кишварҳои дорои иқтисоди бозаргонӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, зеро дар кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ ин сатҳи идоракунӣ аллакай дар амал истифода мешавад, зеро ташаккул ва санҷиши он аз озмоиши вақт гузаштааст. Ҳамин тавр, таҳлили рафти ба амал баровардани инқилоби илмию техникӣ дар ин мамлакатҳо дар солхои 50—60-ум. нишон медиҳад, ки он дар натиҷаи ҳамкории самарабахши принципҳои давлат ва бозор ба амал омадааст.

Қобили зикр аст, ки ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар бозори нақлиёти автомобилӣ дар шароити беназири ислоҳоти иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ин рӯ, заминаи рушднаёфтаи ҳуқуқию меъёрӣ, муносибатҳои танзимнашавандаи истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ байни иштирокчиёни бозор ба амал омад. Дар рафти дигаргунсозӣ мушкилиҳои ҷиддӣ ба миён омаданд: азнавтақсимкунии бесобиқаи гардиши бор ба фоидаи нақлиёти автомобилӣ, нопурра конеъ гардондани талабот аз ҷиҳати ҳаҷм ва сифат дар заминаи паст шудани суръати интиқоли бор дар солҳои охир дар заминаи коҳиши кам шудани иқтидори инфрасохтор дар баъзе самтҳои интиқоли бор, инчунин ба тариқи мутлақ ва нисбӣ зиёд шудани арзиши хизматрасонии операторӣ дар ҳамлу нақли борҳо ва ғайра.

Бояд гуфт, ки чун қоида, ин мушкилот аз ҷиҳати технологӣ ва ҳуқуқӣ таҳлил карда шуда, таҳлили иқтисодӣ ба баҳодиҳии пулии тағйироти ба амаломада ё пешбинишавандаи нишондиҳандаҳои фаъолияти нақлиёти автомобилӣ тамаркуз карда мешавад.

Бо дарназардошти таҷрибаи андӯхташудаи тағйирот дар нақлиёти автомобилӣ ташаккули бозори боркашонии автомобилиро аз нуқтаи назари назарияи иқтисодӣ таҷлил намуда, ба муҳимтарин категорияҳои иқтисодии бозорӣ – талабот, пешниҳодот, мувозинати онҳо, ва дар ин замина сабабҳои бунёдии ба вуҷуд омадани мушкилӣ ва роҳи бартараф намудани онҳо ва на камтар аз ин ошкор намудани он роҳҳое, ки вазъиятро ба эътидол оварда наметавонанд.

Бояд гуфт, ки дар марҳалаҳои ибтидоии ислоҳоти сохтории иқтисодиёти Тоҷикистон пойгоҳи таркиби ҳаракаткунанда ва ҳолати роҳҳо ба тараққиёти соҳаи нақлиёти автомобилӣ мусоидат намекарданд ва ба вазифахои ислоҳоти иктисодиёт мувофик набуданд. Аз ин рӯ, таҳияи рафъи бунбасти нақлиётӣ- коммуникатсионӣ ва ба кишваре, ки ба вуҷуд овардани комплекси ягонаи инфрасохтор ва таъминоти фазоии раванди боркашониро талаб мекард, ба кишвари транзитӣ табдил додани он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа буд. Роҳҳо бояд бо бори тирии 10 тонна ба як тир таҷдид карда шуданд, ки ин ба истифодабарии нақлиёти хориҷӣ мусоидат намуда, таркиби ҳаракати нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷиҳати суръат ва ҳадди болоии иқтидори борбардорӣ беҳтар намуд.

Ҳамин тавр, мо дар кори диссертатсионии худ баъзе фарзияҳои назариявиро низ истифода бурдем, ки барои кушодани моҳияти асосии ҳодисаҳои гуногуни иқтисодӣ имконият медиҳанд. Бинобар ин, мо дар ин ҷо дар бораи як модели бунёдӣ сухан меронем, ки таъсири он дар бозори наклиёти автомобилӣ инъикос меёбад, вале таъсири омилҳои гуногунро (масалан, тағйироти технология, шароити бозор, характери ҳамкории байни субъектҳои алоҳидаи бозор ва ғайраро) дар бар намегирад.

Аз ин хотир, вазифаи ин марҳилаи тадқиқот таҳияи модели бунёдии бозори нақлиёти автомобилӣ дар категорияҳои «талабот - пешниҳод», дар координатҳои «тариф - ҳаҷми боркашонӣ» мебошад.

Ташаккули бозори боркашонии автомобилӣ дар шароити беҳамтои ислоҳоти иқтисодии кишвар, аз ин хотир бо заминаи инкишофнаёфтаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ ва муносибатҳои танзимнаёфтаи истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ ба амал омад. Дар раванди он тағйирёбии то ҳол диданашавандаи боркашонӣ ба самти афзоиши ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ ба вуҷуд омаданд.

Бо назардошти таҷрибаи андӯхтаи табдилдиҳиҳои сохторӣ дар нақлиёти автомобилии кишвар бояд созмонёбии бозори боркашонии автомобилиро аз нуқтаи назари назарияи иқтисод, диққатро ба мафҳумҳои асосии он талабот ва пешниҳодот ва ҳолати мувозинат такя намуда сабабҳои бунёдии ба амал омадани мушкилоти боркашонии автомобилӣ ва роҳҳои ҳали он дар заминаи ҷорӣ намудани инноватсияҳо дарёфт карда шаванд

Ҳамин тариқ, барои ноил шудан ба ҳолати мақсаднок - таъмини мувозинати воқеии талабот ва пешниҳод дар бозори нақлиётии боркашонӣ, арзон кардани он барои муштариён, бояд таъмин карда шавад. Дар баробари андешидани тадбирхои ба ҳам мувофиқ кунондани парки таркиби харакаткунанда аз ҳад зиёд (ғайримувозин) харида гирифтани он ба сифати истифодаи он (ва аз ҳама муҳимаш сифати боркашонӣ) таъсири мусбат мерасонад, дараҷаи зхарурии парки таркиби ҳаракаткунанда ва инкишоф додани таъминоти инфрасохторӣ ва фазоии он таъмин карда мешаванд.

Аз ин рӯ, танзими пешниҳодоти инфрасохторӣ ва фазоии ҳамлу нақли автомобилӣ мувофиқи парадигмаи синергетикӣ имкон медиҳад, ки нобаробарӣ ва ноустувории кунунии бозорро ба ангезаҳои пешниҳоди мувофиқи талабот табдил дода ва дар ин замина ба даст овардани беҳтарин натиҷаҳои иктисодӣ имконпазир мегардад.

Дар маҷмӯъ, бо мақсади рафъи мушкилоти ҳангоми ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ ба инфрасохтор бо истифода аз механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади пайваста зиёд намудани ҳаҷми аз ҷиҳати техникӣ инноватсионии пешниҳодоти нақлиёти боркашонӣ, ки аз моделҳои пешниҳодшуда бармеояд, он имкон медиҳад, ки дараҷаи бори тарифӣ умуман барои хоҷагии халқ ва ахолӣ ҳангоми кашондани бор ва мусофир кам карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили моделҳои назариявии таҳияшуда, барои рушди босамари бозори нақлиёти автомобилӣ, баланд бардоштани дастрасии нақлиёт ва кам кардани сарбории тарифӣ ба тоҷирони мол, зарур ба назар мерасад, ки сармоягузорӣ ба рушди инноватсионии инфрасохтор ва дастгирии фазоии дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШҲД) ба роҳ монда шаванд.

Бояд гуфт, ки тадбирҳои дастгирии давлатии лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки лоиҳаҳои инноватсионии сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори роҳ дар доираи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ мебошанд, ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд. Гурӯҳи якум ба тарафи молиявии лоиҳа дахл дорад, яъне, расонидани ёрии молиявии бевосита ё бавосита. Гурӯҳи дуюм бештар ба тадбирҳои танзимкунанда марбут аст, ки ба ҷалби сармоягузорони хусусӣ ва кредиторон нигаронида шудаанд, яъне. додани кафолатҳои гуногун, дароз кардани мӯҳлати консессия, ҳифз аз рақобат ва ғайра.

Дар ин ҳолат, фоидаҳо барои ҳар як ҷонибҳои манфиатдор инҳоянд:

-барои бахши давлатӣ - идоракунии самараноки хароҷот ва зудтар анҷом додани сохтмони лоиҳа ба шарофати иштироки бахши хусусӣ, интиқоли технология ва ноу-хау, тақсими хавфҳо, идоракунии самараноки бахши хусусӣ, тақсимоти беҳтари маблағҳои буҷетӣ; маблағҳо, рушди бозорҳои сармоя ва бахши бонкӣ, ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ва байналмилалӣ, имкони тарҳрезии таҷрибаи ширкатҳои хусусӣ дар соҳаи бунёди иншооти инфрасохторӣ ба дигар объектҳои шабеҳе, ки маблағгузорӣ аз манбаъҳои давлатӣ талаб мекунанд;

-барои бахши хусусӣ – кушодани бозор, ки қаблан ба бахши давлатӣ тааллуқ дошт, хавфи маҳдуди молиявӣ (маблағҳои худӣ дар ҳаҷми 10-30%), имконияти амалиёти ғайритавозунӣ, дурнамои ба даст овардани меъёри қобили қабули баргаштан, ба даст овардани таҷриба дар идоракунии лоиҳаҳои калон ва баланд бардоштани обрӯ дар бозор;

-барои истеъмолкунандагон - тақсимоти беҳтари даромадҳои андоз, беҳтар кардани сифат ва самараноктар идоракунии лоиҳаҳо, имкони ба даст овардани таъсири мусбати беруна дар соҳаҳои ҳамҷавори иқтисодиёт, паст кардани тарифҳо барои истифода.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба иштироки воқеии бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсиони метавонад вобаста ба шакли интихобшудаи шарикӣ ва миқёси додани ваколатҳои моликият ба шарики хусусӣ афзоиш ё баръакс коҳиш ёбад. Бояд гуфт, ки вариантҳои экстремалӣ ё муносибатҳои оддии шартномавӣ (шартномаҳо оид ба кор ва хизматрасонӣ) бо ҳар як шарик тамоми ҳуқуқи моликиятро пурра нигоҳ доштан ё хусусигардонии пурра, яъне аз давлат ба шарики хусусӣ гузаштани ниҳоии ҳуқуқи моликият мебошанд. Дар байни ин ду қутб вариантҳо ва шаклҳои зиёди муносибатҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавҷуд аст, ки ба дараҷаҳои гуногуни додани ваколатҳои муайяни молик аз давлат ба соҳибкори хусусӣ дар мӯҳлат ва шартҳои пешбининамудаи шартномаи дахлдор асос ёфтаанд. Бояд гуфт, ки Котиботи ОЭСР (Ташкилоти ҳамаориихои иқтисодӣ ва рушд) шаш принсиперо муайян мекунад, ки ба ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар бахши инноватсия хосанд, аз ҷумла:

-тарафҳои шарикӣ бояд ҳам аз ҷониби бахши давлатӣ ва ҳам бахши хусусии иқтисодиёт намояндагӣ кунанд;

- муносибатҳои байни тарафҳои шарикии давлатию хусусӣ бояд дар ҳуҷҷатҳои расмӣ (созишномҳо, барномаҳо ва ғайра) қайд карда шаванд;

- муносибатҳои байни тарафҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд шарикӣ, яъне характери баробар дошта бошад;

- тарафҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд ҳадафҳои умумӣ ва манфиатҳои дақиқ муайяншудаи ҷамъиятӣ дошта бошанд;

- тарафҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд саҳми худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ муттаҳид созанд;

- тарафҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд хароҷот ва хавфҳоро байни худ тақсим кунанд, инчунин дар истифодаи натиҷаҳои бадастомада иштирок намоянд.

Бояд гуфт, ки ба гуфтаи коршиносони Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо, ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ як шакли ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ бо мақсади амалӣ намудани лоиҳаҳои бузург дар соҳаи инфрасохтор мебошад, ки дар он захираҳо, бартариятҳо ва имкониятҳои ҳар як иштирокчии лоиҳа якдигарро пурра мекунад. Ҳамин тариқ, ҳамкории байни онҳо тавассути тақсимоти хатарҳо ва масъулиятҳо дар асоси муносибати оқилона ва ноил шудан ба мувозинати оптималӣ мувофиқи дастгирии молиявии лоиҳа барои ҳар як тараф сурат мегирад.

Таҷрибаи истифодаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи инноватсия панҷ модели
асосии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ташаккул ёфтаанд, ки бо шаклҳои махсуси моликият, маблағгузорӣ ва идоракунӣ хосанд:

1)модели оператор – маблағгузории хусусӣ ва идоракунӣ ва мавҷудияти моликияти хусусию давлатиро дар назар дорад;

2) модели кооператсия – маблағгузорӣ ва идоракунии давлатию хусусӣ дар мавҷудияти моликияти давлатию хусусӣ;

3)модели консессионӣ – маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ ва идоракуниро дар мавҷудияти моликияти давлатӣ дар бар мегирад;

4) модели шартномавӣ – маблағгузории хусусӣ ва идоракунии худро дар сурати мавҷудияти моликияти хусусӣ-давлатӣ дар бар мегирад;

5) модели лизинг - маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ ва идоракуниро дар мавҷудияти моликияти хусусӣ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, принсипи асосии консепсияи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ аз он иборат аст, ки давлат ба кадом хадамот ва инфрасохтор эҳтиёҷ доштани онро муайян мекунад ва сармоягузорони хусусӣ тадбирҳое пешниҳод мекунанд, ки бояд ба талаботи давлат бештар ҷавобгӯ бошанд.

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи таҳқиқот диаграммаи асосии шарикии иштирокчиёни ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи инфрасохтори роҳҳо таҳия карда шуд (расми 1).

Таҳлили таҷрибаи интихоби модели ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ нишон медиҳад, ки он аз минтақаи инфрасохторе, ки дар он лоиҳа амалӣ мешавад, вобаста аст. Модели оператор бо тақсимоти дақиқи масъулият байни корхонаи хусусӣ ва назорат аз ҷониби фармоишгар (давлат) тавсиф мешавад ва аз ҳама бештар, масалан, дар саноати коркард истифода мешавад.

Модели кооператсия бештар дар соҳаҳое истифода мешавад, ки дар онҳо хизматрасонӣ дуруст муайян карда нашудааст ва бинобар ин наметавон мутаносибан ба ҳаҷми хидматҳои иҷрошуда амортизатсия карда шавад. Дар ин ҳолат, лоиҳа аз ҷониби як ширкати муштараки лоиҳавӣ бо иштироки сармоягузорони давлатӣ ва хусусӣ амалӣ карда мешавад.

Модели консессионӣ – асосан дар соҳаҳое истифода мешавад, ки бо мӯҳлатҳои дарози татбиқи лоиҳа тавсиф карда мешаванд ва дар ҳолатҳое, ки додани ҳуқуқи моликият бо сабабҳои сиёсӣ ё ҳуқуқӣ истисно карда мешавад (инфрасохтори нақлиёт).

1.Ташаккул ва ифодаи ташаббуси давлат

↓

2.Пешниҳоди бизнеси хусусӣ нисбати амалӣ сохтани ташаббуси пешниҳодшуда

↓

3. Мувофиқакунии шартҳои мавҷуда ва манфиатҳои давлат ва бизнеси хусусӣ, ки дар доираи лоиҳаҳои ояндаи ШДХ амалӣ карда мешаванд.

↓

4.Мустаҳкам намудани шартҳои ба даст омадаи миёни давлат ва бизнеси хусусӣ

↓

5. Иҷрои ӯҳдадориҳои дар доираи ШДХ гирифташуда

↓

6.Таҳлили натиҷаҳои ба даст омадаи ШДХ

↓

7.Таҳияи млделҳои нисбатан нави (нисбатан мутараққии) ШДХ.

↓

8. Ташаккули ташабусҳои нав аз тарафи давлат

Расми 1. Схемаи бунёдии таъсири мутақобилаи иштирокчиёни ШДХ дар мавриди амалӣ сохтани лоиҳаҳои инноватсионии инфрасохтори роҳҳои автомобилгард

Модели шартномавӣ дар бахши энергетика аст, ки дар он сармоягузорӣ асосан ба кам кардани хароҷоти ҷорӣ нигаронида шудааст. Дар ҳолати идеалӣ сарфае, ки тавассути кам кардани хароҷоти амалиётӣ ба даст оварда шудаанд, аз хароҷоти сармоягузорӣ зиёдтаранд. Намунаи лизинг – барои сохтмони биноҳои ҷамъиятӣ. Лизинг аз ҷониби ҳукуматҳои маҳаллӣ шакли маъмултарини ШДХ мебошад, ки дар татбиқи он давлатҳо таҷрибаи зиёд ҷамъ кардаанд. Дар амал, ин моделҳо хеле кам дар шакли холис пайдо мешаванд, аксар вақт шакли омехтаи онҳо истифода мешаванд.

Адабиёт

1. Батукова Л.Р. К вопросу об инновационной модернизации социально-экономической системы региона // Региональная экономика: теория и практика.-М.: 2013.-№11.-С.37-42;Емельянов Ю.С.Государственно-частное партнерствл в инновационной сфере: зарубежный и российский опыт.М.:URSS: ЛИБРОКОМ,2012.-253 с.

2. Гойхер О.Л. Повышение эффективности управления институтами в структуре инновационной политики региона // Региональная экономика: теория и практика.М.,2012.-№1.-С.24-29; Голиченко О.Г. Основные факторы развития национальной инновационной системы // Рос.акад.наук, ЦЭМИ.- М.: Наука,2011.-:33 с.

3. Государство и бизнес: институциональный аспект. М.: ИМЭМО РАН,2000.-С.40.

4. Емельянов Ю.С. Государственно-частное партнерство в инновационной сфере: Зарубежный и российский опыт/ Общ.ред.и предисл. С.Н.Сильвесторова. М.6Книжный дом “ЛИБРОКОМ”, 2012.- 256 с. –С.55.

5. Инновационное развитие – основа модернизации экономики России // Национальный доклад.-М.: ИМЭМО РАН, ГУ-ВШЭ, 2008.-168 с.

6. Маннапов Р.Г. Модернизация системы управления экономикой региона в условиях инновационного развития// Региональнаяэкономика.-М., 2013.-№33.-С.2-9; Малютин А. Управление изменениями в инновақионной деятелӣности регониалӣнҷх организақий // Экономист.М., 2013.-№10.-С.23-28.

7. Мезоэкономика переходного периода: рынки, отрасли, предприяти// Под ред. Клейнера Г.Б. – М.: Наука,2001.-С.516; Гурков И.Б.Стратегия и структура корпорации.-М.:Дело,2008.- С.288.

8. Родинова Н.Д. Сетевой подход к управлению развитием инновационной сферы региона// Региональная экономика:теория и практика.М.,2013.-№4.-С.46-51; Санникова И.Н. Оценка инновационного потенциала предприятия для управления развитием// Менеджмент в России и за рубежом.-М.,2013.-№3.-С.57-64.

9. Цукерман В.А.,Горячевская Е.С. Зарубежный и отечественный опыт государственного регулирования инновационного развития.-М.: Дело,2011.-С.288;

Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты, риски.- М.:Наука,2005.- С324.

РУШДИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА ДАР АСОСИ КЛАСТЕРИЗАТСИЯИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ САНОАТӢ

Нурублоева Мадинабону Мавлоновна - муаллими калони кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

Дар марҳилаи муосири рушд ҳалли мушкилоти рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа ва ҳудудҳои муайян аз ҷумлаи самтҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Вазъ ва тамоюлҳои рушди иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки ҳалли мушкилоти соҳа ва минтақаҳо, аз он ҷумла тавассути коркард ва истифодаи механизмҳои муосир имконият медиҳад, ки иқтидори табиию иқтисодӣ ва нерӯи инсонӣ самаранок истифода шуда, суръати рушди иқтисодӣ таъмин карда шавад. Дар баробари ин таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки тамаркузи истеҳсолот ва тавсеаи ҳамгироии иқтисодӣ дар заминаи иртиботи шабакавӣ роҳи асосии тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва ҷолибияти инвеститсионии ҳудуд ва минтақаҳои муайян мебошад. Аз ин рӯ, кластерикунонии иқтисодиёти минтақа, аз он ҷумла дар заминаи таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ яке аз омилҳои бунёдии татбиқи ҳадафҳои рушди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: корхонаҳои саноатӣ, кластерҳо, рушди иқтисод, рушди минтақавӣ, рақобатпазирӣ, самаранокии истеҳсолот.

ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И СОЦИАЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ РЕГИОНА НА ОСНОВЕ КЛАСТЕРИЗАЦИИ МАЛЫХ И СРЕДНИХ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

Нурублоева Мадинабону Мавлоновна – старший преподаватель кафедры экономика предприятий и предпринимательство, Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.

На современном этапе развития решение проблем экономического и социального развития региона и отдельных территорий считается одним из стратегических направлений развития Республики Таджикистан. Состояние и тенденции экономического развития показывают, что решение проблем отрасли и регионов, в том числе за счет разработки и использования современных механизмов, позволяет эффективно использовать природный и экономический потенциал, человеческий потенциал, обеспечить темпы экономического развития. В то же время мировой опыт показывает, что концентрация производства и расширение экономической интеграции на основе сетевых коммуникаций являются основным способом усиления инновационной активности, повышения конкурентоспособности и инвестиционной привлекательности отдельных территорий и регионов. Поэтому кластеризация экономики региона, в том числе создание территориально-промышленных кластеров, считается одним из основополагающих факторов реализации национальных целей развития.

Ключевые слова: промышленные предприятия, кластеры, экономическое развитие, региональное развитие, конкурентоспособность, эффективность производства.

ECONOMIC AND SOCIAL DEVELOPMENT OF THE REGION BASED ON CLUSTERIZATION OF SMALL AND MEDIUM INDUSTRIAL ENTERPRISES

Nurubloeva Madinabonu Mavlonovna - senior Lecturer of the Department of Economics of Entrepreneurship and Entrepreneurship, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street.

At the current stage of development, solving the problems of economic and social development of the region and certain territories is one of the strategic directions of development of the Republic of Tajikistan. The situation and trends of economic development show that solving the problems of the sector and regions, including through the development and use of modern mechanisms, allows for the effective use of natural and economic potential and human resources and the acceleration of economic development. At the same time, world experience shows that the concentration of production and the expansion of economic integration on the basis of network communication are the main ways to strengthen innovative activity, increase the competitiveness and investment attractiveness of certain territories and areas. Therefore, clustering of the regional economy, including on the basis of the creation of territorial and industrial clusters, is one of the fundamental factors in the implementation of national development goals.

Key words: industrial enterprises, clusters, economic development, regional development, competitiveness, production efficiency.

Дар шароити рақобати афзоянда яке аз роҳҳои таъмини рушди устувори саноати минтақа ин таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои кластерӣ шарти асосии таъмини истифодаи самараноки иқтидори минтақавӣ, ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ ва такмили низоми идоракунии соҳавӣ дар сатҳи минтақа мебошад.

Дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳими фаъолияти иқтисодиро корхонаҳои хурду миёна анҷом медиҳанд ва ин корхонаҳо дар муҳити рақобатӣ наметавонанд фаъолияти устурвор дошта бошанд. Солҳои охир аз ҷониби давлат ҷиҳати дастгирии онҳо корҳои муайяне ба анҷом расонида шудааст. Дар ин замина бо назардошти он ки дар ояндаи наздик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баландбардории рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои афзалиятдор ба ҳисоб меравад, танзими шароит барои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дорои аҳамияти стратегӣ мебошад.

Айни замон набудани таҷрибаи ҷалби корхонаҳои хурду миёна ба сифати иштирокчиёни сохторҳои кластерҳо яке аз монеаҳои асосии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳама кишварҳое, ки намунаҳои бомуваффақияти кластеризатсия доранд, корхонаҳои хурду миёна дар байни иштирокчиёни сохторҳои кластерӣ мавқеи хоса доранд.

Дар илми иқтисодии ватанӣ падида ва табиати иқтисодии кластерҳо аз ҷониби олимону муҳаққиқони гуногун таҳқиқ гардида, таҷриба нишон медиҳад, ки назария ва методологияи пешниҳодшуда ба таҳқиқоти олимони рус такя менамояд. Масъалаҳои

мубрами рушди кластерҳои минтақавӣ аз ҷониби олимони гуногун бо истифода аз равиши соҳавӣ таҳқиқ гардидааст.

Каримова М.Т.[1] кластеризатсияро яке аз омилҳои асосии татбиқи ҳадафи чоруми рушди миллӣ – саноатикунонии босуръат эътироф намуда, таъкид месозад, ки яке аз самтҳои муҳим дар ташаккул ва татбиқи сиёсати муосири кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ин замина таъсиси кластерҳои соҳавӣ метавонанд ба сифати механизми асосӣ баромад кунанд.

Иброҳимзода И.Р. ва Саидова М.Ҷ. масъалаҳои таъмини молиявии рушди кластерҳоро таҳқиқ намуда, исбот намудаанд, ки дар марҳилаи муосири рушд шарти асосии ташаккул ва инкишофи кластерҳо ин муайян кардани сарчашмаҳои маблағгузории онҳо мебошанд. Ба ақидаи муаллифон яке аз сабабҳои то ҳол мавҷуд набудани кластерҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилоти вобаста ба масъалаҳои маблағгузорӣ мебошад. Аз ин рӯ, онҳо дар таҳқиқоти худ собит сохтаанд, ки омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва ҳалли мушкилоти таъмини маблағгузории таъсиси кластерҳо аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар самти таъсиси кластерҳо мебошад.[2]

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои асосии муттаҳидсозии корхонаҳои хурду минёнаи саноатӣ ин муттаҳидсозии онҳо дар шакли кластерҳои ҳудудию-саноатӣ мебошад. Тамаркузи корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар як минтақаи ҷуғрофӣ барои корхонаҳои дохили кластер имтиёзҳо ба вуҷуд оварда, ба ибораи дигар, бо муттаҳид кардани корхонаҳои хурду миёнае, ки дар соҳаҳои шабеҳ ё ба ҳам алоқаманд фаъолият мекунанд, ин ширкатҳо метавонанд аз имтиёзҳо, интиқоли донишу технология ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ бархурдор бошанд.

Дар ду даҳсолаи охир, бо пайдоиши технологияҳои нав ва дастрасӣ ба шабакаи алоқаи интернетӣ дар усулҳои истеҳсолу тақсимот ва сохтори ташкилии корхонаҳо тағйирот ба амал омад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва тиҷоратӣ ҳамчун ҷузъи пурракунанда ва муҳими иқтисоди миллӣ шинохта шудаанд. Дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳангоми расидан ба ҳадафҳои асосии рушд корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар тавсеа ва диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, эҷоди шуғл, рафъи камбизоатӣ, беҳтар кардани тақсими даромад ва қонеъ кардани ниёзҳои асосӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар аксар кишварҳо корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ таъминкунандагони асосии ҷойҳои нави корӣ, гаҳвораи дигаргуниҳо, инноватсияҳо ва пешсафони ихтирои технологияҳои нав ба ҳисоб мераванд. Аз тарафи дигар, ин корхонаҳо дар рушди иқтисодии кишварҳое, ки содироти назаррас доранд, нақши муассир доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз мавҷудияти нисбатан назарраси корхонаҳои хурду миёна дар сохтори саноат ин воҳидҳо бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд, ки онҳо дар иҷрои вазифаҳои стратегӣ халал мерасонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омори алоҳидаи корхонаҳои хурду миёна вуҷуд надорад ва аз ин рӯ муайян кардани саҳми корхонаҳои хурду миёна дар ММД ғайриимкон аст. Аммо, бояд таъкид

[1] Каримова, М. Т. Стратегические направления ускоренной индустриализации в Республике Таджикистан / М. Т. Каримова, Ф. А. Джабборов // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 2. – С. 90-95.; Каримова, М. Т. Агропищевые кластеры в рамках обеспечения продовольственной безопасности страны / М. Т. Каримова, С. Маджидзода // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 4-1. – С. 51-56.

[2] Иброҳимзода И.Р., Саидова М.Ҷ. Таҷрибаи пешқадами хориҷии маблағгузории ташаккул ва рушди кластерҳои саноатӣ ва роҳҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2022. № 6. С. 15-21.; Иброҳимов И.Р., Саидова М.Ҷ. Таҳаввулоти назариявии ташаккули иттиҳодияҳои кластерӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2020. № 3 (71). С. 128-139.;

намуд, ки онҳо дар таъмини шуғл ва ташаккули занҷираи арзиши илова нақши калон доранд. Барои мисол, арзиши изофае, ки ин воҳидҳо дар кишварҳои гуногун истеҳсол мекунанд, аз сеяк то нисфи арзиши иловагии онҳоро ташкил медиҳад.

Айни замон корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ як бахши бузурги иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл, ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли ватанӣ ва суръатбахшии рушди иқтисодӣ мавқеи марказӣ доранд. Ба ақидаи Қодиров Ф.А. «кластерикунонии бахши мазкур метавонад дар рушди устувори минтақаҳои кишвар ва баландбардории рақобатпазирии онҳо нақши ҳалкунанда дошта бошад»[1]. Ҳамчунин ба таъкиди Сулейманова Т.А. «раванди кластерсозӣ метавонад ба диверсификатсияи иқтисодиёти минтақавӣ мусоидат намояд, сатҳи рақобатпазирии онро баланд бардорад ва яке аз самтҳои сиёсати иқтисодии зиддибуҳронии минтақа гардад»[2].

Айни замон набудани таҷрибаи ҷалби корхонаҳои хурду миёна ба сифати иштирокчиёни сохторҳои кластерҳо яке аз монеаҳои асосии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳама кишварҳое, ки намунаҳои бомуваффақияти кластеризатсия доранд, корхонаҳои хурду миёна дар байни иштирокчиёни сохторҳои кластерӣ мавқеи хоса доранд.

Ҷиҳати таъсиси кластерҳои корхонаҳои хурду миёна сараввал бояд асноди муайяни институтсионалӣ таҳия ва тасдиқ карда шуда, алгоритми таъсиси кластерҳо мушаххас карда шаванд. Дар баробари ин масъалаҳои муҳими рушди корхонаҳои хурду бузург, аз он ҷумла механизми ҳимоя ва дастгирии онҳо, рушди нерӯи инсонии рақобатпазир, такмили низоми маблағгузорӣ ва андозбандӣ, рушди афзалиятҳои рақобатӣ ва шароити дастгирии ҳуқуқӣ ва институтсионалии соҳибкории хурду миёна бояд ба таври мушаххас ҳаллу фасл карда шаванд.

Кластеризатсияи корхонаҳои хурду миёна саноатӣ имконият медиҳад, ки тавассути истифодаи муштараки инфрасохтор, захираҳои иттилоотӣ ва иқтидори истеҳсолию хизматрасонӣ самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории минтақавиро баланд бардоранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки муттаҳидсозии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар доираи кластери ҳудудию саноатӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти инноватсионӣ таҳким ва ҳосилнокии меҳнат тақвият бахшида шуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд. дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. – Таъсири кластеризатзия ва фаъолияти корхонаҳои хурду миёна

Таъсир	Мазмун
Сарфаи хароҷот	Кластерҳо кушиш менамоянд, ки хароҷоти худро коҳиш дода дар заминаи тавсеаи иртиботи шабакавӣ намудҳои афзалиятдори истеҳсолотро интихоб кунанд.
Мустақилият	Иштирокчиёни кластер имконият доранд, ки бо ширкату корхонаҳои узви кластер набуда иртибот намуда, ба

[1]Кодиров Ф.А. Формирование и развитие региональных инновационных систем кластерного типа в промышленности Республике Таджикистан//В сборнике: Инновации в управлении региональным и отраслевым развитием. материалы Национальной с международным участием научно-практической конференции. Тюмень, 2020. С. 83-87.

[2] Сулейманова Т.А. Кластеризация как эффективный инструмент управления развитием малого бизнеса в регионе с особым статусом//Вестник Северо-Осетинского государственного университета имени К. Л. Хетагурова. 2021. № 1. С. 155-162.

	иштирокчиёни муҳити кластерӣ фаъолияти муштарак дошта бошанд.
Интихоби стратегӣ	Ширкатҳои ба кластер шомилбуда кушиш менамоянд, ки мавқеи стратегиро ишғол намоянд. Корхонаҳои хурду миёна дар кластер ба сифати амалисозандаи тасмимҳои ширкатҳои бузург баромад намуда, бо ҳамин роҳ устувории фаъолияти худро таъмин мекунанд.
Дониш ва таҳсил	Яке аз ҳадафҳои асосии таъсиси кластер ин мубодилаи таҷриба мебошад. Бинобар ин корхонаҳои хурду миёнае, ки ба кластер шомил мешаванд, дар самти мубодилаи таҷрибаи техникӣ, молиявӣ, илмию тадқиқотӣ, маркетингӣ ва дигар салоҳиятҳо ҳамкорӣ мекунанд.
Махсусгардонӣ	Дар доираи кластер корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ муттаҳид карда мешаванд, ки шомили як занҷираи арзиши иловашуда мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо вобаста ба мавқеи худ дар занҷираи арзиш ба сатҳи баланди махсусгардонӣ ноил мегарданд.
Тавсеаи рақобат	Корхонаҳои хурду миёнае, ки шомили кластер мебошанд кушиш менамоянд, ки рақобатпазирии худро нигоҳ доранд. Аз ин рӯ, онҳо ба тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ талош намуда, кушиш менамоянд, ки худро дар гурӯҳи кластер нигоҳ доранд.
Интиқоли иттилоот	Яке а хусусиятҳои хоси кластерҳои ҳудудию саноатӣ ин ташаккули механизми интиқол ва пешбурди иттилоот дар доираи он мебошад.
Дастрасӣ ба захираҳо	Иштирокчиёни кластер ба захираҳои берунӣ дастрасӣ дошта, ҳамзамон фаъолияти худро дар асоси истифодаи муштараки захираҳои дохилӣ ба роҳ мемонанд

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Аз бартариятҳои ҷадвали боло бар меояд, ки дар марҳилаи муосири рушд равиши ҷолибтарини дастгирии рушди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ин тавсеаи иртибототи шабакавӣ ва ё кластерӣ мебошад. Ин падида асосан барои ширкатҳои истеҳсолӣ, ки дар як минтақаи ҷуғрофӣ ҷойгиранд имконпазир ва мувофиқи мақсад мебошад. Баҳсҳои гуногуни назариявӣ дар бораи он, ки муассисаҳои хурд ба рушд чӣ гуна саҳм гузошта метавонанд, аз ҷониби иқтисоддонҳо ва коршиносони гуногун пешниҳод карда шуданд. Хулосаи назарияҳо ин аст, ки дар ҳоле ки ширкатҳои хурд рақибони табиӣ ҳастанд, онҳо аъзои як шабакаи мустақиле мебошанд, ки қобилияти эҷоди ҷойҳои кориро доранд ва инчунин заминаи заруриро барои эҷоди инноватсия ва технология фароҳам меоранд.

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда метавон чунин хулоса кард, ки кластеризатсия омили асосии барқарорсозӣ, навсозӣ ва такмил додани базаи моддию техникии корхонаҳои саноати коркард, баланд бардоштани самаранокии онҳо ва таъмини рақобатпазирии саноати хӯрокворӣ мебошанд.[1] Таъмини моддию захиравии саноати

[1] Печаткин, В. В. Методика оценки и анализа потенциала кластеризации экономики регионов / В. В. Печаткин // Экономический анализ: теория и практика. – 2010. – № 28(193). – С. 42-48.

хӯрокворӣ, рушди босамари он дар шароити ҷаҳонишавӣ мустақиман аз ҳаҷм, сохтор ва самти сармоягузориҳо, ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳои нав вобаста мебошад.

Дигаргуниҳои асосӣ вобаста ба вазъияти тараққиёти минбаъдаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ инҳо мебошанд: афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва афзоиши дараҷаи талабот ба маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ. Мо чунин мешуморем, ки омилҳои мусбати рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ инҳоянд: инфрасохтори пешрафтаи истеҳсолии саноат, иқтидори баланди бозор аз ҳисоби талаботи дохилӣ ва хориҷӣ, мавқеъи мусоиди ҷуғрофӣ ва шароити табиии иқлим, рақобати паст ва ғ.

Адабиёт

1. Каримова, М. Т. Стратегические направления ускоренной индустриализации в Республике Таджикистан / М. Т. Каримова, Ф. А. Джабборов // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 2. – С. 90-95.; Каримова, М. Т. Агропищевые кластеры в рамках обеспечения продовольственной безопасности страны / М. Т. Каримова, С. Маджидзода // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 4-1. – С. 51-56.

2. Иброҳимзода И.Р., Саидова М.Ҷ. Таҷрибаи пешқадами хориҷии маблағгузории ташаккул ва рушди кластерҳои саноатӣ ва роҳҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2022. № 6. С. 15-21.; Иброҳимов И.Р., Саидова М.Ҷ. Таҳаввулоти назариявии ташаккули иттиҳодияҳои кластерӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2020. № 3 (71). С. 128-139.;

3. Кодиров Ф.А. Формирование и развитие региональных инновационных систем кластерного типа в промышленности Республике Таджикистан//В сборнике: Инновации в управлении региональным и отраслевым развитием. материалы Национальной с международным участием научно-практической конференции. Тюмень, 2020. С. 83-87.

4. Сулейманова Т.А. Кластеризация как эффективный инструмент управления развитием малого бизнеса в регионе с особым статусом//Вестник Северо-Осетинского государственного университета имени К. Л. Хетагурова. 2021. № 1. С. 155-162.

5. Печаткин, В. В. Методика оценки и анализа потенциала кластеризации экономики регионов / В. В. Печаткин // Экономический анализ: теория и практика. – 2010. – № 28(193). – С. 42-48.

6. Давлатзода, Қ. Қ. Самтҳои асосии дастгирии давлатии рушди кластерҳои Пахтакорӣ дар минтақаҳои кишвар / Қ. Қ. Давлатзода, Ҷ. Б. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 68-76. – EDN NHUFIJ.

7. Халифазода, Ҷ. Б. Рушди кластеркунонии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар вилояти Хатлон / Ҷ. Б. Халифазода, М. Х. Халифаева // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – P. 229-237. – EDN GRZUPE.

Мундарича		
1.	**Сухани ифтитоҳии ректори ДДМИТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.**	3
2.	**Абдуалимзода Ҳ.А.** Масъалаҳои назариявии таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити муосир	5-9
3.	**Евграфова О.В.** Особенности формирования кадрового потенциала таможенных органов в современных условиях	9-14
4.	**Кочергина Т.Е.** Трансформация таможенной системы России под влиянием трендов мировой экономики	14-19
5.	**Рустам Р., Кудратова Ф.Р.** Современное состояние развития системы организации таможенного контроля товаров и транспортных средств	19-24
6.	**Гадоев С.Ҷ., Нуриддинов С. З.** Нақши гумрук дар фаъолияти иқтисодии давлат	24-27
7.	**Насриддинов Ф.Б.** Дурнамои рушди маъмуриятчигии фаъолияти гумрукӣ	27-35
8.	**Абдуллоев М.М.** Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук дар таъмини амнияти миллӣ ва иқтисодӣ	35-43
9.	**Давлатов Х.М.** Мавқеи мақомоти гумрук дар амнияти иқтисодии кишвар дар шароити муосир	43-50
10.	**Нидоев Н.Ф.** Равишҳои институтсионалӣ дар иқтисод ва алоқамандии онҳо бо асимметрияи иттилоотии гумрукӣ	50-56
11.	**Кошонова М.Р, Сафарзода М.С.** Финансовая устойчивость МСП в Таджикистане: показатели и коэффициенты	57-63
12.	**Hkao Itze.** Enhancing investment promotion in Tajikistan	63-72
13.	**Нидоев Н.Ф., Нидоев Н.Н.** Механизми танзими давлатии буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ва оқибатҳои иқтисодию ҳуқуқии он дар фаъолияти гумрукӣ	72-80
14.	**Убайдов Ф.С.** Нақши мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо иқтисодиёти пинҳонӣ	80-86
15.	**Давлатов Ф.Ҳ., Давлатов Ф.С.**Таҳлили омилҳои мусоидаткунандаи рушди минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон	86-92
16.	**Шарифзода Г.М.** Омӯхтани амалиёти ҷудогонаи бонк ва усулҳои муайян намудани қобилияти қарзадокунии муштарии бузург дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	92-95
17.	**Абдуллоев М.М., Абдучабборзода С.** Фаъолияти мақомоти гумрук дар таъмини бехатарии иқтисодии кишвар ҳангоми амалӣ намудани назорати асъор	95-102
18.	**Абдуллоев С.И.** Хусусияти танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон	102-105
19.	**Шомуддинов О.Д., Абдуллоев М.М.** Перспективы повышения защитных механизмов таможенной системы по государственному регулированию внешнеэкономической деятельности с использованием тарифных и нетарифных методов	106-112
20.	**Джурабекзода Э.Т.** Правовые аспекты обеспечения международной экономической безопасности	113-118

21.	**Рахимова А.В., Азизкулов Б.Д.** Теоретические основы развития банковской системы Республики Таджикистан на постсоветском периоде	118-128
22.	**Аҳадов И.Қ. Мирзоев Ҳ.Ҳ.** Роҳҳои таъмини уствории молиявӣ дар натиҷаи истифодаи самараноки дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкӣ	128-135
23.	**Гулмуродзода Р.Г.** Значение тарифных ставок в системе страховых услуг	135-139
24.	**Муминзода А., Халифазода Ҷ.Б.** Мавқеи суғурта дар сохтори институтсионалии иқтисодиёт	140-144
25.	**Давлатшоева З.М.** Мушкилоти истифодабарии иқтисодори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир	144-149
26.	**Давлатов Ф.С., Мамадбекова Н.А.** Масъалаҳои танзими ҳуқуқии байналмилалии назорати гумрукӣ	150-154
27.	**Дембегиев М.С., Раҳимзода Ф.М.** Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир	155-159
28.	**Ҷумаев А. Қ.** Мақомоти гумрук дар таъмини бехатарии иқтисодӣ	159-164
29.	**Қурбонализода Д.Т.** Муаммоҳои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар системаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ	164-168
30.	**Каримов М**. Имкониятҳои ташкил ва рушди корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон	168-173
31.	**Ҷумаев А.Қ.** Тамоюлҳо ва дурнамои назорати гумрукӣ пас аз иҷозати молҳо	173-177
32.	**Махмадҷонов М.Д.** Танзими гумрукӣ – тарифӣ ҳамчун механизми таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон	178-185
33.	**Аскарова С.С., Нуриддинова М.И.** Нақши низоми гумрукӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон	185-191
34.	**Қосимов З.А.** Назарияи протексионистӣ дар ташаккули иқтисодиёти миллӣ	191-195
35.	**Қосимов З.А.** Самаранокии фаъолияти гумрукӣ ва меъёрҳои он	195-200
36.	**Абдуҷабборзода С., Сайфиддинов Ф.Ш.** Низоми гумрукии реэкспорт: манфиат ва таҳдидҳо ба тиҷорат ва амнияти иқтисодӣ	200-204
37.	**Аскарова С. С., Шарипова Д.М.** Технологияи рақамӣ ва стратегияи рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	204-210
38.	**Шарипов Ҳ.А**. Ташаккул ва инкишофи самтҳои афзалиятноки саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	210-214
39.	**Хоҷахонова Г.К.** Таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити бозории Тоҷикистон	215-219
40.	**Ҳамидова М.М.** Корхонаҳои саноатӣ - асоси рушди иқтисоди миллӣ	219-224
41.	**Мираков Қ.М., Асрориддинзода Ф.А.** Такмили қонунгузории соҳаи мақомоти гумрук	224-228
42.	**Мирзоев С. А., Эраҷи М., Юнусов Б. Д.** Вазъи ҳуқуқии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	228-234
43.	**Наҷмиддиниён Ш. Н., Қурбонов А. В.** Рушди мақомоти гумрук дар 33 - соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон	234-240
44.	**Нуриддинова М.И.** Рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон	240-244

45.	**Файзуллоева С.Ҷ.** Нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар тадбиқи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар	244-251
46.	**Азизкулов Б. Д., Рахимова А.** Банковский капитал и ее формирования и использования финансового капитала	251-257
47.	**Мамадризоева Н.М.** Роль фискальной деятельности таможенных органов в обеспечении экономической безопасности	257-263
48.	**Шарипов С.Б., Самадов Р.Г., Худойбердиев Ҷ.М.** Сиёсати савдои хориҷӣ ва татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар иқтисодиёти кушод: ҷанбаҳои назариявӣ	263-272
49.	**Табаров Н.А.** Хусусияти мурофиавии баррасии парвандаҳо оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба тариқи мурофиаи иқтисодӣ	272-277
50.	**Убайдуллоев Ф.К.** Роҷеъ ба масоили мубрами глобализатсияи молиявӣ: чолишҳо ва дурнамо	277-283
51.	**Усмонов П.Н**. Внешнее финансирование и обеспечение экономической безопасности страны	283-287
52.	**Ҳакимзода М. А.** Таҳқиқи саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар иқтисодиёт	287-291
53.	**Пирова М.А.** Инновационное предпринимательство как механизм развития региона	291-296
54.	**Хакимова М.С.** Инвестиционный климат основа развития цифровой экономики в Республики Таджикистан	297-301
55.	**Хоҷахонов А.А., Хоҷахонова Г.К.** Сиёсати қарзи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	301-306
56.	**Халилзода У.Ш.** Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир	306-311
57.	**Якубова К.Г.** Основные исторические подходы в исследовании понятия продовольственной безопасности в современной экономике	311-316
58.	**Шодиев К. Қ. Одинаев А. С.** Таҳаввули равишҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ	317-324-
59.	**Ҳакимова М. С.** Самтҳои асосии беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	324-328
60.	**Ҳасанзода Я., Муҳаммадиев С. Ш.** Объектҳо ва элементҳои муҳофизат дар системаи коркарди маълумотҳо	328-332
61.	**Саъдуллоев С. Д., Назарзода М. Ш.** Моҳияти асосии танзими тарифи гумрукӣ дар асоси дастгириҳои давлатӣ	332-335
62.	**Ҳикматов М. Н.** Ташаккули хизматрасониҳои муосири логистикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва имкониятҳои рушди он дар Тоҷикистон	335-339
63.	**Назарзода М. Ш., Саъдуллоев С. Д.** Такмилдиҳии роҳҳои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ	339-342
64.	**Зокир Х. Мусофирова Ф. С.** Рушди низоми саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти идоракунии иқтидори саноатӣ	342-346
65.	**Насриддинов Ш. М., Нурмаҳмадова Р.М.** Нақши Пешвои миллат дар рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон	346-350

66.	**Файзуллоева С. Ҷ., Юсупова Ҳ. Ҳ.** Самтҳои афзалиятноки рушди наклиёти мусофирбарӣ мегаполис дар шаҳри душанбе: муаммоҳо ва дурнамои рушд	350-356
67.	**Файзуллоев К.Ҷ.** Самтҳои асосии мукамалнамоии низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон	356-363
68.	**Юсупова Ҳ. Ҳ.** Омилҳои асосии рушд тиҷорати электронӣ ва мавқеъи он дар системаи иқтисодиёти миллӣ	363-368
69.	**Умарзода Н.Н., Фатҳиддинзода Қ.Қ.** Асосҳои назариявии арзёбии рушди субъектҳои соҳибкории саноатӣ	368-373
70.	**Солиев Н.А.** Роҷеъ ба моҳияти иқтисодӣ ва вазифаҳои андоз	373-377
71.	**Акобирзода А. М., Расулзода Ҳ. М.** Нақш ва мақоми хизматрасониҳои гумрукӣ ва роҳҳои беҳтар намудани он дар таъмини рушди фаъолияти иқтисодии байналмиллалӣ	377-383
72.	**Акдодова Н.Н.** Вклад Основатель мира и национального единства - Лидера нации Эмомали Рахмона в развитии сферы туризма в Республике Таджикистан	384-388
73.	**Ахмедов Х.А.** Управления структуры государственным внешним долгом Республики Таджикистан	388-395
74.	**Маҳмудов Ш.Қ.** Ташаккули бозори дуюмдараҷаи қарзҳои ипотекӣ ва моҳияти иқтисодии онҳо	395-400
75.	**Эмомов М.Н., Шарбатов С.С.** Рушди минтақа ва роҳҳои бартараф намудани монеаҳои он	400-407
76.	**Саидов М.Э.** Идоракунии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият	407-412
77.	**Самадов С.С.** Сармоягузориҳо ба истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ -ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ	412-416
78.	**Зуҳуров Б.И.** Истифодаи самараноки захирираҳои табиӣ ҳамчун шарти муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир	416-420
79.	**Бобомуродов Б.Э., Зубайдова С.З.** Масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон	420-426
80.	**Маҳмадов Э.А.** Нақши пардохтҳои гумрукӣ дар танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ ва пурранамоии буҷети давлатӣ	426-430
81.	**Файзулоев Х.П., Хакимова М.А.** Совершенствование системы управления сфери туризма в Республики Таджикистан	430-436
82.	**Сатторзода Б.А.** Ҳамкории воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти гумрук бо дигар мақомоти давлатӣ	436-439
83.	***Хидиров М.А., Нуриддинов С. З.*** Мировая валютная система	439-442
84.	***Safarov A. I.*** Improving the efficiency of using working capital in enterprises in modern conditions	442-445
85.	**Саидов Х.Р.** Проблемы, связанные с совершенствованием практики управления проблемными кредитами	445-448
86.	**Қизилов А.А.**Таҳлили ташакулёбии бозори хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	448-456
87.	**Неъматов И. У.** Вклад импортно-экспортных операций в развитии товарных ресурсов регионального продовольственного рынка Согдийской области	456-461
88.	**Разоқзода Р.А., Сафаров И.Н.** Асосҳои назариявии ташаккули шарикии давлат	461-468

	ва бахши хусусӣ	
89.	**Файзуллоев Д.А., Сафаров И.Н.** Управление конфликтами в рамках проектной деятельности	468-473
90.	**Джуразода К.К.** Стратегические направления формирования доктрины экономической безопасности Таджикистана в процессе региональной интеграции	473-478
91.	**Болтаев Б.Б.** Теоретические основы цифровизации и искусственного интеллекта в предпринимательстве Таджикистана	479-485
92.	**Давлатзода Б.Ш., Шомуродов А.М.** Усулҳои танзими давлатии рушди инноватсионии наклиёти автомобилӣ	485-493
93.	**Нурублоева М.М.** Рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа дар асоси кластеризатсияи корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ	494-499

МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗӮИ

«МАҚОМОТИ ГУМРУК ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ»

(ш. Душанбе, 30-юми ноябри соли 2024)

==========

МАТЕРИАЛЫ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ НА ТЕМУ

«ТАМОЖЕННЫЕ ОРГАНЫ И ИХ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ»

(г. Душанбе, 30 ноября 2024)

Ба чопаш 09.12.2024 с. имзо шуд.
Андозаи 60х84, 1/8. Ҷузъи чопӣ 32,3.
Дар чопхонаи КВД «Матбаа» чоп шуд.

505